ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

## БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

## СЕРИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

## SERIES OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL SCIENCES

*Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni*

**№ 4-2 (18)**

Душанбе - 2023

**ISSN 2708-5759**

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2023 таҳти № 292/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст*

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-36-91*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сомонаи маҷалла:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Мубориакиён С.М.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Маҷидова Бибиҳафиза*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Нугмонов Мансур*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Нуров Абдулбоқӣ*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Файзализода Ҷумахон Хол*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Юнусова Нафиса Муродовна*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– номзади илмҳои педагогӣ*
***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна*** *– доктори илмҳои психологӣ*
***Қодиров Умаралӣ Дустқобилович*** - *доктори илмҳои психологӣ*
***Мухамедова Дилбар Ғафурҷоновна*** - *доктори илмҳои психологӣ*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023***

**ISSN 2708-5759**

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 01 мая 2023 года за №292/ЖР-97*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки*

***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***Тел. :*** *(+992 37) 224-36-91*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сайт журнала***: *www.pedagog.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** - *доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** - *доктор юридических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор**: ***Муборакиён С.М.***

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

***Маджидова Бибихафиза*** - *доктор педагогических наук*
***Нугмонов Мансур*** - *доктор педагогических наук*
***Нуров Абдулбоки*** - *доктор педагогических наук*
***Раджабов Тагоймурод Бобокулович*** - *доктор педагогических наук*
***Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич*** - *доктор педагогических наук*
***Файзализода Джумахон Хол*** - *доктор педагогических наук*
***Юнусова Нафиса Муродовна*** - *доктор педагогических наук*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** – *кандидат педагогических наук*
***Бобоева Сайёра Бобораджабовна*** – *доктор психологических наук*
***Кодиров Умарали Дусткобилович*** - *доктор психологических наук*
***Мухамедова Дилбар Гафурджановна*** - *доктор психологических наук*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2023***

**ISSN 2708-5759**

*The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.292/JR-97*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

***Phone:*** *(+992 37) 224-36-91*

***Fax:*** *(+992 37) 224-13-83*

***E-mail:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** - *Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*
**Deputy Editor-in-chief:** ***Sanginzod Doniyor Shomahmad*** - *Doctor of Low Sciences, professor, scientific affairs of TSPU named after S. Ayni*
**Executive Editor:** ***Muborakiyon S.M.***

## THE EDITORIAL BOARD:

***Majidova Bibihafiza*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Nugmonov Mansur*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Nurov Abdulboqi*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Rajabov Tagoymurod Boboqulovich*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Sayfulloev Khayrullo Gabduloevich*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Fayzalizoda Jumakhon Khol*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Yunusova Nafisa Murodovna*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Dadoboeva Madina Soliboevna*** – *Candidate of Pedagogical Sciences*
***Boboeva Sayora Boborajabovna*** – *Doctor of Psychological Sciences*
***Qodirov Umarali Dustqobilovich*** - *Doctor of Psychological Sciences*
***Mukhamedova Dilbar Gafurdjanovna*** - *Doctor of Psychological Sciences*

***© TSPU named after S. Ayni, 2023***

# МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Қодирова Д. Т.***
Хусусиятҳои системаи таълими Болония ........ 7
***Хайруллоев Б., Маҷидов У. М.***
Ташаккули касбии омӯзгорони ояндаи таҳсилоти ибтидоӣ-санъати мусиқӣ дар дарсҳои сози мусиқӣ ........ 13
***Саидов Н. Т.***
Банақшагирии таълими инноватсионӣ ҳамчун заминаи рушди зеҳнии хонандагон ........ 19
***Солеҳзода М. С., Сайдалиев У. Р.***
Таснифоти педагогӣ-психологии мафҳуми “душвортарбия” ва хусусиятҳои зоҳиршавии он дар наврасон ........ 25
***Қувватов И. М.***
Истифодаи воситаҳои компютерӣ омили беҳтар намудани сифати таҳсилот дар мактаби олӣ ........ 31
***Қурбонова Ҷ. А.***
Хусусиятҳо, арзишҳо ва тамоюлҳои рушди фарҳанги муосири аврупоӣ ........ 35
***Раҷабов Д. А.***
Моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми «мутобиқшавӣ» дар адабиёти психологию педагогӣ ........ 40

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ / МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

***Сайфуллаев Х. Г.***
Равияи фаъолмандӣ дар ташаккули салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ ........ 47
***Баротзода К. А.***
Асосҳои назариявию тайёрии касбӣ – методии омӯзгори ояндаи биология ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар низоми кредитии таҳсилот ........ 54
***Джафарзода С. Ф.***
Алгоритмизация реализации базовых принципов и программных целей мотивационно - развивающих технологий ценностно-смыслового управления временем в инновационной среде вуза ........ 63
***Махмадбекова Г. З., Афзали М. К***
Пути повышения эффективности обучения иностранному языку в техническом вузе ........ 71
***Юсупова С. А.***
Нутқи намунавии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ ........ 77
***Ҷалилова М. Н.***
Хусусиятҳои нутқи алоқанок дар раванди дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ........ 81
***Макарова Ю. М., Эмомов И. Б.***
Интихоби истилоҳоти соҳавӣ дар таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни факултети физика ........ 86
***Нугмонов М., Баротзода К. А.***
Маҳоратҳои ҷамъбастӣ оид ба коркард ва татбиқи адабиёти иловагӣ дар системаи тайёрии касбӣ-методии омӯзгори оянда ........ 94
***Назаров А. П., Раҷабзода Ҳ. Х.***
Арзёбии объективонаи донишҳои геометрии хонандагони синфҳои 3 ва 4 бо татбиқи методи Пулот ........ 102
***Куҷов Р. М.***
Муоширати нутқӣ ҳамчун объекти таълим ва азхудкунии забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ........ 110
***Гадоев М. А.***
Фаъолияти омӯзгорон дар машғулиятҳои гимнастикӣ ........ 122

***Қурбонов Т. З.***
Консепсияи минтақашиносӣ ва нақши он дар раванди таълими забони хориҷӣ......................127
***Арбобова Т. А.***
Формирование толерантности студентов средствами иностранного языка ............................. 137
***Мухамадиева Л. М.***
Муносибати салоҳиятнокӣ дар таълими метематикаи муассисаи таҳсилоти
миёнаи умумӣ.............................................................................................................................. 141
***Ҳасанова Б. Ҳ.***
Фаъолияти илмӣ-методии кафедраи «Методикаи таълими физика» дар соли 2022................ 147
***Дрозденко Л. А., Ахмедов Б. У.***
К вопросу проблемы изучения соотносительных слов............................................................. 155
***Аюбова М. З., Юсупова Ф. М.***
Обучение грамматике на уроках английского языка в неязыковых факультетах.................... 160
***Назарова И. Н.***
Усули ташкили таълими босалоҳияти як ғазали Алишери Навоӣ дар муқоиса бо
ғазали Камоли Хуҷандӣ дар курси таърихи адабиёт................................................................ 165
***Нажмутдинова Ф. Ф.***
Формирование когнитивно-речевой компетенции студентов гуманитарных специальностей
(география, история) по русскому языку.................................................................................. 173
***Шодиева М.***
Моҳият ва мафҳуми методи босуръат дар дарси забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ........................ 178
***Шомуродова Б. Р.***
Инкишофи тафаккури хонандагон бо ёрии масъалаҳо ............................................................. 186
***Бурханова М. З.***
Принципы и методики эффективного внедрения смешанного обучения в Таджикистане...... 201
***Сангинова М. Н.***
Усулҳои босуръат (интенсивӣ) – и таълими забонҳои хориҷӣ .................................................. 211
***Нематов Ф. А.***
Самтҳои асосӣ ва инкишофи савод дар дарси суруд ва мусиқии таҳсилоти ибтидоӣ............. 216
***Назаров А.Ҷ.***
Маводи дидактикӣ - мафҳум, тасниф ва хусусиятҳои тарҳрезӣ ................................................ 221

## ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Бобоева С. Б., Собирова А. А.***
Таҳқиқи ҷанбаҳои инфиродӣ-психологии қобилияти эҷодии шахс ......................................... 227
***Назарова З. Э., Камишова А.***
Ташаккули оила ва ҷанбаҳои педагогии он................................................................................. 234
***Холиқов Ғ.А., Ҳотамова М.Ғ.***
Фикр ҳамчун объекти мубоҳисаи системаҳо .............................................................................. 238
***Маннонова Р. Д., Furthermore Бобоҷонова Н. Д.***
Омӯзиши хусусиятҳои эҷодии фаъолияти наврасон дар илми психология.............................. 245
***Раҳимӣ К. М.***
Нақши оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву педагогӣ дар ташаккули
салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон ................................................................................................ 251

ТДУ 378

# ХУСУСИЯТҲОИ СИСТЕМАИ ТАЪЛИМИ БОЛОНИЯ

***Қодирова Д. Т.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Муттаҳид шудани мактабҳои олӣ дар мамлакатҳои Аврупо ба қадри кифоя пештар, ҳатто дар миёнаи садсолаи асри XX пухта расида буд, аз сабаби он ки вай аз рӯйи муқоиса бо раванди амрикоӣ рақобатпазир нагардида буд [5, с. 44]. Саъю кӯшиши такмил додани таҳсилоти аврупоӣ аз рӯйи стандарти ягона аз соли 1957 оғоз гардид, вақте ки созишномаи Рим ба имзо расид. Дар он тамоман вазифаҳои нав гузошта шуда буданд: ба тартиб даровардани қонунгузории миллӣ дар соҳаи таҳсилот нисбат ба меъёрҳои умумиаврупоӣ, васеъ кардани ҳуқуқ нисбат ба таҳилоти олӣ, баланд бардоштани тезҳаракатии академии донишҷӯён ва талаб кардани онҳо дар бозори меҳнат, эҷод кардани системаи таълими дарозмуддат.

Бо гузаштани вақт ғояҳо дар ҳалли конференсияи вазирони маорифи мамлакатҳои Аврупо (1971, 1976), дар шартномаи Маастрихт (1992) рушд ёфта буданд. Дар оянда дар зери ҳимояи Иттиҳоди Аврупо, Шӯрои Аврупо барномаҳои гуногун ҷорӣ карда шуда буданд [9, с. 44].

Дар таърих системаи таълими Болония се марҳиларо ҷудо кардан мумкин аст:

- давраи пеш аз таърих: Хартаи Бузурги Донишгоҳҳо (1988) то изҳороти Болония;
- ибтидо: изҳороти Болония (1999);
- рушд: баъди изҳороти Болония.

Ғояи эҷод кардани ҷамъияти донишгоҳҳои Аврупоӣ ва фазои ягонаи аврупоии таҳсилоти олӣ аз шӯрои куҳна дар Италия ва аз ҳамаи донишгоҳҳои Болоняи Аврупо бармеояд. Ҳанӯз дар соли 1986 ба ҷашни 900- солагии худ омодагӣ дида, вай ба ҳамаи донишгоҳҳои Аврупо бо таклифи қабул кардани Хартаи Бузурги Донишгоҳҳо – Magna Charta Universitarum, ҳидоят намуданд. Ақида бо ҷидду ҷаҳд дастгирӣ карда шуд, ва дар вақти ҷашн гирифтани ид дар соли 1988 ин ҳуҷҷат аз тарафи ректорони 80 муассисаҳои олӣ ба имзо расид [11, с. 23].

Раванди якҷоя кардани таҳсилоти олии аврупо мунтазам аз сатҳи донишгоҳӣ ба сатҳи давлатӣ бо боло бардошта шуд. Дар соли 1998 дар Париж дар деворҳои машҳури донишгоҳи Сорбон, инчунин дар вақти ид кардани ҷашни он, машварати вазирони маорифи чаҳор мамлакат (Франсия, Англия, Олмон, Италия) баргузор гардид.

Изҳороти Сорбон «Оид ба таснифи меъмории системаҳои аврупоии таҳсилоти олӣ», ки аз тарафи онҳо ба имзо расид, якумин маротиба мақсади стратегии эҷод кардани минтақаи аврупоии таҳсилоти олӣ асоснок карда шуд, ва рушди ояндаи воқеаро тезонид [3, с. 11].

Аллакай дар соли ояндаи 1999 дар ватани Magna Charta, дар ш. Болония (Италия) якумин конференсияи таърихии вазирони сӣ кишвари Аврупо баргузор гардид, ки аз болои таҳсилот масъул мебошанд. Изҳороти қабул кардаи онҳо «Минтақаи таҳсилоти олии аврупоӣ» мақсади асосиро муайян намуд, ки нисбат ба муваффақиятҳои қиёспазирӣ, инчунин ниҳоят ба таснифи системаи таҳсилоти миллии маълумоти олӣ дар мамлакатҳои Аврупо оварда мерасонад.

Бо ин изҳорот махсусан раванди Болония оғоз мегардад. Дар оянда вохӯрии вазирони маорифи аврупои мунтазам бо фосилаи дар ду сол як маротиба баргузор мегардид ва ҳар маротиба ба раванди Болония мамлакатҳои нав ҳамроҳ мешуданд.

Дар соли 2001 вазиронро ш. Прага ва дар соли 2003 – ш. Берлин қабул намуд. Шумораи иштироккунандагон ба чил расид, аз он ҷумла Россия, ки изҳороти Болонияро дар рафти конференсия дар ш. Берлин имзо намуда буд. Вохӯрии чаҳорум дар моҳи майи соли 2005 дар ш. Брегени мамлакати Норвегия ба вуқӯъ омад. Дар ин ҷо оид ба дохил шудан дар раванди Болония панҷ ҷумҳурии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ изҳор намуданд. Вохӯрии охирин дар соли 2007 дар ш. Лондон ба вуқӯъ омад [13, с. 46].

Ба ғайр аз конференсияҳои сарҳадии вазирон, дар доираи раванди Болония як қатор чорабиниҳои байналхалқӣ гузаронида шудааст, ки ба ҷабҳаҳои алоҳидаи он ба ҷанбаҳои гуногуни низоми таълим бахшида шудааст. Ҳамаи донишгоҳҳои Аврупо ба ҳаракат

даромаданд, мақсад доранд, ки бомуваффақият барои эҷод кардани фазои ягонаи таҳсилотӣ нисбат ба мӯҳлати барқарор кардашудаи изҳороти Болония хотима диҳанд. То имрӯз 40 мамлакат дар раванди Болония иштирок мекунанд [13, с. 45].

**Раванди Болония. Мақсадҳои асосӣ.** Раванди Болония – ин раванди эҷод кардани фазои ягонаи аврупоии таҳсилоти олӣ мебошад. Вай равшан зоҳир гардидани тамоюли якҷоя кардан мебошад, ки ба таври шиддатнок дар ин қисми олам дар солҳои охир рушд ёфта истодааст. Аврупо зиёдттар дар худ мақсади ягонаро эҳсос мекунад: фазои ягонаи иқтисодиёти умумӣ эҷод карда шудааст, сарҳадҳо кушода шуданд, асъори ягона дохил карда шуд, бозори умумиаврупоии меҳнат ташаккул ёфта истодааст. Дар ин шароитҳо рангорангии системаи таҳсилоти олӣ, муқоиса накардани тахассусҳои додашуда ба тезҳаракатии қувваи кории ихтисосталабон халал мерасонанд [2, с. 125].

Таърихи ба таври расмӣ қабул гардидани раванди Болония 19 июни соли 1999 ба ҳисоб меравад, вақте ки дар ш. Болония дар конференсияи махсуси вазирони маорифи 29 давлатҳои Аврупо изҳоротро оид ба «Минтақаи аврупоии таҳсилоти олӣ», ё ин ки изҳороти Болонияро қабул намуданд. Дар оянда вохӯрии байниҳукуматӣ дар Прага (2001), Берлин (2003), Бреген (2005) ва Лондон (2007) гузаронида шуданд. Дар айни замон раванди Болония дар худ 46 мамлакатро муттаҳид мекунад.

Мамлакатҳо-иштироккунандагони раванди Болония баъди ба имзо расонидани Изҳороти Болония дар худ вазифаҳои муайянро ба душ мегиранд [11, с. 96].

Баъзе вазифаҳо аз рӯйи мӯҳлат маҳдуд мебошанд:

- Аз соли 2005 ба ҳамаи хатмкунандагони муассисаҳои олии мамлакатҳо-иштироккунандагони раванди Болония ба таври ройгон додани замимаи намунаи ягонаи аврупоӣ ба дипломи бакалавр ва магистр оғоз гардид.
- То соли 2010 дар системаҳои таҳсилоти миллӣ дар мувофиқа бо талаботҳои раванди Болония ислоҳот дароварда шавад.

Параметрҳои тавсиявии раванди Болония аз инҳо иборат мебошанд:

- Баҳои ягонаи аврупоӣ.
- Тезҳаракатии донишҷӯён.
- Кӯмаки иҷтимоӣ ба донишҷӯёни мӯҳтоҷ.
- Таҳсилот дар муддати тамоми ҳаёт.

Параметрҳои факултативии раванди Болонияро ташкил медиҳанд;

- Тавсифи мазмуни таҳсилот аз рӯйи самтҳои омодагӣ.
- Маҳруки (траекторияи) ғайрихаттии таълими донишҷӯён, курсҳо аз рӯйи интихоб.
- Системаи модулии баҳои дониши донишҷӯён.
- Таҳсилоти фосилавӣ, курсҳои электронӣ.
- Рейтинги академикии донишҷӯён ва муаллимон.

Мақсадҳои асосии раванди Болония:

- ба тартиб даровардани минтақаи аврупоии таҳсилоти олӣ ҳамчун самти калидии рушди тезҳаракатии шаҳрванд бо имкониятҳои ба кор таъминкунӣ;
- ташаккул додан ва мустаҳкам кардани нерӯйи зеҳнӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-техникии Аврупо; дар ҷаҳон баланд бардоштани нуфузи мактаби олии аврупоӣ;
- таъмин намудани қобилияти рақобатпазирии муассисаҳои олии Аврупо бо дигар системаи таҳсилот дар мубориза барои донишҷӯён, дастрасии маблағ, нуфуз;
- ба даст даровардани мутобиқати калон ва муқоиса кардани системаи таҳсилоти олии миллӣ; баланд бардоштани сифати таълим;
- баланд бардоштани нақши марказии донишгоҳҳо дар рушди арзишҳои тамаддуни аврупоӣ, ки дар онҳо донишгоҳҳо ҳамчун барандагони шуури аврупоӣ дида баромада мешаванд [5, с. 72].

**Иштироккунандагони раванди Болония.** Иштироккунандагони раванди Болония инҳо мебошанд: Австрия, Албания, Англия, Андорра, Арманистон, Белгия, Болгария, Босния ва Гертсеговина, Ватикан, Венгрия, Гретсия, Гурҷистон, Дания, Ирландия, Исландия, Испания, Италия, Латвия, Литва, Лихтенштейн, Люксембург, Македония, Малта, Миср, Молдавия, Нидерландия, Норвегия, Озорбойҷон, Олмон, Полша, Португалия, Россия, Румыния, Сербия,

Словения, Словакия, Туркия, Украина, Финляндия, Франсия, Хорватия, Черногория, Чехия, Швейтсария, Шветсия, Эстония [1, с. 12-14].

**Ҳолатҳои асосии изҳороти Болония.** Мақсади изҳороти Болония – ин барқарор кардани минтақаи аврупоии таҳсилоти олӣ, ва инчунин фаъол гардонидани системаҳои аврупоии таҳсилоти олӣ дар миқёси олам мебошад [4, с. 22].

**Системаи рейтингии баҳои донишҳои донишҷӯён ҳамчун яке аз параметрҳои факултативии раванди Болония.** Чӣ тавре, ки дар боло қайд карда шуд, ба параметрҳои факултативии раванди Болония тааллуқ доранд: таснифи мазмуни маълумот аз рӯйи самтҳои омодагӣ; маҳруки ғайрихаттии таълими донишҷӯён, курсҳо аз рӯйи интихоб; системаи модулӣ-рейтингии баҳои донишҳо; таҳсилоти фосилавӣ, курсҳои электронӣ; рейтинги академикии муаллимон. Махсусан, барои хеле самаранок, фасеҳӣ, босифат ва ҳавасманд гардонидани баҳои донишҳои донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон системаҳои параллелии баҳоҳо дохил мекунанд (ба онҳо тааллуқ доранд: рейтингӣ ва модулӣ-рейтингии баҳои дониши донишҷӯён), ки дар системаи таҳсилоти аврупоӣ фаъолона истифода бурда мешавад.

Системаи мазкур инъикоси воқеиро дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ба даст овард. Ҳамин тавр, дар соли 2017 аз тарафи як қатор муаллифон, якҷоя бо шӯъбаи таълими ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, дастури методӣ барои донишҷӯён ва муаллимон «Назорати сифати раванди таълим» кор карда баромада шуд. Дар дастури методии мазкур чунин ҳолатҳо ифода ёфта буданд:

- «Дастурамал оид ба гузаронидани назорати ҷории муваффақияту, дастовардҳо, давомоти машғулиятҳо, аттестатсияи фосилави донишҷӯёни ДДК ба номи А. Рӯдакӣ»;
- «Дастурамал оид ба системаи рейтингии баҳои дониши донишҷӯёни ДДК ба номи А. Рӯдакӣ»;
- «Дастурамал оид ба системаи рейтингии баҳои фаъолиятнокии ҳайати профессорон-муаллимони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ»;
- «Дастурамал оид ба корҳои дипломӣ».

Дар «Дастурамал оид ба системаи рейтингии баҳои фаъолиятнокии ҳайати профессорон-муаллимони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ» шаклҳои баҳои модулӣ-рейтингии донишҳои донишҷӯён бо тафсифи муфассали тарзи ҳисоб кардани ташкилдиҳандаҳои гуногуни баҳоҳои рейтингӣ оварда шудаанд.

Ба ғайр аз «Дастурамал оид ба системаи рейтингии баҳои дониши донишҷӯёни ДДК ба номи А. Рӯдакӣ» дар дастури методии мазкур аз тарафи муаллифон ҳамчун марҳилаи натиҷавии ҷорӣ кардани системаҳои баҳои донишҳои донишҷӯён «Дастурамал оид ба гузаронидани назорати ҷорӣ, бомуваффақиятӣ, давомоти машғулиятҳо, аттестатсияи фосилавии донишҷӯёни ДДК ба номи Рӯдакӣ» кор карда баромада шуда ва пешкаш карда шудаанд. Мо баъзе иқтибосҳоро аз дастурамали мазкур пешкаш мекунем:

«Ҳолати умумӣ. Шаклҳои санҷиши бомуваффақият иҷро ва аз худ кардани донишҷӯён маводи таълимӣ (лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ) дар мувофиқа бо талаботҳои давлатӣ нисбат ба минимуми мазмун ва сатҳи омодагии хатмкунандагон аз рӯйи самтҳои (ихтисосҳои) таҳсилоти олии касбӣ ин назорати ҷории муваффақиятнокӣ ва аттестатсияи фосилавӣ мебошад (санҷишҳо ва имтиҳонҳо, баҳои рейтингии донишҳо, системаи кредитҳои академикӣ)».

«1. Назорати ҷории муваффақиятнокӣ. Назорати ҷории муваффақиятнокӣ бо назорат кардан ва баҳо додан бо ёрии суҳбат, тестҳо, супориш ва корҳои назоратӣ, супоришҳои хонагӣ ва м. и. сатҳи донишҳо ва дараҷаи аз худ кардани донишҷӯён маводи таълимии фанҳои мувофиқ аз рӯйи омӯзиши он эътироф карда шудааст. Шакли назорати ҷории донишҳо дар машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ ин назорати даромад ва баромад мебошад. Асоси баҳоро назорати баромад ташкил медиҳад, ки санҷиши донишҳо ва малакаҳои амалиро дарбар мегирад. Натиҷаҳои назорати ҷории муваффақиятнокӣ аз тарафи муаллим дар журнали баҳисобгирии машғулиятҳо гузошта мешавад. На камтар аз 50%-и баҳоҳои беҳтарин дар варақаи рейтингии махсус кор карда баромадашуда дохил карда мешавад ва асоси рейтинги ҷории донишҷӯмебошад. Аз рӯйи натиҷаҳои баҳоҳои ҷамъбастии ҳар як машғулият, иштироки

лексияҳо ва машғулиятҳо рейтинги ҷорӣ; аз рӯйи натиҷаҳои супоридани коллоквиум, корҳои назоратӣ, ҷамъбастӣ – рейтинги модулӣ ташаккул дода мешаванд».

«5. Аттестатсияи фосилавӣ. Санҷишҳо. Санҷишҳо яке аз шаклҳои баҳои аз худ кардани маводи таълимии фан, ва инчунин иҷро кардани барномаи таълимӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ хизмат мекунад. Санҷишҳо метавонанд тафриқавӣ (бо баҳо) ва ғайритафриқавӣ шаванд. Шакл ва мӯҳлати гузаронидани санҷишҳоро нақшаи таълимии корӣ барқарор мекунад. Санҷишҳо аз рӯйи анҷом ёфтани омӯзиши фан бо роҳи пурсиш гузаронида мешавад (дар шкли шифоҳӣ ё ин ки хаттӣ). Ба донишҷӯёне, ки сатҳи баҳои рейтингии донишҳо аз рӯйи фанҳои мувофиқ баланд аст (90% ва зиёдтар), муаллим метавонад, ки санҷишро бе пурсиш гузорад».

«Санҷиши тафриқавӣ дар ду марҳила супорида мешавад: марҳилаи I – малакаҳои амалӣ, марҳилаи II – сӯҳбати шифоҳӣ. Баҳо ҳамчун миёнаи арифметикӣ аз рӯйи натиҷаҳои марҳилаи I ва II ва рейтинги сарҳадии донишҷӯй гузошта мешавад».

«5.2 Имтиҳонҳо». «Имтиҳонҳо дар 3 марҳила гузаронида мешаванд:

Марҳилаи I - ум – тестикунонии компютерӣ, ки дар вақти семестр гузаронида мешавад (ҳамаи донишҷӯён роҳ дода мешаванд);

Марҳилаи II - юм – малакаҳои амалӣ, ки дар вақти семестр гузаронида мешавад (доншҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки иҷозати машғулиятҳои кор карда нашударо доро мебошанд);

Марҳилаи III - сӯҳбати шифоҳӣ, ки аз рӯйи ҷадвали имтиҳонҳо дар вақти сессия гузаронида мешавад (донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки санҷишҳоро супоридаанд)».

«Баҳои ҷамъбастӣ ҳамчун баҳои миёнаи арифметикӣ аз рӯйи марҳилаҳои II ва III - юми имтиҳон ва баҳои рейтингии дониш ва маҳоратҳо гузошта мешаванд, ки дар тақсимоти 10-холлаи баҳо гузаронида шудаанд.

Донишҷӯёне, ки баҳои баланди рейтингии донишро аз рӯйи фанни омӯхташуда (90 % ва зиёдтар) ҳосил мекунанд, ва тестҳоро маротибаи аввал 90 % ва аз ин ҳам зиёдтар супоридаанд, ва маротибаи аввал 9-10 холлро аз рӯйи малакаҳои амалӣ ба даст даровардаанд, ҳуқуқи талаб карданро барои озод кардан аз сӯҳбати шифоҳӣ бо мувофиқа бо баҳои донишҳо доранд. Ҳалро дар ҳар як ҳолати алоҳида комиссияи аттестатсионӣ қабул мекунад».

Ҳамин тариқ, ҷорӣ кардани системаҳои модулӣ-рейтингии баҳои донишҳои донишҷӯён дар раванди таҳсилоти ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва пайваст кардани он ба сифати яке аз ташкилдиҳандаҳои баҳои ҷамъбастӣ имконият медиҳад, ки раванди аз худ кардани маводи таълимӣ назорат карда шавад, шароити муносиб барои ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии донишҷӯй эҷод мекунад, ба таври имунтазам аз худ кардани дониш ба донишҷӯён кӯмак мерасонад, ба баланд бардоштани далеловарии донишҷӯён нисбат ба аз худ кардани барномаҳои касбӣ дар асоси тафриқавии хеле зиёди баҳои натиҷаҳои корҳои онҳо мусоидат мекунад.

Дар хотима, ҷабҳаҳои назариявии раванди Болонияро дида баромада, мувофиқи мақсад қайд кардан мумкин аст, ки ҳоло то ба таври расмӣ муттаҳид кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба изҳороти Болония, дар мактаби олии мамлакат ҳаракат ба тарафи стандартҳои байналхалқии таҳсилоти касбӣ оғоз гардидааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон параметрҳои факултативии алоҳидаи изҳороти Болония амалӣ карда шуда истодааст: баҳои рейтингӣ ва модулӣ-рейтингии дониши донишҷӯён ва муаллимон, таҳсилоти фосилавӣ ва м. и.

Ҷорӣ кардани системаҳои модулӣ-рейтингии системаҳои донишҳои донишҷӯён дар таҷрибаи таҳсилоти олии касбӣ дар мисоли ДДК ба номи А. Рӯдакӣ равандҳои ислоҳот гузаронидан, ба як шакл даровардан, рушди инноватсионии системаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар доираи самтҳои вектории раванди Болония инъикос мекунад, шароитҳои мусоидро барои ҳисоб кардани хусусиятҳои фарди донишҷӯён эҷод мекунад, инчунин дар онҳо барои ташаккул додан босалоҳияти касбӣ кӯмак мерасонад.

***Адабиёт***

1. *Байденко, В.И. Болонский процесс. Курс лекций / В.И. Байденко. - М.: Изд-во Логос, 2004. – 208 с.*
2. *Болонский процесс: нарастающая динамика и многообразие (документы международных форумов и мнения европейских экспертов) / Под научной редакцией проф.В.И. Байденко. - М., 2002. - 409 с.*
3. *Болонский процесс [Электронный ресурс]. – 2011. - URL: http://bologna.owwz.de/project-team.html?&L=3 (дата обращения: 01.02.2012).*
4. *Болонский процесс: европейское высшее образование // Информационный бюллетень. – Витебск: Издательство ВГМУ. – 2003. - №4, выпуск №7. – С. 36.*
5. *Вербицкая, Л. А., Касевич, В. Б. О модернизации российской высшей школы: сегодняшние проблемы и возможные решения // Вопросы образования. - 2005. - № 4.*
6. *Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145).*
7. *Давыдов, Ю.С. Болонский процесс и Российские реалии / Ю.С.Давыдов. - М.: МПСИ, 2004. – 78 с.*
8. *Добрынин, М.А. Болонская декларация как фактор формирования европейского образовательного пространства / М.А. Добрынин // Педагогика. - 2006. - № 9. - С. 103-108.*
9. *Геворкян, Е. Н., Матова, Г. Н. Болонский процесс и сотрудничество в области обеспечения качества образования: опыт Российской Федерации // Вопросы образования. — 2005. — № 4.*
10. *Жученко, А.А., Исоньков, Ж.В. Европейская система зачетного перевода (ECTS) // Материалы для участников работ по внедрению ECTS в учебный процесс. - Екатеринбург, 2005. – С. 79-95.*
11. *Касевич, В.Б. Болонский процесс в вопросах и ответах. / В.Б.Касевич, Р.В. Светлов, А.В. Петров, А.А.Цыб. - Изд-во С.-Петерб. Ун-та, 2004. - 108 с.*
12. *К вопросу о вступлении Республики Беларусь в Болонский процесс [Электронный ресурс]. – 2011. Режим доступа: edubelarus.info/uploads/ehea/analiz.pdf – дата доступа: 01.02.2012.*
13. *Лукичев, Г. А. Развитие образования в государствахучастниках Болонского процесса // Высшее образование сегодня. — 2003. — № 8.*
14. *Монастырская, Т.И. Оценка нагрузки студентов в рамках европейской системы зачетных единиц [Текст] /Т.И.Монастырская, В.Шатц // Высшее образование сегодня. - 2009. - №6. - С. 8-13. - [Европейская система перевода кредитов (ECTS)].*

## ХУСУСИЯТҲОИ СИСТЕМАИ ТАЪЛИМИ БОЛОНИЯ

Масъалаҳои раванди Болония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзӯъҳои аз ҳама оммавӣ гардидааст, ва ба семинарҳо, мизҳои мудаввар, монографияҳо, мақолаҳо бахшида шудааст. Дар оғоз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раванди мазкур худро дар канор мегирифт. Лекин дар соли 2016 мамлакати мо ба таври расмӣ оид ба мақсади ҳамроҳ шудан нисбат ба раванди Болония худро эълон намуд, ва дар соли 2017 дар Изҳороти Болония имзо гузошт. Аллакай дар марҳилаи муосир бисёр муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакати мо марҳила ба марҳила ҷорӣ кардани самтҳои вектории алоҳидаи раванди Болонияро дар системаи таҳсилоти олии касбӣ оғоз намуданд. Махсусан системаи таҳсилоти иборат аз ду сатҳ, баҳои рейтингии дониш ва м. и. ворид карда шуд. Барои боз ҳам самаранок, фасеҳ, сифатнок ва ҳавасманд гардонидани баҳои донишҳои донишҷӯён муассисаҳои таҳсилоти олӣ системаҳои параллелии баҳо дохил намуданд (ба онҳо баҳои рейтингӣ ва модулӣ-рейтингии дониши донишҷӯён тааллуқ доранд), ки дар системаи таҳсилоти аврупоӣ фаъолона истифода бурда мешаванд. Системаи мазкур инъикоси воқеиро дар дастурамали кор карда баромадашуда оид ба гузаронидани назорати ҷории бомуваффақиятӣ, давомоти машғулиятҳо, аттестатсияи фосилавии донишҷӯён ва дар навбати худ дар системаи таҳсилоти олии донишгоҳи мо, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дарёфт намуд.

**Калидвожаҳо:** раванди Болония, баҳои рейтингии дониши донишҷӯён, назорати ҷории бомуваффақиятии донишҷӯён, минтақаи таҳсилоти олии аврупоӣ, нерӯйи зеҳнӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-техникӣ, ҳамгироии аврупоии таҳсилоти олӣ.

## ОСОБЕННОСТИ БОЛОНСКОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ

Проблематика Болонского процесса в Республике Таджикистан стала одной из самых популярных тем, которой посвящаются семинары, круглые столы, монографии, статьи. Первоначально Республика Таджикистан оказалась в стороне от данного процесса. Однако в 2016 году наша страна официально объявила о намерении присоединиться к Болонскому процессу и подписать в 2017 г. Болонскую Декларацию. Уже на современном этапе многие ВУЗы нашей страны начали поэтапное внедрение отдельных векторных направлений Болонского процесса в систему высшего профессионального образования. В частности, вводится двухуровневая система образования, рейтинговая оценка знаний и т.п. Для более эффективной, гибкой, качественной и стимулирующей оценки знаний студентов высшие учебные заведения вводят параллельные системы оценки (к ним относится рейтинговая и модульно – рейтинговая оценка знаний студентов), которые активно используются в европейской системе образования. Данная система получила реальное отражение в разработанном положении о проведении текущего контроля успеваемости, посещаемости занятий, промежуточной аттестации студентов и

соответственно в системе высшего образования нашего ВУЗа, Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоҳ Рудаки.

**Ключевые слова:** Болонский процесс, рейтинговая оценка знаний студентов, текущий контроль успеваемости студентов, зона европейского высшего образования, интеллектуального, культурного, социального и научно-технического потенциала, европейской интеграции высшего образования.

## FEATURES OF THE BOLOGNA EDUCATION SYSTEM

The problems of the Bologna process in the Republic of Tajikistan has become one of the most popular topics, which are devoted to seminars, round tables, monographs, articles. Initially, the Republic of Tajikistan turned out to be aloof from this process. However, in 2016, our country officially announced its intention to join the Bologna process and sign the Bologna Declaration in 2017. Already at the present stage, many universities of our country have begun the phased introduction of certain vector areas of the Bologna process into the system of higher professional education. In particular, a two-level system of education, a rating assessment of knowledge, etc. are being introduced. For a more efficient, flexible, high-quality and stimulating assessment of students' knowledge, higher education institutions introduce parallel assessment systems (these include rating and module-rating assessment of students' knowledge), which are actively used in the European education system. This system has received a real reflection in the developed regulation on the ongoing monitoring of academic performance, class attendance, intermediate certification of students and, accordingly, in the higher education system of our university, Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki.

**Keywords:** Bologna process, rating assessment of students' knowledge, current monitoring of student progress, area of European higher education, intellectual, cultural, social and scientific and technical potential, European integration of higher education.

***Дар бораи муаллиф***
*Қодирова Дилафруз Толибовна*
*Номзади илмҳои физика –*
*математика, дотсенти*
*кафедраи методикаи таълими*
*физика ва технологияи материалҳои*
*Донишгоҳои давлатии Кӯлоб*
*ба номи А.Рудакӣ*
*735360 ш. Кӯлоб, кучаи С. Сафаров,16*
*Тел.: (+992) 93 538 00 33*

***Об авторе***
*Кодирова Дилафруз Толибовна*
*Кандидат физико-математических*
*наук, доцент кафедры методики*
*преподавания*
*физики и технологии материалов*
*Кулябский государственный*
*университет имени Абуабдуллохи Рудаки*
*735360 г. Кулоб улица С. Сафаров, 16*
*Тел.: (+992) 93 538 00 33*

***About the author***
*Kodirova Dilafruz Tolibovna*
*Candidate of Physical and*
*Mathematical Sciences, Associate*
*Professor of the Department*
*of Methods of Teaching*
*Physics and Technology of Materials,*
*Kulyab State University named after. A. Rudaki*
*Phone.: (+992) 935 38 00 33*

ТДУ 8 78 (575.3)

# ТАШАККУЛИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ-САНЪАТИ МУСИҚӢ ДАР ДАРСҲОИ СОЗИ МУСИҚӢ

***Хайруллоев Б., Маҷидов У.М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дарси суруд ва мусиқӣ барои инкишоф додани тарбияи эстетикӣ ва бедор намудани ҳисси зебоипарастии донишҷӯён саҳми босазои худро мегузораду дар дили донишомӯзон ҳисси ватандустӣ, пос доштани муқаддасоти миллиро ба вуҷуд оварда қаноатмандии маънавию рӯҳии онҳоро баланд менамояд. Бо мақсади таъсиррасонӣ ва ташаккули тарбияи зебоипарастии донишҷӯён, пеш аз ҳама ба заминаи ҳиссиёт ва таффаккурӣ онҳо такя намуда барои ташаккул додани лаёқат ва маҳорати эҷодӣ тарзи дурусти иҷрои сурудан ва навохтани созҳои мусиқиро ба онҳо омӯзонем, то онҳо мазмуну мундариҷаи асарҳои мусиқиро дар вақти навохтан дарк намуда оҳангҳоро дуруст навохта тавонанд ва кӯшиш намудан лозим аст, ки ба ин тарзи иҷроиш ҷавононро ба дунёи овозҳои мусиқӣ ворид намуда насли ҷавони кишварро аз ҷанги ҷаҳолат озод намоему дар замири онҳо нури зебоии суруду мусиқиро мунаввар ва нурафшон намоем. [10, с.35] Агар ба таърихи таълиму тарбияи суруд ва мусиқӣ назар андозем, мебинем, ки аввалин маротиба онро дар юнони қадим ҳамчун системаи таълиму тарбияи суруд ва мусиқӣ ҳамчун бозёфти илмӣ кашф намуда онро чунин таъриф намудаанд. “Мусиқӣ аз калимаи юнонии «musice» гирифта шуда, маънояш-таъсир расонидан ба рӯҳу эҳсоси одам мебошад” ва суруду мусиқӣ таҷассумгари рӯҳу хуни миллат ва набзи ҳастии он ба шумор рафта, ҳамчун фанни таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ омӯзонида мешавад [11, с. 48].

Мақсади ин фан баланд бардоштани тарбияи зебопарастии хонандагон ва тарбияи инсони дорои ақлу хиради баланд, ахлоқи ҳамида, ғамхору накӯкор, ватандӯсту сулҳҷӯ, зебоипарасту ободкор мебошад. Мусиқишинос ва оҳангсози тоҷик Ҷурабой Охунов дар китоби худ «Назарияи ибтидоии мусиқӣ» чунин нигоштааст: «Чӣ сеҳри аҷоибе дорад мусиқӣ! Ба дилҳои хомӯш ҷой шуда онро ба ҷӯш меорад; ҷашнҳо ва маҷлису ҷамъомадҳоро шукӯҳу шаҳомат мебахшад”. Санъати мусиқиро аз тифлони гаҳвора то пирони рӯзгордида дӯст медоранд, оҳангҳоро бо шавқу завқи зиёд мешунаванд [8, с. 5].

Шавқу завқ ва эҷодиёти одамон ба санъати мусиқӣ рӯз то рӯз зиёдтар шуда рушд ва сайқал ёфта истодааст. Аз ин рӯ ин фанни таълимӣ дар коллеҷҳо ва донишкадаю донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба донишҷӯён омӯзонида мешавад, то насли оянда аз он баҳравар гардад. Ин фан дар ташаккули тарбияи зебоипарастии онҳо нақши мондагор мегузорад ва барои хубтару беҳтар намудани сифати ин фанни таълимӣ, пеш аз ҳама сатҳи дониши мусиқии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгориро баланд намудан лозим аст, чунки таълимдиҳандаи асосии ин фан дар муассисаҳои таълимӣ хатмкунандагони ҳамин донишгоҳҳо ба ҳисоб мераванд ва онҳо бояд дониши муккаммали ҳаматарафаро доро бошанду вазифаи худро дар назди миллату давлати худ сарбаландона иҷро намоянд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат хеле мушаххас баён намуданд, “Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрии хонандагону ҳамватанон омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад”.

Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ аз ҷониби омӯзгорон имконият фароҳам меоварад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии шогирдон боло рафта онҳо ҳамқадами замон гарданд” [11, с. 7]. Ҳамин гуфтаҳоро ба назар гирифта бояд дар фаъолияти худ амали намудани он тамоми роҳҳою усулҳоро истифода намоем, ки насли ояндаро бомаърифату эҷодкор таълиму тарбия намоем. Бо мақсади он ки донишҷӯён ба муассисаҳои таълимӣ ба кор рафта бемушкилӣ машғулиятҳоро гузаронида тавонанд бояд ба донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ тарзи тадриси суруд ва мусиқиро омӯзонем, ки онҳо баъди хатми донишгоҳ бе ягон тарсу ҳарос ба муассисаҳои таълимӣ рафта бо дили пур фаъолият намоянд, чунки аксари донишҷӯён вобаста ба сатҳи пасти

тайёрии мусиқӣ-педагогии худ аз ӯҳдаи гузаронидани ин машғулиятҳо намебароянд ва яке аз сабабҳои ба мактаб нарафтани хатмкунандагон низ дар ҳамин норасоии дониши касбии худи онҳо мебошад. Ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки бояд донишҷӯ донад, ки дар кадом лаҳзаи дарс кадомин методи тарбияи суруду мусиқӣ истифода бурдан сабаби муваффақият ба даст овардан ӯ мегардад ва чунин тарзи машғулиятро омӯзгорон дар ду ҳафтаи аввали давраи таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён дар амал омӯзонанд. Дар ҳамин раванд омӯзиши фанни методикаи таълиму тарбияи суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ бо ҳамин мақсад ба донишҷӯён таълим дода мешавад, ки дар вақти таҷрибаи омӯзгорӣ ва баъди хатми донишгоҳ, донишҷӯён ба таври фаҳмо ва мушаххас аз ҷиҳати илмию методӣ тарзи гузаронидани машғулияти суруд ва мусиқиро аз худ намоянд дар оянда аз уҳдаи тадриси ин фанни таълимӣ сарбаландона бароянд. Бинобар ҳамин дар давраи таҳсил дар муассисаҳои миёнаю колеҷҳо олии педагогӣ ба донишҷӯён тарзи навохтани созҳои мусиқиро аз рӯи нота ва ҳам ба воситаи шунидан аз ҷониби омӯзгорони созҳои мусиқӣ аз нимсолаи якуми курси дуюм то нимсолаи аввали курси панҷум таълим дода мешаванд, чунки агар ба сохтори таълими фанни суруд ва мусиқӣ як назари сатҳи андозем, дида мешавад, ки дар раванди таълим нақши сози мусиқӣ хеле бузург буда дар ҳамаи қисматҳои дарс сози мусиқӣ истифода мешавад.

**Рубоб** асбоби мусиқии қадима ва дустдоштаи халқи тоҷик ва дигар халқҳои машриқзамин буда, аз ҷониби композиторони тоҷик тарзи навохтани рубоб бо усулҳои гуногун дар китоби дарси рубоб хеле хуб маълумот дода шудааст. Омӯзгорони ин сози мусиқиро зарур аст, ки ҳангоми гузаронидани дарси рубоб ба донишҷӯён дар бораи таърихи пайдоиши он ва машҳуртарин навозандагону сарояндагон, ки бо ин сози мусиқӣ суруд оҳангҳо навохта санъати мусиқии халқи тоҷикро ба ҷоҳониён муаррифи намудаанд маълумот диҳанд. Инчунин ба донишҷӯён дар раванди гузаронидани дарс, тарзи ба даст гирифтани соз, навохтан дар торҳои озод, захма задан дар торҳои озодро омӯзонидан зарур аст. Дар ин баробар тарзи навохтани нотаҳо бо ҳисобашон ва тарзи техникаи навозиш дар ин созро омузонанду дар сози рубоб навохтану зери лаб зам-зама намуданро омӯзонанд. Сози рубоб дар фосилаи квинта ҷӯр карда мешавад. Рубоб сози унисони буда ҷуфти торҳои аввал дар нотаи ля-октаваи якум, ҷуфти торҳои дуюм дар нотаи ми октаваи хурд ва тори сеюм дар нотаи ля-октаваи колон ҷӯр карда мешаванд. Рубоб сози якканавози оркестрҳои халқӣ буда барои навохтану сароидани суруду оҳангҳои халқӣ ва эстрадӣ буда, дар ҳамаи ансамбҳои халқӣ ва оркетрҳои халқӣ фаровон истифода бурда мешавад [8, с. 3].

Таъсиррасонӣ ва нақши сози мусиқӣ дар бедоршавии ҳиссиёт ба таври аъло дар таълиму тарбияи фанни суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои рушди тарбияи мусиқӣ-зебопарастии донишҷӯён кӯмаки бузург мерасонад. Бинобар ҳамин омӯзиши сози мусиқӣ дар раванди кулли зинаҳои таҳсилот инчунин вазифаи эҷодкориро иҷро менамояд, ки барои рушд гардидани маънавиёти наврасон ва ҷавонон нақши муҳим дорад [12, с. 25].

Барои он, ки гуфтаҳоямонро асоснок намоем, тарзи дурусти омӯзиши суруди “Ватан”-ро пешниҳод менамоем, то ин ки омӯзгорону донишҷӯён дар ҳамин замина нақшаи кории худро таҳрезӣ намуда, тарзи истифодаи методҳои тарбияи суруд ва мусиқиро донанд. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки барои аз худ намудани асари мусиқӣ пеш аз ҳама навохтани машқҳои техникӣ, этюдҳо ва гамаҳо дар зарбҳои гуногун шарт ва зарур аст, то инки донишҷӯн дар вақти навохтани асарҳои мусиқӣ нотаҳоро бо ҳисобашон навозанду хуб дарк намоянд. Инчуни ба донишҷӯён тарзи гузоштани ангуштон дар пардаҳои созҳои мусиқиро оимӯзонидан зарур аст. Барои ин корро амали намудан омӯзгори сози мусиқиро зарур аст, ки аз 5-то 10 дақиқаи вақти дарсиро ба иҷрои супоришҳои дар боло зикр гардида сарф намояду баъдан ба омӯзиши асари додашуда шуруъ намояд. Асари додашударо қисм –қисм омӯзонида дар мустаҳкамкунии дарс ҳарду қисми асарро дар якҷоягӣ навохтанакшро омузонидан зарур аст. Инчунин ба донишҷӯ супориш дода мешавад, ки асари мусиқии додашударо мувофиқи талаботи иҷроишаш дар хона аз худ намуда дарси оянда бо техникаи асосии навозишаш асарро навохта тавонад.

Суруди Ватан оҳанги Шоҳназар Соҳибов дар андозаи ду чоряк бо суръати mjderato мӯътадил дар лаҳни сол мажор эҷод гардидааст. Суруд аз нотаҳои ҳатшякӣ, чорякӣ ва нисфӣ иборат буда, ҳангоми навохтан ин нотаҳо бо шаклҳои гуногун иҷро карда мешаванд [8, с. 55].







Ватан




*Донишҳои мусиқӣ-педагогии онҳоро дар раванди таълиму тарбия* ташаккул дода дар замири онҳо эҷодкориро рушд ва такмил медиҳад, ки ин фаъолиятҳоро дар ҷараёни омӯзиш донишҷӯён бояд аз ҷониби омӯзгорони соҳибтаҷриба бо тарзҳои осонтару оммафаҳм гузаронидани машғулиятҳо омӯзанду дар машғулиятҳои амалӣ-фардӣ онро мукаммал намоянд.Ин раванд то давраи хатм аз ҷониби омӯзгорони сози мусиқӣ пайгирона амалӣ карда мешаванд ва ин раванд аз фаъолияти омӯзгорони дорои дониши мукамали мусиқӣ-педагогӣ дошта вобастагии калон дорад. Барои ташаккул додани қобилияти иҷрокунандагӣ ва тайёрии мусиқӣ-педагогии донишҷӯёни шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ- санъати мусиқӣ роҳу усулҳои зиёдеро дар раванди омӯзиши сози мусиқӣ истифода бурдан лозим аст. Масалан омӯзгор замони гузаронидани машғулиятҳои фардӣ доир ба таърихи пайдоиши сози мусиқӣ маълумоти ҳаматарафа диҳад то донишҷӯён донанд, ки сози мусиқии интихоб кардаашон кай ва дар куҷо пайдо шудаасту он чӣ тавр навохта мешавад ва номҳои мутрибони чирадасти ин сози мусиқиро гуфта ҳамзамон якчанд оҳангҳои гуногунжанрро навозад [12, с. 7].

Дар ҳамин раванд омӯзгори сози мусиқӣ доир ба нозукиҳои навозиш дар сози мусиқиро ба онҳо нишон додатарзи хуби онро омӯзонад. Аз ҷумла донишҷӯён тарзи ба даст доштани соз ва роҳҳою шаклҳои гуногуни навохтани асарҳои мусиқиро дар ҷараёни машғулиятҳо аз худ намоянд. Хаминро хотиррасон намуд, ки машғулиятҳои созҳои мусиқӣ ба таври фардӣ яъне ба ҳар як донишҷӯ як соати дарсӣ гузаронида мешавад ва он бояд дар қисмати эзоҳоти нақшаи таълимӣ ҷой дода шуда бошад. Донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои фардӣ бояд нозукиҳои навозиши жанрҳои гуногуни мусиқиро бо истифода аз методҳои гуногун аз омӯзгорон аз худ намуда, суруд ва асарҳои мусиқии аз ҷониби онҳо супориш шударо дар созҳои асосии мусиқӣ

рубоб, аккордеон, кларнет ва фортеппянно навозанд. Донишҷӯён дар вақти навохтани оҳанги сурудҳо нотаҳои онҳоро ҳисоб намуда матни онро зери лаб зам-зама менамоянд, ки барои хубу фаҳмо навохтан ёрӣ мерасонад. [7, с. 74] Омӯзгорон дар ҷараёни аз худ намудани сози мусиқӣ иҷрои корҳои мустақилонаро ба донишҷӯён супориш медиҳанд, тоинки донишҷӯён пас аз гирифтани супориши навохтани муситақилона барои иҷрои он баъди машғулият оғоз менамоянд. Супориш метавонад доир ба таърихи эҷоди асари мусиқӣ, ҳаёт ва фаъолияти муаллиф истифодаи роҳҳу усулҳои гуногуни навозиш, тарзи иҷрои асари мусиқӣ (аз руи нота ё шунидан) бошад, ки онро омӯзгори сози мусиқии асосӣ муайян менамояд ва донишҷӯ бо истифода аз сарчашмаҳои гуногун кори мустақилонаро дар шакли хаттӣ тайёр намуда оҳанги онро дар сози мусиқӣ иҷро намояд. Омӯзгор дар вақти қабул намудани кори мустақилона аз донишҷӯён паҳлуҳои гуногуни асари мусиқиро пурсида муайян менамоянд ва ба навозиши онҳо диққат дода, хатогиҳои онро ислоҳ намуда ба иҷрои онҳо баҳо мегузорад. Афзалияти иҷрои кори мустақилона дар он аст, ки донишҷӯён ҳар вакт, ки хоҳанд ба он машғул гардида вақти қиммати худашонро ба корҳои беҳуда сарф накарда донишҳои наву замонавироҷустуҷӯ намуда тарзи гуногуни иҷроиши асарҳои мусиқиро меёбанд ва дар ҳамин раванд малакаи мустақилона фикр намуданр пайдо намуда маҳорати навозандагию сарояндагӣ ва эҷодии худро ташаккул медиҳанд. Бояд тазаккур дод, ки аксарияти нақшаҳои таълимии муассисаҳои олии таълимии омӯзгорӣ, барои баланд бардоштани тарбияи маънавӣ ва зебоипарастии донишҷӯён ва мукаммал намудани сифатҳои хуби ахлоқию фарҳангӣ, ба даст овардани маҳорати касбӣ, ки яке аз вазифаҳои асосии ҳар як таълимгоҳҳои олии омӯзгорӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад мебошад[3, с. 62].

Дар замони ҷаҳонишавӣ чунин мақсаду ҳадафҳоро дар барномаи таълимии фанни сози мусиқӣ назди ҳар як омӯзгори поквиҷдону ватандӯст гузоштааст ва дар ҳамин замина нақши асосиро дар раванди омӯзиши суруд ва мусиқӣ, сикли фанҳои назариявӣ амалӣ-фардӣ ва методӣ ишғол менамоянд. Бо сабаби нарасидани омӯзгорони фанни суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар аз соли хониши 2026-2017 дар назди факултети педагогика шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ-санъати мусиқӣ кушода шуд. Ҳадафи аз он ки тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни суруд ва мусиқӣ барои муассисаҳои кишвар мебошад. Барои омода намудани донишҷӯёни ихтисоси дар боло зикр гардида дар назди факултети педагогика соли хониши 2016-2017 кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ таъсис дода шуд. Омӯзгорони ин кафедра ба донишҷӯён аз фанҳои назарияи мусиқӣ, асбобҳои мусиқӣ ва методикаи таълимӣ он, методикаи таълиму тарбияи суруд ва мусиқӣ, репертуари мактабӣ, таҳлили асарҳои мусиқӣ ба донишҷӯён машғулиятҳои лексионӣ амалӣ-фардиро дар бар мегиранд омӯзонида мешаванд. Фанни назарияи мусиқӣ ба донишҷӯён донишҳоро дар бораи элементҳои мусиқие, ки дар суруду оҳангҳои мактабӣ эҷод гардидаанд ба монанди садо ва хусусиятҳои он, нотаҳо, хатчаҳои иловагӣ, андозаҳо, суръатҳо, зарбҳо, аломатҳои тағирдеҳ, аломатҳои динамикӣ, тақтеъ ва хатҳои тақтӣ, фосилаҳо ва намудҳои гуногуни аккордҳо чун алифбои мусиқӣ омӯзонида мешаванд [9, с. 46]. Инчунин ба донишҷӯён аз фанни созҳои мусиқӣ ва методикаи таълими он, ки сози ихтисос ном дорад, таълим дода мешаванд. Донишҷӯён ба кадом сози мусиқие, ки шавқу рағбат доранд ҳамон созро интихоб менамоянд ва дар муддати таҳсил тамоми нозукиҳои навозиши сози интихоб намудаашро аз худ менамояд. Дар ҷараёни дарс омӯзгорони сози мусиқӣ ба донишҷӯён тарзи ба даст гирифтани соз, доштани мизроб, захмазанӣ дар торҳои озод ва торҳои нотадор, ки он нотаҳоро бо ангуштон зер мекунанд меомузонанд. Боз ба донишҷӯён нозукиҳои навозиши созҳоро дар раванди дарсҳо пурратар омӯхта, навохтани машқҳои гуногунро меомӯзонанд. Дар кафедраи дар боло номбаршуда ба донишҷӯён чунин созҳои мусиқӣ омӯзонида мешаванд; Рубоб, ғижжак, аккордеон, кларнета ва фортепиано. Дар 5-соли таҳсил ба донишҷӯён дар машғулиятҳои фанни сози мусиқӣ ба шакли амалӣ-фардӣ тамоми намуди техникаи иҷрокунандагӣ омӯзонида мешавад. Хамчунин дар ин раванд омӯзгорон кӯшиш менамоянд, ки диққати донишҷӯёнро барои дуруст талаффуз намудани ҳарфҳо ва калимаҳои дар сурудҳо буда равона созанду бештар ба иҷроиши онҳо ҷалб намоянд ва мақсади омӯзиши фанни методикаи таълими суруд ва мусиқӣ низ ташаккул додани қобилияти эҷодкорӣ ва тарбияи зебоипарастии донишҷӯён мебошад. Донишҷӯён дар раванди омӯзиш меъёрҳо ва қоидаҳои сурудхониро омӯхта дар фаъолияти минбаъдаи кориашон аз онҳо эҷодкорона истифода мебаранд. Фанни методикаи таълиму тарбияи суруду мусиқӣ ба донишҷӯён он донишҳоро пешниҳод менамояд, ки донишҷӯён дар

раванди дарс роҳҳои дуруст истифода намудани он донишҳо, яъне методҳои таълиму тарбияи суруд ва мусиқиро омӯзанду дар раванди фаъолияти минбаъдаи худ аз онҳо эҷодкорона истифода карда тавонанд ва донишҷӯён бояд донанд, ки кадом метод дар кадом қисмати дарс истифода карда мешаванд. Масалан: методи сӯҳбат, методи аёнӣ-шунавоӣ, методи таҳлил ва муқоиса ва методи ҳавасмандгардонӣ[11, с. 86].

Самараи ҳамаи ин донишҳои назариявӣ, амалӣ ва методиро метавон дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар истеҳсолот дар курсҳои 4,5 рӯи кор овард ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён бояд ҳамавақт зери назорати омӯзгорони сози мусиқӣ ва методистон ҷараён гирад. Дар давраи таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён оиди гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва роҳҳои гузаронидани чорабиниҳои муассисавӣ омӯзонида мешаванд. Мо омӯзгорон кӯшиш менамоем, ки донишҷӯёнро дар донишгоҳ барои гузаронидани дарсҳо бо низоми нави таълим яъне салоҳиятнокӣ омода намоем, то онҳо дар вақти ба муассисаҳои таълимӣ ба кор рафтанашон насли ҷавони кишварамонро дар муассисаҳои таълимӣ аз хурдӣ мустақилона дониш гирифтанро омӯзонанд. Бояд донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои таълимии суруд ва мусиқӣ чунон тайёр карда шаванд, ки онҳо мустақилона насли ояндаи кишварамонро пурра соҳибмаълумот намоянд, то онҳо оянда кишварро бо дониши наву замонавӣ ободу зебо намоянд. Метавон гуфт, ки аз чунин шогирдони соҳибмаълумот бисёр комёбиҳои калонро умедвор шудан мумкин аст ва ин омӯзгорони оянда метавонанд дар муассисаҳои таълимӣ дар навбати худ шогирдонеро ба камол расонанд, киояндасозу нексиришт бошанду дар замири хонандагон меҳру муҳаббати худашонро зиёдтар ҷой намуда онҳоро поквиҷдону масъулятнок тарбият намоянд ва шавқу ҳаваси онҳоро ба фанни худ бештар созад.

Хулоса, вазифаи омӯзиши фанни суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимӣ, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии мусиқӣ буда дар ҳамин замина ташаккул додани ҳиссиёти зебоипарастии хонандагонро дар бар мегирад ва дар раванди таҳсил хонандагонро ба олами бойи овозҳо ворид намудан мебошад, ки ин вазифаро стандарти давлатии таҳсилот доир ба фанни суруд ва мусиқӣ дар назди мактабу омӯзгор гузоштааст ва вазифаи масъулятнокро омӯзгор бо истифода аз роҳҳою усулҳои гуногун ҳатми бояд иҷро намояд, ва барои иҷрои ин вазифаҳо кадрҳои соҳибихтиссосро аз ҷиҳати илмӣ, мусиқӣ-педагогӣ, методӣ-психологӣ тайёр намудан лозим ва шарт мебошад, то онҳо тавонанд аз ӯҳдаи ин вазифаи бузург бароянд. Омӯзгорони ояндаи суруд ва мусиқӣ аз ҷиҳати касбият бояд 4-рукнро доро бошанд [10, с. 84]. Навозандагию сарояндагӣ, таҳлили педагогӣ-психологӣ ва эҷодкорӣ, ки ин равандҳоро донишҷӯён дар давраи таҳсил дар коллеҷҳою донишгоҳҳои омӯзгорӣ аз сикли фанҳои психологӣ-педагогӣ ва методикаи таълимӣ суруд ва мусиқӣ аз худ менамоянд тайёр карда шаванд.

***Адабиёт***


1. *Абдуллоев, Н. Дарси рубоби прима / Н. Абдуллоев, А. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1982.-340 с.*
2. *Атоев, М. Асарҳо барои рубоб ва фортепиано. / М. Атоев. – Душанбе, 2009. – 145 с.*
3. *Баротов, М. Дарси рубоби бадахшонӣ / М. Баротов. – Душанбе: Адиб, 1991. - 96 с.*
4. *Қошқар рубоби тароналари. Тпшкент Ғафур Ғулом номидаги Адабиёт ва санъат нашриёти 1989-246с.*
5. *Ҷумъаев, Ҳ. Созу навои ғиҷҷак. / Ҳ.Ҷумъаев. - Душанбе, 1987. - 86 с.*
6. *Обидов, Ҷ. Чаманоро. Пьесаҳо барои рубоби қошқарӣ ва фортепиано. / Ҷ.Обидов – Душанбе, 1986-246с.*
7. *Обидпур, Ҷ. Дарси рубоб. / Ҷ. Обидпур. Душанбе: Ирфон, 1982. - 147с.*
8. *Обидпур, Ҷ. Этюдҳои хушоҳанг барои рубоб. / Ҷ.Обидпур. – Душанбе: Маориф, 1996.-96 с.*
9. *Обидпур, Ҷ. Китоби дарси рубоб. / Ҷ. Обидпур. – Душанбе, 1986. - 148с.*
10. *Охунов, Ҷ. Назарияи ибтидоии мусиқӣ. / Ҷ. Охунов. – Душанбе: Ирфон, 1986. - 236 с.*
11. *Хайруллоев, Б. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар мактаб. / Б.Хайруллоев. – Душанбе, 2018. – 210 с.*
12. *Хайруллоев, Б. Методикаи тарбияи мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / Б. Хайруллоев. – Душанбе, 2019. - 268 с.*


## ТАШАККУЛИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ-САНЪАТИ МУСИҚӢ ДАР ДАРСҲОИ СОЗИ МУСИҚӢ


Мавзуи пешниҳод намудаи муаллифон мавзуи актуалӣ буда, мувофиқи даврони муосир пешниҳод карда шудааст. Дар мақола доир ба шаклҳои гуногуни иҷрои асарҳои мусиқӣ дар сози мусиқии рубоб сухан меравад ва тарзҳои рушди маҳорати иҷрокунандагии донишҷӯён ба риштаи тадқиқ қарор дода шудааст, ки ҳамин омилҳо сабаби соҳиб тахасус гардидани донишҷӯён мегардад.



**Калидвожаҳо:** омил, ташаккул, касбият, омузгорон, синфҳои ибтидоӣ, мусиқӣ, машғулият, мусиқӣ, фардӣ.

## ПРОФЕССИОНАЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ-МУЗЫКАЛЬНЫХ ИСКУССТВ НА УРОКАХ МУЗЫКАЛЬНЫХ ИНСТРУМЕНТОВ

Тема, представленная исследователем, актуальна и представлена согласно современной эпохе. В статье иследовано група факторон каторие при изучени музыкальних инструментов считаетсия асоба важных и основние этих факторон даст студентов отделнии начальных классов и музыки проводит сомостоятельно уроков музыки и пения в обшеобразователь ной школе и воспитиват детей через музыке в духе эстетического воспитания и гармоничного развития.

**Ключевые слова:** фактор, формирование, профессионализм, учителя, начальные классы, музыка, занятие, музыка, личность.

## FACTORS OF PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF FUTURE TEACHERS OF PRIMARY MUSIC CLASSES IN THE CLASSES OF MUSICAL COMPOSITION

The topic presented by the researcher is relevant and presented according to the modern era. In the article, the idea of listening to music is that readers can listen to and analyze any music, whether complex or simple, but it becomes difficult to perform and sing because the ability and range of their voice is not suitable for performing it. The formation of musical reception is associated with age characteristics, especially in the first period of schooling, and its implementation is a difficult task.

**Keywords:** factor, formation, professionalism, teachers, primary school, music, occupation, music, personality.

***Дар бораи муаллифон***
*Хайруллоев Баҳриддин*
*Номзади илмҳои педагогӣ, профессори*
*кафедраи назария ва*
*методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121*
*Тел: (+992) 900224481*

*Маҷидов Умедҷон Маҳмадалиевич*
*Омӯзгори калони кафедраи*
*методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеии*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121*
*Тел: (+992) 554449652*

***Об авторах***
*Хайруллоев Бахриддин*
*Кандидат педагогических наук, профессор*
*кафедры теории и методики*
*музыкально-художественного образования*
*Таджикский государственный педагогический*
*университет имени Садриддин Айни*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121*
*Тел: (+992) 900224481*

*Маджидов Умедҷон Маҳмадалиевич*
*Старший преподователь*
*кафедры теории и методики*
*музыкально-художественного образования*
*Таджикский*
*государственный*
*педагогический университет*
*имени Садриддин Айни*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121*
*Тел: (+992) 554449652*

***About the authors***
*Khairulloev Bahriddin*
*Candidante of Pedacocical Sceiences*
*Professor of the*
*Department of Theory and Methods*
*of Musical and Artistic*
*Education, Children's Children's and*
*Theatre*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini*
*734003 city Dushanbe even Rudaki 121*
*Phone: (+992) 900224481*

*Majidov Umedion Mahmadalievich*
*Senior lecturer*
*Department of Theory and*
*Methods of Music and Art Education*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini*
*734003 Dushanbe Rudaki Avenue 121*
*Phone: (+992) 554449652*

ТДУ 37.01.373.1(574.2)

# БАНАҚШАГИРИИ ТАЪЛИМИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

***Саидов Н.Т.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар шароити ҷомеаи, имрӯза ташаккули пурсамари илм ва техника, марҳила ба марҳила дар раванди таълим дохил гардидани усулҳои муосири технологияҳои инноватсионӣ, аз олимони риштаи педагогика такмил ва дарёфти роҳу василаҳои гуногун ва навини таълиму тарбияро дар самти ташаккули донишҳои зеҳнӣ ва тафаккури мантиқии шахсият тақозо мекунад.

Албатта, бо назардошти тағирпазирӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеаи инсонӣ олимони соҳаи педагогика ва методистони соҳавиро зарурият пеш омадааст, ки усулҳои инноватсионии муассирро ба фаъолияти фикррони насли имрӯз коркард намоянд. Инчунин, ба хонандагон ё насли наврас ташаккул додани фикррони мустақил ва пеш аз ҳама дар ҳастии худ таҳлил намудани ғояи асосии мавзӯъ ва баъдан сухан гуфтанро омӯзонидан вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгорон ба шумор меравад.

Чи тавре ки Бургин М.С. қайд менамояд, мафҳуми «инноватсияҳо» маънои нав, навоварӣ, тағйиротро дорад: инноватсия ҳамчун мавод ва раванд ворид намудани ягон чизи навро пешбинӣ менамояд. Дар истифода ба ҷараёни педогогӣ инноватсия маънои ворид намудани чизи навро ба мақсад, таркиб, усул ва намудҳои таълим ва тарбия, ташкили фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонандаро дорад.

Бояд қайд намуд, ки рушди ҷомеаи муосир илми педагогикаро зери вазифаҳои гуногун водор месозад ва муҳимтарини онҳо ташаккул ва инкишофи шахсиятест, ки соҳиби тафаккури мантиқӣ, ақли солиму мустақилона, қобилияти дар муддати кӯтоҳ аз худ кардани ҳаҷми ҳадди аксари донишҳои зеҳнӣ мебошад.

Тавре, ки олими шинохтаи соҳаи педагогика Шарифзода Ф. иброз медорад, “Яке аз вазифаҳои умдаи илми педагогикаи муосир таъмини на танҳо азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо (салоҳиятмандӣ), балки ҳамчунон ташаккули тарзҳои фаъолияти маърифатӣ ҳамчун зуҳуроти маданияти зеҳнии талабагон (донишомӯзон) мебошад”. Дар иртибот ба ҳамин масоил, профессор Шарифзода Ф. изҳори нигарони намуда қайд менамоянд, ки “Ин вазифа ва талаботи илми педагогика солиёни тӯлонист, ки дар раванди таълими чи мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ва чи макотиби олӣ ба таври зарурӣ ва лозима ба инобат гирифта намешавад. Аз ҷумла, дар мактаби ибтидоӣ вазифаҳои таълимии хондан, навиштан, баёни маънӣ (инкишофи нутқ), ба хотир гирифтан (аз ёд кардан), ҳисоб кардан (ҳалли масолу масъала) ба андозаи талаботи барномаҳои таълим анҷом дода мешаванд. Вале ба мақсаду вазифаи муҳимтарини таълиму тарбия – рушди ақл ва фикррони кӯдакон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ, тафаккури мустақилона ва эҷодии шахсиятро мегузорад, кам андар кам аҳамият дода мешавад. Ҳол он ки маҳз ҳалли ин мақсаду вазифаҳои педагогии раванди таълим ояндаи чи таълимӣ (донишомузӣ) ва чи ҳаётии шахсиятро муайян менамояд, ки то чи андоза шахсият соҳиби зеҳн ва ақлу тафаккури мустақилона ва эҷодӣ мешавад ва масъалаҳои минбаъдаи таълимӣ (омӯзиш) ва ҳаётии худро зуд, ҳавасмандона (мотиватсияи таълим) ва салоҳиятмандона (тавонмандона) ҳал хоҳад кард” [10, с. 122-126].

Сатҳи нерӯи зеҳнии шахсият асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1) Фазилат - ҳаҷми донишҳои (ахбороти, маълумоти) аз худ карда шуда.

2) Рушди зеҳнӣ - қобилияти истифодаи ин донишҳо (маълумот) барои ҳалли масъалаҳои гуногун, ки дар раванди фаъолият ба миён меоянд. Маданияти зеҳнии шахсият дониш ва маҳорати соҳаи меҳнати фикриро фаро мегирад:

– фаъолияти маърифатиро мақсади худ қарор додан;
– фаъолияти маърифатиро ба нақша гирифтан;
– амалиёти маърифатиро бо истифодаи тарзҳои (усулҳои) гуногун иҷро кардан;
– бо сарчашмаҳои дониш (ахборот) кор кардан мебошад.

Барои дарк кардани робитаи ҳақиқӣ дар байни таълим ва рушд ҷараёни рушди зеҳниро дар шароити гуногуни таълим пайгирӣ намудан лозим аст, то ки ин шартҳо на танҳо гуногун бошад, балки аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ кунанд. Чунин тафовутҳо байни низоми дидактикӣ, ки дар ҷараёни таҷриба аз тарафи мо фароҳам оварда шуд ва он низоме, ки дар дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ ифода меёбад ва аз рӯйи он таълим ба роҳ монда мешавад, мавҷуд аст.

Бинобар ин, мо низоми нави дидактикии таълими ибтидоиро намесозем, вале ҷараёни таълиму тарбияро дар хонандагон ба таври ҷиддӣ меомӯзем ва бо он натиҷаҳое, ки ба озмоиши оммавии таълим хос аст, муқоиса менамоем. Мо озмоиши кори муаллимонро доир ба интиқоли донишҳо ва малакаҳои хонандагони синфи озмоишӣ ва синфи назоратӣ муқоиса намудем. Ба омӯзиши рушди умумии хонандагон диққати ҷиддӣ дода шуд. Дар ин ҷо муқоисаи таҳаввул дар рушди хонандагони синфи озмоишӣ ва хонандагон аз синфи назоратӣ ба хатти сурх мегузарад.

Вақте ки дар бораи рушди умумӣ сухан меравад, ҷанбаи психологию педагогии масъалаи рушди инсон дар назар дошта мешавад. Мафҳуми "рушди умумӣ " мафҳуми " рушди ҳаматарафа”-ро иваз намекунад ва дар радифи он намеистад. Вақте ки сухан дар бораи рушди ҳаматарафа меравад, пеш аз ҳама, ҷанбаи иҷтимоии ин масъала ё ҷанбаи васеи иҷтимоию педагогӣ дар назар дошта мешавад.

Зери мафҳуми рушди умумӣ, мо рушди ҳамаи тарафҳои шахсияти хонандаро мефаҳмем. Пас, рушди умумӣ ва ҳам рушди ҳаматарафа дар муқобили рушди яктарафа, якпаҳлу қарор доранд.Таҳлили рушди умумӣ аз нуқтаи назари педагогӣ аз рӯйи шаклҳои алоҳидаи фаъолияти педагогӣ сурат мегирад. Агар тақсимоти анъанавии педагогикаро ба хирад, ирода, эҳсос ба ҳисоб гирем, пас рушди умумӣ ҳамаи ин се ҷанбаро дар бар мегирад. Аммо мо муътақид бар онем, ки тақсимоти сеқисмаи зикршуда бояд аз байн бурда шуда, он бо самтҳои дигари таҳлили психологӣ иваз карда шавад. Аз ин лиҳоз, мо аз онҳо истифода намебарем, балки дар бораи мушоҳидаи таҳлилӣ, тафаккури мавҳум, рушди зеҳнӣ ва амалҳо ба сифати шаклҳои фаъолияти психикӣ сухан меронем [8, с. 18-19].

Албатта, мушоҳида ва тафаккур ба равиши якуми таҳлилӣ, яъне ба фаъолияти зеҳнӣ (дар адабиёти муосири педагогӣ онро одатан "ҷараёни маърифатӣ" меноманд) бештар муносиб мебошад. Аммо ҷойи ҳеҷ гуна шубҳа нест, ки дар зимни иҷрои вазифаҳои ба хонандагон пешниҳодшуда бо мақсади омӯзиши мушоҳида ва тафаккур мавқеи асосӣ ба онҳое дода мешавад, ки одатан " дарки мақсади амал", "тобеъ сохтани амалҳои худ ба вазифаи гузошташуда", "қувваи ирода", яъне он чизе, ки ба соҳаи ирода мансуб аст, номида мешаванд.

Боз аз як аломате, ки рушди умумиро тавсиф менамояд ва аз он сарфи назар кардан имкон надорад, сифатҳои шахс аст. Сифатҳои шахс дар баробари тарзҳои амал, ки асоси онҳоро рушди умумӣ ташкил медиҳад, дар дилхоҳ мавод, дар вазъиятҳои гуногун ошкор мегарданд. Бо ин вижагиҳо рушди умумӣ аз рушд дар ин ё он соҳаи муайян (масалан, дар ин ё он намуди санъат ё дар соҳаи илм) фарқ мекунад.

Албатта, рушди умумӣ ва рушди махсус дар ҷараёни ташаккули инсон аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Баръакс, рушди умумӣ чун асоси устувори рушди махсус хизмат мекунад ва ин рушди махсус метавонад ба рушди умумӣ мусоидат намояд. Мусаллам аст, ки фаъолият дар ин ё он соҳа танҳо дар асоси рушди умумӣ бомуваффақият амалӣ намегардад. Ташаккули хусусиятҳои муайяни фаъолияти психикӣ (қобилияти мусиқишунавӣ ва ғ. дар соҳаи мусиқӣ), азхудкунии донишу малакаҳои мувофиқ заруранд.

Бояд қайд кард, ки ба рушди умумии хонанда албатта, он чизе, ки ба мазмуни мафҳуми "рушд" ба маънои ҳамаҷонибаи он дохил мешавад; ҳаракат аз сода ба мураккаб, аз поён ба боло, аз рӯйи хати фароз, аз вазъияти сифати кӯҳна ба вазъияти наву сифатан баланд, ҷараёни бозсозӣ, тавлиди наву аз байн рафтани кӯҳна мансуб аст.

Таълими таҷрибавиро ба роҳ монда, мо корро аз ҷойи холӣ оғоз накардем, аз ҳама он чизе, ки дар педагогика қаблан коркард ва дар таҷрибаи таълим татбиқ гардидааст, дур нашудем. Аз он ғояҳои пешқадаме истифода бурдем, ки барои ташкили кори мо, хусусан дастуру раҳнамунҳои педагогҳои барҷаста ва озмоиши амалии муаллимон арзишнок буданд. Мо дар назди худ вазифа нагузоштем, ки ба дастовардҳои педагогика ва мактаб такя карда бошем, танҳо баъзеи онҳоро мисол меорем.

Чунончи, педагогҳои пешқадам барои пурра кардани раванди таълим саъю кӯшиши зиёд намуда, вазъиятеро фароҳам овардаанд, ки дар машғулиятҳо хонандагонро ба худ тобеъ созанд, рушди зеҳнии онҳоро бедор кунанд, ба азхудкунии мустақилонаи донишҳо даъват намоянд.

Чунончи, дар МТМУ №34-и шаҳри Душанбе дар ин самт кори зиёде ба анҷом расонида шуд. Таҷрибаи кори муассисаи мазкур, инчунин, муассисаҳои дигари воқеъ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) дар мақолаи муҳаққиқ Р. Мирзоев инъикос ёфтааст; дар ин ҷо хусусияти корҳои мустақилонаи хонандагон дар дарсҳо ва зимни иҷрои вазифаи хонагӣ, инчунин ташкили навъҳои алоҳидаи корҳои мустақилонаи мактаббачагон нишон дода шудааст [5, с. 135-140].

Мо саъю кӯшиш намекунем, ки тамоми аносири низоми педагогии нав бошанд. Чунин кӯшиш мантиқ надорад.

Унсури нав ҳамеша ба ин ё он дараҷа арзишҳоро, ки дар дохили унсури кӯҳна ҷойдоштаро, ба худ гирифта, онҳоро тағйир медиҳад. Ин як ҳақиқати одист. Яъне низоми наве бунёд мегардад, ки дар қиёс бо низоми анъанавӣ самту сохтори дигаре дорад. Дар таркиби низоми нав тарзу васоити дидактикӣ ва усулҳои методӣ умри дубора меёбанд.

Албатта, қайд кардан бо маврид аст, ки пешравии ҷомеа ва тақозои рушди иҷтимоӣ - иқтисодии он ғолибан ба низоми таҳсилот вобаста аст, зеро маърифатмандӣ ва рушди зеҳнии шахсият, саломатии рӯҳӣ, гуногунҷанбагӣ ва инкишофи мутаносиб (ҳаматарафа), фарохназарӣ, ҳамчунон талош ба эҷодкорӣ ва маҳорати ҳалли вазифаҳои ғайричашмдоштро маҳз низоми таҳсилоти муташаккили давлатӣ ҳал карда метавонад. Ба ин асос бояд таъкид кард, ки дар низоми таҳсилоти давлатӣ дахолати бегонагон, тақлид ба низоми таҳсилоти дигарон, кӯчондани низоми таҳсилот аз бегонагон, хусусан мазмуни таҳсилот, таълиму тарбия бидуни асосмандии назариявӣ ва озмоишҳои мувофиқкунанда ба шароити иҷтимоӣ, анъаноти хонаводагӣ, маънавӣ - ахлоқӣ ва манфиатҳои давлатӣ ва миллӣ қатъиян қобили пазируфтан нест, зеро дар маҷмӯъ ин амал мувофиқи истиқлолияти мазмуни таҳсилот, сирати миллӣ ва маданияти зеҳнии миллӣ буда наметавонад ва ин арзишҳоро на рушд, балки тадриҷан коҳиш медиҳад ва сарнагун менамояд. Дар ин маънӣ олими барҷастаи рус, академик Гершунский Б.С. чунин мефармояд: «Таъкид мекунем, ки ба ҳеҷ ваҷҳ кӯшишоти дахолат ба қаламрави сират (менталитет) ба хотири ин ё он тағйири сират наметавонад иҷборӣ, бо ёрии методҳои зӯроварӣ ва пахши чи сирати шахсият ва чи умуман сирати иҷтимоъ (ҷамъият) анҷом дода шавад»[1, с. 103-104].

Мувофиқи матлаб мебуд, агар дар низоми таҳсилот барои иҷрои барномаҳои таҳсилотӣ фазои нави ахборотӣ-таҳсилотӣ созмон дода шавад, ки қабл аз ҳама, он ба инкишофи сифатҳои зеҳнии шахсият, амиқии донишҳои фаннӣ нигоронида шуда бошад ва рушди дилхоҳи маданияти шахсиятро таъмин намояд. Рушди зеҳн бевосита ба соҳаи ҳавасмандию сабабмандии (мативатсия) шахсият, ба талаботи ботинии ӯ, ба манфиатҳои ӯ, ба воситаҳои ташаккули зеҳн вобаста аст, ки дар навбати худ аз пешниҳоди мазмуни маводи таълим ва корҳои беруназдарсӣ, аз методҳои пешниҳоди онҳо, аз ташкили фаъолияти фикрӣ, аз роҳандозии эҳсосоти мусбат дар фаъолияти кӯдакон иборат мебошанд. Зеҳн хусусан дар синни хурди мактабӣ нисбатан бошиддат инкишоф меёбад. Дар рушди зеҳн тафаккур нақши пешбаранда мебозад, ки аз қобилияти ба таври умумӣ ё муҷаррад (абстракт) инъикос карда тавонистани воқеият, аз фаҳмиши амиқи асл (ҷавҳар) ва сабаби ҳодисот (зуҳурот) иборат аст. Рушди зеҳн ба чунин равандҳои равонии (психикии) маърифат вобаста аст: ҳис кардан, дарк кардан, диққат, хотир, хаёл, тасаввур, нутқ.

Инкишофи фикр (тафаккур) дар навбати худ ба тағйирёбии сифатии дарк ва хотир, ба равандҳои идорашаванда ва озод будан оварда мерасонад. Ба ҳеҷ кас махфӣ нест, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини инкишофи умумии одам ва ташаккули шахсият инкишофи тафаккур (фикр) аст. Тафаккури инсон мунтазам инкишоф ва қобилиятҳои зеҳнии ӯ такомул меёбанд. Кайҳост, ки равоншиносон ва педагогҳо дар натиҷаи мушоҳидаҳо ва амалан озмудани тадбирҳои рушди тафаккур ба хулосаи фавқ расидаанд. Тафаккур аслан ҳама он чизеро, ки инсон метавонад дар ҳаёт ба даст оварад, муайян ва пайгирӣ мекунад, зеро амалщои фикрь поя ва бунёдгузори роҳи ҳалли ҳамаи муаммо ва мушкилоти ҳаётӣ мебошад. Маҳз ҳалли масоили ҳаётӣ тамоми натиҷаҳои дар ҳаёт ба даст оварандаи инсонро (хуб ё бад) муайян менамояд.

Ба хотири рушди тафаккур дар назар доштани ин омилҳо заруранд:

1. Маърифат - гирифтани донишҳо (таълим-машғулиятҳо (дарсҳо), тамрин, фаъолияти мустақилона ва эҷодӣ, китоб, муошират, сарчашмаҳои ахборотӣ).

2. Мулоҳиза (андеша) кардан - омӯхтани фикркунӣ ва таҳлил (мушоҳида, муқоиса, ёфтани монандӣ, фарқият, хулоса кардан), дарёфт ва қабули қарори (хулосаи) беҳтарин.

3. Ҳаёт - натиҷаи рафторест, ки ногузир давоми мантиқии фикри инсон мебошад, маҳз ҳаёт ба дониш ва фаъолияти фикри инсон баҳо медиҳад, ки ӯ натиҷаи дилхоҳ ба даст овард ё не. Барои он ки одам тафаккури (фикри) худро босамар инкишоф диҳад, вай бояд донишомӯз (толибилм) шавад, яъне кӯшиши «ҳамаро донистан» кунад, кӯшиш кунад, ки ҳама чизи заруриро фаҳмад, кӯшад, ки донишҳои гирифтаашро дар ҳаёт бисанҷад ва натиҷаҳои даркориро ба даст оварад.

Албатта, барои рушду нумӯи тафаккур ба миён гузоштани мақсадҳои ҳаётӣ ва раванди ба даст овардани онҳо таъсири амиқ ва мусбат мерасонад. Агар инсон мақсаде надошта бошад, агар ҳаёти ӯ бе мақсад гузарад, ӯ ба чизе талош надошта бошад, ба вай тафаккур лозим намешавад, инкишоф намеёбад ва инсон аз ҳар ҷиҳат коҳиш меёбад, фалаҷ мешавад. Вале агар инсон фикру андешаи худро мунназам ва фаъолона ривоҷ доданӣ шавад, бояд дар назди худ мақсадҳои олӣ ва мураккаб гузорад, оид ба мавзӯъ ва масъалаҳо фаҳмиш ба даст оварад, онҳоро таҳлил кунад, нақшасозӣ намояд, амалҳои бомақсадона анҷом диҳад, монеаҳоро бартараф созад, хатоҳояшро таҳлил ва ислоҳ кунад, кушишҳои нав анҷом диҳад то даме, ки ба мақсади арзишманди илмӣ бирасад. Зеро «шараф ва шарафёбии инсон аз илм аст, илме, ки на сарсарӣ ва рӯякӣ, балки бо заҳмату фаросат омӯхта мешавад ва он пуропури ҷавҳар ва маънист».

Бинобар ин зарур аст, ки ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ мунтазам машғулиятҳои зеҳнӣ созмон дода шаванд, то дар онҳо кӯдакони аз ҷиҳати зеҳнӣ соҳиби имконот ва омодагии гуногун, чи заиф, чи неруманд тавонанд масъалаҳои ғайриоддӣ, ҷустуҷӯӣ ва эҷодиро, ки берун аз маводи таълимӣ мебошад, ҳал кунанд. Ҳалли чунин масъалаҳо асосан натанҳо ба донишҳои дар мактаб гирифта, балки бештар ба фаъолию ковишҳо ва ҷустуҷӯи кӯдакон ва ба зиракии онҳо такя мекунанд. Бинобар ин кӯдак онҳоро ҳалкунон нисбат ба дастовардҳои худ ҳисси қаноатмандӣ ва ба имконот ва нерӯи зеҳнию ақлии худ ҳисси боварӣ пайдо мекунад, ҳатто агар ягон вазифаи таълимӣ ва масъаларо начандон дуруст ҳал карда бошад ҳам.

Тарбияи зеҳнии шахсият ба хонанда ҳуқуқ ва имкон медиҳад, ки доно бошад. Шикастани ин ҳуқуқ ҳам барои хонанда ва дар оянда ҳам барои ҷомеа хеле гарон меафтад. Бинобар ин омӯзгорон нисбат ба ташкил ва интихоби мазмуни таълим ва машғулиятҳои таълимӣ бояд муносибати махсусан масъулона дошта бошанд.

Омӯзгор дар раванди таълим бояд дар дили хонанда боварӣро ба қобилиятҳои худ бедор созад, ба худтаълимии мусбӣ, рушди худшиносӣ ва рафъи мушкилот мусоидат намояд. Бо дарназардошти он, ки истифодаи технологияи инноватсионӣ ба фароҳам овардани шароити оптималии рушди ҳар як шахс нигаронида шудааст, бояд ҳадафҳои зерини таълимӣ ва дидактикӣ амалӣ карда шаванд:

— фароҳам овардани шароити беҳтарин барои рушди ҳавасмандии таълим, эҷодкорӣ ва хусусияти фаъолияти таълимӣ;

— мусоидат ба ташаккули шахсият;

— нигоҳ доштани ҳолати мусоиди эмотсионалӣ барои ҳар як хонанда;

— ҳавасмандгардонии равандҳои худшиносӣ, худомӯзӣ, эҷодкорӣ

худбаҳодиҳии мувофиқ;

ташкили шароит барои худшиносии хонандагон;

— фароҳам овардани шароити рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ.

Табиист, ки муваффақият ва шиддатнокии ташаккули зеҳнии хонандагон аз он вобаста аст, ки чӣ қадар малакаҳои коммуникатсионӣ амалӣ карда мешаванд, омӯзгор то чӣ андоза дар рушди ҳамаҷонибаи хонадагон огоҳона саҳм мегузорад, оё дар раванди ташаккули ин малакаҳо аз ҷониби омӯзгорон лаҳзаи инкишофи мақсаднок вуҷуд дорад? Мавриди қайд аст, ки нишондиҳандаи самаранокӣ ин бадастоварии мувофиқи мақсад тавассути истифодаи босамари қувва ва воситаҳо мебошад. Самаранокии фаъолияти муаллим ин зуҳуроти маҷмӯавии шахсияти ӯ буда, натиҷаи он фаъолӣ ва фаъолияти руҳӣ дар мувофиқат бо талаботи масъалаи ҳалшаванда мебошанд. Ба ибораи дигар, барои самаранок будани фаъолияти педагогии омӯзгор, ки заминаи асосии ташаккули зеҳнии хонандагон мебошад, бояд сохтор ва фаъолияти зеҳнии муаллим ба сохтор ва динамикаи фаъолияти ӯ мувофиқат кунанд.

***Адабиёт***

1. *Гершунский, Б.С. Философия образования / Б.С. Гершунский. - М.: Флиннта, 1998. - 432 с.*
2. *Лихачев, Б.Т. Педагогика / Б.Т. Лихачев. - М.: Юрайт, 2003. - 316 с.*
3. *Лутфуллоев, М. Асосҳои таълими ибтидоӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2007. – 292 с.*
4. *Махкамов, Д. Фаъолияти инноватсионӣ-омили педагогии рушди таҳсилот // Паёми пажуҳишгоҳи рушди мaориф №2 (26) // Д. Махкамов, С.Усмонов. - Душанбе, 2019. - 284 с.*
5. *Мирзоев, Р. Организация самостоятельной деятельности учащихся начальных классов при изучении родного языка как основной фактор речавого развития / Р. Мирзоев. [Текст]: автореф. дис…канд. пед. наук. – М., 1992. – 156 с.*
6. *Нугмонов, М., Усулҳои муосири интерактивӣ дар низоми баландбардории тахассусӣ омӯзгори фанни математика / М.Нугмонов, С.Қурбонов // Ахбори Донишгоҳи педагогӣ, 2013. – №5(54). – 290 с.*
7. *Подласый, И.П. Педагогика / И.П. Подласый. - М.: Владос, 1999. - 208 с.*
8. *Саидов, Н.Т. Асосҳои педагогии банақшагирии усулҳои гуногуни омӯзиш ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ / Н.Т. Саидов. [Текст]: авторе...дисс… канд. пед. наук. – Душанбе, 2019. – 168 с.*
9. *Харламов, И.Ф. Педагогика / И.Ф. Харламов. - М.: Гардарики, 2005.- 234 с.*
10. *Шарифзода Ф. Таълими ҳамгиро, проблема, таҳқиқ ва андешаҳо, қисми 2 [Текст]. / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Маориф, 2000. – 187 с.*
11. *Шарифзода, Ф. Инноватсияи педагогӣ [Текст]. / Ф. Шарифзода, И. Каримов, С. Сулаймонӣ, Ҷ. Булбулов – Душанбе: Ирфон, 2013. – 544 с.*
12. *Щуркова, Н.Е. Педагогика / Н.Е. Щуркова. - М., 2004.- 473 с.*

## БАНАҚШАГИРИИ ТАЪЛИМИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки дар миқёси умумиҷаҳонӣ болоравии илму техника ва истеҳсолоти мошинаи тайёрӣ, нерӯи зеҳнии аъзоёни ҷамъиятро талаб мекунад. Бинобар ин дар ҷомеа ҳамаҷониба ташаккул додани шахсиятро, ки дар айни замон бевосита мақсади асосии раванди таълимӣ қарор ёфтааст, тақозо дорад. Муаллиф баён намудааст, ки дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани нерӯҳои зеҳнии насли наврас аз ҷумла хонандагон мусоидат намояд. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур баён гардидааст, ки пешравии ҷомеа ва тақозои рушди иҷтимоӣ - иқтисодии он ғолибан ба низоми таҳсилот вобаста аст, зеро маърифатмандӣ ва рушди зеҳнии шахсият, саломатии рӯҳӣ, гуногунҷанбагӣ ва инкишофи мутаносиб (ҳаматарафа), фарохназарӣ, ҳамчунон талош ба эҷодкорӣ ва маҳорати ҳалли вазифаҳои ғайричашмдоштро маҳз низоми таҳсилоти муташаккили давлатӣ ҳал карда метавонад.

**Калидвожаҳо:** ҷанба, тадбир, муассир, раванд, таълим, инноватсия, замина, рушд, зеҳн, хонанда, омил, малака, маҳорат, иҷтимоӣ, коммуникатсионӣ, абстракт, инъикос, ҷавҳар, зуҳурот.

## ИННОВАЦИОННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ ПЛАНИРОВАНИЯ КАК ОСНОВА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ УЧЕНИКОВ

В данной статье отмечается, что развитие науки и техники и производство технологий в мировом масштабе требует интеллектуальной силы членов общества. Поэтому необходимо всесторонне развивать личность в социуме, что в настоящее время является основной целью воспитательного процесса. Автор констатировал, что в современных условиях необходимо изменить систему образования и адаптировать ее к потребностям дня. Знаний из различных областей науки недостаточно для приобретения знаний, необходимо применять знания на практике, использовать современные технологии и творчество, что способствует повышению интеллектуального потенциала подрастающего поколения, в том числе учащейся молодежи. В данной статье также указывается, что от системы образования в конечном счете зависит прогресс общества и востребованность его социально-экономического развития, ведь воспитание и интеллектуальное развитие личности, психическое здоровье, всестороннее и сбалансированное развитие (всестороннее), охват идей, а также стремление к творчеству и умение решать неожиданные задачи может решить только организованная государственная система образования.

**Ключевые слова:** Сторона, мера, явление, процесс, образование, инновация, основа, развитие, разум, читатель, фактор, навык, навыки, социальный, коммуникативный, абстрактный, отражение, вещество, проявление.

## INNOVATIVE EDUCATIONAL PLANNING AS THE BASIS OF INTELLECTUAL DEVELOPMENT OF READERS

This article notes that on a global scale, the rise of science technology and the production of machine tools requires the intellectual strength of members of society. Therefore, in society it is necessary to

comprehensively develop the personality, which is currently the main goal of the educational process. The author stated that in modern conditions it is necessary to change the education system and adapt it to the needs of the day. In order to become educated, it is not enough to have knowledge in various fields of science, it is important to apply knowledge in practice, use modern technologies and creativity that help to increase the intellectual strength of the younger generation, including students and youth. Also in this article it is argued that the progress of society and the demands of its socio-economic development largely depend on the education system, because education and intellectual development of the individual, mental health, versatile and harmonious development (everything is round), breadth of views, as well as the desire for creativity and the ability to solve unexpected problems can be solved precisely by an organized state education system.

**Keywords:** Side, measure, effective, process, education, innovation, background, development, intellect, reader, factor, skill, social, communicative, abstract, reflection, substance, manifestation.

***Дар бораи муаллиф***
*Саидов Низомиддин Тоҷиддинович*
*Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти*
*кафедраи психологияи умумидонишгоҳии*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121*
*Тел: (+992) 909881055;*

***Об авторах***
*Саидов Низомиддин Тоджиддинович*
*Кандидат педагогических наук,*
*и.о. доцент кафедры общы психология*
*Таджикский государственный педагогический*
*Унверистет имени Садриддин Айни,*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 909881055*

***About the authors***
*Saidov Nizomiddin Tojiddinovich*
*Candidate Pedagogical Sciences,*
*Associate professor of the Department of*
*General Psychology*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini,*
*734003 city Dushanbe*
*Avenue Rudaki 121,*
*Phone: (+992) 909881055*

ТДУ 376.5

# ТАСНИФОТИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ МАФҲУМИ "ДУШВОРТАРБИЯ" ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ОН ДАР НАВРАСОН

***Солеҳзода М.С., Сайдалиев У.Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Тағиротҳои ҷомеаи имрӯза ба як қатор масъалаҳое вобастагӣ дошта, яке аз онҳо афзоиши шумораи бачагону наврасони дар рафтори тамоюлдошта ба шумор меравад, ки дар ин замина корҳои пешгирӣ ва ислоҳи шаклҳои гуногуни нуқсонҳо дар рафтори кӯдакону наврасон аҳамият касб мекунад.

Давраи наврасӣ синни 11-15-солагиро фаро гирифта, гузариши сензитивии айёми кӯдакиро ба синни наврасӣ ва ҷавонӣ дар бар мегирад, наврасӣ давраест, ки барои ҳар як инсон муҳим буда, бо як қатор тағйирот ва мушкилот тавсиф дода мешавад.

Солимии равонии насли наврас ба доираи масъалаҳое дохил мешавад, ки солҳои охир диққати мутахассисон ва аҳли ҷомеаро бештар ба худ ҷалб намудааст, зероояндаи давлату миллат аз насли наврас вобастагии амиқу калон дорад.

Барои насли навраси солим, наврас бояд бӯҳрони наврасиро мӯътадил паси сар намояд. Давраи наврасӣ яке аз марҳилаҳои муҳимтарине ба шумор меравад, ки дар он инкишофи биологӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ ба амал меояд. Ин тағйиротҳои куллӣ дар шакли «инкишофи ҷинсӣ», «бӯҳрони синнусолӣ», «ҳисси калонсолӣ», «худшиносӣ», «худмуайянкунӣ», «худтарбиякунӣ» ва ғайра зоҳир гардида, бевосита таъсири худро ба ҳаёти минбаъдаи шахс мерасонад.

Дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои биологию физиологӣ ва психологии наврасон омузгорон, падару модарон ва дигар шахсони калонсол вазифадоранд, ки ба наврасон ҳамеша дар созиш бошанд ва муносибати байниҳамиро хуб ба роҳ монанд [4, с. 185].

Дар ин зинаи синнусолӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ – психологии наврасон фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ, маҳфилҳои адабӣ, чорабиниҳои варзишӣ ва маҳфилҳои маданӣ-фарҳангӣ аҳамияти калон доранд. Наврасон тарзи муошират ва муносибати навро меомӯзанд, бо атрофиён аз нигоҳи танқидӣ муошират намуда, кӯшиши рафтору кирдори худро дар асоси қоидаву меъёрҳои ахлоқӣ – ҷамъиятӣ ба низом даровarданро мекунанд.

Давраи наврасӣ дар як қатор адабиёти илмӣ ҳамчун давраи гузариш ва ҳамзамон душвор арзёбӣ гардидааст. Чунки гузаштан аз айёми кӯдакӣ (бачагӣ) ба ҷавонӣ маҳз дар ҳамин давраи хеле кӯтоҳ рост меояд, аз ин рӯ он бо душвориҳои зиёд ҳам барои наврас ва ҳам барои калонсолон мегузарад. Худ қазоват намоед, дар як давраи нисбатан басо кӯтоҳ аз сар гузаронидани тамоми тағйиротҳои куллию ҷаҳишмонанде, ки дар организми наврас ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла дар кори системаҳои дилу раг, нафаскашӣ, такяву ҳаракат, системаи асаб, кори нимкураҳои майнаи сар, фаъолияти мушакҳои бадан, ғадудҳои ҷинсӣ, мубодилаи моддаҳо, ҳамчунин ба кори худ шурӯъ намудани ҳормонҳои ҷинсӣ ва ғайра албатта, душвориҳои зиёд ба бор меоранд. Дар баробари тағйиротҳои физиологӣ дар заминаи онҳо як қатор дигаргуниҳои психологӣ низ мушоҳида мегарданд. Аз ҷумла, дар ҳамаи ҳодисаҳои психикӣ чӣ дар протсессҳои психикиву (маърифатӣ) протсессҳои эмотсионалӣ-иродавӣ ва чӣ дар хусусиятҳои психикиву ҳолатҳои шахс. Дар ин радиф, солҳои охир нуқсонҳо дар рафтори ноболиғон боз ҳам мураккабтар гардида, омилҳои нави системасоз пайдо шуданд, ки ҳам ба хусусияти тамоюлҳо ва моҳияти онҳо ва ҳам ба мазмуни он таъсир расонданд.

Аз нигоҳи илмҳои педагогикаву психология ва дигар соҳаҳои марбут ,давраи наврасӣ табиатан давраи душвор ва пурҷӯшу хурӯш маҳсуб меёбад, чунки наврасон маҳз дар ин давра бо тағйиротҳои равонию ҷисмонӣ рӯ ба рӯ мегарданд, ки ин дар навбати худ ба худбаҳодиҳии онҳо таъсиррасон хоҳад гашт. Ҳодисаи мазкур, ки як давраи нисбатан кӯтоҳро дар бар мегирад, метавонад боиси тағйир ёфтани муносибати наврас бо атрофиён гардад. Тағйироти куллии биологие, ки дар организми наврасон ба вуҷуд меоянд, заминаи дар онҳо шакл гирифтани

хусусиятҳои нави психологӣ мегарданд ва маҳз ин дигаргуниҳо ба душвортарбия шудани наврасон сабаб мешаванд.

Хусусан бо сабаби ташкили нодурусти тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла реҷаи рӯз, наврас метавонад ба осонӣ майл ба каҷрафторӣ кунад ва аз ин сабаб «душвортарбия» гардад. Одатан асоси рафтори наврасони «душвортарбия»-ро гапнодарой, беодобӣ, каҷрафторӣ, бераҳмӣ ва беилтифотию дағалӣ дар вақти муносибат ва муошират бо атрофиён, бахусус ҳамсолон ташкил медиҳад. Ин гурӯҳи наврасон кӯшиш мекунанд муҳити низоъбарангез, носолим ва ҷанҷолиро ба миён оварда, ба содир намудани амалҳои номалуб бештар майл зоҳир кунанд. Дар баробари ин, онҳо таъсиррасониҳои тарбиявиро қабул кардан намехоҳанд ва бештар дар ин ҳолат зиддияту муқобилият нишон медиҳанд.

Ҳамагуна тамоюл аз меъёри иҷтимоӣ дар рафтори кӯдак, хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии ӯ барои одамон ҳангоми муошират бо ӯ мушкилиҳоро ба вуҷуд оварда метавонанд. Ҳисси субъективии мушкилиро аксар вақт ба хусусиятҳои шахсиятии кӯдак нисбат медиҳанд, яъне ӯро ҳамчун объекти душвор, ноқулай ва монанди ин қабул мекунанд. Вобаста ба ин педагоги шинохтаи рус А.С. Макаренко ақида дошт, ки навраси “*душвор*” барои калонсолон тарбиягирандаи ноқулай асту бас. [9, с. 123].

Дар илми педагогика ва психология оид ба мафҳуми “душвортарбия” истилоҳоти якхелаи ягона вуҷуд надорад ва чунин далел, ки мутахассисони мухталиф миқдори зиёди таърифҳоро барои ифодаи рафтори тамоюлдошта истифода мебаранд, гувоҳи ин гуфтаҳост.

Дар ин замина, истилоҳи *“тамоюлдошта” (рафтор)*-ро бисёр вақт бо истилоҳи “*девиантӣ*” (аз лотинии deviation- тамоюл) иваз мекунанд. *Рафтори девиантии* инсон системаи кирдорҳо ё кирдори алоҳида, амалҳои инсонро, ки хусусияти тамоюл аз қоидаҳои дар ҷомеа қабулшуда доранд, мефаҳмонад. Муҳаққиқон рафтори девиантиро ҳамчун рафтори манфии инсон мефаҳманд, ки он ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии дар ҷомеа қабулшуда зиддият дорад [4, с. 198].

Намояндагони илмҳои гуногун (тиб, психология, педагогика) ба мафҳуми рафтори аз меъёр тамоюлдошта (девиантӣ) таърифҳои гуногун медиҳанд.

Дар *адабиёти педагогӣ* рафтори девиантӣ гуфта, тамоюл аз меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ-ахлоқии дар ҳамин ҷомеа, муҳити иҷтимоӣ, доира ва коллективи наздиктарин қабулшуда, вайроншавии ҷараёни азхудкунии меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангӣ, инчунин худинкишофёбӣ ва худтатбиқкунӣ дар ҳамон ҷомеае, ки инсон ба он тааллуқ дорад, фаҳмида мешавад.

Дар *адабиёти тиббӣ* рафтори девиантӣ гуфта, тамоюл аз меъёрҳои муносибатҳои байнишахсиятии дар ҳамин ҷомеа қабулшуда фаҳмида мешавад: амалҳо, кирдорҳо, мулоҳизаҳое, ки ҳам дар доираи саломатии психологӣ, саломатии психикӣ, ҳам дар шаклҳои гуногуни патологияи асабӣ-психикӣ, хусусан сатҳи сарҳадӣ содир карда мешаванд.

Дар *адабиёти психологӣ* рафторе, ки аз меъёрҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва ахлоқӣ тамоюл дорад ё намунаи ғалати зиддиҷамъиятии ҳалли ихтилоф, ки дар вайроншавии меъёрҳои дар ҷомеа қабулшуда зоҳир мешавад ё зараре, ки ба некуаҳволии ҷомеа, атрофиён ва худ расонда шудааст, девиантӣ номида мешавад. Ба сифати нишонаҳои иловагӣ мушкилиҳои ислоҳи рафтор, зарурати махсус ба муносибати инфиродӣ аз тарафи мураббиён ва таваҷҷуҳи ҳамсолонро ҷудо мекунанд [17, с. 222].

Новобаста аз фарқиятҳо муҳаққиқон вайроншавии меъёрҳои дар ҷомеа қабулшударо меъёри асосӣ мешуморанд. Аксар вақт дар адабиёти психологӣ-педагогӣ барои тавсифи кӯдаконе, ки рафтор ва амалу кирдори онҳо ба меъёрҳо ва қоидаҳои мақбули умум мутобиқ нестанд, мафҳуми *“беназоратии педагогӣ”* истифода бурда мешавад. [11, с. 128].

Ҳангоми мавҷуд набудани кори мукаммал ва саривақтии ислоҳӣ-педагогӣ дар наврас ҳолати беназоратии педагогӣ ба вуҷуд омада, доираи зоҳиршавии душвортарбиягии ӯ васеъ мегардад. Беназоратии педагогӣ одатан таҳрифи тасаввуроти ахлоқӣ, бетарбиягии ҳиссиёти ахлоқӣ, малакаҳо ва одатҳои рафтори ҷамъиятӣ вобаста ба норасоиҳо дар тарбия, шароитҳои ҳаёт ва инкишофи кӯдак фаҳмида мешавад.

Нишонаҳо ва сифатҳои беназоратии педагогии наврас ба аксуламалҳои номуносиби ӯ ба таъсирҳои педагогӣ ба сабаби инкишофи нокифояи шуур,ирода ва ҳиссиёт вобастаанд. Ба ин категорияи наврасон ақибмонии музмин дар як қатор фанҳои таълимӣ, муқовимати шадид ба

таъсирҳои педагогӣ, муносибати манфӣ ба таълим, ҷанҷолҳо бо ҳамсинфон ва калонсолон, азхудкунии одатҳои бад хосанд.

Беназоратии педагогӣ на танҳо оқибат, балки сарчашмаи душвортарбиягӣ шуда метавонад, ки онро тақвият дода, наврасро ба беназоратии иҷтимоӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо оварда мерасонад.

Ба андешаи И.П. Башкатов (1993), *наврасони аз ҷиҳати иҷтимоӣ беназорат гузошташуда* — ноболиғони душвортарбия ва аз ҷиҳати педагогӣ беназорат гузошташуда, ки дар онҳо самти касбӣ ва маҳорату малакаҳои касбӣ вуҷуд надоранд, доираи ҳавасҳои иҷтимоии онҳо якбора танг шудааст. Ба онҳо дуршавии амиқ аз оила ва мактаб хос буда, ташаккул ва инкишофи иҷтимоии онҳо дар зери таъсири гурӯҳҳои зиддиҷамъиятӣ сурат мегирад, ба онҳо тамоюлҳои ҷиддии иҷтимоӣ (оворагардӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, рафтори бадахлоқона ва ғ.) хос аст. [2, с. 23]

Ба сабаби хусусиятҳои синнусолии наврасон қайд кардан лозим аст, ки аз нуқтаи назари худи наврас рафтори аз тарафи калонсолон баррасишаванда муқаррарӣ қабул карда мешавад, чунки ба вазъияти бозӣ, ки майлу рағбати ӯро ба вазъиятҳои ғайриоддӣ, моҷароҳо, фатҳи эътироф, озмоиши сарҳадҳои ҷоиз инъикос мекунад, мутобиқ аст.

Фаъолнокии ҷустуҷӯӣ ба васеъшавии сарҳадҳои таҷрибаи инфиродӣ сабаб мешавад. Дар давраи ба балоғат расидан дар байни рафтори муқаррарӣ ва патологӣ сарҳад гузоштан душвор аст. Аз ин рӯ, дар педагогика наврасеро девиант мешуморанд, ки на фақат як маротиба ва тасодуфан аз меъёри рафторӣ тамоюл пайдо кардааст, балки ҳамеша қасдан вайрон кардани меъёрҳои иҷтимоиро нишон медиҳад.

Ноболиғонеро, ки рафтори онҳо бо тамоюлҳо дар инкишофи ахлоқии шахсият, номутобиқиҳои хислат, нуқсонҳо дар доираи ҳаяҷону ирода фарқ мекунад, педагог ва психологон *“кӯдакони душвор”*, *“навраси душвор”* меноманд. *“Кӯдакони ғайримаъмулӣ”-ро,* ки аз меъёрҳои хос ё муқаррарӣ тамоюл доранд, вале ин меъёрҳо ҳолати патологиро дар бар намегиранд *“кӯдакони мутобиқнашуда” “кӯдакони гурӯҳи хавф”, кӯдакони аз ҷиҳати педагогӣ беназорат гузошташуда низ* меноманд [2, с. 35].

Ҳамин тавр, рафтори тамоюлдоштаи наврасон, аз як тараф, ҳамчун падида, ишора, нишонаи пайдоиш ва инкишофи (тамоюли) хусусиятҳои дахлдори шахсият баррасӣ гардида, аз тарафи дигар, ба сифати гузаронандаи таъсири тарбиявӣ ба инкишофи шахсият, воситаҳои ташаккули он ё таъсири мақсаднок ба ташаккули он (яъне воситаи тарбиявӣ) зоҳир шуда метавонад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ошкор кардани чунин намуди таъсирҳои манфӣ душвор аст, зеро пеш аз ҳама, онҳо ба таври маҳдуд зоҳир намешаванд, балки одатан ҳамкории омилҳои комилан гуногун, бахусус таълим ва тарбияро дар бар мегиранд [7, с. 200].

Дар ин замина, шароитҳои муосир шахсияти мутаносиб ва ҳаматарафа инкишофёфтаро талаб мекунанд, яъне аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол, эҷодкор, ки сарвати маънавӣ, покизагии ахлоқӣ ва камолоти ҷисмониро дар бар мегирад. Шаклҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, коммуникативӣ, экологӣ, ҷисмонӣ, психикӣ ва дигар шаклҳои фарҳанги ӯ ташаккул ёфтаанд. Ин шахсият дар соҳаҳои тағирдиҳӣ, маърифатӣ, бадеӣ ва дигар соҳаҳои фаъолият иштирок мекунад. Зимнан дар ҳар кадоме аз ин соҳаҳо ӯ машғулиятҳои мушаххасеро интихоб менамояд, ки ба қобилиятҳои инфиродӣ ва талаботҳои ҳамин шахс бештар мутобиқ буда, инкишофи то қадри имкон пурраи шахсияти ӯро таъмин мекунанд. Вобаста ба ин, мақсади асосии тарбия дар вазъияти муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ фароҳам овардани шароитҳо барои ошкор намудани имкониятҳои кӯдак ҳамчун шахсият аст.

Масалан, агар кӯдак дар муносибат бо калонсолон мавқеи кӯдакиро ишғол накунад ва бо калонсол дар меҳнати коллективӣ ширкат варзида, супоришҳои муайянро бо ҳисси масъулият иҷро кунад, бечунучаро дар ӯ ҳисси калонсолӣ пайдо мешавад. Ҳисси калонсолӣ ба он оварда мерасонад, ки наврас новобастагии худро ба калонсолон нишон доданӣ шуда, ба тарзи суханрон, имою ишораҳо ва ба хулқу атвори онҳо пайравӣ карда бештар хоҳиши мустақилият ба даст овардан пайдо мекунад. Лекин дар ҳолати аз тарафи калонсолон ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои психологии наврасон ба он сабаб мешавад, ки онҳо супоришҳои додаи калонсолонро дар вақташ иҷро намекунанд ва ё аз он саркашӣ мекунанд, обрӯ ва мавқеи калонсолонро ба эътибор намегиранд ва ба рафтори муаллимон, падару модарон ва шахсони калонсол ҳамеша аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо медиҳанд [2, с. 79].

Тамоюли босуръати афзоиши беисти падидаҳои гуногуни рафтори девиантӣ, воқеият ва ногузирии онҳо ҷустуҷӯи шаклҳо, усулҳо ва технологияҳои кор бо наврасони номутобиқ, ҷалби кӯшишҳое, ки ба офияти кӯдак равона шудаанд, бартараф кардани шароитҳоеро, ки бевосита ё бавосита ба кирдору амалҳои ноболиғон таъсири манфӣ мерасонанд, дар назди ҷомеа ба сифати вазифаҳои асосӣ мегузорад.

Яке аз самтҳои ҳалли масъалаи ёрӣ ба навраси душворӣ дар тарбия дошта ва ташкили системаи кори самараноки тарбиявӣ-пешгирикунанда ва офиятӣ бо онҳо ҳамкории институтҳои гуногуни иҷтимоӣ аст: мақомотҳои маориф ва тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фаъолияти ин муассисаҳо дар сатҳи давлатӣ бо барномаҳои гуногун муттаҳид карда мешавад [9, с. 232].

Ҳамин тавр, синни наврасӣ дар инкишоф ва ташаккули шахсияти инсон аҳамияти хос дорад. Дар ин давра ҳаҷми фаъолияти наврас васеъ гардида, хислати ӯ сифатан тағир меёбад, дар сохтори шахсият тағиротҳои ҳисшаванда рӯй медиҳанд, ки ба бозсозии сохторҳои пештар ташаккулёфта ва пайдоиши сохторҳои нав вобастаанд, асосҳои рафтори бошуурона гузошта шуда, самти умумӣ дар ташаккули тасаввурот ва ҳадафҳои ахлоқӣ падидор мешавад. Ва ин дар заминаи зиддиятҳои инкишофи физиологӣ ва психологии наврас, дар заминаи ташаккули маънавии ӯ сурат мегирад.

Пешгирӣ ва бартараф кардани тамоюлҳо дар рафтори наврасон бо омӯзиши ҷиддӣ ва баҳисобгирии ин ва дигар сабабу омилҳо, хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолии наврасон имконпазир аст.


***Адабиёт***

1. *Баженов, В.Г. Психологические механизмы коррекции девиантного поведения школьников / В.Г. Баженов, В. П. Баженова. - Ростов н/Д: Феникс, 2006. - 224 с.*
2. *Башкатов, И. П. Психология групп несовершеннолетних правонарушителей: социально-психологические особенности / И. П. Башкатов. - М. Прометей, 1993. - 38с.*
3. *Давлатов, М. Психология. / М. Давлатов. – Душанбе: Собириён, 2010. - 304 с.*
4. *Дастури психологияи амалӣ./Зери таҳрири: Юнусова Н.М.-Душанбе: Сино, 2004.*
5. *Ковалев, В.В. Социально-психологические аспекты проблемы девиантного поведения у детей и подростков / В. В. Ковалев. - М.: Просвещение, 1981. -207 с.*
6. *Кондратев, М.Ю. Азбука социального психолога-практика / М.Ю. Кондратев, В.А. Илин. - М., 2007. - 464 с.*
7. *Макаренко, А.С. Педагогические сочинения в 8 т. / А.С. Макаренко. - М., 1984.Т.5. - 352 с.*
8. *Мардахаев, Л. В. Социальная педагогика / Л.В. Мардахаев. - М.: Грдарики, 2003. - 269 с.*
9. *Миралиев, А.М., Давлатов М.Т. Педагогика ва психология / А.М. Миралиев, М.Т. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 344 с.*
10. *Мустафоқулов, Т. Асосҳои психологияи синну солӣ ва педагогӣ / Т. Мустафоқулов, М. Нарзуллоева. – Кӯлоб, 1993. - 360 с.*
11. *Павлов, И. В. Преодоление педагогической запущенности у подростков / И.В. Павлов. - Чебоксары, 1991. - 156 с.*
12. *Психология. Дастури таълимӣ барои хонандагони омӯзишгоҳҳои педагогӣ Дар зери таҳрири проф. В. А. Крутетский. Тарҷума аз нашри дуюми русӣ. Тарҷумаи Р. Атохонов. – Душанбе, «Маориф», 1977.*
13. *Саидов М. Психология / М. Саидов, Н.Қурбонов, Ш.Ҷураев. - Душанбе, 2018.*
14. *Абдурашитов, Н. Психологияи омӯзгорӣ / Н. Абдурашитов, Ш. Маҳмудов. - Душанбе: Ирфон, 2011.*
15. *Рахимзода, Х. Семья и общество / Х. Рахимзода. - Душанбе, 1999. - 232 с.*
16. *Рахмон, Э. Танзими оила-кафолати рушди устувори чомеа. / Э. Рахмон Душанбе, 2002.*
17. *Рожкова, М. И. Воспитание трудного ребёнка: дети с девиантным поведением / М. И. Рожкова. - М.: ВЛАДОС, 2001. - 240 с.*
18. *Файзализода, Ҷ. Психологияи идоракунӣ. / Ҷ. Файзализода. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 292 с.*


## ТАСНИФОТИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ МАФҲУМИ “ДУШВОРТАРБИЯ” ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ОН ДАР НАВРАСОН

Тағиротҳои ҷомеаи имрӯза ба як қатор масъалаҳое вобастагӣ дошта, яке аз онҳо афзоиши шумораи бачагону наврасони дар рафтори тамоюлдошта ба шумор меравад, ки дар ин замина корҳои пешгирӣ ва ислоҳи шаклҳои гуногуни нуқсонҳо дар рафтори кӯдакону наврасон аҳамият касб мекунад. Дар ин замина, асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои биологию физиологӣ ва психологии наврасон омӯзгорон, падару модарон ва дигар шахсони калонсол вазифадоранд, ки ба наврасон ҳамеша дар созиш бошанд ва муносибати байниҳамиро хуб ба роҳ монанд. Дар ин зинаи синнусолӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ – психологии наврасон фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ, маҳфилҳои адабӣ, чорабиниҳои варзишӣ ва маҳфилҳои маданӣ-фарҳангӣ аҳамияти калон доранд. Наврасон тарзи муошират ва муносибати навро меомӯзанд,

бо атрофиён аз нигоҳи танқидӣ муошират намуда, кӯшиши рафтору кирдори худро дар асоси қоидаву меъёрҳои ахлоқӣ – ҷамъиятӣ ба низом даровaрданро мекунанд. Истилоҳи *“тамоюлдошта” (рафтор)*-ро бисёр вақт бо истилоҳи “*девиантӣ*” (аз лотинии deviation-тамоюл) иваз мекунанд. *Рафтори девиантии* инсон системаи кирдорҳо ё кирдори алоҳида, амалҳои инсонро, ки хусусияти тамоюл аз қоидаҳои дар ҷомеа қабулшуда доранд, мефаҳмонад. Муҳаққиқон рафтори девиантиро ҳамчун рафтори манфии инсон мефаҳманд, ки он ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии дар ҷомеа қабулшуда зиддият дорад. Қайд кардан лозим аст, ки *“кӯдаки душвор”* ҳаргиз чунин маъно надорад, ки ӯ “бад”, “расво”, “нобакор” ё “нодаркор” аст, балки ӯ наврасест, ки муносибати махсус, таваҷҷуҳи дақиқи омӯзгор ва коллективро талаб мекунаду бароящ таълиму тарбияи инфиродӣ лозим аст.
**Калидвожаҳо:** навраси душвортарбия, таълим ва тарбияи махсус, иҷтимоишавӣ, шахсият, беназоратии педагогӣ, рафтори девиантӣ.

## ПЕДАГОГО-ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ ОПИСАНИЕ ТЕРМИНА «ТРУДНОВОСПИТУЕМЫЙ» И ЕГО ПРОЯВЛЕНИЕ У ПОДРОСТКОВ

Происходящие сегодняшние изменения в современном обществе, обусловили ряд проблем, одной из которых является тенденция к росту числа трудновоспитуемых подростков, которое активизирует профилактических работ различных форм нарушения поведения этой группы. В этой связи, изучение причин возникновения нарушений в поведение детей и подростков разными средствами, особенно физической культуры и спорта, является основой психолого-педагогических и социальных исследований. Разные нарушения социальной нормы в поведении несовершеннолетнего, в том числе возрастные и индивидуальные особенности могут предоставить затруднения в общении окружающих с ним. Обычно субъективное переживание трудности часто перекладывают на личностные особенности подростка и воспринимают его как неисправимый, трудный и неудобный. Рассматривая поведение как феномен, свидетельствующий о том или ином состоянии личности, тенденции ее развития, важно помнить, что одни и те же внешне сходные особенности поведения могут свидетельствовать о разных процессах, происходящих в психике индивида, и наоборот. Стоит отметить, что «*трудный подросток*» не означает, что он «трудновоспитуемый», «испорченный», «неисправимый», «негодный», «нехороший» или «безнадежный», трудный подросток — это личность, который требует особого отношения, пристального внимания педагога и коллектива и ему необходим индивидуальный подход в обучении и воспитании.
**Ключевые слова:** трудновоспитуемый подросток, особенное обучение и воспитание, социализация, педагогическая запущенность, личность, девиантное поведение.

## PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL DESCRIPTION OF THE TERM “DIFFICULT EDUCATION” AND ITS MANIFESTATION IN ADOLESCENTS

The ongoing changes in modern society have led to a number of problems, one of which is the tendency to increase the number of difficult-to-educate adolescents, which intensifies preventive work on various forms of behavioral disorders in this group. In this regard, the study of the causes of behavioral disorders in children and adolescents through various means, especially physical education and sports, is the basis of psychological, pedagogical and social research. Various violations of social norms in the behavior of a minor, including age and individual characteristics, can make it difficult for others to communicate with him. Typically, the subjective experience of difficulty is often transferred to the personal characteristics of the teenager and is perceived as incorrigible, difficult and inconvenient. When considering behavior as a phenomenon that indicates a particular state of the individual, the tendency of its development, it is important to remember that the same outwardly similar behavioral features can indicate different processes occurring in the individual’s psyche, and vice versa. It is worth noting that “difficult teenager” does not mean that he is “difficult to educate”, “spoiled”, “incorrigible”, “unfit”, “bad” or “hopeless”; a difficult teenager is a person who requires special treatment and close attention from the teacher and the team and he needs an individual approach to training and education.
K**eywords:** difficult-to-educate teenager, special education and upbringing, socialization, pedagogical neglect, personality, deviant behavior.

***Дар бораи муаллифон***
*Солеҳзода Мадина Солеҳ*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
*кафедраи психологияи умумӣ*
*Донишгоҳи давлатии*
*омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*7340032 Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121*
*Тел: (+992) 501071099*

*Сайдалиев Умедҷон Рамазонович*
*унвонҷуи кафедраи педагогикаи*
*умумидонишгоҳии*
*Донишгоҳи давлатии*
*омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*7340032 Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121*
*Тел: (+992) 934201070*

***Об авторах***
*Солехзода Мадина Солех*
*Кандидат педагогических*
*наук, доцент*
*кафедры общей и*
*педагогической психологии*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени Садриддин Айни*
*734003 Республика Таджикистан*
*г. Душанбе проспект Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 501071099*

*Сайдалиев Умеджон Рамазонович*
*Соискатель общеуниверститетской*
*кафедры педагогики*
*Таджикский государственный*
*педагогический университета*
*имени Садриддин Айни*
*734003 Республика Таджикистан*
*г. Душанбе проспект Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 934 20 10 70*

***About the authors***
*Solehzoda Madina Soleh*
*Candidate of Pedagogical*
*Sciences, Associate Professor*
*of the Department of General and*
*Educational Psychology,*
*Faculty of Psychology,*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini*
*734003 Republic of Tajikistan,*
*Dushanbe, Rudaki Avenue 121,*
*Phone: (+992) 501071099*

*Saidaliev Umedjon Ramazonovich*
*Applicant of a university-wide of the*
*Department of Pedagogy, of the*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini*
*734003 Republic of Tajikistan,*
*Dushanbe, Rudaki Avenue 121,*
*Phone: (+992) 934201070*

ТДУ 378:004

# ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ОМИЛИ БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

***Қувватов И.М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар замони муосир зери мазмуни иттилоотикунонии таҳсилот дар шароитҳои мактаби олӣ дар марҳилаи кунунӣ ҳамчун таъмини омодагии донишҷӯён ба истифодаи васеъ ва самараноки воситаҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ ва баъдан дар фаъолияти касбӣ фаҳмида мешавад.

Дар давраи рушд ва инкишофи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи истифодаи ТИК ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва умуман навсозии раванди таълиму таҳсил шадид аст. Ниёзи мазкур бо рушди суръатноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва истифодаи онҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёт муайян карда мешавад.

Дар замони мо инсон бе телефони ҳамроҳ, интернет ва компютер буда наметавонад. Аксарияти шаҳрвандон аз воситаҳои анъанавии дастрасӣ ба иттилоот (рӯзнома, телевизион, радио ва ҳоказо) парҳез менамоянд. Дар воқеъ, ҳар шаҳрванд дар кораш бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вомехӯрад ва вазифадор аст, ки онҳоро дар фаъолияти худ бо муваффақият истифода барад.

Воқеиятҳои мазкури объективӣ барои устувор ва мураккаб гардондани қисми муайяни БТ (барномаи таҳсилотӣ)-и барои насли ҷавон тарҳрезишуда, ки бо созгории кӯдакон ба фаъолияти ҳаётӣ дар ФИ (фазои иттилоотӣ)-и босуръат такомулёбанда вобастагӣ дорад, ҳамчун асос хидмат расондаанд. Дар ҳама сатҳҳои низоми таҳсилотӣ муҳити иттилоотӣ ворид мегардад. Махсусан, дигаргуниҳо оид ба иттилотикунонӣ ва компютерикунонии муҳити таҳсилотӣ, ки худро дар сатҳи ТИУ (таҳсилоти ибтидоии умумӣ) нишон доданд, ошкор ва чашмрасанд.

Ба ТИУ воридсозии стандарти давлатии таҳсилот зарур аст, то ки ҳамчун оғози раванди эҳёи қатъии низоми таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ хидмат намояд. Талаботи стандарт ба фармоиши давлатӣ ва талаботи ҷомеа асос ёфтаанд, ба таври зерин: ташаккул ва рушди хислатҳои шахсӣ мутобиқ бо ФИ, иқтисоди инноватсионӣ, мушкилоти ташаккул ва рушди ҷомеаи демократии шаҳрвандӣ, ки таҳаммулпазирӣ, гуфтугӯи тамаддунҳо ва эҳтироми ҷомеаи сермиллат ва мутааллиқи фарҳангҳои гуногунро ба назар мегирад. Аён мегардад, ки таълими шаҳрвандеро, ки дорои қобилиятҳои ибтидоии мутобиқшавӣ ба тағйирёбӣ ва мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дорад ва худро бароҳат эҳсос менамояд, вазифаи асосии низоми ТИУ мешуморанд.

Вобаста ба ин тавре дар Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 декабри соли 2004, № 468), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олӣ, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғ. қайд шудааст, технологияҳои иттилоотии таълим маҷмуи донишҳоро дар бораи тарзу усулҳои коркарди мавод пешбинӣ намуда, пайиҳамии муайяни амалиётҳо ва татбиқи шароитҳои зарурирo ба назар мегиранд. Вазифаи асосии ин технологияҳо дар амал татбиқ кардани назария ва бо принсипҳои илмӣ таъмин намудани ҷараёни тарҳрезии методикаи нав ё такмилёфтаи таълим аст [7].

Муҳаққиқи тоҷик Мирзоев Ш. технологияҳои муосири таълим усулҳои дурусту самараноки ноил шудан ба ҳадафҳои дидактикии гузоштшудаpo муайян намуда, қайд кард,

ки нишонаҳои асосии имкониятҳои зерин инъикос мекунанд: стандартикунонӣ ва ҳамшаклии муҳити таълимӣ дар низоми таҳсилоти оммавӣ, баланд бардоштани ҷараёни эҷодӣ ба сатҳи баланди ташкилӣ; танзими низоми таҳсилот дар асоси тартиботи дараҷаҳои ташкилӣ ва технологияҳои махсусе, ки ба ин дараҷаҳо мутобиқанд. Технологияҳои таълим хосияти афзоянда доранд, хусусан агар онҳо дар истифодаи воситаҳои таълим дар заминаи технологияҳои нави иттилоотӣ асос ёфта бошанд [4, с. 43-47].

Дар ин замина, технологияҳои компютерии таълим ба сифати самти илмие баррасӣ карда мешаванд, ки ба омӯзиши масъалаҳои амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилот машғуланд ва бояд баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати омодагии кадрҳоро пеш аз ҳама аз ҳисоби истифодаи воситаҳои компютерии таълим, ки фаъолияти мустақилонаи маърифатии донишомӯзон, идораи таълим, тамрин ва муколамаи омӯзиширо зимни ҳалли вазифаҳои амалии таълим тақвият мебахшанд, таъмин намоянд.

Таҳқиқотҳои дигари олимони ватанӣ Ф.С.Комилов ва З.Ф.Раҳмонов «Технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», А.Р.Мирзоев «Асосҳои дидактикии омодагии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ», Х.Ҷӯраев «Воситаҳои татбиқи усулҳои дидактикӣ дар таълими компютерӣ дар мактабҳои Тоҷикистон» ва дигарон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда мавқеи махсус доранд.

Назари олимони хориҷӣ ва рус низ исбот менамояд, ки ба шарофати муттаҳид намудани вазифаҳои аз ҳам ҷудошуда барномаҳои компютерии мултимедӣ ба донишҷӯ имкон медиҳанд, ки бо маводи таълимӣ дар сатҳи рамзӣ ҳамкории бевосита дошта бошад (Ҷ. Бенг), хосияти усули фаъол доштани мултимедиа аз нуқтаи назари методика аҳамияти зиёд дорад (В. А. Касторнова), усули фаъол- таъмини имконияти ҳамкории барномаи компютерӣ ва инсон (Ҷ. Ф. Ҷенсен) [3, с. 86].

Технологияҳои компютерӣ мазмун ва мундариҷаест, ки ҳамзамон бо шаклҳои гуногун интиқол дода мешавад: графика, аниматсияҳои компютерӣ, намоиши видеоӣ ва ғ. Масалан, як объект метавонад маълумотҳои матнӣ, аудиоӣ, графикӣ, видеоӣ ва инчунин роҳу усулҳоеро, ки бо он алоқаманд аст, дар бар гирад. Воситаҳои компютерӣ барои истифода бурдани воситаҳои ахбори омма низ истифода мешавад, ки имконияти нигоҳ доштани миқдори зиёди маълумотро фароҳам меорад ва дастрасии онҳоро ба таври одилона таъмин мекунад (аввалин воситаи чунин намуд дискҳо буданд). Дар ин ҳолат компютер метавонад васоити ахбори оммаро истифода барад ва маълумотро ба истифодабаранда тавассути ҳамаи намудҳои имконпазир, ба монанди аудио, видео, аниматсия, тасвирҳо ва ғ. дастрас намояд.

Дар ҷараёни дуруст тарҳрезишудаи таълим усули фаъоли системаи автоматикунонидаи таълим ба ташаккули системаи усулҳои махсусу мантиқии фаъолияти фикрӣ бевосита таъсир мерасонад. Дар фаъолияти таълимӣ вазифаи таълимӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гуногун саҳм гузошта, ҳалли якчанд вазифаҳоро талаб мекунад, аз ҷумла: бояд на як вазифаи алоҳида, балки системаи вазифаҳо тартиб дода шаванд; вазифаҳои таълимӣ бояд пурра аз худ кардани системаи воситаҳоеро, ки барои татбиқи бомуваффақияти ҳамаи намудҳои фаъолияти таълимӣ зарур ва кофиянд, таъмин намоянд; вазифаҳои таълимӣ бояд тавре тартиб дода шаванд, ки воситаҳои дахлдори фаъолият, ки аз худ кардани онҳо дар ҷараёни ҳал пешбинӣ карда мешавад, ҳамчун натиҷаи бевоситаи таълим зоҳир шаванд.

Дар навбати худ, муҳаққиқи тоҷик Г. Салоҳиддинова зимни баррасии масъалаҳои таълими забон менависад, ки « ...технологияҳои мултимедӣ тарзи пешниҳоди иттилоот дар компютер бо имконияти истифодаи баробари матн, графика, овоз, видео ва таъсирнокии аниматсионӣ мебошанд. Дар ҷараёни таълим истифодаи чунин технологияҳо аз васеъ намудани ҷаҳонбинии донишомӯзон, фикрронии мустақилонаи онҳо ва инкишофи шахсияти донишомӯзон иборат аст».

Таҳқиқгари дигар Бекмансурова В. А. ба таълими забон дар асоси технологияҳои мобилӣ баҳо дода, қайд мекунад, ки « ...таҳсилоти мобилӣ ба воситаи маҷмуи технологияҳои мобилӣ ва муосир ба донишҷӯён барои қабул ва паҳн кардани иттилоот самаранокии зиёд дорад» [7, с. 153].

Ҳамин тавр, дар марҳилаи кунунӣ таҷрибаи кофии таҳия ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълими мактаби олӣ андӯхта шудааст. Зимни омодагии донишҷӯён ба усули муосири фаъолу амалии таълим истифодаи барномаҳои омӯзишии компютерӣ равона шудааст: фаъолгардонии таълим аз ҳисоби ҷалби ҳар як донишомӯз ба ҷараёни

таълим, ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён ва усули фаъол дар ҷараёни кор. Роҳу усули тамоюли шахсии истифодаи технологияҳои компютерӣ фардикунонӣ ва тафриқаи таълимро пешбинӣ менамояд. Дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифодаи барномаҳои компютерии мултимедӣ, ба истифодаи муштараки омилҳои асосии самаранокии таълим - тақвияти мақсаднокӣ, таҳкими ҳавасмандӣ, афзоиши таваҷҷуҳ ба фаъолият, зиёдгардонии ғунҷоиши иттилоотии машғулиятҳо, суръатбахшии амалҳои таълимӣ ва фаъолгардонии кори таълимии омӯзгор оварда мерасонад.


***Адабиёт***

1. *Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015. - Душанбе, 2010. - 42 с.*
2. *Давыдов, В.В. Психологические основы организации учебной деятельности, опосредованной использованием компьютерных систем / В.В. Давыдов, В.В. Рубцов, А.Г.Крицкий. // Психол. наука и образование. - 1996. - № 2. - С.68-72.*
3. *Касторнова, В.А. Методика создания и использования прикладных программ на основе мультимедиа технологии в обучении информатике: Автореф. дис. ... канд. пед. наук. / В.А.Касторнова - М., 1998.-65с.*
4. *Мирзоев, Ш.С. Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс… ном. илм. пед./ Ш.С.Мирзоев. – Душанбе, 2021 – 180 с.*
5. *Мирзоев, М. Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар системаи маориф [Матн] /М.Мирзоев. // Мактаб ва ҷомеа. -2004, №2(5).- 99 с.*
6. *Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан до 2030 года. Утверждено постановлением Правительства Республики Таджикистан « 29» сентября 2020 года, №526 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: №526 ОТ 29.09.2020Г..DOC*
7. *Шарипов, Х.А. Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ: Автореф.дис. ...номз.илм.пед. / Х.А. Шарипов. - Душанбе, 2020. – 170 с.*


## ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ОМИЛИ БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ


Компютеркунонии ҷомеа ва маориф, рушди технологияҳои нави иттилоотӣ раванди объективӣ ва қонунӣ мебошад. Дониши компютерӣ, ки ҳеҷ як муассисаи таълимӣ ва ҳеҷ як соҳаи дониш ва ҳаёт бе татбиқи он пеш намеравад, ба шахс имкон медиҳад, ки дар ҳама гуна ҳолатҳои зиндагӣ худро боэътимод ҳис кунад. Маориф як раванди муттасил ва динамикӣ аст ва вазифаи асосии мактаб имрӯз эҷоди таваҷҷӯҳи инфиродӣ ба гирифтани дониш, қобилияти татбиқи онҳо дар ҳаети ҳаррӯза мебошад. Дар ин ҷо қобилияти муаллим барои ҳавасманд кардани донишҷӯ, аз ҷумла тавассути истифодаи технологияи компютерӣ нақши калон мебозад. Дар кори мазкур нақши воситаҳои компютерӣ ҳамчун омили беҳтар намудани сифати таҳсилот дар мактаби олӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор дода мешавад.



**Калимаҳои калидӣ**: компютер, таҳсилот, системаи автоматикунонида, иттилоотикунонии таҳсилот.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КОМПЬЮТЕРНЫХ СРЕДСТВ – ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ В ВУЗЕ


Компьютеризация общества и образования, развитие новых информационных технологий - объективный и юридический процесс. Компьютерные знания, без которых ни одно учебное заведение и ни одна область знаний и жизни не продвинутся вперед, позволяют человеку чувствовать себя уверенно в любой жизненной ситуации. Образование - это непрерывный и динамичный процесс, и главная задача школы сегодня - создать индивидуальный интерес к приобретению знаний, способность применять их в повседневной жизни. Здесь большую роль играет способность учителя мотивировать студента, в том числе с помощью компьютерных технологий. В данной работе рассматривается роль компьютерных средств как фактора улучшения качества образования в Высшей школе.



**Ключевые слова**: компьютер, образования, автоматизированная система, информатизации общество.

**USE OF COMPUTER TOOLS IS A FACTOR OF IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION IN HIGHER SCHOOL**

Computerization of society and education, development of new information technologies is an objective and legal process. Computer knowledge, without which not a single educational institution and not a single area of knowledge and life will move forward, allows a person to feel confident in any life situation. Education is a continuous and dynamic process, and the main task of school today is to create individual interest in acquiring knowledge and the ability to apply it in everyday life. Here, the teacher's ability to motivate the student, including with the help of computer technology, plays an important role. This paper examines the role of computer tools as a factor in improving the quality of education in higher education.

**Key words:** computer, education, automated system, informatization society.

***Дар бораи муалиф***
*Қувватов Ибодулло Мирзовалиевич*
*Асисстенти*
*кафедраи технологияи информатсионӣ*
*ва коммуникатсионтӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121*
*Email: Kuvvatov95_@mail.ru*
*Тел: (+992) 907693131*

***Об авторе***
*Кувватов Ибодулло Мирзовалиевич*
*Ассистент кафедры информационно – коммуникационных технологий*
*Таджикский государственный педагогический университет*
*имени Садриддина Айни*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121*
*Email: Kuvvatov95_@mail.ru*
*Тел: (+992) 907693131*

***About the author***
*Kuvvatov Ibodullo Mirzovalievich*
*Assistant of the Department of Information and Communication Technologies*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini*
*734003 city Dushanbe even Rudaki 121*
*Email: Kuvvatov95_@mail.ru*
*Phone: (+992) 907693131*

ТДУ 008 (4)

# ХУСУСИЯТҲО, АРЗИШҲО ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ ФАРҲАНГИ МУОСИРИ АВРУПОӢ

***Қурбонова Ҷ.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Аврупо як минтақаи дорои фарҳанги беназир ва гуногун аст. Сарфи назар аз он, ки ҳар як кишвари аврупоӣ дорои хусусиятҳои хос аст, дар он ҷузъҳои табиати умумӣ мавҷуданд. Шарҳ додан зарур аст, ки мафҳуми фарҳанг маҷмӯи чунин унсурҳо ба монанди дониш, ҳунар, қонунҳо ва расму оинҳои шахсро ҳамчун узви ҷомеа дар бар мегирад.

Мақсади асосии фарҳанг ташаккули системаи раҳнамо барои фард, халқ, миллат, тамаддун мебошад, ки ба шахс имкон медиҳад мавқеи худро дар ҷаҳон муайян созад ва худро ба як ҷомеаи муайян муаррифӣ намояд. Дар тӯли чанд қарни охир ҷаҳон ва фарҳанги тамаддуни башарӣ аврупомарказӣ буд. Бо тамоми аҳамияти саҳми фарҳангии халқҳои Шарқ, Осиё ва Амрико фаҳмида мешуд, ки маҳз Аврупо ба сатҳи пешрафт расида, имкон дод, ки қалъаи санъат, намунаи арзишҳои демократӣ ва либералӣ, пешравии техника, инчунин принципхои ташкили чамъиятӣ коркард шаванд.

Маданияти муосири аврупоӣ, ки дар бозгашти таърихӣ дар аксари кишварҳои боқимондаи ҷаҳон паҳн шудааст, ба принсипҳое асос ёфтааст, ки дар замонҳои қадим ташаккул ёфта буданд. Маданияти Юнони кадим чунон мураккаб, амиқ ва то андозае мукаммал буд, ки асоси соҳаҳои умумибашарии санъат ва илм гардид. Инак, файласуфи советӣ М. Мамардашвили гуфтааст, ки «Тамоми тамаддуни муосир танхо шарҳи Афлотун аст».

Маданияти аврупоии антиқа чизе ба вуҷуд овардааст, ки бе он фарҳанги башариятро наметавонад анҷом диҳад. Фарҳанги аврупоӣ на танҳо арзишҳои ахлоқию сиёсӣ, балки наққошӣ, ҳайкалтарошӣ ва дигар навъҳои санъат аст, ки пояҳои он дар Юнон ва Рум гузошта шудаанд. Пас аз гузаштани асрҳои тираи миёна маданияти аврупоӣ дубора эҳё шуд ва ба олами санъат устодони барҷаста, ба монанди Леонардо Винчи, Микеланджело ва дигаронро дод. Баъд давраи асри нав оғоз ёфт, ки дар он жанрҳо ва услубҳои нави санъат ба вуҷуд омаданд: классикӣ, барокко, рококо, импрессионизм. Фарҳанги аврупоӣ ниҳоят намуди муосири худро вақте ки дар асри 20 жанрҳои дигар ба монанди модерн, сюрреализм, кубизм пайдо шуданд, муайян кард.

Фарҳанг ва тамаддуни аврупоӣ сарнавишти гуногунро пешгӯӣ кардааст. Баъзе мутафаккирон, аз ҷумла файласуфи немис О. Шпенглер дар асари худ «Таназзули Аврупо» марги худро тахмин зада буданд. Ӯ дар бораи тамаддун ҳамчун марҳилаи охирини рушди фарҳанг сухан ронда, марги Ғарбро мисоли бухрони фарҳанг номид.

С. Хантингтон ҷанги тамаддунҳоро пешгӯӣ карда буд. Ӯ дар «Бархурди тамаддунҳо» мубориаи байни Ғарб ва Шаркро дар баробари он, ки дин дар маркази конфронтатсия қарор гирифтааст, нишон дод. Вақте ки динҳо бархӯрд мекунанд, созиш ғайриимкон аст, бинобар ин, низоъи тамаддунӣ ногузир аст. Ба ақидаи ӯ тамаддун «як навъ шахсияти фарҳангӣ», густурдаи ҳувияти фарҳангии инсон аст. Худшиносии фарҳангии одамон метавонад тағйир ёбад ва дар натиҷа таркиб ва ҳудуди тамаддуни муайян тавлид ёбад.

Ҳамаи ин дар таърих, забон, фарҳанг, анъана ва дин аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Азбаски алоқаи байни одамон дар ҷаҳон тавсия меёбад, таъсири мутақобилаи тамаддунҳо, дарки тафовути байни онҳо ва ба вуҷуд овардани умумият дар ҳар яки онҳо шиддат мегирад [7, с. 201]. Биёед ба системаи арзишҳои аврупоӣ муроҷиат кунем. Дар инкишофи худ якчанд марҳилаҳои таърихиро паси сар кардааст: юнонию румӣ, асрҳои миёна, ренессанс, равшанфикрӣ, тасдиқи ниҳоии либерализм, давраи байни ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳон ва ниҳоят, марҳалаи таъсиси Иттиҳоди Аврупо.

Ҳар як марҳила ба он чизе, ки ҳоло метавон онро арзишҳои аврупоӣ номид, саҳм гузоштааст, яъне муносибати муайян ба шахс ва нақши ӯ дар ҷомеаи Аврупо, аз ҷумла арзишҳои фарҳангӣ он, аксар вақт яке аз марказҳои асосии эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, демократия ва либерализм маҳсуб мешавад, ки дар он шахс ва озодиҳои ӯ аз ҳама чиз болотаранд. Асоси анъанавии арзишҳои аврупоӣ мероси давраи юнониву румӣ мебошад, ки шуури шаҳрвандӣ, озодии сухан ва ҷамъомадҳоро дар бар мегирад. Дар раванди рушди таърихӣ ин низоми арзишҳо дар озодӣ ва баробарии ҳамаи одамон дар назди қонун, кафолати ҳуқуқу озодиҳо таҷассум ёфт.

Ташаккули ин принсипҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба аҳамияти шаҳрванди озод, ки ҳуқуқи табдил додани воқеияти атрофро дорад, асос ёфтааст [2]. Дар фарҳанги муосири аврупоӣ арзиши асосӣ як шахс боқӣ мемонад, имконияти ошкор кардани неруи эҷодӣ ва зеҳнии ӯ, дар якҷоягӣ бо ҳадди аксар қонеъ кардани тамоми ниёзҳои ӯ.

Дар айни замон, тасвири арзишҳои аврупоӣ ҳамчун универсалӣ ва ҳатто идеалӣ васеъ паҳн шудааст. Ба онҳо ҳуқуқу озодиҳои гуногуни демократӣ дохил мешаванд, ки дар натиҷаи чунин воқеаҳо, монанди револютсияи буржуазии Англия, Револютсияи Кабири Франсия ва ғайра дар илмҳои гуманитарии Аврупо ташаккул ёфтаанд. Арзишҳои озодии шахс, индивидуализм, ҳифзи ҳуқуқи инсон, озодиҳои шаҳрвандон, таҳаммулпазирии динӣ, озодии баён дар саросари ҷаҳон паҳн шудааст.

Дар баробари ақидаҳои либералӣ таҳаммулпазирӣ дар Аврупо - муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба ҳама одамон нақши муҳим дорад. Дар робита ба интихоби дин, тарзи зиндагӣ, шарики он барои фарҳанги Аврупо дар маҷмӯъ хос аст. Дар бораи тамоюлҳои муосири фарҳанги Аврупо сухан ронда, метавон мушоҳида кард, ки давлатҳои аврупоӣ дар ҳифзи он фаъолона ширкат меварзанд: фестивалҳо, намоишгоҳҳо, конфронсҳо баргузор мешаванд, ки ба шарофати онҳо ғанисозии фарҳангии худи миллатҳо, интиқоли арзишҳои фарҳангӣ берун аз фарҳанги онҳо сурат мегирад. Самтҳои асосии фарҳанги аврупоии имрӯзаро ҷудо кардан лозим аст.

Аввал, глобализатсия, яъне равандҳои ҳамзамон ҷаҳонишавӣ ва маҳаллисозии фарҳанг, яъне таъсири мутақобилаи таъсири глобалӣ ва маҳаллӣ ба тамоми системаҳо ва бахусус ба фарҳанг мебошад. Ин тамоюлро метавон ҳамчун хоҳиши ҳар як фарҳанг барои амалӣ кардани "тахассус"-и худ дар ҷаҳони бисёрфарҳангӣ муайян кард. Аз як тараф, мо тамоми зуҳуроти маданияти оммавиро дар Аврупо мебинем ва ҷаҳонишавӣ боиси он гардид, ки маданият характери байналмилалӣ пайдо карда, ба равандҳои динамикии муоширати фарҳангӣ асос ёфтааст.

Аз тарафи дигар, фарҳанги маҳаллӣ аҳамияти махсус дорад. Тақвияти нақши ҷомеаҳои маҳаллӣ ва нигоҳ доштани ҳувияти фарҳангӣ намояндагони Аврупои сермиллат вазифаи аввалиндараҷа шуда истодааст [9]. Сониян, ҳамгироӣ, аз байн бурдани марзҳо, меъёрҳои универсалӣ ва стандартҳои фарҳанги аврупоӣ мебошад. Пас аз таъсиси Иттиҳоди Аврупо фазои ягонаи иттилоотӣ пайдо шуд, ки ҳамчун робитаҳои мустақими байни ҳамаи субъектҳо амал доранд.

Интегратсияи аврупоӣ боиси дарк ва нигоҳ доштани фарҳанги умумии аврупоӣ ва роҳи ягонаи рушди аврупоӣ гардид. Тадқиқотҳои аврупоӣ дар солҳои охир дар баҳсҳо дар бораи гуногунии фарҳангӣ ба истилоҳи "зиёдафарҳангшиносӣ" такя кардаанд. Ҳоло бештари олимон ба мафҳуми "миёнафарҳангшиносӣ" майл мекунанд. Ин модел дар посух ба танқиди либералии назарияи "бисёрфарҳангӣ" ба вуҷуд омадааст.

Агар принсипи асосии он аз ҷудошавии фарҳангҳо ва ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ бошад, пас байнифарҳангсозӣ имкони омӯзиши фарҳангҳоро дар назар дорад. Дар заминаи сиёсати фарҳангӣ, байнифарҳангӣ дастгирии маҳаллаҳо ва фарогирии иҷтимоӣ, идоракунии муҳити ҷамъиятӣ ва рушди соҳаҳои созандаро дар бар мегирад. Ҷойҳои ҷамъиятӣ ва чорабиниҳо бояд ба муколамаи фарҳангҳо мусоидат кунанд [4, с. 13].

Дар айни замон Иттиҳоди Аврупо доираи васеи фаъолиятҳоро дар соҳаи фарҳанг амалӣ мекунад: таҳкими ҳисси мансубият ба ҷомеаи Аврупо, осон кардани дастрасӣ ба фарҳанг, пешбурди гуногунии фарҳангӣ ва забонӣ, паҳн кардани фарҳанги Аврупо дар ҷаҳон. Сеюм, қобилияти истеҳсолӣ. Фарҳанг имрӯз аз ҷанбаҳои инноватсионии рушди ҷомеаи ҷудонашаванда аст. Технологияҳои IT дар якҷоягӣ бо эҷодкорӣ ба хусусияти муҳимтарини фазои фарҳангии Аврупо табдил меёбанд. Комёбиҳои технологӣ дар музейҳо, архивҳо, китобхонаҳо, инчунин дар меъморӣ, кино ва телевизион истифода мешаванд.

Технологияҳои муосир фарҳангро дастрастар мегардонанд: рақамикунонии расмҳо, китобҳо, саёҳатҳои виртуалии осорхонаҳо, маълумотҳои кушод дастрасиро ба объектҳои фарҳангӣ ба аудиторияи васеътар фароҳам меоранд. Дар бисёре аз осорхонаҳои аврупоӣ таҷрибаи экскурсияҳои мултимедиявӣ ва инчунин имконоти шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври васеъ татбиқ карда мешавад. Дар бораи инфрасохтори технологӣ сухан ронда, тамоюли табдил додани биноҳои истеҳсолии собиқ ба ҷойҳои назарраси ҷамъиятӣ ва иншооти фарҳангиро қайд кардан лозим аст. Лоиҳаҳои муосири таҷдиди минтақаҳои саноатӣ вазифаҳои эҷодӣ ва фароғатиро бомуваффақият ба ҳам мепайвандад: корхонаҳои партофташуда ба марказҳои фарҳангӣ ва майдонҳо табдил меёбанд [6, с. 348].

Чорум, тамоюли дастгирии мероси фарҳангии Аврупо. Дар тӯли даҳсолаҳои охир ин мавзӯъ хеле муҳим шудааст. Ташкилоти Europa Nostra дар Аврупо - як федератсияи умумиаврупоӣ фаъолият мекунад, ки барои пешбурд ва ҳифзи мероси фарҳангии Аврупо

таъсис ёфтааст. Он аз 250 ташкилоти ғайритиҷоратӣ иборат аст, ки дар 45 кишвари Аврупо фаъолият мекунанд. Дар доираи кори онҳо аз соли 2002 Ҷоизаи Иттиҳоди Аврупо оид ба мероси фарҳангӣ (Ҷоизаи Europa Nostra) дода мешавад, ки бо кӯмаки он намунаҳои беҳтарини фаъолият оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ – менеҷмент, тадқиқот, таълим ва алоқа дар ин соҳа.

Ҳамин тариқ, ассотсиатсия барои ҷалби таваҷҷуҳи фаъоли ҷомеа ба масъалаҳои фарҳангӣ даъват шудааст ва ҳадафи он ба эътирофи ҷомеаи мероси фарҳангӣ ҳамчун манбаи стратегии ҷомеа ва иқтисоди Аврупо мебошад. Ҷоиза дар яке аз чаҳор бахш дода мешавад: ҳифзи мероси фарҳангӣ (дастовардҳои назаррас дар ҳифз, такмил ва мутобиқсозии мерос ба воқеияти муосир);

тадқиқот (лоиҳаҳои тадқиқотие, ки ба натиҷаҳои назаррас дар ҳифз ва такмили мероси фарҳангии Аврупо оварда мерасонанд); хизмати содиқона ба шахсони алоҳида ё ташкилотҳо (иштироки шахсони алоҳида, яъне ташкилотҳо қайд карда мешавад, ки саҳми онҳо дар рушди мероси фарҳангии Аврупо дар тӯли муддати тӯлонӣ аз ҷониби аъзоёни ассотсиатсия баҳои баланд дода шудааст); маориф, дастгирии иттилоотӣ (ташаббусҳои барҷастаи марбут ба таълим ва огоҳӣ дар соҳаи мероси моддӣ ва (ё) ғайримоддии фарҳангӣ, саҳм ба рушди устувори муҳити зист).

Дар тӯли мавҷудияти федератсия созмонҳо ва шахсони алоҳида аз 39 кишвар барои дарёфти ҷоиза дар маҷмӯъ 2883 дархост пешниҳод кардаанд. Испания дар рейтинги шумораи дархостҳо аз давлат - 516 лоиҳа дар ҷои аввал, Италия - 296, Британияи Кабир - 289 [8].

Соли 2018 дар Иттиҳодияи Аврупо расман Соли мероси фарҳангӣ эълон шудааст. Рӯзҳои 18-24 июни соли 2018 таҳти шиори “Мубодилаи мерос – мубодилаи арзишҳо” дар Берлин Саммити мероси фарҳангии Аврупо баргузор гардид, ки яке аз чорабиниҳои муҳими оммавӣ дар доираи соли мероси фарҳангӣ эътироф шудааст.

Инчунин дар соли 2018 дар саросари Аврупо як қатор чорабиниҳо гузаронида мешаванд, то мардум ба анъанаҳои фарҳангӣ наздик шаванд [11]. Аврупо макони бисёре аз сайтҳои мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО мебошад. Итолиё, Испания, Фаронса, Олмон дар садри феҳристи кишварҳое қарор доранд, ки шумораи онҳо бештар аст. Инсон аксар вақт ба чунин падидаҳои фарҳангиву таърихӣ таъсири манфӣ мерасонад. Рӯйхати объектҳои зери хатар аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидорӣ ва иқтисодӣ, инчунин вазъи экологӣ пайваста васеъ мешавад.

Дар соли 2016 масъалаи аз рӯйхат хориҷ кардани шаҳри Вена ба далели нақзи муқаррароти баландӣ ба миён омад, ки ҳоло барои бисёре аз шаҳрҳои дорои маркази таърихӣ мушкили маъмулист.

Аврупо саъй дорад, ки объектҳои мероси фарҳангиро маъмул гардонад, дастрасии васеъ фароҳам оварад, мутахассисонро дар ин соҳа омӯзонад, усулҳои ҳифз ва барқарорсозӣ, ҳамоҳангсозии кӯшишҳои давлатҳо ва субъектҳои хусусӣ. Соли 2017 тадқиқот гузаронида шуд, ки дар асоси пурсиши аҳолӣ оид ба мероси фарҳангӣ – «Евробарометр барои мероси фарҳангӣ» асос ёфтааст.

Тибқи натиҷаҳои он, 73% пурсидашудагон дар наздикии объектҳои мероси фарҳангӣ зиндагӣ мекунанд, 51 нафар - мунтазам ба онҳо ташриф меоранд, 68 - ҳузури худро дар ҷойҳои истироҳатӣ сабаби муҳими сафар медонанд, 68 - мехоҳанд дар бораи мероси фарҳангӣ маълумоти бештар гиранд, 84% - фарҳангӣ мероси шахсан барои худ ва умуман ҷомеа муҳим буда, дар мактабҳо таълими фанни дахлдорро зарур мешуморанд [10].

Дар ҷамъбаст бояд гуфт, ки имрӯз фарҳанги аврупоӣ ва арзишҳои он муҳимтарин дастоварди башарият боқӣ мондааст, ки бояд ҳифз ва рушд кард. Дар Европа тачрибаи бузурги хамкории тамаддунхо чамъ карда шудааст ва бояд доираи онро боз хам васеъ намояд.

Фарҳанги аврупоӣ бо мушкилоти зерин рӯбарӯ аст: - бӯҳрони муҳоҷират ва демографӣ ва дар натиҷа нигоҳ доштани фарҳанги мозаикии Аврупо ва муколамаи фарҳангҳо;

- ✓ зарурати нигахдории самараи маърифат бар хилофи бесарусомонии фарҳанги истеъмолии чахонӣ;
- ✓ тарғиби идеалҳои гуманизм ва антропомаркази насронӣ дар чаҳорчӯби аломатҳои ахлоқии башарият;
- ✓ нигоҳ доштани мақсади анъанавии фарҳанг ва усулҳои муаррифии он ҳангоми истифодаи технологияҳои нав;
- ✓ мутобиқ шудан ба шароити экологии замони мо ва ташаккули фарҳанги экологӣ;
- ✓ таҳдидҳое, ки ба объектҳои мероси фарҳангии Аврупо дучор меоянд.

Ба ғайр аз ин чолишҳои дохилиаврупоӣ, проблемаи пешбурди фарҳанги аврупоӣ берун аз ҳудуди ИА мавҷуд аст. Ғарбшавӣ ҳамчун як шакли воридшавӣ ба фарҳанги ғарбӣ раванди табиист, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ аст. Муколамаи фарҳангу тамаддунҳо, на бархӯрди онҳо, рушди мусбати ҷомеаро таъмин намуда, дар шароити муосир асоси муносибатҳои байналмиллалӣ мегардад.

*Литература*

1. *Бенхабиб, С. Притязания культуры. Равенство и разнообразие в глобальную эру / пер. с англ. под ред. В.И. Иноземцева. / С.Бенхабиб. - М., 2003. – 289 с.*
2. *Большая Европа: идеи, реальность, перспективы / под ред. Ал.А. Громыко, В.П. Федорова. М., 2014. – 704 с.*
3. *Волкова, П.Д. Мост через бездну / П.Д.Волкова. - М., 2009.-688с.*
4. *Европейская культура: XXI век / под ред. Е.В. Водопьяновой. М.; СПб., 2013. – 480 с.*
5. *Мамардашвили, М. Сознание и цивилизация / М.Мамардашвили. - СПб., 2014. – 288с.*
6. *Никишин, Н.А. Информационный менеджмент как технология музейной деятельности / Н.А. Никишин, А.В.Лебедев. // Музей будущего: информационный менеджмент. - М., 2001.*
7. *Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций. / С.Хантингтон - М., 2014. – 576с.*
8. *Europa Nostra Awards [Электронный ресурс] // Europa Nostra. 2018. URL: http://www.europanostra.org/ourwork/awards/europa-nostra-awards (дата обращения: 02.09.2018).*
9. *Habibul, H. Glocalization as globalization: evolution of a sociological concept / H.Habibul // Bangladesh e-Journal of sociology. 2004. - Vol. 1, no. 2. P. 1–9.*
10. *Special Eurobarometer 466: Cultural Heritage [Электронный ресурс] // EU Open Data Portal. 2017. 12 July. URL: https://data.europa.eu/euodp/data/dataset/S2150_88_1_466_ENG (режим доступа: 02.09.2018).*
11. *The European Year of Cultural Heritage 2018 [Электронный ресурс] // European Union. 2018. URL: https://europa.eu/cultural-heritage/about (дата обращения: 02.09.2018).*

## ХУСУСИЯТҲО, АРЗИШҲО ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ ФАРҲАНГИ МУОСИРИ АВРУПОӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳо ва тамоюлҳои асосии фарҳанги Аврупо баррасӣ карда шудаанд. Муаллиф ба он бо назардошти робитаи фарҳанги муосир ва фарҳанги қадим ва бо дигар давраҳои таърихӣ ба он баҳо медиҳад. Дар асар ба арзишҳои муҳими аврупоӣ: озодӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Якчанд самтҳои асосии рушди фарҳанги муосири Аврупо муайян карда шудаанд: пурзӯр намудани нақши ҷомеаҳои маҳаллӣ, ҳамгироӣ ва универсализатсияи меъёрҳо ва стандартҳо, ҷорӣ кардани технология, дастгирии мероси фарҳангӣ. Маълумот дар бораи барномаҳои ҷорӣ оид ба дастгирии мероси фарҳангӣ дар Иттиҳоди Аврупо, маълумоти ҷорӣ аз пурсишҳо ва тадқиқоти афкори ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои фарҳангӣ пешниҳод карда мешавад. Натиҷаи мақола инчунин тавсифи мушкилоте буд, ки фарҳанги аврупоӣ рӯ ба рӯ мешавад: муҳоҷират, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, технократӣ ва экологӣ. Аврупо як минтақаи фарҳанги беназири гуногун аст. Сарфи назар аз он, ки ҳар як кишвари аврупоӣ дорои хусусиятҳои хоси худ, ҷузъҳои табиати умумӣ мавҷуданд. Шарҳ медиҳем, ки мафҳуми фарҳанг маҷмӯи унсурҳое ба мисли дониш, ҳунар, қонунҳо ва расму оинҳои шахсро ҳамчун узви ҷомеа дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо:** Аврупо, фарҳанг, фарҳанги қадим, арзишҳои аврупоӣ, таҳаммулпазирӣ, мероси фарҳангӣ, чолишҳо, “Европа Нострa”, зиёдафарҳангшиносӣ, миёнафарҳангшиносӣ, бисёрфарҳангӣ.

## ОСОБЕННОСТИ, ЦЕННОСТИ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ СОВРЕМЕННОЙ ЕВРОПЕЙСКОЙ КУЛЬТУРЫ

В статье рассмотрены основные характеристики и тенденции европейской культуры. Автор оценивает её в исторической ретроспективе, рассматривая связь современной культуры с античной, а также с другими историческими периодами. В работе уделено внимание значимым европейским ценностям: свободе, защите прав человека, толерантности. Выделены несколько ключевых направлений развития современной европейской культуры: усиление роли локальных сообществ, интеграция и универсализация норм и стандартов, внедрение технологий, поддержка культурного наследия. Представлена информация о действующих программах поддержки культурного наследия в Европейском союзе, актуальные данные опросов и исследований общественного мнения по вопросам культуры. Итогом статьи стала также характеристика вызовов, стоящих перед европейской культурой: миграционные, социокультурные, технократические и экологические. Европа представляет собой регион уникальной разнообразной культуры. Несмотря на то что каждая европейская страна имеет самобытные черты, в ней присутствуют компоненты общего характера. Поясним, что понятие культуры включает в себя совокупность таких элементов, как знания, искусство, законы и обычаи человека как члена общества.

**Ключевые слова:** Европа, культура, античная культура, европейские ценности, толерантность, культурное наследие, вызовы, «Европа Ностра».

## FEATURES, VALUES AND DEVELOPMENT TRENDS OF MODERN EUROPEAN CULTURE

The article examines the main characteristics and trends of European culture. The author evaluates it in historical retrospect, considering the connection between modern culture and ancient culture, as well as with

other historical periods. The work pays attention to significant European values: freedom, protection of human rights, tolerance. Several key directions for the development of modern European culture have been identified: strengthening the role of local communities, integration and universalization of norms and standards, introduction of technology, support of cultural heritage. Information is provided on current programs to support cultural heritage in the European Union, current data from surveys and public opinion research on cultural issues. The result of the article was also a description of the challenges facing European culture: migration, sociocultural, technocratic and environmental. Europe is a region of uniquely diverse culture. Despite the fact that each European country has its own distinctive features, there are components of a common nature. Let us explain that the concept of culture includes a set of elements such as knowledge, art, laws and customs of a person as a member of society.

**Keywords:** Europe, culture, ancient culture, European values, tolerance, cultural heritage, challenges, "Europe Nostra".

### *Дар бораи муаллиф*

*Қурбонова Ҷамолбӣ Азизовна*
*Омӯзгори кафедраи*
*педагогикаи умумидонишгоҳи*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121,*
*Тел: (+992) 931191488.*
*E-mail: Jamolbi1974@mail.ru*

### *Сведения об авторе*

*Курбонова Джамолби Азизовна*
*Преподаватель*
*общеуниверситетской кафедры педагогики*
*Таджикский государственный педагогический*
*Университет имени Садриддина Айни*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 931191488.*
*E-mail: Jamolbi1974@mail.ru*

### *About the author*

*Kurbonova Jamolbi Azizovna*
*Teacher of the Department of General Pedagogy,*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini.*
*734003 Dushanbe city, Rudaki Avenue 121.*
*Phone: (+992) 931191488.*
*E-mail: Jamolbi1974@mail.ru*

ТДУ 37.01+159.9

# МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАФҲУМИ «МУТОБИҚШАВӢ» ДАР АДАБИЁТИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГӢ

***Раҷабов Д.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Мафҳуми «мутобиқшавӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, бояд қайд кард, ки он дар психология, педагогика, ҷомеашиносӣ, физиология ва илмҳои дигар истифода мешавад. Аз ин рӯ, дар бораи ин мафҳум миқдори зиёди таърифҳои вобаста ба соҳаи татбиқи он мавҷуд аст. Мутобиқшавӣ ҳамчун созгоршавии фаъол ба шароити нав дар муҳити нав, ҳамчун раванд ва падида, робитаи мутақобиаи муҳит ва шахсият фаҳмида мешавад. Ин мафҳум дар психология ва педагогика бештар истифода шуда, дар онҳо олимон кӯшиш мекунанд якпорчагии шахсиятро дар раванди иҷтимоишавӣ ва касбият ва таҳлили рафтори ӯ дар раванди таълиму тарбия пурратар инъикос намоянд. Намояндагони илмҳои гуногун ба раванди мураккаб ва гуногунҷабҳаи мутобиқшавӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд ва ин дар таҳқиқоти сершумори илмии онҳо инъикос ёфтааст.

Масъалаҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Олими фаронсавӣ Э.Дюркгейм [23] дар таҳқиқотҳои худ мутобиқшавиро баррасӣ намуда, дараҷаи таъсири меъёрҳои мавҷудаи иҷтимоиро ба хусусиятҳои рафтории шахсият таҳлил кардааст. Э.Дюркгейм иддао дошт, ки: «асоси воқеияти иҷтимоиро далелҳо ташкил медиҳанд, ки дорои ду хусусияти муайянкунанда мебошанд. Аввалан, онҳо дорои табиати объективӣ мебошанд (аз хоҳиши субъектҳо вобаста нестанд). Сонияи, онҳо дорои қувваи иҷборкунӣ (қобилияти фишор овардан ба шахсият тавассути механизмҳои дохиликунонии (интериоризатсияи) онҳо) мебошанд [23]. Мутаносибан гуфтан мумкин аст, ки мафҳумҳои таҳқиқкардаи ӯ, алалхусус мафҳуми «танзимкунандаҳои иҷтимоӣ»-ро на он қадар маҷбурӣ, балки аз рӯи зарурати онҳо барои навъи муайяни шахсият таъриф кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, мувофиқи таърифи Э.Дюркгейм, мутобиқшавӣ татбиқи меъёрҳои иҷтимоии дар ҷомеа қабулшуда аз ҷониби фард мебошад, ки дорои хусусияти дуранга, моҳиятан амбивалентӣ, маҷбурӣ-иродавӣ мебошанд. Аммо муаллифи мазкур ба он таваҷҷуҳ накардааст, ки ҷомеаҳои гуногуни иҷтимоӣ на ҳамеша ҳамон як меъёр ва арзишҳоро дар назар доранд.

М. Вебер мутобиқшавиро бо оқилона будан рабт додааст, яъне оқилона будан дар фаҳмиши амалҳои иҷрошаванда, инчунин дар усулҳои барқарор кардани робитаҳои байнишахсиятӣ бо атрофиён. Дар таҳқиқоти худ М.Вебер нишон дода буд: «инсон саъй мекунад, ки мақсадҳои худро дарк намояд ва онҳоро бо воситаҳои оқилонаи расидан ба мақсадҳои гузошташуда алоқаманд созад. Дар робита ба ин, мутобиқшавӣ ба сифати усули беҳтарини қонеъ кардани талаботҳои инсон амал мекунад [3]. Гуфтан мумкин аст, ки М. Вебер бо масъалаҳои равандҳои мутобиқшавӣ сарукор дошта, амсилаи идеалии мутобиқшавиро муайян кардааст, ки ӯ онро бо «амали мақсаднок-оқилона» ташбеҳ кардааст. Истилоҳи «амали мақсаднок-оқилона» дар мавриди мазкур ҳамчун қолаб ё навъи идеалие фаҳмида мешуд, ки рафтори инсонро бо он муқоиса карда, дар бораи дараҷаи дуршавии он аз меъёри мавҷуда муҳокимаронӣ кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, ба ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ, ба ҳар як гурӯҳи субъектҳо мафҳумҳои гуногуни меъёр хос буда метавонанд, ки ин ба дараҷаи инкишофи гурӯҳи таҳқиқшаванда вобаста мебошад.

Намояндагони фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология ва педагогика ҷанбаҳои мутобиқшавии шахсиятро дар шароити гуногуни зиндагӣ баррасӣ мекунанд, бинобар ин, тафсиру шарҳҳои гуногуни мафҳуми рӯи кор меоянд. Дар луғати С.И. Ожегов “мутобиқшавӣ” ҳамчун созгоршавии организм ба шароити тағйирёбанда таъриф шудааст [16]. Дар луғати фалсафии И.Т. Фролова, “мутобиқшавӣ” – ин «рафтори реактивӣ дар раванди созгоршавӣ ба муҳити атроф» [21] мебошад.

П.С. Кузнетсов марҳилаҳои зерини раванди мутобиқшавиро ҷудо мекунад:

– мутобиқшавӣ - гомеостаз (ҳолати мувозинати байни муҳити атроф ва фард, ботинӣ ва берунӣ, ки дар он ҳамчун шарти асосии фаъолияти ҳаётӣ мувозинати бадан ба ҳисоб меравад);

– мутобиқшавӣ - созгоршавӣ. (фаъолияти ҳаётии шахсият ба муҳит вобаста аст, ки ин созгоршавии зарурии фард ба тағйироти мухталиф дар ин муҳит маҳсуб мешавад);

– мутобиқшавӣ – воридшавӣ (воридшавӣ созгоршавии шахсиятро ба унсури тағйирёфта ё нави муҳити иҷтимоиро дар назар дорад);

– мутобиқшавӣ-оқилона будан (рафтори мақсаднок ва фаъолияти шахсият, ки дар он шахсият барои мутобиқ шудан ба муҳит саъй накарда, балки барои амалӣ намудани талаботи худ кӯшиш мекунад).

– мутобиқшавӣ - қаноатмандӣ (ҳолати эҳсосотӣ набуда, мутобиқшавӣ ҳама чизеро, ки ин ҳолатро ҳамроҳӣ мекунад, фаро мегирад).

– мутобиқшавӣ-амали муштарак (раванди таъсири мутақобила ва фаъолияти муштараки муҳит ва шахсият).

–мутобиқшавӣ - инкишоф (дар натиҷаи ин раванд мутобиқшавӣ шахсиятро инкишоф медиҳад) [11].

Дар миёни назарияпардозони россиягии масъалаи мавриди таҳқиқ асарҳои С.М. Вишнякова мавриди таваҷҷуҳ мебошанд. Вай менависад: «Мутобиқшавии шахс ҳамчун созгоршавӣ ба меъёр ва шароите, ки бо параметрҳои муҳити иҷтимоию фарҳангӣ ва фаъолияти меҳнатӣ муайян мешаванд; созгоршавии шахс вобаста ба сатҳи инкишоф ва маҳорати ӯ ба амал кардан дар вазъияти мушаххас, дар шароити тағйирёбандаи муҳити беруна дониста мешавад»[4]. Мутаносибан, дар вазъияти мазкур сухан дар бораи аҳамияти сатҳи инкишофи шахсият ва маҳорату малакаҳои он дар амал кардан вобаста ба шароити тағйирёбанда меравад. Зимнан муҳим аст, ки дараҷаи тағйироти мазкур бо қобилиятҳои мавҷуда мувофиқат кунад.

А.И. Суригин ва В.И. Никифоров якчанд шаклҳои мутобиқшавиро пешниҳод мекунанд:

– физиологӣ (мутобиқшавии шахсият ба шароити тағйирёбандаи фаъолияти ҳаётӣ ва муҳити атроф);

– иҷтимоӣ-психологӣ (созгоршавии психикии шахс ба шароити нав);

– академикӣ (созгоршавӣ ба шароити муҳити нави педагогии донишҷӯён) [15].

Дар раванди мутобиқшавии инсон ба шароити тағйирёбандаи муҳити атроф се марҳила: иҷтимоӣ, физиологӣ ва психикиро ҷудо кардан мумкин аст[2], ки дар поён мазмуни ҳар як намуди онро кушода медиҳем.

Раванди мутобиқшавиро аз ҷиҳати физиологӣ баррасӣ карда, бояд қайд намуд, ки раванди мазкур аз пайдарпайии зич ва пайвастагии се марҳила: тағйирёбии гомеостаз, вайроншавии барномаи кӯҳна ва ташаккул ёфтани барномаи нав иборат аст. Марҳилаи физиологии мутобиқшавӣ ба фаъолияти тамоми узвҳо ва низомҳои ҳаётан муҳими бадан асос ёфтааст. Мутобиқшавии физиологӣ аз маҷмӯи реаксияҳои физиологие иборат мебошад, ки дар асоси созгоршавии организм ба шароити тағйирёбандаи муҳити беруна қарор дошта, ба нигоҳ доштани муҳити ботинӣ нигаронида шудааст [14]. Гуфтан мумкин аст, ки ин марҳилаи ибтидоӣ ба шумор рафта, вокунишҳои созгоршавандагии ҳамаи организмҳои зинда ба он асос ёфтаанд.

Мутобиқшавӣ дар ҷанбаи иҷтимоӣ раванди созгоршавии фардро ба вазъияти проблемавии иҷтимоӣ дар назар дорад. Дар марҳилаи мазкур сухан дар бораи аксуламалҳои мураккабтари бадан рафта, маҳорату малакаҳои ҳамкорӣ дар сатҳи иҷтимоӣ талаб карда мешаванд. Ҳангоми қарор доштани шахсият дар вазъияти проблемавии иҷтимоӣ мувофиқати интизориҳо ва талаботи субъектҳои иҷтимоӣ бо имкониятҳои объективии худ ва воқеиятҳои муҳити иҷтимоӣ ба амал меояд.

Ба ақидаи Г.Матулене, мутобиқшавӣ ҳамчун таъсир ва амали мутақобилаи муҳит ва шахсият робитаи мутақобилаи байни хоҳишҳои фард ва самтҳоеро ифода мекунад, ки тавассути онҳо муҳити иҷтимоии онҳоро иҳотакунада қонеъ мегардонад ё ноумед мекунад [13]. Г. Матулене муошират ва иртиботро воситаи ҳалли низоъҳои байнишахсӣ ҳисобид,а нақши муҳими онҳоро дар давраи мутобиқшавӣ зикр намудааст. Муҳаққиқ ба далелҳои вобастагии мутақобилаи равандҳои мутобиқшавӣ дар сатҳи стресс дар байни аъзоёни мутобиқшавандаи гурӯҳ таваҷҷуҳ кардааст, ва стресс, новобаста аз намуди фаъолият, боиси

фишори зиёд гардида, ин фишори зиёд сабаби пайдоиши бемориҳои сершумори дорои хусусияти ҷисмонӣ ва психикии инсон мегардад.

Ба назари Д.Н. Дубровин, зери мутобиқшавии психологии шахсият: «таҳаввули шаклҳои объективии ҷамъиятӣ ва шароити ҳаётии шахсият ба усулҳои инфиродӣ, созанда ва босифати бунёди он» [6] фаҳмида мешавад.

Инчунин дар «Луғати педагогӣ»-и К.М. Коҷаспирова ва А.Ю. Коҷаспиров ҳамчун мутобиқшавии психикӣ падидае номида мешавад, ки дар таҷдиди глобалии қолаби (стереотипи) шахсият мутобиқи талаботи нав пайдошавандаи муҳити нави атроф ифода меёбад [9].

Баъзе муҳаққиқон мутобиқшавиро ҳамчун раванд бо хосиятҳо ва натиҷаҳо медонанд. Ҳамин тавр, А.А. Реан мутобиқшавиро ҳамчун раванде бо натиҷаи тағйироти ботинӣ дар шароити нави мавҷудият тасаввур мекунад [17].

Дар таҳқиқоти мазкур мафҳуми мутобиқшавӣ ҳамчун як раванди иҷтимоӣ-психологӣ баррасӣ гардидааст, ва ин мафҳум тафсирҳои зиёде дорад. Дар луғат мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ ҳамчун таъсир ва фаъолияти мутақобилаи шахсият ва муҳити иҷтимоӣ тавсиф мешавад, ки ин ба ҳамоҳангшавии оптималии (барқарор гардидани мувозинати оптималии) мақсадҳо ва арзишҳои шахсият ва гурӯҳ оварда мерасонад [20]. Таърифҳои номбаршуда амалан мақсадҳои раванди мутобиқшавии иҷтимоиро ошкор намекунанд, ки ин ба пурра ошкор шудани мафҳуми мутобиқшавии иҷтимоӣ мусоидат мусоидат намекунад. Қайд кардан зарур аст, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ аз як низоми мураккаби бисёрҷанбае иборат мебошад, ки фаъолнокии бевоситаи фард, зуҳуроти қобилиятҳои ӯро вобаста ба мавҷудияти тавсифот ва хусусиятҳои гуногуни психологӣ дар ӯ дар назар дорад.

Таҳлили сарчашмаҳои психологию педагогӣ имкон дод тамоюлҳои пешбаранда дар дарки равандҳои мутобиқшавии шахсият муайян карда шаванд. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаҳои мутобиқшавӣ, дар таҳқиқоти мазкур тасмим гирифта шуд, ки ба таърифи истилоҳи «мутобиқшавӣ», ки аз ҷониби А.Н. Сухов пешниҳод шудааст, такя карда шавад. Ҳамин тариқ, ба ақидаи муаллифи зикршуда: «Мутобиқшавӣ – ин раванди воридшавии фард ба муҳити иҷтимоӣ, таълимӣ, фарҳангӣ мебошад, ки бо истифодаи фаъолонаи захираҳои мавҷуда бо мақсади афзоиш, истифода ва интиқоли сармояҳои иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва фарҳангӣ ҳамроҳӣ мекунад» [10].

Ҳамин тариқ, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мафҳуми мутобиқшавӣ хеле гуногунҷабҳа мебошад, аз ин рӯ худи истилоҳ вариантҳои зиёде дорад, ки доираи истифодаро дар ин ё он соҳа инъикос мекунанд.

Масъалаи мубрами психологияи муосир то ҳол мушкилоти мутобиқшавии иҷтимоӣ ва ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад. Мутобиқшавии бомуваффақият, ба ақидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, муҳимтарин шарти ҳаёти пурраи инсон мебошад. Масъалаи таъминоти психологию педагогии донишҷӯёни соли якум дар раванди мутобиқ шудан ба шароити таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ сол то сол мубрамтар мегардад. Аз дараҷае, ки донишҷӯ ба низоми талабот, меъёрҳо ва муносибатҳои иҷтимоии муассисаи таҳсилоти олӣ дохил мешавад, ба низоми нави таълим ва тарзи зиндагӣ мутобиқ мешавад, муносибати минбаъдаи ӯ ба кори таҳслӣ, муносибат бо омӯзгорон ва ҳамсолон муайян мешавад.

Донишҷӯ худро дар муҳити нави иҷтимоӣ пайдо карда, дар муносибатҳои байнишахсӣ ба зиддиятҳои гуногун дучор шуда, соҳаи эҳсосотӣ-иродавии ӯ дар шакли афзоиши таҷовуз, изтироб ва ноумедӣ халалдор мешавад. Фаъолияти муътадил ва солими соҳаи психологии шахс дар ин марҳила аз ду омил: ҳолати бадан ва муваффақияти раванди мутобиқшавии шахс ба шароити муҳити нав вобаста мебошад.

Дар луғати В.Г. Криско истилоҳи мутобиқшавӣ ҳамчун натиҷаи таъсири мутақобилаи организмҳои зинда ва муҳити зист мебошад, ки ба мутобиқшавии оптималии онҳо ба ҳаёт ва фаъолият оварда мерасонад [5].

Дар психологияи рус масъалаи мутобиқшавиро чунин олимон, монанди Л. Виготский, С.Л. Рубинштейн, Б.Г. Ананев, А.Н. Леонтев, Б. Ломов, К. Платонов ва дигарон мавриди омӯзиш қраор додаанд.

Дар фаҳмидани моҳияти масъалаи мутобиқшавии шахсият ва рушди он С.Л.Рубинштейн ва Б.Г. Ананев саҳми назаррас гузоштаанд. Консепсияи фаъолият дар асоси муқаррароти назарияи Л. Виготский дар инкишофи масъала марҳалаи навро боз кардааст.

Виготский пешниҳод кардааст, ки муҳити зист инкишофи кӯдакро муайян мекунад ва ба ин рушд таъсири назаррас мерасонад [8].

Дар психологияи хориҷӣ ба масъалаи мутобиқшавӣ психологони машҳур, ба монанди З. Фрейд, Э. Эриксон, А. Адлер, А. Маслоу, К. Роҷерс ва дигарон машғул шудаанд.

Самаранокии равандҳои таҳсилотӣ ва солимии равонӣ, ба ақидаи В.С.Илин ва В.А.Никитин, аз он вобаста аст, ки донишҷӯ то чӣ андоза зуд ва бомуваффақият ба шароити нави муҳити иҷтимоӣ мутобиқ мешавад [22].

В.Ю. Хитская чор категорияи омилҳоеро муайян кардааст, ки ба мутобиқшавии донишҷӯёни соли якум ба раванди таҳсилотӣ таъсир мерасонанд [1]. Ба гурӯҳи якум омилҳои марбут ба дараҷаи омодагии донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ, пеш аз ҳама, васеъгӣ ва амиқии донишҳои собиқ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тамоюли касбӣ ва шавқу рағбат ба раванди азхудкунии донишҳои нав дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюми омилҳо хусусиятҳои инфиродии мутобиқатшавӣ, масалан, сатҳи камолоти иҷтимоию ахлоқӣ, дараҷаи шуури ҳуқуқӣ, хусусиятҳои инфиродию шахсиятии равандҳои психикиро дарбар мегиранд.

Ба гурӯҳи сеюм омилҳое дохил мешаванд, ки барои раванди бомуваффақияти мутобиқшавӣ аҳамияти калон доранд: мавҷудияти ниҳоди назорат, омодагии назариявӣ ва методии худи омӯзгорон, мониторинги педагогӣ ва психологии раванди таълимӣ, муносибати шахсиятӣ ба донишҷӯ, новобаста аз нишондиҳандаҳои муваффақияти таълимӣ.

Омилҳое, ки ба шароити таълим ва зиндагӣ алоқаманданд, гурӯҳи чорумро ташкил медиҳанд. Инҳо омилҳои некӯаҳволии муоширати байни гурӯҳҳо, шароити санитарию беҳдоштии таълиму маишат, омили ташкили раванди таълимӣ мебошанд.

Масъалаи мутобиқшавии донишчуёни соли якуми муассисаи таҳсилоти олӣ имрӯз дар маркази диққати муҳаққиқон ва амалияпардозони соҳаи маориф қарор дорад. Мутобиқсозии бомуваффақияти донишҷӯёни соли якум аҳамияти бузурги амалӣ дорад, зеро муваффақияти таълим, некӯаҳволии психикӣ ва шахсияти касбӣ аз бисёр ҷиҳат вобаста мебошад. Раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба таври ғайриоддӣ динамикӣ ва тағйирёбанда буда, пайваста аз донишҷӯ талаб мекунад ба шароити нав мутобиқ шавад. Дар байни раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар шакл, суръат ва муносибатҳои мутақобилаи он бо омӯзгор фарқи калон мавҷуд аст.

Раванди таҳсилотӣ як раванди дуҷонибаи мутақобилаи мутақобилаи донишҷӯ ва омӯзгор мебошад, ки дар он маърифати идорашаванда, азхудкунии таҷрибаи ҷамъиятию таърихӣ, азхудкунии ин ё он фаъолияти мушаххасе, ки асоси ташаккули шахсият қарор дорад, сурат мегирад [17]. Раванди таҳсилотӣ аз муомила бо омӯзгорон, омӯхтани донишҳои нав, ташкили муносибат бо ҳамсолон ва мутобиқшавӣ ба муҳити нави иҷтимоӣ иборат аст.

Раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ аз раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври назаррас фарқ карда, он бо сарбории баланди таълимӣ, талаботи хеле баландтар ба худтанзимкунӣ ва худидоракунии донишҷӯён нисбат ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва шакли гуногуни машғулиятҳо (лексияҳо, семинарҳо, корҳои амалӣ) тавсиф меёбад. Таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ донишҷӯро маҷбур месозад чандвазифагӣ, чандирии психикӣ ва қобилиятҳои муоширатиро барои барқарор кардани муносибатҳо бо ҳамсолон ва омӯзгорон зоҳир намояд. Бо дарназардошти тафовутҳои дар боло зикршуда, донишҷӯён метавонанд дар мутобиқшавӣ душворӣ кашида, дар ин замина – хастагии доимӣ, зиёд изтироб ва майл надоштан ба азхуд кардани касби интихобкардаи худ ва таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба вуҷуд меоянд.

Истилоҳи «мутобиқшавӣ» (аз лотинии «adaptation» - мутобиқсозӣ, мутобиқшавӣ) бори аввал соли 1865 аз ҷониби олими немис Г.Ауберг ба гардиши илмӣ ворид карда шуда, ин истилоҳ ҳам дар илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, ҳам дар илмҳои ҷамъиятӣ мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад.

Вобаста ба намуди муносибатҳои инсон бо муҳити зист намудҳои зерини мутобиқшавиро ҷудо кардан мумкин аст: касбӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, физиологӣ ва биологӣ.

Мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ ин азхудкунии фаъолона ва мақсадноки меъёрҳо, қоидаҳо, арзишҳои ҳам дар маҷмӯъ ҷомеа, ҳам муҳити мушаххаси иҷтимоии шахс: оила, гурӯҳи таълимӣ, доираи ҳамсолон, гурӯҳи меҳнатӣ мебошад. Мутобиқшавии иҷтимоию

психикии шахси мушаххас бидуни муошират ва ҳамкории ӯ бо одамони дигар ва фаъолияти мувофиқи фаъолона ба амал намеояд [12]

Дар байни омилҳое, ки ба раванди мутобиқшавӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ таъсири бештарро мерасонанд, се самт: педагогӣ, психологӣ ва ҷомеашиносиро ҷудо кардан мумкин аст. Дар ин росто, ба омилҳои педагогӣ маҳорати педагогии омӯзгор, ташкили муҳити таълим, пояи моддию техникӣ мансубанд. Омилҳои психологие, ки ба мутобиқшавӣ таъсир мерасонанд: тамоюли шахсият, ҳавасмандии ба таълим маҳсуб мешаванд. Рӯйхати омилҳои ҷомеашиносӣ бошад, синну сол, оила ва вазъи иҷтимоии донишҷӯро дар бар мегирад.

Саблин В.С. се марҳилаи мутобиқшавиро дар муассисаи таҳсилоти олӣ муайян карда, нишондиҳандаи асосии муайян кардани марҳила рафтори мушоҳидашудаи шахс дар муносибати ӯ бо дигар аъзоёни гурӯҳ мебошад. Дар зимни ин, марҳилаи аввал тахминӣ буда, дар он зиддиятҳо байни ҳолати воқеии корҳо ва интизориҳо, тасаввуроти шахсияти мутобиқшаванда мавҷуд буда, ба он худдорӣ ва хоксорӣ дар рафтор ва муошират хос аст. Марҳилаи дуюм – мутобиқшавии ҳақиқӣ – дар ин марҳила фард дараҷаи ихтилофро арзёбӣ карда, стратегияи муошират ва рафтори қобили қабули ин гурӯҳро таҳия мекунад. Марҳилаи сеюм – муътадилшавӣ бо муқаррар намудани мувозинати байни муҳити иҷтимоӣ ва шахсият тавсиф меёбад. Барои шахсияти мутобиқшавӣ маҳз ҳамин ҳолати мутобиқшавӣ маҳсуб мешавад [19].

Азбаски мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии шахсият раванди гуногунҷабҳа мебошад, ба он омилҳои зиёде, аз қабили: муносибати бошуурона ба таҳсил, малакаи худташкилкунӣ, инчунин омилҳои шахсиятӣ таъсир мерасонад.

Муносибати байни сатҳи изтироб ва мутобиқшавӣ дар муассисаи таҳсилоти олиро мавриди омӯзиш қарор дода, В.В.Зашихина исбот кардааст, ки дар 92% донишҷӯёни дорои изтироби зиёд дар мутобиқшавӣ ба раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ душвориҳо ба вуҷуд меоянд [7].

Алоқа ва таъсири муқовимати стрессиро ба мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни соли якум ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ тҳқиқ намуда, А. Е. Агаева [1] таъсири муқовимати стресстро ба сатҳи мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ ошкор кардааст. Муайян карда шудааст, ки донишҷӯёни дорои сатҳи пасттари муқовимати стрессӣ ҳангоми мутобиқшавӣ ба муҳити таълимӣ ва муҳити муоширатии муассисаи таҳсилоти олӣ бештар душвориҳоро аз сар мегузаронанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки падидаи мутобиқшавӣ як раванди бисёрҷанба ва инфиродӣ буда, аз омилҳои зиёд, ҳам шахсиятӣ, ҳам иҷтимоӣ иборат мебошад. Муайян кардани омилҳои мушаххасе, ки мавҷудияти онҳо метавонад муваффақиятро дар мутобиқшавӣ ба муассисаи таҳсилоти олӣ кафолат диҳад, душвор ба назар мерасад, аммо бо омӯзиши кори психологон ва педагогҳои ватанию хориҷӣ маълум мешавад, ки омилҳои шахсии аз қабили: сатҳи баланди рушди таваҷҷуҳ, қабули меъёрҳо ва арзишҳои муассисаи таҳсилоти олӣ, худбаҳодиҳии мувофиқ, муносибатҳои мусоид дар оила ва бо ҳамсолон, зеҳни иҷтимоӣ ва сатҳи пасти изтироб судманд буда метавонанд.

### *АДАБИЁТ*


1. *Агаева, А.Э. Особенности адаптации студентов I курса к обучению в вузе / А.Э. Агаева. // Научно-методический электронный журнал «Концепт». 2016. Т. 11. - С. 1221–1225.*
2. *Беликова, Л.Ф. Отношение студентов к внеучебной деятельности в вузе// Социс, 2000. № 6. С. 51-57.*
3. *Вебер, М. Избранные произведения / М. Вебер. - М.: Прогресс, 1990. - 880 с.*
4. *Вишнякова, С.М. Профессиональное образование: Словарь. Ключевые понятия, термины, актуальная лексика. / С.М. Вишнякова. - М.: НМЦ СПО, 1999. - 344с.*
5. *Выготский, Л.С. Детская психология. Собр. соч. Т. IV. / Л.С. Выготский. - М., 1984.*
6. *Дружинин, В.Н. Психология способностей: избранные труды / отв. ред.: А. Л. Журавлёв, М. А. Холоднов, В. Д. Шадриков. - М. Институт психологии РАН, 2007. - 540 с.*
7. *Зашихина, В. В. Физиологические аспекты адаптации к стрессогенным ситуациям при обучении в вузе / В. В. Зашихина, Т. В. Цыганок. // Фундаментальные исследования. - 2014. - № 4–3. - С. 629–633.*
8. *Ильин, В.С. О повышении системности в педагогической подготовке студентов к работе в школе / Современные задачи общеобразовательной школы и проблемы подготовки педагогических кадров: Сб. науч. тр. АПН СССР НИИ общей педагогики. / В.С.Ильин. - М., 1978.*

9. *Коджаспирова, Г.М. Педагогический словарь: Для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений. / Г.М. Коджаспирова, А.Ю.Коджаспиров. - М.: Издательский центр «Академия», 2000. - 176 с.*
10. *Крысько, В. Словарь-справочник по социальной психологии. / В. Крысько. - СПб.: Питер, 2003.*
11. *Кузнецов, П.С. Адаптация как функция развития личности. / П.С. Кузнецов - Саратов: СГУ, 1991. - 76 с.*
12. *Кузьмишкин, А.А. Адаптации студентов первого курса в вузе -Молодой ученый. - 2014. - № 3 (62). - С. 933–935.*
13. *Матулене, Г.О. социальной адаптации к деятельности // Психологический журнал. 2002. №5. - С.48-53.*
14. *Медведев, В.И. О проблеме адаптации // Компоненты адаптационного процесса. / В.И. Медведев - Л.: Наука, 1984. - С. 3 - 16.*
15. *Никифоров, В.И., Сурыгин А.И. Теория и практика высшего профессионального образования. Термины, понятия и определения Учебно-методическое пособие. / В.И. Никифоров, А.И. Сурыгин. - СПб.: Изд-во Политехн. ун-та, 2009. - 141 с.*
16. *Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка. Толковый словарь русского языка. / С.И. Ожегов М.: АСТ, 2016. - 736с.*
17. *Реан А.А. Психология адаптации личности / А.А. Реан, А.А. Баранов, А. Р.Кудашев - М. Прайм-Еврознак, 2008. - 480 с.*
18. *Реан, А.А. Психология личности. / А.А. Реан. - СПб.: Изд-во Питер, 2017. - 288 с.*
19. *Саблин, В. С. Психология человека. / В. С. Саблин. - М.: Мысль, 2004. - 250 с.*
20. *Сухова, А.Н. Специфика адаптации студентов к новым социокультурным реалиям / В.С. Сухова. // Материалы научно-практической конференции «Пятые Ковалевские чтения», С-Петербург, 2010. С. 588-591.*
21. *Философский словарь /под ред И.Т. Фролова// 7-е издание переработанное и дополненное. М.: Республика, 2011. - 719 с.*
22. *Хицкая, В.Ю. Учет когнитивных стилей как средство адаптации студентов первого курса к обучению в вузе: монография. / В.Ю. Хицкая. – Иркутск: Иркут. ун-т, 2008. – 128 с.*
23. *Emile Durkheim: An Introduction to Four Major Works. Beverly Hills, CA: Sage Publications, Inc., 1986. Pp. 24-59.*

## МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАФҲУМИ «МУТОБИҚШАВӢ» ДАР АДАБИЁТИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳуми «мутобиқшавӣ» ва ҷойгоҳи он дар илмҳои педагогӣ ва психологӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, нуқтаи назари олимону донишманони ин риштаи илмҳо таҳқиқ гардидааст. Мазмуни асосии таҳқиқот ба раванди мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ ба раванди таҳсил дар ин зинаи таҳсилот ва шароити донишгоҳ равона гардидааст. Дар шароити муосир таъмини дурусти раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба раванди таълим дар шароити донишгоҳ василаи асосии баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунии онҳо маҳсуб меёбад. Дар ин замина, омӯзиши афкори донишмандону мутафакирони илмҳои педагогӣ ва психологӣ ва дар заминаи он таҳия намудани консепсияҳои мушаххаси омода намудани донишҷӯёни курсҳои якум ба шароити донишазхудкунӣ дар массисаҳои олии таълимии равияи омӯзгорӣ зарур арзёбӣ карда мешавад. Бо дарназардошти таҳаввулотҳо ва тағйиротҳои ҳамарӯза дар низоми таълим ва тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, коркарди тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснок вобаста ба василаҳои баланд бардоштани сифати дониш зарур мебошад.

**Калидвожаҳо:** таҳсилот, мутобиқшавӣ, омӯзгор, донишҷӯ, таълим, тарбия, педагогика, психология, метод, сифати дониш, меъёрҳои иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ, шахсият.

## СУЩНОСТЬ И ХАРАКТЕРИСТИКА ПОНЯТИЯ «АДАПТИВНОСТЬ» В ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данной статье изучено понятие «адаптация» и его место в педагогических и психологических науках, а также исследованы взгляды ученых и исследователей этой области науки. Основное содержание исследования сосредоточено на процессе адаптации студентов-первокурсников высших профессиональных учебных заведений к процессу обучения на этом уровне образования и университетских условиях. В современных условиях обеспечение правильной адаптации студентов к образовательному процессу в вузовских условиях считается основным средством повышения уровня их усвоения знаний. В связи с этим считается необходимым изучить мнение ученых и мыслителей педагогических и психологических наук и на его основе разработать конкретные концепции

подготовки студентов-первокурсников к условиям получения знаний в высших педагогических учебных заведениях. Учитывая ежедневное развитие и изменения в системе образования и обучения на всех уровнях образования, необходима разработка научно обоснованных рекомендаций и предложений, связанных со средствами повышения качества знаний.

**Ключевые слова:** образование, адаптация, педагог, ученик, воспитание, обучение, педагогика, психология, метод, качество знаний, социальные нормы, мировоззрение, личность.

## ESSENCE AND CHARACTERISTICS OF THE CONCEPT OF "ADAPTABILITY" IN PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL LITERATURE

This article examines the concept of "adaptation" and its place in the pedagogical and psychological sciences, as well as the views of scientists and researchers in this field of science. The main content of the study is focused on the process of adaptation of first-year students of higher professional educational institutions to the learning process at this level of education and university conditions. In modern conditions, ensuring the correct adaptation of students to the educational process in a university setting is considered the main means of increasing the level of their knowledge acquisition. In this regard, it is considered necessary to study the opinion of scientists and thinkers of the pedagogical and psychological sciences and, on its basis, to develop specific concepts for preparing first-year students for the conditions of obtaining knowledge in higher pedagogical educational institutions. Considering the daily development and changes in the education and training system at all levels of education, it is necessary to develop scientifically based recommendations and proposals related to means of improving the quality of knowledge.

**Keywords:** education, adaptation, teacher, student, upbringing, training, pedagogy, psychology, method, quality of knowledge, social norms, worldview, personality.

***Дар бораи муаллиф***
*Раҷабов Дилшод Амиралиевич*
*Унвонҷӯйи кафедраи*
*педагогикаи умумидонишгоҳӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ,*
*ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,*
*Тел: (+992) 988628100,*
*E - mail: kasabaddot@mail.ru*

***About the author***
*Radjabov Dilshod Amiralievich*
*Applicant for the general university*
*department of pedagogy*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini*
*734003 Dushanbe Rudaki Avenue 121,*
*Phone: (+992) 988628100,*
*E - mail: kasabaddot@mail.ru*

***Об авторе***
*Раджабов Дилшод Амиралиевич*
*Соискатель*
*общейуниверситетский*
*кафедры педагогика*
*Таджикский государственный*
*педагогический университета*
*имени Садриддин Айни*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 988628100,*
*E - mail: kasabaddot@mail.ru*

ТДУ 803.0+809.155.0

# РАВИЯИ ФАЪОЛМАНДӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

***Сайфуллаев Х.Г.***
*Донишгоҳи даавлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX барои Тоҷикистон оғози ҳаракатҳо барои эҳёи забони миллӣ ва баланд бардоштани обрӯй ва манзалати он гардида буд. Соли 1989 «Қонун дар бораи забони тоҷикӣ» қабул гардид. Дар айни замон дар муассисаҳои таълимии кишвар таълими забонҳои хориҷӣ дар шароити полилингвалӣ (бисёрзабонӣ) идома дорад, яъне дар баробари забони тоҷикӣ ва забони русӣ муҳассилин боз як ё ду забони хориҷиро аз худ мекунанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаю баромадҳои хеш борҳо қайд кардаанд, ки шахси фарҳангӣ дар баробари забони модариаш бояд камаш бо ду-се забони хориҷӣ балад бошад. «Ман борҳо гуфтаам ва ҳоло бори дигар таъкид менамоям, ки ҳар як шахс ва дар навбати аввал, ҷавонон бояд ғайр аз забони давлатӣ ду забони хориҷиро дар сатҳи забони модарӣ донанд, зеро ин тақозои замони муосир мебошад», -таъкид кардаанд Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон баноми Сотим Улуғзода 27 сентябри соли 2022.

Ба ҳамин муносибат мувофиқи матлаб дониста мешавад, ки омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ бояд ба чунин салоҳиятҳо соҳиб бошад:

1. Дониши кофӣ аз забони модарӣ ва забони хориҷӣ барои таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ;
2. Шахсияте, ки арзишҳои фарҳанги худӣ ва бегонаро аз худ кардааст ва дорои маҳорати истифодаи ин донишҳо дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад;
3. Донистани асосҳои педагогикаи этникӣ ва психологияи этникӣ ва маҳорати истифодаи ин донишҳо дар муассисаҳои таълимӣ;
4. Маҳорати истифодаи маводҳои миллию фарҳангӣ дар машғулиятҳои забонҳои хориҷӣ, корҳои берун аз синфӣ аз забонҳои хориҷӣ ва дар раванди корҳои таълимию методӣ.

Гузаштан ба технологияи нави таълим асосан аз солҳои 90-и асри XX оғоз ёфт. Яъне моҳияти таълим аз ҳосил намудани дониш ва малака *ба инкишофи қобилият ва истеъдод* гузашт. Асоси таълимоти муосирро консепсияи психологие ташкил мекунад, ки дар заминаи он инкишофи шахсият дар тамоми намудҳои фаъолияти нутқ дар назар дошта мешавад. Аз рӯйи чунин талабот ба равияҳои тамоюли шахсиятӣ ва фаъолмандии шогирд аҳамияти асосӣ дода мешавад. Таҳти равияи фаъолмандӣ чунин тарзи ташкили фаъолияти таълимии хонандагон фаҳмида мешавад, ки тибқи он хонанда ё донишҷӯй дар раванди таълим фаъолона иштирок мекунад. Донишҷӯй бояд натанҳо барои аз худ намудани забон ангеза ва шавқу завқи зиёд дошта бошад, балки ӯ бо хоҳиши том фаъолона дар машғулиятҳо иштирок кунад. Вазифаи муаллим низ ба тағйирот дучор гардида, ӯ бо шогирдон ҳамчун ҳамкор, маслиҳадгар баромад мекунад.

Дар даҳсолаҳои охир мақсади умумии гуманизатсияи таҳсилот масъалаи омӯзиши хусусиятҳои фарҳангиро дар таълим ба пеш гузошт. Дар соҳаи назарияи таълими забони олмонӣ тамоюли мазкур маънои онро дорад, ки донистани забони хориҷӣ пеш аз ҳама аз худ намудани фарҳанги бегона буда, шиносоӣ бо мундариҷаи сотсиокултурии (фарҳанги иҷтимоӣ) мардуми олмонизабонро дар назар дорад.

Дар робита ба ҳамин хусусияти ҳар як халқ, гуногунии тафаккури он ва муносибати вай ба муҳити атроф таҷассуми худро дар забон пайдо мекунад. Тавре ки профессор И.Бим қайд кардааст, забон инъикосгари хусусиятҳои фарҳангӣ мебошад [1, с. 112]. Дар фаъолияти мутақобила бо фарҳанги бегона фарҳанги худии талаба низ ташаккул меёбад. Бинобар ин инкишофи муошират, баланд гардидани завқ барои расидан ба боигариҳои интелектуалии

инсонӣ забони хориҷиро на танҳо ҳамчун фанни таълимӣ мароқангез мегардонад, балки имконият медиҳад, ки он ҳамчун воситаи зарурӣ барои рушду нумӯи муколамаи байни фарҳангҳо мусоидат намояд [11, с. 262].

Ба ҳамин муносибат татбиқи технологияҳои пешқадами таълим дар шароити Ислоҳоти системаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба рушду такомули мундариҷа ва сохти маълумот равона карда шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумот ва Стандартҳои давлатии таҳсилот ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки барои рушду инкишофи минбаъдаи соҳаи маорифи ҶТ мусоидат мекунанд. Бинобар ин истифодаи технологияҳои муосири таълим дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ хеле судманд аст. Тавре Президенти кишвар қайд кардаанд, «… муассисасаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки дар ҷараёни таълим истифодаи технологияи итилоотиву коммуникатсиониро васеъ ба роҳ монанд, таҷрибаи байналмиллалиро омӯзанд ва нақшаву барномаҳои таълимиро ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонии таҳсилот ва бозори дохиливу хориҷии меҳнат мутобиқ гардонанд» [5].

Дар Консепсияи миллии маълумоти кишвар зарурати омӯзиши забони хориҷӣ барои инкишофи ҷомеа чунин таъкид шудааст: «Зарурати омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогресси илмию техникӣ ва воситаи муоширати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифт» [5, с. 74].

Консепсияи рӯйоварӣ ба инкишофи шахсияти шогирд ба муносибатҳои фаъолмандӣ ва фарҳангӣ такя мекунад. Яке аз идеяҳои пешбари консепсияи мазкур тағйир ёфтани мақоми омодагии фаннӣ дар маълумоти педагогӣ мебошад, ки мувофиқи он таваҷҷӯҳи асосӣ аз омӯзиши фан чун мақсади таълим ба омӯзиши фанни таълимӣ ҳамчун воситаи инкишофи хонанда ё донишҷӯ равона карда мешавад.

*Таҳти равияи фаъолмандӣ* чунин тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишомӯз фаҳмида мешавад, ки дар он шогирд на ҳамчун шунавандаи оддӣ, балки чун иштирокчии фаъол дар раванди таълим ба ҳисоб меравад [9, с. 361]. Тибқи чунин таълимот донишҷӯ барои омодагӣ ба таҳсил дар баробари майлу хоҳиш, инчунин бояд саъю кӯшиши фаъол дошта бошад. Дар чунин ҳолат вазифаи омӯзгор вобаста ба мақсади таълим аз интихоби технологияи мувофиқ иборат мегардад.

Фаъолмандии омӯзгор низ тағйир меёбад: ӯ аз таълимдиҳандае, ки донишҷӯён бо ёрии ӯ танҳо малакаҳои педагогӣ ҳосил мекарданд, нақши мушовиреро мебозад, ки дар ҳамкорӣ бо шогирдон фаъолияти касбии ояндаи онҳоро тарҳрезӣ мекунад [6, с. 42]. Ба ҳамин муносибат *ҳамгироии технологияҳои таълим* мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар донишҷӯён хоҳиши маърифатнокшавӣ ба вуҷуд омада, онҳо дарк мекунанд, ки омӯзиши забони хориҷӣ на танҳо мақсади амалии ёд гирифтани забонро дорад. Дар баробари он, вай барои инкишофи фикрии шогирдон, омӯзиши фанҳои ҳамгиро ва гирифтани маълумот мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, дар пайравӣ ба муносибати фаъолмандӣ ангезаи (мотиватсияи) омӯзиши забон асоси педагогии таълими забони хориҷиро ташкил мекунанд.

Дар ташаккули равияи фаъолмандӣ истифодаи методи эвристӣ муфид мебошад. Ба андешаи Ю.Н.Кулюткин *маънои методи эвристӣ* дар он зоҳир мегардад, ки бо кӯмаки омӯзгор ташкили фаъолияти маърифатии хонанда, ки барои ҷустуҷӯи мустақилонаи мафҳумҳои нав, хулоса ва қоидаҳо равона карда шудааст, иборат аст [8, с. 36].

Бояд қайд кард, ки решаи методи эвристии таълим ба давраҳои Суқрот рафта мерасад. Суқрот сӯҳбатро на барои пешниҳоди донишҳои нав, балки барои дарёфти дониш аз ҷониби шахсоне, ки ӯ бо онҳо сӯҳбат меорост, моҳирона истифода мебурд. Суқрот шогирдони худро ба он водор менамуд, ки ҳангоми муколама, полемика бояд мантиқан фикр намуд; ташвиқ мекард, ки онҳо вазъияти мубоҳисавиро мантиқан (мунтазам) инкишоф диҳанд, беасос будани фикри нодурустро нишон дода, он бо методи ҷустуҷӯи ҳақиқат ба роҳи дуруст оварда расонад.

Муносибати эвристӣ ҳангоми омӯзиши маводи нав бо тарзҳои зерин истифода гашта метавонад:

1) Тавассути омӯзгор ташкил кардани омӯзиши маводи таълимӣ дар шакли мусоҳибаи эвристӣ;
2) Гузориши саволҳои проблемавӣ ба донишҷӯён аз тарафи омӯзгор;
3) Ҳалли мустақилонаи масъалаҳои маърифатӣ аз ҷониби донишҷӯён;
4) Аз ҷониби донишҷӯён гузоштан ва ҳал намудани проблемаҳои таълимӣ бо кӯмаки омӯзгор [3, с. 41].

Методи эвристӣ дар шакли мусоҳибаи эвристӣ ҳангоми семинар, мубоҳиса, конференсияи таълимӣ истифода гашта метавонад. Вай барои фаъолсозии тафаккури донишҷӯ, маҳорати бо факту далел изҳор кардани ақидаи худ мусоидат намуда, ақидаи субъективии донишҷӯро ифода намуда, ӯро ба боодобӣ талқин месозад ва дар шароити бисёрзабонӣ малакаҳои муоширати таҳаммулпазирро ташаккул медиҳад [14, с. 332].

Миёни муносибатҳои эвристӣ нақши асосиро мубоҳисаи таълимӣ мебозад. Он муколамавӣ буда, истифодаи он барои тафаккури интиқодӣ ва шиносоии донишҷӯён ба фарҳанги ҷамъияти демократӣ мусоидат мекунад. Назар ба муҳокима ҳамчун табодули андешаҳо, ҳамчун мубоҳиса муҳокимаи мунокиша, баҳси нуқтаи назар, андеша ва ғайраро меноманд.

Лексияҳои мо таи солҳои зиёд дар заминаи технологияҳои муосири таълим сурат мегирад. Ин намуди лексияҳо дар шакли «Шогирд дар нақши устод», «Конфронси матбуот», «Мусоҳибаи эҷодӣ», «Саволборон ва обутоби майна» ва ғайраҳо рух медиҳанд, ки он барои бартараф намудани монеаҳои психологӣ, ташаккули қобилияти касбию муоширатӣ, инкишофи тафаккури интиқодии шогирдон ва ҳамкории бурдборонаи онҳо дар ҳалли проблемаҳои таълим мусоидат менамояд.

Аз ҷӯмла, усули «Шогирд дар нақши устод» дар се давр ба таври зайл ҷараён мегирад:

*Даври аввал*. Баъд аз гузаштани дарси лексионии нахустин муалим ба донишҷӯён супориш медиҳад, ки ба саволҳои додашуда тайёрӣ бинанд. Дар дарси минбаъда аз руйи саволҳои пекашшуда муаллим донишҷӯёнро мепурсад ва дарси пештараро ҷамъбаст намуда, дарси навро оғоз менамояд. Баъди гузаштани 3-4 лексия *даври дуюм* оғоз мeёбад ва донишҷӯён аз рӯйи саволҳои пешниходгардида дар нақши шогирду устод ҳамдигарро пурсида посух мегиранд. Баъд муаллим дарси гузаштаро ҷамъбаст намуда, дарси навро мегузарад. Дар лексияи 6 ё 7-ум *даври сеюм* оғоз меёбад ва як ё ду шогирд ҳамаи ин корҳо, яъне пурсиш ва ҷамъбасти мавзӯи гузаштаро *дар нақши устод* анҷом медиҳанд ва омӯзгор ба баёни мавзӯи нав мегузарад.

Барои босамар гузаштани чунин технологияи кор муаллим бояд ба донишҷӯёни лаёқадманд ва хеле пешқадам такя бикунад. Донишҷӯи лаёқадманд дар нақши устод аз рӯйи саволнома ҳамкурсони худ – ҳам донишҷӯёни болаёқат ва ҳам донишҷӯёни сустхонро мепурсад. Баъд саволборон аз ҷониби нишастагон рух медиҳад. Аксар вақт ҳамкурсон (донишомӯзи на он қадар қавӣ ҳам) ба донишҷӯйи вазифаи муаллимро иҷро карда истода савол медиҳанд, ки ӯ низ бояд омодаи ҷавоб бошад. Бо ҳамин дар тули 8-10 дақиқа як намуд мубоҳисаи илмӣ ба миён меояд. Агар ба ягон савол донишҷӯйи дар вазифаи устод буда ҷавоб гуфта натавонад, муаллим ба ӯ кӯмак мерасонад. Ҳамин тариқ донишҷӯ дар нақши муаллим дар даврҳои дуюм ва сеюм дарси гузаштаро ҷамъбаст мекунад ва навбатро ба устод барои гузаштани дарси нав медиҳад.

Бартарии усули номбаршуда дар он аст, ки донишҷӯён, аз як тараф, ба дарс омодагии хуб мегиранд, зеро онҳо ҳавасманд ҳастанд, ки тавассути фаъолмандиашон ҳангоми санҷиш ё имтиҳон ба таври маханикӣ баҳо гиранд ё рейтингу имтиҳонро ба осонӣ супоранд. Аз ҷиҳати дигар, онҳо ҳаракат мекунанд, ки монеаҳои психологиро бартараф намуда, баҳсу мунозира кардан ва барои исботи ақидаи худ далел оварданро ёд гиранд ва худро дар нақши муаллим пин дошта, мустақилона синфро идора карда тавонанд. Чунин намуди салоҳиятмандӣ ва аз ӯҳдаи кор баромадан, бешубҳа, барои омӯзгори ҷавон ва роҳбари оянда хеле зарур аст.

Барои омӯзиши усули баргузории чунин намудҳои лексия баъзе омузгорони кафедраи забони олмонӣ ва методикаи таълими он дар ДДОТ ба номи С.Айнӣ (З.Нурова, З.Хоркашева, К.Ҷурабеков, Ф.Одинаев, Зулфиқори Раҷабалӣ, Ш.Умедов, Р.Куҷов, Ф.Ғиёсов, Ф.Раҷабова, Н.Сатторова, Х.Неъматова ва ғ.) ба дарсҳои мо ширкат намуда, онро баъдан дар машғулиятҳои хеш истифода бурдаанд. Доир ба татбиқи технологияҳои муосир донишҷӯёни курсҳои 2, 3 ва 4 – Раҷабова Фируза, Давлатова Моҳинав, Мадиева Умеда, Пирумшоева Умеда ва ғ. таҳти роҳбарии банда дар Конфронсҳои байналмиллалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (солҳои 2008-2010) иштирок ва баромад намудаанд.

Равияи фаъолмандӣ дар ташаккули муносибати босалоҳият аз усулҳои анъанавӣ бо он фарқ мекунад, ки дар низоми анъанавии таҳсилот барои тайёр намудани кадрхои педагогӣ дар маркази диққат раванди таълиме меистад, ки дар асоси он муносибати иштироккунандагон ба тарзи субъективию объективӣ ба амал оварда мешавад. Дар чунин муносибат субъект, яъне омӯзгор дар шароити маҳдуд қарор дорад ва фаъолияти ӯ танҳо дар асоси нақша ва барномаи

таълимӣ чараён мегирад. Объект, яъне донишҷӯй бошад аз ҳар як фан донишҳои муайянеро ба даст меорад. Вазифаи ӯ пассивона аз худ намудани дониш мебошад.

Камбудиҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ водор намуд, ки омӯзгорони фаннӣ тайёр карда шаванд. Мақсади таълими забони хориҷӣ аз рӯйи усулҳои анъанавӣ аз худ намудани донишҳои фаннӣ буда, услуби роҳбарии итилоотию санҷишӣ, услуби фаъолияти фармонфармоӣ аз рӯйи ҳуҷҷатҳои махсус ба амал оварда мешавад. Ташаббуси хонанда ё донишҷӯй, таҷрибаи шахсии ӯ ба назар гирифта намешавад. Шакли ягонаи таълим - нишон додан аз рӯйи намуна, тақлид, такроркунии аз ҳад зиёд ва қориазиёд кардан иборат аст.

Тарҷума низ табқи усули мазкур аз забони хориҷӣ ба забони модарӣ ё баракс барои аз худ кардани воҳидҳои забонӣ истифода бурда мешавад, на барои муқоиса намудан ва нишон додани фарқияти байни забонҳо ва ошкор намудани сабаби ин фарқиятҳо.

Вобаста ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ тибқи равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ воқеияти асосӣ ин аст, ки дар фаъолият мавқеъҳои ҳаётии субъект (муносибатҳо, ангезаҳо) ба объект тибқи ҷараёни фаъолият тағйир мепазиранд, яъне фаъолият хусусияти таҳаррукӣ дорад ва системаи озод барои ташаккули шахсият мебошад. Фаъолияте, ки мавқеи ҳаётии субъектро ифода менамояд, мувофиқи ақидаи Г.В.Сорокових, «муносибати субъектӣ-фаъолмандӣ» номида мешавад. Он ба ташаккули муносибатҳои субъект-объектӣ ва субъект-субъектие, ки дар натиҷаи бунёди фаъолияти мутақобилаи донишҷӯён ва омӯзгорон падид меояд, мусоидат мекунад» [13, с. 64].

Тавре ки маълум аст, дар қолаби аввал муносибати субъект-объект, яъне муносибати омӯзгори оянда ба фанни мавриди омӯзиш қарордодаи ӯ мушоҳида карда мешавад. Дар қолаби дуюм субъект-субъект, яъне муносибати байни донишҷӯён ва омӯзгор зуҳур меёбад. Дар ин муносибатҳо *робитаи мутақобила миёни ҳама ҷузъҳои он* муҳим аст. Масалан, муносибати донишҷӯён ба мақсадҳо ва мундариҷаи таълим; муносибати донишҷӯён миёни ҳамдигар ва муаллим; шароитҳое, ки дар онҳо раванди таълим сурат мегирад.

Комилан маълум, ки дар раванди таҳсилот ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои субъект-субъектӣ ҳар ду иштирокчӣ ба ин раванд саҳми худро мегузоранд. Ба ҳар иштирокчии раванд дар таълиму тарбия талаботи дахлдор пеш ниҳода мешаванд.

Мутобиқи Консепсияи миллии маълумоти ҶТ ва Стандарти давлатии тахсилоти олии касбӣ дар ҶТ ҳоло тасавурот оид ба моҳияти таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ қатъиян (пурра) тағйир ёфта, самти стратегии таълим ва тарбия муқаррар гардида, моҳияти гуманистии таълим татбиқ мегардад. Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ тадриҷан равияҳои нав дар назария ва амалия пайдо шудаанд. Ҳануз дар моҳи декабри соли 1993 «Қонун дар бораи маориф» қабул гардид, ки дар асоси он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ислоҳот дароварда шудааст.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд, ки мундариҷаи тасилоти олӣ аз нав дида баромада шавад. «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди идома доштани ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ сатҳу сифати таълим ва дараҷаи азхудкунии дониш аз ҷониби донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба такмил ниёз дорад» [1].

Дар асоси чунин дастур ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тамоми китобҳои дарсӣ аз нав таҳия ва нашр гардидаанд. Баъди истиклолият ҳамкории ҶТ бо кишварҳои Ғарб васеъ гардид. Шароитҳои хуби таҳсил ва кор барои ҷавонони тоҷик дар кишварҳои Ғарб пайдо шуд. Маҳсулоти Тоҷикистон дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҷойи худро пайдо кард. Шароити муфиде барои табодулоти донишҷӯён, мактабиён ва мутахассисон фароҳам омад. Ба хотири чунин шароитҳои муфид эътибори забони хориҷӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон низ баланд гардид. Забони хориҷӣ аз фанни таълимӣ ба як элементи базавӣ (асосӣ) барои расидан ба максадҳои шахсӣ табдил ёфт. Дар баробари забонҳои кишварҳои Ғарб омӯзиши забони кишварҳои ҳамсоя мисли забонҳои хитойӣ, японӣ, куриёӣ, туркӣ зарур гардид.

Равияи тамоюли шахсиятӣ ин инкишоф додани донишҷӯй ҳамчун фард ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати ақлонӣ мебошад. Донишҷӯй бояд дар баробари гирифтани донишҳои фаннӣ ба равияи кори таҳқикотӣ равона шавад. Донишҷӯёни шуъбаи забони олмонӣ дар давраи тахсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ зинаҳои шогирд, таҷрибаомӯз (шогирди устод) ва устодро аз сар мегузаронанд. Тавре ки профессор Д.Б.Элконин гуфтааст, «мактаби олиро натанхо ҳамчун макон ва замони таълимгирӣ донист, балки он маконе мебошад, ки дар он ба воярасии ҷавонон ва духтарон ба амал меояд» [16, с. 67].

Бинобар ин дар чунин шароит бо мақсади омӯзиши забони хориҷӣ вазифаи иҷтимоӣ ва касбие меистад, ки онҳо ба донишҷӯён касбҳои ояндаро пешкаш кунанд ва дар шароити бисёрзабонӣ бо як ё ду забони хориҷӣ муошират карданро омӯзанд [10, с. 88]. Дар чунин ҳолат аҳамияти муассисаи таҳсилоти олие, ки дар он донишҷӯён мехонанд, калон аст. Робитаи донишҷӯён бо кишварҳои хориҷӣ, ҳамкории байни омӯзгору донишҷӯй ва донишҷӯён байни ҳамдигар ва ташкили дарс дар сатҳи баҳсу мунозира хеле аҳамиятнок аст. Дар чараёни чунин тарзи таълим дар баробари гирифтани дониши касбӣ шахсияти донишҷӯй низ инкишоф дода мешавад.

Тавре В.В.Бойко кайд гардааст, дар баргузории мубоҳисаи таълимӣ мавқеи асосиро таъсиси фазои созгор ва таваҷҷуҳ ба ҳар як нафар мебозад [2, с. 93]. Вақти гузаронидани натиҷаҳои ҷории муҳокима омӯзгор одатан доир ба яке аз лаҳзаҳои мубоҳиса таваққуф мекунад: резюмеи гуфташуда доир ба мавзӯи асосӣ; обзори маълумотҳои пешниҳодшуда; ҷамъбасти обзори он чизе, ки аллакай муҳокима шудааст ва масъалаҳое, ки минбаъд муҳокима мегарданд; таҳлили рафти муҳокима то лаҳзаи охир [15, с. 131].

Ба ҳамин тариқ, он усулу методҳои таҳлилу таҳқиқи корҳои илмӣ ва таълимӣ, ки мо дар машғулиятҳои хеш мавриди истифода қарор медиҳем, алҳол аз ҷониби шогирдони мо низ инкишоф ёфта, барои ташаккули мутахассиси фаъол, босалоҳият ва ӯҳдабаро мусоидат менамоянд. Накши равияи фаъолмандӣ дар робита бо равияҳои тамоюли шахсиятӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ бошад, он барои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва байнифарҳангии омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ назаррас аст.

***АДАБИЁТ***


1. *Бим, И.Л. Методика обучения иностранным языкам как наука и проблемы школьного учебника. / И.Л. Бим. – М.: Русский язык, 1977. – 288 с.*
2. *Бойко, В.В. Социально-психологи ческий климат коллектива и личность. / В.В. Бойко, А.Г. Ковалев, В.Н. Панферов. —М.: Мысль, 1983. -210 с.*
3. *Деркач, А.А. Педагогическая эвристика (искусство обучения иностранному языку) / А.А. Деркач. - М., 1991.- 115 с.*
4. *Забон омили ҳастӣ ва бақои миллат аст. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 27.09.2022, ш. Душанбе.*
5. *Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбороти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2003. – 74 с.*
6. *Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар китоби «Мактаби олӣ». Қисми аввал. – Душанбе: ИТЭС, 2007.-204с.*
7. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» - Душанбе: Шарқи озод, 2004.-64 с.*
8. *Кулюткин, Ю.Н. Эвристические методы в структуре решений. / Ю.Н. Кулюткин. - М., 1988. -136 с.*
9. *Кучугурова, Н.Д. Формирование профессиональной компетентности будущего специалиста / Н.Д. Кучугурова. // Проблемы и перспективы педагогического образования в XXI веке. – М., 2000. – С. 360-362.*
10. *Негматов, С.Э. Актуальные проблемы поликультурного и полилингвального образования: монография / С.Э.Негматов. [Текст]. - Душанбе: «Сифат», 2016. -189 с.*
11. *Сайфуллаев, Х.Г. Технология сопоставительного изучения языков в контексте диалога культур // Проблемы изучения и преподавания иностранных языков. Материалы республиканской научно-практической конференции. / Х.Г. Сайфуллаев. – Душанбе: РТСУ, 2015. -С.260-267.*
12. *Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии: учебное пособие / Г.К.Селевко. [Текст].-М: Народное образование.-1998. –256 с.*
13. *Сороковых, Г.В. Субъектно-деятельностный подход к личностно-профессиональному развитию студентов // Педагогика. 2004. № 1. -С. 62-68.*
14. *Стернин, И.А. Толерантность и коммуникация / И.А. Стернин. // Философские и лингво-культурологические проблемы толерантности. – Екатеринбург, 2003. – С. 331-344.*
15. *Чаплыгина, О.В. Педагогические условия развития творческой индивидуальности студентов: на примере изучения иностранных языков: // дисс. ... канд. пед. наук. / / О.В. Чаплыгина - Курск, 2003.-176 с.*
16. *Эльконин, Б.Д. Понятие компетентности с позиций развивающего обучения / Б.Д. Эльконин // Современные подходы к компетент ностно-ориентированному образованию. / Б.Д. Эльконин. – Красноярск, 2002.– 67 с.*

## РАВИЯИ ФАЪОЛМАНДӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Дар мақола дар хусуси равияи фаъолмандӣ ва робитаи он бо равияҳои тамоюли шахсиятӣ ва иҷтимойӣ-фарҳангӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ суҳан меравад. Дар муассисаҳои таълимии кишвар таълими забонҳои хориҷӣ дар шароити полилингвалӣ идома дорад, яъне дар баробари забони тоҷикӣ ва забони русӣ муҳассилин як ё ду забони хориҷии дигарро аз худ мекунад. Асоси таълимоти муосирро консепсияи психологие ташкил мекунад, ки дар заминаи он инкишофи шахсият дар тамоми намудҳои фаъолияти нутқ дар назар дошта мешавад. Моҳияти таълим аз ҳосил намудани дониш ва малака ба инкишофи қобилият ва истеъдод мегузарад. Аҳамияти асосӣ ба рушди шахсият ва фаъолмандии шогирд дода мешавад. Хонанда на ҳамчун шунавандаи одӣ дар дарс менишинад, балки бо хоҳиши том дар машғулиятҳо фаъолона иштирок мекунад. Омӯзгор низ технологияи зарури таълимро интихоб намуда, бо шогирдон чун ҳамкор, маслиҳатгар муносибат мекунад. Ҳамин хел, устод бо шогирдон дар якҷоягӣ фаъолмандона лоиҳаи нави таълимро тартиб медиҳанд. Дар қолаби фаъолмандии субъект-субъект муносибати байни донишҷӯён ва омӯзгор зуҳур меёбад. Дар раванди таҳсилот ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои субъект-субъектӣ ҳар ду иштирокчӣ ба ин раванд саҳми худро мегузоранд. Дар ин муносибатҳо робитаи мутақобила миёни ҳама ҷузъҳо муҳим аст. Аз ҷумла, муносибати донишҷӯён ба мақсадҳо ва мундариҷаи таълим; муносибати донишҷӯён миёни ҳамдигар ва муаллимон; шароитҳое, ки дар онҳо раванди таълим сурат мегирад. Равияи фаъолмандӣ дар робита бо равияҳои тамоюли шахсиятӣ ва иҷтимойӣ-фарҳангӣ барои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ мусоидат карда метавонад.

**Калидвожаҳо.** Равияи фаъолмандӣ, равияи тамоюли шахсиятӣ, равияи иҷтимойӣ-фарҳангӣ, салоҳиятмандии коммуникативӣ, салоҳиятмандии байнифарҳангӣ, муассисаи таълимӣ, шароити полилингвалӣ, муносибати субъект-субъектӣ, технологияи инноватсионӣ.

## ДЕЯТЕЛЬНОСТНЫЙ ПОДХОД В ФОРМИРОВАНИИ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

В статье говорится о процессе деятельностного подхода и его связи с личностно ориентированным и социокультурным подходами в формировании компетентности будущих учителей иностранных языков в учреждениях высшего профессионального образования. В учебных заведениях страны продолжается преподавание иностранных языков в полиязычных условиях, то есть наряду с таджикским и русским учащиеся изучают еще один или два иностранного языка. В основе современного образования лежит психологическая концепция, в основе которой лежит развитие личности во всех видах речевой деятельности. Суть образования идет от приобретения знаний и навыков к развитию умений и способностей. Основное значение придается развитию личности и активности учащегося. Ученик не сидит на уроке как обычный слушатель, а активно участвует в занятиях с полным желанием. Учитель также выбирает необходимую технологию обучения и относится к ученикам как к коллеге и консультанту. Таким образом, учитель и ученики вместе активно готовят новый образовательный проект. В форме субъектно-субъектной деятельности выступают отношения между учащимися и учителем. В процессе образования, как особой формы субъект-субъектных отношений, в этот процесс вносят свой вклад оба участника. В этих отношениях важно взаимодействие между всеми частями. Среди них отношение учащихся к целям и содержанию образования; отношения между учениками и учителем; также условия, в которых происходит учебный процесс. Деятельностный подход в связи с тенденциями личностной и социокультурной направленности может способствовать формированию коммуникативной и межкультурной компетентности будущих учителей иностранного языка.

**Ключевые слова:** Деятельностный подход, личностно ориентированный подход, социокультурный подход, коммуникативная компетентность, межкультурная компетентность, образовательное учреждение, полилингвальное условие, субъект-субъектные отношения, инновационные технологии.

## ACTIVITY APPROACH IN FORMATION OF COMPETENCE OF FUTURE FOREIGN LANGUAGE TEACHERS

The article deals with the process of the activity approach and its connection with personality-oriented and socio-cultural approaches in the formation of the competence of future teachers of foreign languages in institutions of higher professional education. In educational institutions of the country, teaching of foreign languages in multilingual conditions continues, that is, along with Tajik and Russian, students learn one or two more foreign languages. At the heart of modern education is a psychological concept, which is based on the development of the individual in all types of speech activity. The essence of education goes from the acquisition of knowledge and skills to the development of skills and abilities. The main importance is attached to the development of the personality and activity of the student. The student does not sit at the lesson like an ordinary listener, but actively participates in classes with full desire. The teacher also chooses the necessary teaching

technology and treats the students as a colleague and consultant. Thus, the teacher and students are actively preparing a new educational project together. The relationship between students and the teacher is in the form of subject-subject activity. In the process of education, as a special form of subject-subject relations, both participants contribute to this process. In these relationships, the interaction between all parts is important. Among them are the attitude of students to the goals and content of education; relationship between students and teacher; as well as the conditions in which the learning process takes place. The activity approach in connection with the trends of personal and socio-cultural orientation can contribute to the formation of communicative and intercultural competence of future teachers of a foreign language.

**Keywords.** Activity approach, personality-oriented approach, sociocultural approach, communicative competence, intercultural competence, educational institution, multilingual condition, subject-subject relations, innovative technologies.

***Дар бораи муаллиф***
*Сайфуллаев Хайрулло Ғайбуллаевич*
*Доктори илмҳои педагогӣ,*
*профессори кафедраи забони олмонӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*
*E-mail: sayfi.ddot@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907 904 250*

***Об авторе***
*Сайфуллаев Хайрулло Гайбуллаевич*
*Доктор педагогических наук,*
*профессор кафедры немецкого языка*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени Садридин Айни,*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,*
*проспект Рудаки, 121.*
*E-mail: sayfi.ddot@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907904250*

***About the author***
*Sayfullaev Khairullo Gaibullaevich*
*Doctor of Pedagogical Sciences,*
*Professor of the German Language Department.*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini,*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121.*
*E-mail: sayfi.ddot@mail.ru*
*Phone.: (+992) 907 904 250*

ТДУ 372.857

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ ТАЙЁРИИ КАСБӢ – МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ БА КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

***Баротзода К.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Равандҳои иҷтимоии марбут ба рушди ҷомеа, дархостҳои марҳилаҳои баъдӣ доир ба тавсеаи илм ва фанноварӣ ниёз ба бозсозии низоми маориф, ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои нав барои расидан ба ҳадафи - омодасозии мутахассисони босалоҳият ҷиҳати фаъолият дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла соҳаҳои маорифро тақозо мекунад.

Навсозии раванди таълим дар МТМУ, ки дар айни замон ҷараён дорад, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар таъмин намудани омодагии касбӣ ва тарбияи касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир талаботи нав зам мекунад. Вазифаҳои нави омодасозии омӯзгорон, аз ҷумла ташаккулёбии салоҳиятҳои касбии онҳо дар заминаи фарқияти сатҳ ва мушаххасот, таълими маҷмӯӣ ва элективӣ, истифодаи методҳо ва васоити нави педагогиву таълимӣ аз ҷумла иттилоот, технология, дастурҳои таълимӣ ва таҷҳизотро дар бар мегирад. Дар ҳамин росто зарур аст, ки таълими фанҳои тахассусӣ барои омӯзгорони оянда зимни тадбиқи низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи омӯзгорӣ ба вазифаҳои марҳалаи имрӯзаиислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ таъмин карда шавад.

Дигаргунсозиҳои ҳамаҷониба дар соҳаи таҳсилоти олӣ, инчунин бознигарии Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як соҳаи мушаххаси фаъолиятро дар назар дорад. Навсозии мӯҳтавои таълим ба таҷдиди назарраси таъминоти таълимию методӣ ва татбиқи методҳои муосири инноватсионӣ ниёз дорад. Дар ҳамин иртибот солҳои охир як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ, ки ислоҳоти низоми таҳсилоти олиро танзим мекунанд ва ҳадафҳои дарозмуддати ин таҳаввулотро муайян менамоянд, қабул шуданд. Гузариш ба низоми зинавии таҳсилот ва таҳияи стандартҳои нави таълим бо дарназардошти талаботи муосири тахассусӣ ба мутахассисони сатҳҳои гуногун, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравaнд. Ҳангоми муайян кардани ҳадафҳо таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот таваҷҷуҳи асосӣ ба танзими умумӣ, самти касбӣ ва амалии таҳсилот ба назар мерасад.

Марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва зарурати ҷараёни таҷдиди соҳаи маориф такмил додани методология ва методикаи тайёр кардани мутахассисонро тақозо карда, онҳоро ба талаботи стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот мутобиқ менамояд.

Барои ин ба таври назаррас баланд бардоштани сифати омода сохтани мутахасисон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти касбӣ зарур аст, ки инро ислоҳоти низоми таҳсилоти олии касбии кишвар тақазо менамояд.

Бо назардошти ин талабот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дидору мулоқотҳои худ бо намояндагони зиёиён ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳадафнок ва муҳим будани татбиқи ислоҳоти кулии низоми маориф бо мақсади баланд бардоштани омодасозии сифатии мутахассисон, таъмини дохил шудани ҷумҳурӣ ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ диққати махсус медиҳанд. Тибқи супоришҳои Сарвари давлат, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади дастрасёбӣ ба стандартҳои ҷаҳонии сифати таҳсилот ва таъмини эътирофи байналмилалии дипломҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ба мутахассисон медиҳанд, тадбирҳо меандешад ва даст ба ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти баъдидонишгоҳӣ задааст.

Имрӯзҳо омодасозии омӯзгорони оянда тибқи низоми таҳсилоти кредитӣ доир ба илмҳои табиатшиносӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар ду зина сурат мегирад: зинаи аввал, бакалавр ё мутахасис ва дар зинаи дуюм – магистратура [4,5].

Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият, зимни ислоҳоти низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар намудани сифати тайёр кардани мутахассисони соҳаи педагогӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, барои ҷорӣ намудан ва такмили минбаъдаи ин ислоҳот масъалаи дарки моҳияти донишҳои илмию назариявӣ дар соҳаи омодагии касбӣ- методӣ ва илмӣ-тадқиқотии омӯзгорониояндаи биология тибқи низоми таҳсилоти кредитӣ дар донишгоҳои омӯзгорӣ ва рушди муносибати эҷодӣ ба ин соҳа нақши муҳим дорад. Дар «Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид карда мешавад, ки ғояи ташаккули насли нав-одамони дорои тафаккури навоварона, мутахассисони баландихтисоси дорои фарҳанги ташаккулёфта ва аз ҷиҳати ахлоқӣ арзишманду дар назди ҷаҳониён масъул вазифаи стратегии ислоҳоти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Муқаррароти Консепсияро зарурати тайёр кардани мутахассисони оянда, ки дорои дониш, малака ва маҳоратҳои касбӣ буда, дар шароити комилан нави воқеъияти педагогии ҷомеаи муосир мебошад, вале аз ин мутахасисон самаранок ва эҷодкорона кор карда тавонанд, ташкил медиҳад.

Тавре ки маълум аст, имрӯз масъалаи омӯзиши фанҳои табиатшиносию дақиқ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, барои таъмини рушду нумуи соҳаи мазкур тадбирҳои муҳимми давлати амалӣ карда мешаванд. Ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ доир ба рушди илмҳои табиатшиносию дақиқ ва таъмини рушди илмҳои сохаи мазкур бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005- 2008” ва “Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020” ва дигар санадҳои расмии давлатӣ ба тасвиб расиданд, ки бешубҳа дар ин марҳилаи рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар нақши муҳим гузоштанд. Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намуданд, ки: - “Ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шавад”.

Дар шароити кунунӣ ташкили корҳои мақсаднок оид ба ташаккулёбии омодагии касбии мутахассисон ва фарҳанги инфиродии онҳо ниёзҳои иҷтимоӣ доранд. Ин нукта дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 2013), «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2008), «Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2009), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» (соли 2009) [1,2,10] ва ғайраҳо зикр гардидааст.

Яке аз аслитарин иқдомоти дастрасӣ ба сатҳи муносиби сифати таълим ва тақвияти таҳарруки донишомӯзон дар асоси усулҳои раванди Болонӣ ба назари мо суръат бахшидан ба гузариши донишгоҳҳо ба низоми кредитии таҳсилот ба шумор меравад.

Аз соли таҳсили 2005-2006 муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармони Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.09.2004 таҳти рақами 698 ба татбиқи низоми кредитии таҳсилот шурӯъ намуданд. Ҳамчун донишгоҳҳои озмоишӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон интихоб карда шуданд [9].

Таҳлили маълумот дар бораи натиҷаҳои пешакии фаъолияти донишгоҳҳои озмоишӣ афзалияти воқеии низоми кредитии таҳсилотро нисбат ба донишгоҳҳои анъанавӣ нишон дод. Бо назардошти таҷрибаи ҷамъшудаи донишгоҳҳои озмоишӣ соли таҳсили 2006-2007 дигар донишгоҳҳои Тоҷикистон низ ба ин озмоиш ҳамроҳ шуданд.

Мувофиқ ба пешниҳоди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №05/2-294, аз 25.02.2007 сараввал факултетҳои математика, математика-информатика, менеҷмент, филологияи тоҷик ва филологияи рус ба низоми таҳсилоти кредитӣ гузаштанд. Ҳамин тариқ

гузаштан ба низоми таҳсилоти кредитӣ дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз соли 2008 оғоз ёфта, соли 2011 тамоми факултетҳои донишгоҳ пурра ба ин низоми таҳсил гузаштанд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 оғоз карда, ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба низоми таҳсилоти кредитӣ гузаштанд ва дар ин замина таҳқиқоти нави илмӣ оғоз гардиданд.

Хусусияти фарққунандаи низоми таҳсилоти кредитӣ дар он аст, ки ба амиқтар омӯхтани донишҳо ва рушди унсурҳои эҷодкорӣ дар фаъолияти донишҷӯён равона шудааст. Низоми таҳсилоти кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳайати омӯзгорону профессорон ва хусусан донишҷӯёнро ба мустақилият водор намуд, муносибат ба таҳсил ва таълим ба фанҳои таълимӣ, интихоби курсҳои элективӣ тағйир ёфт, самаранокии азхудкунии донишҳои назариявӣ ва амалӣ тавассути рушди мустақилияти донишҷӯён баланд гардид. Ин ба донишҷӯён имкон дод, ки аз нуктаи назари ихтисосҳои оянда ба омӯзиши фанҳои аз ҳама муҳим ва зарурӣ раҳнамоӣ шаванд.

Самтҳои тадқиқоти баргузоршаванда дар чорчӯбаи чунин илмҳо, аз қабили фалсафа, биология, фарҳангшиносӣ, психология, педагогика ва методикаи таълими биология қарор доранд [10].

Дар асарҳои худ файласуфону олимон А. Алексеева, П.В. Бриджлин, П.В. Коинина, И Лакатос, И. Норский, А. Страченко, А.П. Стручалина, Н.В. Мотроишлова, М. Нугмонов, У.З.Зубайдов, Т.Б. Раҷабов, С. Холназаров, С. Бандаев, Ф. Шарипов, Ғ. Бобизода, В. Пуликовский, Д. Пивоварова ва дигарон масъалаҳои арзишманди илм, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, технологияи эҷодиёти илмиро нишон додаанд.

Проблемаҳои гносеологии мантиқ ва методологияи тадқиқоти педагогӣ дар асарҳои И.Б. Михайлова, Г.И. Рузавин, В. Шаповалова, Г.П. Шедровиский; масъалаҳои методология ва ташкили тадқиқоти педагогӣ дар асарҳои Н. Болдырева, М. Данилова, В.И. Журавлева, В.И. Загвязинский; таҳлил ва баҳо додан ба натиҷаҳои тадқиқоти педагогӣ дар асарҳои В. Грибова, А. В. Усова, М. Нугмонов, В.М. Полонский, Т.Раҷабов, В. Черепанова ва дигарон нишон дода шудааст.

Асарҳои муҳаққиқони намоён В.И. Загвязинский, В. Кан-Калика, Н.В. Кузмина, Ю.П. Соколникова ва дигарон ба проблемаҳои фаъолияти эҷодии педагогӣ бахшида шудаанд. Инкишофи фаъолияти эҷодии педагогӣ дар донишгоҳҳоро А.М.Акимова, В.П. Андреева, С.Н.Бондаревская, Е.А. Гришин, Ф.Н. Гоноболин, И.М. Лузина, Ф.Н. Никандров, А.И. Пискунов, Л.И. Рувинский, Ю.В. Сенко, Н.В. Скоткин, И.В. Страхов, Л.И. Стрелес, А.И.Изербаков, Г.И.Шукина, В.И.Харкин, Н.М.Яковлева ва дигарон таъкид намудаанд. Инчунин, омӯзиши эҷодкорӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон ва донишҷӯён аз тарафи В.И. Андреева, В.Т. Разумовский ва дигарон мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

Методҳои кори тадқиқотӣ, ки дар доираи фаъолияти тадқиқотӣ истифода бурда мешавад, аз ҷониби Б.Э. Райков, В. Натали, В.В. Висвятский, А.П. Пинкевич, К. Ягодовский ва дигарон коркард шудаанд.

Дар асарҳои В.И.Андреев, Н.Г. Воробыв, Н. Делеченкова, Г.В. Денисова, И. Королкова, В.В. Николаева, М.Нугмонов, Я.А. Пономарев, Т.Б. Раҷабов, Г.И. Сарансев, Н.И. Чикансева ва дигарон ташаккулёбии маҳорати тадқиқотӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ-тадқиқотӣ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯӣ - проблемавӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

Ҳоло дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ асоси корҳои таълимию тарбиявӣ бо забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст ва ин имконият медиҳад, ки мо аз боигарии забон, аз осори гузаштагон ва панду ҳикматҳои бузургон васеъ истифода намуда, ба ин восита нутқи гуфтугӯии кӯдаконро пурғановат, зебову гуворо гардонем.

Ҷанбаи мазкур дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон», Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006), Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ (2009), Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Стандарти давлатии таҳсилот ва стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ (2016) зикр гардидааст.

Маҳз қабул гаштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» муносибати аҳли илм, бахусус мураббиёну омӯзгоронро ба омӯзиши забони модарию фарҳанги ниёгонамон дар ҳамаи сатҳу зинаҳои таълим ба куллӣ тағйир дод ва фаҳмиши онҳоро низ нисбат ба истифодаи мероси гузаштаи халқ, аз ҷумла забони миллиамон дар раванди таълиму тарбия муайян намуд.

Дар марҳилаи ҳозираи инкишофи таълиму тарбия муассисаҳои таълимӣ пешниҳод мекунад, ки мо бояд ба талаботи кӯдак, имконият ва хусусиятҳои психологии ӯ такя намоем. Ин яке аз омилҳои муҳими инкишофи шахсияти кӯдак мебошад. Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдак имкон медиҳад, ки ӯ дар байни худ ва педагог алоқаи дӯстӣ, муомилаи хуш, боварӣ ба худро ба вуҷуд орад, ки ин яке аз заминаҳои инкишоф ва фаъол гардидани нутқи кӯдак ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни таълими забон ва инкишофи нутқ, пеш аз ҳама, мизоҷ, диққат, хотира ва идроки кӯдакро ба назар гирифтан лозим аст, ки онҳо дар давраҳои синнусолӣ дар сатҳи гуногун ба амал меоянд.

М. Лутфуллозода чунин тазаккур додааст: «Барои аз худ намудани забон лозим аст, ки таркиби равонии шахсияти талаба ташаккул дода шавад ва бояд таъкид намуд, ки дар синну соли хурди мактабӣ аксар равандҳои маърифатӣ ба таври ихтиёрӣ ба амал меоянд. Бинобар ин имкони дар талабагон муносибати бошууронаро нисбат ба нутқ бо сухан рондан ташаккул додан вуҷуд дорад»[7].

Барои дуруст ба роҳ мондани омӯзиши забони модарӣ дар муасси- саҳои таълимӣ аз роҳу усулҳое истифода бурдан лозим аст, ки он асоси инкишофи нутқи талабаро ташкил намояд. Яке аз чунин усулҳо ё омилҳо алоқамандии талаба дар раванди муошират ва муносибат бо одамони атроф ба ҳисоб меравад, ки дар ин раванд талабагон фаъолии табиии худро дар дарккунӣ ва фаъолият зоҳир менамоянд.

Дар бахши методикаи таълими забони тоҷикӣ оид ба масъалаи мазкур аз ҷониби олимон - методистон таҳқиқотҳо ба анҷом расонида шудаанд, ки инкишофи нутқи кӯдакро дар марҳилаи таълими ибтидоӣ дар бар мегиранд М. Лутфуллозода, С. Шербоев, Ф. Икромова, Ф. Шарифзода, И. Абдуллоев, Ш. Котибова, М. Ҷалилова ва дигарон.

Ҳамин нуқта моро вазифадор менамояд, ки ба масъалаи омӯзиши забон ва инкишофи нутқи хонандагони синни мактабӣ эътибори махсус диҳем ва аз имкониятҳои мавҷудаи забономӯзии онҳо дар ин давраи синну солӣ самаранок истифода намоем.

Асосан, образнокӣ ва ифоданокии сухани талабагон дар нутқи алоқаноки онҳо зоҳир мегардад. Кӯдакон нутқи ифоданоку пурмазмунро дар натиҷаи шунидан ва нақл кардан ёд мегиранд. Бинобар ин вобаста ба синну соли талабагон дуруст интихоб намудани маводи омӯзиш воситаи асосии инкишофи нутқи алоқаноки онҳо дониста мешавад.

Ин нуқтаро Редозубов С.П. дар асараш «Методика русского языка в начальной школе» чунин гуфтааст: Яке аз чунин маводи омӯзиш асарҳои адабиёти бадеӣ ва эҷодиёти даҳонии халқ афсона, ҳикоя, шеър, чистон, зарбулмасалу мақол, тезгӯякҳо ба шумор меравaнд. Маҳз дар зинаи аввали синни хурди мактабӣ, ки таҳкурсии инкишофи шахсият гузошта мешавад, шуури кӯдак инкишоф меёбад, тасаввуроти ӯ дар бораи муҳит бойу рангин гардида, захираи луғавиаш босуръат афзудан мегирад, истифодаи асарҳои номбурдашуда аҳамияти махсусро касб мекунанд» [9].

Нутқи равон аз олами таффаккур ҷудонашаванда аст: равонии нутқ ин равонии фикр мебошад. М. Лутфуллозода дар бораи нутқ чунин маълумот додааст: Ду намуди асосии нутқи шифоҳӣ маълум аст – диалогӣ ва монологӣ. Диалог-муколама аз калимаи юнонии «диалогос» гирифта шуда, маънояш гуфтугӯи байни ду нафарро ифода менамояд. Диалог-муколима, муҳовара, гуфтугӯи байни ду ё чанд нафар иштирок-кунандагони асари бадеист. Дар натиҷаи гуфтугӯи муносибати қаҳрамо- нони асар ба ҳамдигар, ҳиссиёту ҷаҳонбинӣ ва характаристикаи онҳо муайян карда мешавад.

Муколима-диалог воситаест, ки симои одамонро дар ҳаракату амалиёт, муносибат ва дар мубориза барои ба даст даровардани мақсади худ нишон медиҳад. Дар асари бадеӣ мавқеи диалог ниҳоят беандоза аст, вай характер ва хусусиятҳои қаҳрамонро аз ҳам ҷудо мекунад, нуқсон ва муваффақиятҳои амалиёти иштироккунандагони асарро бо суханони худи онҳо ба назари хонанда маълум мегардонад. Бинобар ин дар вақти хондан талаб карда мешавад, ки ба масъалаи диалог диққати махсус дода шавад. Сухани як гӯянда аз дигараш бояд фарқ карда истад, муваффақ шудан лозим аст, ки диалог бо интонатсияи табиӣ, сухани фарқкунандаи байни ҳамдигарии иштироккунандагони асар ифода ёбад. Ин талаботро дар асоси риоя кардан ба пауза, ки он суханони иштироккунандагонро аз ҳамдигар ҷудо мекунад ва интонатсияҳои ба ҳар як шахс муносиб иҷро кардан мумкин аст. Масалан, дар вақти хониши диалоги Мушу Гурба ба қиссаи Убайди Зоконӣ лозим аст, ки дар мавридҳои зарурӣ суханони Муш ба тарзи хушомадгӯӣ, тарсончакӣ, буздилӣ, сархамкунӣ бо суръати суст, оҳиста ва суханони Гурба бо дӯғу пӯписа, фармондиҳӣ бо суръати тезу давомнок хонда шавад. Монологӣ-гуфтугӯи худ ба худ, яъне гуфтори як одамро мефаҳ- монад. Монолог аз калимаи юнонии «монос» - як ва «логос» - сухан гирифта шуда, сухани як қаҳрамони асари бадеӣ ё худ драммавиро, ки худ ба худ ё хитобан ба ягон кас гуфтанист, ифода менамояд.

Монолог бештар нисбат ба луқмаи иштироккунандаи асар дароз буда, бо тафаккуроти чуқур омехтааст. Вай дар асарҳои драммавӣ барои кушодани образи қаҳрамонон хизмат мекунад. Масалан, монологи Хоркаш аз «Калтакдорони сурх»-и Сотим Улуғзода дар бораи Салим ва тӯҳмати нисбат ба Салим паҳнкардаи душманон ва ғайра. Ба ғайр аз ин дар асарҳои ривоятӣ мавқеи монолог хурд нест, вай як шакли розидил- гӯии қаҳрамон аст.

Монолог сухани ба шахс ва ё қаҳрамони дигар нигаронидашуда аст. Вай таассурот ва андешаю хаёлкунии як шахсро ба кас ё шахсҳои дигар ифода менамояд. Монолог барои кушодани олами ботинӣ ва ҷаҳон- бинии қаҳрамонони асар, донистани психика ва зиддияти характери ӯ ёрӣ мерасонад, вай дар айни замон аҳамияти калони таълимӣ ва тарбиявӣ ҳам дорад. Масалан, мулоҳизаи Павел Корчагин дар бораи мафҳуми ҳаёт, хаёлоти Ҳайдарқул дар бораи қасосгирӣ аз золимон ва ғайраҳо маҳорати калони иҷрокуниро талаб менамояд. Вай бояд ифоданок, бо ҳиссиёти баланди бадеӣ, бо суръати сусту паузаи дароз хонда шавад.

Ҳар яки он хусусиятҳои худро дорост. Шакли нутқи шифоҳии диалогӣ ба таври гузориши саволу ҷавоб сурат мегирад, ки он ҷавоби нопурра ва кӯтоҳро талаб мекунад. Ҷумлаи нопурра, оҳангнокии талаффузи бурро ва таъсирбахш, қиёфа ҷиҳатҳои махсуси нутқи диалогист. Барои нутқи диалогӣ бахусус маҳорати додани савол, мувофиқи он шунидани ҷавоб ва ислоҳ кардани нутқи ҳамсӯҳбат зарур аст. Нутқи шифоҳии монологӣ ин нақли муфассал, пурра ва мунтазам мебошад. Бинобар ин аз гӯянда талаб карда мешавад, ки ӯ ба мазмун ва мукаммалии нутқи даҳонӣ эътибор диҳад. Аз ин ҷиҳат, нигоҳ доштани возеҳӣ ва табиӣ будани нутқ бисёр муҳим аст.

Дар кӯдакони синни хурди мактабӣ нутқи равон дар дараҷаи баланд меистад. Кӯдакон ба саволҳо бо ҷавобҳои амиқ, кӯтоҳ посух медиҳанд. Дар онҳо маҳорати баҳо додан ба гуфтаҳо ва ҷавобҳои ҳамсолони худ, илова ва ислоҳ кардани нутқи якдигар инкишоф меёбад. Барои гуногунрангии машғулиятҳои таълимӣ оид ба нутқи диалогию монологӣ ташкил ва гузаронидани саҳначаҳо, ки дар нақшҳо бевосита худи кӯдакон бозӣ мекунанд, баманфиат мебошад.

Хулоса, вазифаи асосии ҳар як омӯзгор ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ додани маҷмӯи муайяни донишҳо набуда, балки дар онҳо бедор намудани шавқу ҳавас доир ба омӯзиш, ташаккул додани қобилияти фикрронӣ ва инкишофи нутқ мебошад. Инкишоф додани нутқи хонандагон аз мушкилоти муҳими давр аст. Дар ҳар як дарс вобаста ба мавзуи таълими забони модарӣ ба маврид истифода бурдани ҷараёни дарс боиси самарабахшии таълим гашта, барои инкишофи нутқи хонандагон заминаҳои мусоид фароҳам меоварад.

***АДАБИЁТ***


1. *Абдулина, О.А. Обще педагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. / О.А. Абдулина. - М.: 1990, -146 с.*
2. *Абдуллоев, И. Зарурати таълими ҳамгирои забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури илмию методӣ «Илми педагогика - пояи устувори мактабу маориф». / И. Абдуллоев. – Душанбе, 2004. -75 с.*
3. *Икромова, Ф. Дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ дар синфи 1. / Ф. Икромова, К.Т. Галенкина. - Душанбе: Маориф, 1971. - 45 с.*
4. *Икромова, Ф. Алоқаи кори луғавӣ бо инкишофи нутқи хонандагон. / Ф.Икромова. // Дастури методӣ барои муаллимон. Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷикистон, ИПДД ба номи Т.Г. Шевченко. – Душанбе, 1978. - С. 67-80.*
5. *Котибова, Ш.П. Алоқамандии нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ омили асосии инкишофи нутқи мураттаби мактабиёни хурдсол. / Ш.П.Котибова. – Душанбе, 2017. - 150 с.*
6. *Лутфуллоев, М. Дарс. / М.Лутфуллоев. - Душанбе: «Маориф», 1995. - 213 с.*
7. *Лутфуллоев, М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. / М.Лутфуллоев. - Душанбе: Собириён, 2007, - 463 с.*
8. *Ладиженская, Т.А. Система работи по развитию связной речи учащихся. / Т.А. Ладиженская. - М.: «Педагогика» ,1974. - 137 с.*
9. *Редозубов, С.П. Методика русского языка в начальной школе / С.П. Редозубов. – М., 1955. - 478 с..*
10. *Рамзаева, Т.Г. Методика обучения русскому языку в начальных классах. / Т.Г. Рамзаева, М.Р. Львов. – М.: 1979.*
11. *Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост. / Р.Эмомалӣ. – Душанбе, 2001.*


## ХУСУСИЯТҲОИ НУТҚИ АЛОҚАНОК ДАР РАВАНДИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРИИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур ташаккул додани роҳҳои инкишофи нутқи алоқанок дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ коркард карда шуда, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Гуфтан бамаврид аст, ки мо имконниятҳои шиносоӣ ба ҷараёни амалӣ гардондани муттасилии таҳсилоти ибтидоӣ зарур аст, ки тасаввуроти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар бораи муассисаҳои таълимӣ ҳамчун маъвои омӯзиши илму дониш ташаккул дода шавад. Ин амал имконият медиҳад, ки сатҳи донишомӯзии хонандагони хурдсол боло равад, ба бартараф кардани мушкилиҳо омода шаванд, мавқеи худро дар доираи муносибатҳои нави иҷтимоӣ муайян намуда, фаъолнокӣ ва маҳорату малакаю қобилияти эҷодкории худро инкишоф диҳанд. Ҳамаи он фикру ақидаҳои дар боло

гуфташуда моро ба чунин хулоса меорад, ки вазифаҳои тарбия ва таълими хонандагони хурдсол, аз ҷумла инкишофи нутқи алоқаноки онҳо, бояд дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои омӯзиши забони модарӣ, талаботи иҷтимоию фарҳангӣ ва миллии ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва қонуниятҳои инкишофи шахсияти онҳо муайян карда шаванд….

**Калидвожа:** таҳсилот, дониш, малака, маҳорат, мушоҳида, калима, раванди дарс, нутқ, нутқи алоқанок, инкишофи нутқ, ниутқи хаттию шифоҳӣ, забони модарии синфҳои ибтидоӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муассисаи таҳсилоти таълимӣ.

## ОСОБЕННОСТИ СВЯЗЫНОЙ РЕЧИ В ПРОЦЕССЕ УРОКОВ РОДНОГО ЯЗЫКА В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

В данной статье обрабатывается, изучается и анализируется формирование способов развития связной речи у учащихся младших классов на уроках. Стоит сказать, что нам необходимо ввести возможности для реализации непрерывности начального образования, сформировать представление младших школьников об образовательных учреждениях как средстве усвоения науки и знаний. Даннай метод позволяет повысить уровень образованности молодежи, подготовиться к решению задач, определить свое положение в рамках новых общественных отношений, развить их активность, умения и творческие способности. Все вышеизложенные идеи и мнения приводят нас к выводу, что задачи воспитания и обучения младших школьников, в том числе развитие их коммуникативной речи, должны строиться на учете особенностей обучения родному языку, должны быть определены культурные и национальные потребности общества в зависимости от возрастных особенностей и закономерностей развития его личности....

**Ключевые слова:** образование, знание, умение, навчки, наблюдательность, слово, учебный процесс, речь, связная речь, развитие речи, письменная и устная речь, родной язык начальных классов, ученики начальных классов, учителя начальных классов, образовательное учреждение.

## FEATURES OF COMMUNICATIVE SPEECH DURING NATIVE LANGUAGE LESSONS IN PRIMARY CLASSES

This article processes, studies and analyzes the formation of methods for developing coherent speech among primary school students in the classroom. It is worth saying that we need to introduce opportunities for the implementation of continuity of primary education, to form the idea of primary schoolchildren about educational institutions as a means of mastering science and knowledge. This method allows you to increase the level of education of young people, prepare for solving problems, determine your position within the framework of new social relations, develop their activity, skills and creativity. All of the above ideas and opinions lead us to the conclusion that the tasks of educating and training primary schoolchildren, including the development of their communicative speech, should be based on the characteristics of teaching their native language, the cultural and national needs of society should be determined depending on age characteristics and patterns development of his personality...

**Key words:** education, knowledge, ability, skills, observation, word, educational process, speech, coherent speech, speech development, written and oral speech, native language of primary school, primary school students, primary school teachers, educational institution.

***Дар бораи муаллиф***

*Ҷалилова Мавлуда Наҷмуддиновна*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти*
*кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ,*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ.*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121*
*Тел: (+992) 900758986,*
***E-mail: jmavluda @inbox.ru.***

***Об авторе***

*Джалилова Мавлюда Нажмуддиновна*
*Кандидат педагогических наук, доцент*
*кафедры методики начального образовании*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени Садриддина Айни*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121*
*Тел: (+992) 900758986,*
***E-mail: jmavluda@inbox.ru***

***Author the author***

*Jalilova Mavlyuda Nazhmuddinovna*
*Candidate of Pedagogical Sciences,*
*Associate Professor of the*
*Department of Methods of Primary Education*
*of the Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini.*
*734003 city Dushanbe even Rudaki 121*
*Phone: (+992) 900758986,*
***E-mail: jmavluda@inbox.ru.***

УДК 372.881.1: 378

# ИНТИХОБИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАВӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЗИКА

***Макарова Ю.М., Эмомов И.Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Мақсади асосии тадқиқот тарҳрезии курси забони англисӣ барои донишҷӯёни факултети физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дастгирӣ ва пешбурди омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби қишрҳои гуногуни аҳолии мамлакат мебошад. Ба мақсади дастгирӣ намудан ва бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои истеҳсолоту илм ва мустаҳкам намудани иқтисоду саноати миллӣ намояндагони ҳамаи касбу корҳо ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ ҷалб мегарданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи омӯзиши забонҳо чунин гуфтанд: «ҳар як донишҷӯ, сарфи назар аз ихтисоси интихобкардаи худ, бояд забонҳои хориҷиро омӯзад ва донад» [1]. Аз ин рӯ, мебояд ба таълими фанни "Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ" дар факултетҳои ғайрифилологӣ, аз ҷумла физика аҳамияти бештар зоҳир кард.

Тарҳрезии курси таълимӣ ба назарияи илмҳои педагогика ва қонунгузории давлатӣ дар соҳаи маориф асос ёфтааст. Қонуни асоси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф" принсипҳоеро дар бар мегирад, ки сиёсатӣ давлатиро дар соҳаи маориф муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми фаъолиятҳои таълимӣ бояд ба онҳо такя кард. Яке аз ин принсипҳо "мувофиқати соҳаи маориф ба талабот ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад. Ин принсип ба принсипи илмӣ - дидактикии "робитаи таълим бо ҳаёт, бо амалияи сохтмони давлатӣ" бевосита алокаманд аст. Тибқи ин принсипҳо таълим бояд донишҷӯёнро ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ касбӣ омода созад ва маводи омӯхташуда бояд бо кори оияндаи онҳо алоқаманд бошад. Аз ин рӯ, курси забони хориҷӣ барои донишчуёни ихтисосҳои ғайрифилологӣ бояд тайёрӣ ба муоширати касбиро дар бар гирад. [3, с. 4; 7, с. 38]

Донистани луғат ҷузъи муҳими салоҳияти коммуникативии фанни забони хориҷӣ мебошад. Ин гуфтаро забоншиноси бритониёӣ Дэвид Вилкинс (David Wilkins) "While without grammar little can be conveyed, without vocabulary nothing can be conveyed", ки ба забони тоҷикӣ "Бидуни грамматика чизи камро интиқол додан мумкин аст, бидуни луғат ягон чизро интиқол додан мумкин нест" тарҷума мешавад, тасдиқ мекунад.

Доир ба масъалаи интихоби луғат барои таълими забони хориҷии касбӣ олимон Tom Hutchinson, Amparo Alcina, Wenhua Hsu, Jeremy Ward, Pedro Urena Gomez-Moreno, Халупо Ольга Ивановна, Фролова Татьяна Петровна, Митрофанова Ксения Александровна ва дигарон тадқиқ гузаронидаанд. Муҳаққиқон барои интихоби луғат усулҳои гуногунро истифода мебурданд [4, с. 10 - 17].

Фролова Т. П. се ҷузъи таркиби луғавиро муайян мекунад: лексикаи умумӣ, лексикаи умумии илмӣ ва лексикаи умумии техникӣ. Митрофанова К. А. дар интихоби лексика барои таълими забони хориҷӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои тиббӣ ҳамин гуна таснифро ба кор мебарад. Фролова Т. П. пешниҳод мекунад, ки дар интихоби луғат аз принсипҳои зерин истифода карда шавад: принсипи басомад, принсипи мавзуӣ, принсипи арзиши маъноӣ, принсипи имконияти калимасозӣ. Халупо О. И. функсионалӣ ва кифоягиро ҳамчун меъёрҳои интихоби воҳидҳои луғавии истилоҳот барои таълими забони хориҷии касбӣ муайян менамояд. Митрофанова К. А. дар кори илмии худ маҷмӯи меъёрҳои зерини интихоби лексикаи касбии забони хориҷиро истифода мебарад: меъёри басомад, меъёри мавзуӣ, меъёри фаъолиятӣ, меъёри ҳамгироӣ [10, с. 204; 11, с. 213-214].

Профессор аз донишгоҳи Гранада дар Испания (Universidad de Granada) P. U. Gomez-Moreno дар мақолаи худ "Teaching and learning terminology in secondary education: Towards

specialisation through language" пешниҳод кардааст, ки истилоҳоти касбии забони хориҷӣ барои омӯзиш бо истифода аз барномаи компютерӣ интихоб карда мешаванд [13, с. 121-122].

Мо, дар чунин ҳолат, тарзи дигарро истифода мебарем: луғатро дар асоси принсипҳои илмии дидактикӣ - яклухтии раванди таълим, ки дар поён баррасӣ мешаванд. Аксарияти хатмкунандагони факултети физикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ омӯзгори физика олимону тадқиқотчиёни соҳаи физика ва муҳандис шуда кор мекунанд. Барои интихоби луғат, мо ба ихтисос ва соҳаи касбииояндаи донишҷӯён такя намуда, мазмуни барномаи физикаро дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз синфҳои 7 то 11 меомӯзанд, ба назар гирифтем.

Принсипҳои дигари муҳими дидактика принсипи яклухтии раванди таълим ва принсипи системанокӣ ва пайдарҳамӣ дар таълим мебошанд. Мувофиқи ин принсипҳо, фанни "Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ" бояд ба кулли раванди таълим дохил карда шуда, бояд бо фанҳои дигар алоқаманд бошад. [17, с. 170]

Илова бар ин, ҳангоми интихоби истилоҳот, мо инчунин принсипҳои мавзуӣ, функсионалӣ, ҳамгироӣ ва басомадеро, ки олимон Фролова Т. П. ва Митрофанова К. А. истифода мебаранд, ба назар гирифтем. Меъёри ҳамгироӣ маънои онро дорад, ки интихоби лексика ба мансубияти воҳидҳои луғавии фанҳои гуногуни тахассусии таълимӣ асос ёфтааст [4, с. 158].

Дар марҳилаи аввал, мавқеи фанни "Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ" дар стандарти давлати таҳсилот муайян карда шудааст. Тибқи силлабуси ин фан, дар факултети физика донишҷӯёни зинаи бакалавр ду семестр забони англисиро меомӯзанд. Айни замон, факултети физикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯи якчанд ихтисос, аз ҷумла "Физика", "Физика ва астрономия", "Физика ва математика", "Физика ва информатика", "Физика ва радиотехника", "Физика ва энергетика" таълимро ба роҳ мондааст.

Ҳангоми таҳияи курси забони англисӣ муайян карда шуд, ки кадом фанҳоро тибқи стандартҳо донишҷӯёни ихтисосҳои дар боло зикргардида дар зинаи бакалавр меомӯзанд. Маълум аст, ки дар кулли нақшаҳои таълимӣ аз соҳаи физика омӯзиши фанҳои физикаи умумӣ (механика, физикаи малекулавӣ ва асосҳои термодинамикаи, электрони ва магнитизм, оптика, физикаи атом ва ядрои атом) физика,муҳитҳои конденсионӣ, механикаи классикӣ, физикаи геометрӣ, физикаи таҷрибавӣ, практикуми ҳалли масъалаҳои физикӣ ва ғайра пешбинишудааст. Кулли нақшаҳои таълимӣ фанҳои гуманитарӣ, ба монанди фарҳангшиносӣ, педагогика, сотсиология, диншиносӣ ва сиёсатшиносиро низ дар бар мегиранд. Инчунин, донишҷӯёни факултети физика маҷмӯи фанҳои математикиро меомӯзанд, зеро математика воситаи ҳалли масъалаҳои физикӣ мебошад. Донишчуёни гурӯҳҳои дуихтисоса, масалан, физика ва астрономия, физика ва информатика, физика ва энергетика, фанҳои ихтисоси дуюмро низ меомӯзанд.

Курси забони англисӣ барои донишҷуёни зинаи бакалавр дар факултети физика аз ду қисм иборат аст: забони англисии умумӣ (General English) ва забони англисии касбӣ (Professional English). Ин мақола ба интихоби лексика барои қисми дуюм, ки дар нимсолаи дуюм таълим дода мешавад, бахшида мешавад. Тибқи силлабус дар нимсолаи дуюм барои фанни "Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ" 99 соат вақт ҷудо шудааст. Аз ин миқдор 48 соат ба дарсҳои аудитории амалӣ, 48 соат ба кори мустақилонаи донишчуён (КМДРО) дар шакли супориш ва 3 соат ба имтиҳон бахшида шудааст.

Луғати омӯхташуда ба 16 мавзуъ тақсим шуда, ба ҳар як мавзуъ 3 соат дарси амалӣ ва 3 соат КМД бахшида шудааст. Дар дарси аввал луғати нав муаррифӣ карда мешавад. Инчунин ба донишҷӯён матнҳои аслии англисӣ барои хондан ва гӯш кардан пешниҳод мегардад, ки дорои ин калимаҳои нав мебошанд. Баъд, донишчуён барои мустаҳкам намудани захираи луғавӣ машқҳоеро, ки аз содда ба мураккаб, аз репродуктивӣ ба продуктивию эҷодӣ тартиб дода шудаанд, иҷро мекунанд. Дар дарсҳои минбаъда, бо мақсади дар хотира ба муҳлати дуру дароз нигоҳ доштани калимаҳои нав, луғати азхудшуда барои мустаҳкамкунӣ такрор карда мешавад.

Мувофиқи принсипҳои сиёсати давлатӣ ва илмҳои педагогика ва дидактика, ки дар боло муҳокима шуда буданд, мавзуъҳо бо бахшҳои асосии физика, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ омӯхта мешаванд, алоқаманд мебошанд, аз ҷумла: физикаи малекулавӣ ва асосҳои термодинамика, механика, электрик, магнетизм, оптика ва физикаи атом ва ядрои атом.

Мақсади мо аз он иборат нест, ки ба донишҷӯён тамоми маводи курси физика бо забони англисӣ омӯзонида шавад ва ё ба онҳо ҳамаи воҳидҳо аз луғати англисӣ-тоҷикӣ дар соҳаи физика пешниҳод карда шавад. Мусаллам аст, ки иҷрои ин амал дар шароити маҳдудияти

соатҳои дарсӣ комилан ғайриимкон аст. Фарҳангҳои физикии муосир даҳҳо ҳазор истилоҳро дар бар мегиранд [5, с. 13].

Аз рӯи принсипи дастрасӣ дар таълим маҷмуи луғавӣ интихоб карда шуд, ки мафҳумҳои асосии самти ихтисоси донишҷуёнро дар бар мегирад ва мавзуъҳои асосиро фаро мегиранд. Ин истилоҳоти интихобшуда барои минбаъд васеъ намудани луғати забони хориҷӣ дар рафти фаъолияти ояндаашон касбии хатмкунандагон ҳамчун асос хизмат мекунад. Дар асоси ин минимуми луғавӣ хатмкунандагон ҳангоми дучор омадан бо матнҳои аслии хориҷӣ калимаҳои маъмултаринро шинохта, маънои асосиро дарк мекунанд ва метавонанд захираи луғавии худро дар рафти фаъолияти касбии ояндаи худ васеъ намоянд.

Дар мақолаи мазкур мисолҳои воҳидҳои луғавии забони англисӣ аз мавзуъҳои гуногун барои омӯзиш ва тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ (тоҷикӣ) оварда шудаанд. Азбаски забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаҳои илмию техникӣ васеъ истифода мешавад, барои баъзе мафҳумҳо тарҷума ба русӣ низ дода мешавад. Ин мақола рӯйхати пурраи луғати навро дар бар намегирад, балки танҳо бо баъзе истилоҳоте, ки роҳҳои интихоби калимаҳоро нишон медиҳанд, пешкаш менамояд.

Агар ду ё зиёда истилоҳ гуногун барои як мафҳум дар адабиёти англисзабон истифода шаванд, онгоҳ ҳамаи онҳо дар луғатҳо пешниҳод мегарданд, то донишҷӯён ҳангоми вохӯрӣ бо онҳо дар матнҳои аслии англисӣ, онҳоро шиносанд ва фаҳманд. Масалан, қувваи соишро дар забони англисӣ метавон friction, frictional force ё friction force номид ва ба донишҷӯён ҳарсе истилоҳ пешниҳод гардида ва истилоҳи якум ҳамчун маъмултарин қайд карда мешавад. Барои мафҳуми ҷисм дар адабиёти илмию техникии англисӣ калимаҳо body ё object истифода мешаванд.

Ҳангоми пешниҳоди истилоҳот падидаи интерференсияи забон, яъне интиқоли бетафаккури унсурҳои забони модарӣ ба забони омӯхташавандаро ба назар гирифтан лозим аст. Бисёр истилоҳот калимаҳои байналмиллалӣ буда, дар забонҳои гуногун имлои шабоҳат доранд, аммо талаффузашон гуногун аст. Масалан, истилоҳи англисии energy ба калимаҳои тоҷики ва руси "энергия" монанд аст, лекин калимаи англисӣ талаффузи /ˈenərdʒi/ дар версияи англисии амрикоӣ ё /ˈenədʒi/ дар версияи англисии бритониёиро дорад. Ин монандии калимаҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ метавонад боиси хатогиҳои донишҷӯён дар талаффузи овози /g/ ба ҷои /dʒ/ ва таъкиди нодуруст дар ҳиҷои дуюм ба ҷои ҳиҷои аввал гардад. Мисолҳои дигари интерференсияи забон, махсусан дар истилоҳоти касбӣ бисёранд; омӯзгор бояд ба онҳо диққат диҳад. Дар илми забоншиносӣ интиқоли нодурусти талаффуз аз як забон ба забони дигарро интерференсияи фонетикии деструктивӣ меноманд [9, с. 94].

Дар натиҷа, донишҷӯён аксар вақт калимаҳои хориҷиро нодуруст талаффуз мекунанд, ки ин муоширатро душвор мегардонад ва дар баъзе мавридҳо боиси нофаҳмии комил мегардад. Бинобар ин, зарур аст, ки:

- ҳангоми ворид кардани луғат диққати хонандагонро ба дурустии талаффузи забони англисӣ ҷалб карда шавад;
- ҳангоми машқ кардан ва мустаҳкам намудани захираи луғавӣ дурустии талаффузи донишҷуён санҷида шавад.

Мавзуи якум ба мафҳумҳои умумии физика ва табиатшиносӣ бахшида шудааст. Онҳо чунин калимаҳоро, ба монанди body ё object – ҷисм – тело, substance – модда – вещество, field – майдон – поле, matter – ҳайуло – материя, physical quantity – бузургии физикӣ – физическая величина, unit – воҳид – измерения, vector – вектор, vector quantity – бузургии векторӣ дар бар мегиранд. Агар оид ба бузургиҳои физикӣ сухан ронем, пеш аз ҳама, мо ба донишҷӯён дар бораи се бузургҳои асосӣ – three fundamental quantities: mass – масса, length – дарозӣ ва time – вақт маълумот медиҳем. Баъдан ба бузургиҳои дигари маъмултарин рӯй меоварем: area – масоҳат – площадь, ҳаҷм – volume – объём, вазн – weight – вес, height – баландӣ – высота, wave – мавҷ – волна ва ғайраҳо. Илова бар ин мавзуъ иборaҳои физикӣ ва техникаро дар бар мегирад. Мисол: to make the observation – мушоҳида кардан – проводить наблюдения, experiment – таҷриба – опыт, to draw conclusions – хулоса баровардан – сделать выводы, theoretical physics – физикаи назариявӣ – теоретическая физика, experimental physics – физикаи экспериментaлӣ – экспериментальная физика, to confirm a hypothesis – фарзияро тасдиқ кардан – подтвердить гипотезу, to refute a hypothesis – фарзияро рад кардан – опровергнуть гипотезу, branch of physics

– бахши физика, graph – нигора – график, measurement – андозагирӣ – измерение ва ғайраҳо. [5, с. 13, 16, с. 100]

Мавзуи дигар дорои луғати ҳадди ақкали асосии соҳаи математика мебошад, зеро ҳисобкуниҳои математикӣ барои ҳалли масъалаҳои физикӣ заруранд. Дар ин бахш номҳои амалҳои математикӣ оварда шудаанд. Сараввал, ин амалҳои арифметикии сатҳи мактабӣ мебошанд: addition – ҷамъ – сложение, subtraction – тарҳ – вычитание, multiplication – зарб – умножение, division – тақсим – деление; дуюм, мафҳумҳои математикаи олӣ, ки дар моделсозии физикӣ истифода мешаванд: differential – дифференсиал – дифференциал, derivative – ҳосила – производная, integral – интеграл ва ғайраҳо пешниҳод карда мешаванд. Дар худи ҳамон мавзӯъ на танҳо номи амалҳо, балки ибораҳои ифодакунандаи иҷрои амалҳо низ омӯхта мешаванд, масалан, амали 13 + 46 = 59 дар забони англисӣ чунин талаффуз мешавад: "thirteen plus forty six equals fifty nine". Ё ба ҷои "equals" истифода "is" низ мумкин аст. Ифодаи амалҳои арифметикии дигар дар забони англисӣ: 3 – 2 = 1 – "three takes away two equals one", 7 × 5 = 35 – "seven multiplies five is thirty five", 8 ÷ 2 = 4 – "eight divided by two equals four" мебошанд. Намунаҳои ададӣ тавре интихоб карда мешаванд, ки донишҷуён номҳои ададҳо ва рақамҳои гуногунро бо забони англисӣ такрор кунанд. Инчунин дар ин бахш ибораҳое мавҷуданд, ки амалҳои асосиро аз математикаи олӣ ифода мекунанд.

Луғат аз мавзӯи риёзӣ номҳои касрҳоро низ дар бар мегирад. Аввалан, даҳӣ, ба монанди 0,1 – a/one tenth – даҳяк, 0,01 – a/one hundredth – садяк, 0,001 – a/one thousandth – ҳазоряк; дуюм, фраксияиҳо, ба монанди 2/3 – two thirds – аз се ду, 3/5 – three fifth – аз панҷ се. Инҳоянд якчанд мисол аз шумораи беохири касрҳо, ки принсипи грамматикии сохтани касрҳо дар забони англисиро нишон медиҳанд. Баъзе калимаю ибораҳои ёридиҳандае, ки дар риёзӣ истифода мешаванд, барои мисол in brackets – дар қавс, низ оварда шудаанд [4, с. 33].

Зиёда аз ин, дар бахши риёзӣ номҳои шаклҳои геометрӣ низ оварда шудаанд. Ин қисми луғат исм – номи рақам дар забони англисӣ ва сифати мувофиқи англисиро дар бар мегирад. Дар зер шаклҳои геометрӣ ҳамворӣ (аввал исм ва баъд сифат) оварда шудаанд: circle – circular – давра – мудаввар, square – square – мураббаъ/ квадрат, rectangle – rectangular – росткунҷа, triangle – triangular – секунҷа, pentagon – pentagonal – панҷкунҷа. Инчунин, донишҷӯён номҳои шаклхои геометрӣ дар фазо ва сифатҳои мувофиқро меомӯзанд, ба монанди: sphere – spherical – кура, cube – cubic – куб, cylinder – cylindric – силиндр, cone – conical ё cone-shaped – конус, pyramid – pyramidal ё pyramid-shaped – пирамида, prism – призма, dome – dome-shaped – гунбаз. Дар мавзуи навбатӣ кинематика машқҳо ва матнҳо бо забони англисӣ тарзе интихоб карда мешаванд, ки онҳо номҳои ин рақамҳоро истифода мебаранд. Ин васила, амалӣ намудани принсипҳои дидактикӣ системанокӣ ва пайдарҳамӣ дар таълим буда, бо мақсади мустаҳкам намудани калимаҳои нав анҷом дода мешавад [6, с. 31; 16, с. 99].

Мавзуи аввал аз бахшҳои физика кинематика мебошад. "Кинематика хосиятҳои ҳандасии ҳаракати ҷисмҳоро меомӯзад – бе он ки ба сабабҳои пайдоиши ҳаракат эътиборе диҳад." Пеш аз ҳама, инчунин барои мавзуъҳои минбаъда низ номи бахши физика ба забони англисӣ, яъне "kinematics" дода мешавад. Дар зер баъзе истилоҳоти асосии физикӣ аз бахши кинематика оварда шудаанд: motion – ҳаракат – движение, displacement – кӯчиш – перемещение, distance – масофа – расстояние, path – роҳ – путь, speed – суръат – скорость, velocity – вектори суръат – вектор скорости, acceleration – шитоб – ускорение, initial (speed, velocity) – (суръати) ибтидоӣ – начальная (скорость), final (speed, velocity) – (суръати) ниҳоӣ, average (speed, velocity) – (суръати) миёна, linear motion – ҳаракати ростхаттаӣ. [5, с. 97]

Мавзуи навбатӣ динамика мебошад. Дар ин мавзуъ вожаҳое ба мисли force – қувва – сила, power – тавоноӣ / тавон – мощность, energy – энергия / энержӣ, work – кор – работа, inertia – шасти ҳаракат (инерсия) – инерция, gravity – ҷозиба – гравитация, кувваи ҷозиба – gravitational force – гравитационная сила, gravitational constant – собити ҷозиба – гравитационная постоянная, momentum – импулс (такон) – импульс, the law of conservation of momentum – қонуни бақои импулс – закон сохранения импульса, lever arm – китфи қувва – плечо силы, lever – фашанг / фишанг – рычаг, efficiency – коэффитсиенти кори фоиданок / суди механизм – коэффициент полезного действия, friction / frictional force / friction force – қувваи сойиш – сила трения ва ғайраҳо омӯхташаванд.

Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи экология хеле мухим аст, махсусан ҳифзи пиряххо ва захираҳои обӣ. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон мавқеи пешсафро

ишғол менамояд. Ба наздикӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси обии СММ-2023, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид аз 22-юм то 24-уми марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баргузор гардид, раисикунанда буданд. Конфронси навбатӣ оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солҳои (2018-2028) соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад. Бояд гуфт, ки Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028 бо пешниҳод ва ташаббуси Тоҷикистон ташкил карда шуд. Зиёда аз ин, тибқи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 мизбони Конфронси байналмилалӣ дар мавзуи ҳифзи пиряхҳо хоҳад буд. Бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфт, ташаббусҳои зиёд ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза, 2013 – Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, солҳои 2005-2015 – Даҳсолаи байналмилалии амал "Об – барои ҳаёт", солҳои 2018 – 2028 – Даҳсолаи байналмилалии амал "Об – барои рушди устувор", соли 2025 Соли ҳифзи пиряхҳо ва 21-уми март Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо эълон шуданд, бунёди мақсадноки ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шуд ва ғайраҳо. Чунин нақши муҳим Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ дар соҳаи экология ва табиат, аз мутахассисон ва олимони тоҷик донистани забонҳои хориҷӣ, бахусус, забони англисиро тақозо мекунад. Олимон бояд дар соҳаи касбӣ бо забони англисӣ муошират карда тавонанд, то дар арсаи байналмилалӣ мамлакатро сазоворона муаррифӣ намоянд [2].

Бахшҳои физика, ки ба омӯзиши падидаҳои марбут ба пиряхҳо, обшавии онҳо ва захираҳои обӣ машғуланд, пеш аз ҳама, гидродинамика, ва физикаи молекулавиро ва термодинамика мебошанд. Истилоҳоти термодинамика, ки барои тавсифи муҳити зист ва экология заруранд, бахусус, пиряхҳо ва захираҳои обӣ, temperature – ҳарорат, номҳои се ҳолати модда: liquid – моеъ, solid – сахт ва gas – газ, state of matter – ҳолати модда, melting – обшавӣ ё гудозиш, heat specific capacity – гармиғунҷоиши хос, amount of heat – миқдори гармо, vaporisation – бухоршуд, the law of conservation of energy – қонуни бақои энергия, density – зичӣ, pressure – фишор, atmospheric pressure – фишори атмосферӣ ва ғайра мебошанд [16, с. 78].

Бахши дигари физика электри мебошад. Ин бахши физика барои ҷомеа ниҳоят муҳим аст. Системаи таъминоти барқ рӯшноӣ ва гармӣ медиҳанд, фаъолияти таҷҳизоти саноатӣ таъмин мекунанд. Бо нерӯи барқ асбобҳои электрикӣ дар хонаҳо ва муассисаҳоимконият медиҳанд. саноати электроэнергетикӣ таҷҳизоти зиёди хориҷиро истифода мебарад, ки ин боиси зарурати донистани истилоҳоти англисӣ дар ин соҳа мегардад. Дар ин мавзуъ вожаҳое ба мисли electric charge (charge) – барқ, electric current – ҷараёни электрикӣ, conductor – ноқил, insulator – диэлектр, semiconductor – нимноқил, voltage – волтаж / фарқи потенсиалҳо, cell – анбора / аккумулятор, battery – силсилаи анбораҳо, electric circuit – занҷири электрикӣ, resistance – муқовимати электрикӣ, lamp (ё bulb дар забони англисии ҳаррӯза) – чароғаки электрикӣ, switch – калид, transformer – мубаддил / трансформатор ва ғайраҳо омӯхта мешаванд[6, с. 173; 16, с. 115-116].

Ба андозагирӣ ва санҷишҳои физикӣ бахшида шудааст, зеро физикаи таҷрибавӣ дар табиатшиносию техника нақши калон мебозад. Дар ин бахш номҳои асбобҳои ченкунӣ аз соҳаҳои гуногуни физика, инчунин иборахое, ки ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо бештар лозиманд, омӯхта мешаванд. Аз ҷиҳати мавзуӣ ин бахш бо бахшҳои пешина алоқаманд мебошанд, ки ба принсипи системанокӣ ва пайдарҳамӣ дар таълим мувофиқат мекунад. Ин асбобҳо дар бахшҳои физика истифода мешаванд, ки дар мавзуъҳои қаблӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми кор бо маводи ин бахш, хондану шунидани матнҳо ва иҷрои машқҳо донишҷуён истилоҳоти қаблан омӯхташудаи мавзуъҳои гузаштаро такрор мекунанд. Мисолҳои номи асбобҳо, ки дар андозагириҳои физикӣ истифода мешаванд: dynamometer – қуввасанҷ ё динамометр, stopwatch ё chronograph – сониясанҷ, micrometer – микрометр ё резсанҷ, thermometer – ҳароратсанҷ ё термометр, barometer – барометр altimeter – баландисанҷ ё алтиметр, speedometer – суръатсанҷ, areometer – ареометр ва ғайраҳо мебошанд. Илова бар ин, маъмултарин иборахое, ки муҳаққиқон ва муҳандисон ҳангоми андозагирӣ ва санҷишҳои физикӣ истифода мебаранд, омӯхта мешаванд, ба монанди: to conduct / carry out the experiment – таҷриба кардан, to take measurements – андозагирӣ кардан, to measure with an accuracy of ... (e.g. 0.5 mm) – ба саҳеҳи то ... (мас. 0.5 мм) чен кардан, to calculate accuracy – саҳеҳиро ҳисоб кардан, to check accuracy – саҳеҳиро тафтиш кардан, to make an electrical circuit – занҷири электрикиро

тартиб додан, to set up / to configure the device – дастгоҳро танзим кардан, to adjust the experimental device – асбоби санҷишро танзим кардан, to switch on a device – асбобро ба кор даровардан, to switch off a device – асбобро хомӯш кардан [7, с. 31; 8, с. 189; 15, с. 65-67; 16, с. 118].

Илова бар ин, донишҷуён воҳидҳои бузургии физикиро меомӯзанд. Дар охири китоби дарсии забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисоси физика рӯйхати воҳидҳои физикӣ мавҷуд аст. Номи пурраи воҳиди ченак ва ишорати қабулшудаи он дар қавс ба бузургиҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ оварда шудааст. Омӯзгор бояд таваҷҷӯҳи хонандагонро ба имло ва талаффузи дурусти ин воҳидҳои ченак ҷалб намояд, то аз падидаи интерференсияи деструктивии забон, ки дар боло зикр гардид, пешгирӣ карда шавад. Истилоҳи “воҳид” бо забони англисӣ "unit" ва ба забони русӣ "единица" мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои ченаки Манзумаи воҳидҳои байналмилалиро (МБВ) – International System of Units истифода мебарад. Ин манзумаи International System of Units, ё бо ишорати қабулшуда SI, системаи ченкунӣ дар ҷаҳон васеъ истифода бурда мешавад. Он ягона системаи андозагирии дорои мақоми расмӣ мебошад, ки тақрибан дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар илм, технология, саноат ва тиҷорат истифода мешавад. Ин система аз 7 воҳиди асосӣ ё воҳиди бунёди иборат аст, ки дар навбати аввал ба донишҷӯён пешниҳод карда мешаванд: metre (m) – метр (м), kilogram (kg) – килограмм (кг), second (s) – сония (с), ampere (A) – ампер (А), kelvin (K) – келвин (К), mole (mol) – мол (мол), candela (cd) – . Инчунин, SI, яъне International System of Units – Манзумаи воҳидҳои байналмилалӣ, воҳидҳои ҳосилавиро низ дарбар мегирад, ба монанди square metre (m2) – метри мураббаъ (м2), cubic metre (m3) – метри мукааб (м3), litre (l) дар версияи англисии байналмилалӣ ё liter (l) дар версияи англисии амрикоӣ – литр (л), newton (N) – нютон (Н), pascal (Pa) – паскал (Па), joule (J) – ҷоул (Ҷ), watt (W) – ватт (Вт), hertz (Hz) – ҳертз (Ҳз) [5, с. 27; 16, с. 100-101].

Ин луғат – воҳидҳои ченак дар мавзуи мувофиқи курси забони англисӣ барои донишҷуёни ихтисоси физика пешниҳод карда мешавад. Масалан, воҳидҳои бузургии физика аз бахши оптика дар мавзуи "Оптика" – "Optics" пешниҳод шудаанд. Дар ҷадвали 1 мисолҳои бузургиҳои физикӣ аз фаври оптика ва воҳидҳои онҳо нишон дода шудааст. Дар сутуни чапи ҷадвал калимаҳо бо забони тоҷикӣ ва дар сутуни рост калимаҳо бо забони англисӣ пешниҳод гардидаанд. Воҳидҳо дар катакҳои ҷадвал бо хатти курсив дар зери номи бузургии физикӣ ҷойгир шудаанд.

Ҷадвали 1. Мисолҳои номи бузургҳои физикӣ аз бахши оптика ва воҳиди онҳо

| | |
|---|---|
| қувваи рушноӣ<br>*кандела (кд)* | luminous intensity<br>*candela (cd)* |
| сели рушноӣ<br>*люмен (лм)* | luminous flux / luminous power<br>*lumen (lm)* |
| равшанӣ<br>*люкс (лк)* | illuminance<br>*lux (lx)* |

Ҳамин тавр, воҳидҳо аз электрӣ: volt (V) – волт (В), ohm (Ω) – оҳм (Ом), coulomb (C) – кулон (Кл), farad (F) – фарада (Ф), tesla (T) – тесла (Тл) ва мавзуъҳои дигари китоби дарсӣ интихоб шудаанд. [16, с.102]

Дар дарсҳои АНШХ-и забони англисӣ барои гурӯҳҳои дуихтисоса, масалан, физика ва астрономия, физика ва информатика, физика ва энергетика низ истилоҳот аз мавзуъҳои ихтисоси дуюм низ дар алоҳидагӣ пешниҳод карда мешаванд.

Барои ин курс, ғайр аз луғат, маводи нутқӣ: матнҳо барои хондан ва гӯш кардан низ интихоб карда шуд. Инчунин, маводи грамматикии интихобшуда барои такрор пешниҳод карда мешавад. Илова бар ин, барои луғати омӯхташуда ва матнҳо маҷмӯи машқҳо таҳия карда шудаанд. Санҷишҳои тестии кӯтоҳ барои ҳар як мавзуъ ва супоришҳои имтиҳони фосилавӣ ва ниҳоӣ низ таҳия шудаанд. Тавсифи онҳо аз доираи ин мақола берун аст.

Хулоса, ин мақола ба як ҷанбаи тарҳрезии курси забони хориҷии донишгоҳӣ, яъне интихоби луғат, бахшида шудааст. Дар мақола нишон дода шудааст, ки чи гуна дар асоси илмҳои педагогӣ бо назардошти қонунгузории давлатӣ ва шароити таълим, истилоҳоти соҳавӣ омӯзишро интихоб намуд, ки бо истифода аз он як курси самараноки омӯзиши забони англисӣ эҷод кардан мумкин бошад ва ба мақсадҳои таълими фанни "Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ" ва ҳам фанҳои нақшаи таълимии ихтисоси мавриди назар ноил шуд.

*АДАБИЁТ*

1. *Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 27.09.2022. – URL: http://www.president.tj/node/29174*
2. *Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар чорабинии "Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар" дар доираи Конфронси оби СММ - 2023. – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ню-Йорк, 22.03.2023. – URL: http://www.president.tj/node/30252*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. / Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. – ш. Душанбе, 22.07.2013с., №1004*
4. *Митрофанова, К.А. Методика отбора иноязычного лексического материала для обучения студентов медицинских специальностей / К.А. Митрофанова. / Известия Рос. гос. пед. ун-та им. Герцена. № 98: Научный журнал. – Спб.: Изд-во «Книжный дом», 2009. – С. 155-160.*
5. *Нормурод, Ф. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. / Ф. Нормурод, С. Қодирӣ –Душанбе, 2017. – 288 с.*
6. *Нормурод. Ф. Физика. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 8-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ. / Ф. Нормурод, С. Қодирӣ. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2010. – 272 с.*
7. *Носиров, С.Ш. Педагогика ва психология. / С.Ш. Носиров. – Промэкспо, Душанбе 2020.– 288 с.*
8. *Нуров, П.Г. Теоретический и прикладной аспекты таджикской научно-технической терминологии. / П.Г. Нуров. – Душанбе: Дониш Граф, 2017. – 288 с.*
9. *Самохина И.А. Языковая интерференция: обзор исследований в лингвистике. / И.А. Самохина. // Вестник ТВГУ. Серия «Филология» 2018. № 24. – С. 90-96*
10. *Фролова, Т.П. Отбор лексических единиц с целью формирования и расширения лексического запаса для чтения текстов по специальности. / Т.П. Фролова. // Кострома: Вестник КГУ, 2019, № 3. – С. 203-206*
11. *Халупо, О.И. Отбор лексических единиц для профессионального иностранного языка / О.И.Халупо. // Филологические науки. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота, 2017. № 6(72): в 3-х ч. Ч. 2. – С. 212-214*
12. *Alcina A. Teaching and Learning Terminology: New Strategies and Methods. / A. Alcina – Amsterdam: John Benjamins Publishing, 2011. – 157 p.*
13. *Gomez-Moreno P.U. Teaching and learning terminology in secondary education: Towards specialisation through language. // Porta Linguarum, 2019, № 31 – pp. 117-130*
14. *Hutchinson T., Waters A. English for Specific Purposes. A learning-centred approach. / T. Hutchinson, A. Waters – Cambridge University Press, 1987. – 183 p.*
15. *Ibbotson M. Cambridge English for Engineering. / M. Ibbotson –Cambridge University Press, 2008. – 112 p.*
16. *Ibbotson M. Professional English in Use Engineering. / M. Ibbotson – Cambridge University Press, 2009. – 144 p.*
17. *Ward J. A basic engineering English word list for less proficient foundation engineering undergraduates. // English for Specific Purposes, 2009, № 28, 3 – pp. 170-182*


## ИНТИХОБИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАВӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЗИКА


Дар мақола масъалаи интихоби истилоҳот барои таълими фанни забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисоси физика баррасӣ гардидааст. Дар мақола шароити таълим ва роҳҳои интихобу таҳияи маводи луғавӣ бо назардошти хусусиятҳои муайяншуда ва ҳадафҳои таълим пешниҳод карда шудаанд, интихоби луғат дар асоси принсипҳои илмии педагогика методика ва қонунгузории давлатӣ дар соҳаи маориф ба роҳ монда шавад. Дар мақола мисолҳои гуногуни истилоҳоти интихобшудаи забони англисӣ бо тарҷума ба забони тоҷикӣ ва баъзе аз онҳо ба забони русӣ аз мавзуъҳое, ки донишҷӯёни факултети физика дар доираи фанҳои касбӣ, омӯхтаанд, оварда шудааст. Инчунин, аз бахши термодинамика истилоҳоте, ки ба мавзуъҳои ҳифзи пиряххо ва захираҳои обӣ алоқаманданд, алоҳида қайд карда шудааст. Ин луғат барои омода намудани мутахассисоне зарур аст, ки метавонанд дар мавзуъҳои муайян муоширату фаъолият кунанд ва ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт амалӣ намоянд.



***Калидвожаҳо***: забони хориҷӣ, забони англисӣ, таълими забони хориҷӣ, истилоҳот, забон барои мақсадҳои махсус, таҳсилоти олӣ, ихтисоси физика механикаи динамика, термодинамика электрӣ элтика.


## ОТБОР ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ПРИ ОБУЧЕНИИ АНГИЙСКОМУ ЯЗЫКУ СТУДЕНТОВ ФАКУЛЬТЕТА ФИЗИКА


В статье рассмотрен вопрос отбора терминологической лексики для курса английского языка для студентов, обучающихся в университете по специальности физика. В работе проанализированы условия обучения и предложены методы выбора и организации лексического материала с учётом выявленных особенностей и целей образовательного процесса. Отбор лексики выполнен с опорой на научные принципы педагогики и методики и государственное законодательство в области образования. В статье приведены разнообразные примеры отобранной терминологической лексики на английском языке с переводом на таджикский и, для некоторых слов, также и на русский языки из тематических разделов, изучаемых студентами факультета физика в рамках профессиональных дисциплин, таких как кинематика, механика, электродинамика, математическое обеспечение физики и другие. Отдельно отмечены термины из раздела термодинамика, относящиеся к темам сохранения ледников и водных

ресурсов. Эта лексика необходима для подготовки специалистов, которые способны к профессиональному общению на английском языке по указанным темам и смогут поддержать международную деятельность и инициативы Республики Таджикистан в данной области.

***Ключевые слова:*** иностранный язык, английский язык, преподавание иностранного языка, терминология, лексика, высшее образование, язык для специальных целей, специальность физика.

## SELECTING PROFESSIONAL TERMINOLOGY IN TEACHING ENGLISH FOR STUDENTS OF PHYSICS FACULTY

This paper addresses the selection of lexicon for the English course for university students majoring in physics. Conditions of education are analyzed and ways of selecting and organizing lexical material are proposed, taking into account the identified features and objectives of the education. Vocabulary is selected based on the scientific principles of pedagogy and methodology and the state legislation in the field of education. This paper presents various examples of the selected vocabulary in English with translation into Tajik and for some words also into Russian languages from thematic sections, which are studied by physics students as professional disciplines, such as kinematics, mechanics, electrodynamics, mathematics applied in physics and others. The terminology from the thermodynamics section, related to glaciers' preservation and water resources protection, is considered. This vocabulary is necessary for training specialists who are capable of professional communication in English on the given topics and are able to support international activities and initiatives of the Republic of Tajikistan in this area.

***Key words*:** foreign language, English, teaching a foreign language, language for specific purposes, terminology, vocabulary, higher education, physics major.

***Дар бораи муаллифон***
*Макарова Юлия Михайловна*
*Докторант (PhD)-и курси 1-ми*
*кафедраи методикаи таълими*
*забони англисӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ,*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121,*
*Тел: (+992) 985718150,*
*E-mail: juliaruntjk@gmail.com*

*Эмомов Исматулло Боронович*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,*
*мудири кафедраи*
*методикаи таълими забони англисӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121,*
*Тел: (+992) 918680821,*
*E-mail: iemomov@mail.ru*

***Об авторах***
*Макарова Юлия Михайловна*
*Докторант (PhD) 1-го курса*
*кафедры методики*
*преподавания английского языка*
*Таджикский государственный педагогический*
*университет имени Садриддина Айни*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 985718150,*
*E-mail: juliaruntjk@gmail.com*

*Эмомов Исматулло Боронович*
*Кандидат педагогических наук, доцент,*
*заведующий кафедрой*
*методики преподавания английского языка*
*Таджикский государственный педагогический*
*университет имени Садриддина Айни*
*имени Садриддина Айни; 734003*
*г. Душанбе проспект Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 918680821,*
*E-mail: iemomov@mail.ru*

***About the authors:***
*Makarova Yulia Michailovna– 1st year*
*PhD student at the chair of*
*English language teaching methodology,*
*of Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Ayni*
*734003 city Dushanbe Rudaki 121,*
*Phone: (+992) 985718150,*
*E-mail: juliaruntjk@gmail.com*

*Emomov Ismatullo Boronovich*
*Candidate of Sciences in Education,*
*associate professor, the head of*
*English language teaching methodology*
*chair of the Faculty of*
*English and Eastern Languages of*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Ayni,*
*734003 city Dushanbe Rudaki 121,*
*Phone:(+992) 918680821,*
*E-mail: iemomov@mail.ru*

ТДУ 372.857

# МАҲОРАТҲОИ ҶАМЪБАСТӢ ОИД БА КОРКАРД ВА ТАТБИҚИ АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ ДАР СИСТЕМАИ ТАЙЁРИИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА

***Нугмонов М., Баротзода К. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар асоси коркарди методикаи таълимӣ донишҷӯён табиист, ки сохтори фаъолияти омӯзгор оид ба интихоб, коркард ва татбиқи иттилооти иловагӣ дар таълими фанҳо дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ гузорем. Чунин навъи фаъолият аз тарафи омӯзгори оянда бо мақсади инкишофи сифати таълими фанҳо барои хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Бинобар ин онро ҳамчун як навъи фаъолияти методӣ шуморидан мумкин аст.

Дар навбати худ, фаъолияти методиро ба монади он, ки чӣ тавр фаъолияти педагогӣ амал мекунад, муайян кардан мумкин аст, яъне ҳамчун системаи амалиёти пайдарпаи омӯзгор, ки самти асосиаш барои бадастории мақсадҳои гузошташудаи таълими фан бо ёрии ҳалли масъалаҳои педагогӣ амалӣ мегардад [7, с. 54]. Ба монанди ҳар гуна фаъолияти педагогӣ, таълими донишҷӯён (дар як вақт коркард ва истифодаи адабиёти иловагӣ) бояд дар худ ҳама гуна ҷузъиёти асосиро фарогир бошад: объекти фаъолият, талабот ва ангезаҳо, мақсад, восита, амалиёт, натиҷа, ки бевосита ба системаи тайёрии касбӣ-методии донишҷӯй (омӯзгори оянда) тобеанд.

Маҳоратҳои муонишавандаи дар донишҷӯён ташаккулдиҳанда қисме аз системаи умумии маҳоратҳои методӣ мебошанд, ки онҳо ҳамчун омӯзгори оянда бояд азхуд кунад. Бинобар ин пиндоштан мумкин аст, ки дар раванди таълими он бояд функсияҳои мувофиқи фаъолияти омӯзгори оянда: банақшагирӣ, конструктивӣ, гностикӣ, коммуникатсионӣ, ташкилотчигӣ ва ислоҳкунӣ амалӣ гардонида шаванд.

Азбаски адабиёти иловагӣ (иттилоотӣ) воситаи васеъкунии дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон дар раванди фаъолияти донишандӯзӣ низ мебошад, омӯзгор бояд ҳамаи функсияҳои ба фаъолияти худ хосро иҷро намояд. Пас, ҳангоми ташаккулдиҳии фаъолиятҳои мувофиқ дар донишҷӯён ба функсияи алоҳидаи фаъолият оид ба коркард ва татбиқи адабиёти иловагӣ дар таълими фанҳо баҳо додан ғайриимкон мебошад. Дар раванди ин гуна фаъолият ба иҷроиши ҳамаи функсияҳо баҳо додан зарур аст. Дар ин ҳолат ба сохтори фаъолияти омӯзгор амалиётҳои зерин ворид мегарданд:

- гузоштани мақсад;
- кофтукоби адабиёти зарурӣ ва интихоби он;
- коркарди методӣ;
- қайди махсус;
- татбиқи иттилооти бадастомада дар фаъолияти амалӣ;
- санҷиши истифодабарии иттилоот.

Дар раванди таҳсил дар донишгоҳ донишҷӯй бояд ҳамаи унсурҳои номбаршудаоро азбар намояд. Дар ин ҳолат системаи тайёрии касбӣ-методии омӯзгори оянда амалӣ мегардад, ки унсурҳои зеринро дорад: мақсад, мазмуни таълим (иттилооти омӯзишӣ), воситаҳои коммуникатсионии методӣ, фаъолияти омӯзгор, фаъолияти донишҷӯ, натиҷаи ниҳоӣ [8, 9].

Аз тарафи дигар, натиҷаҳои аҳамиятноки касбии фаъолияти донишҷӯй оид ба ҷалб кардани иттилооти иловагӣ ба раванди таълиму тарбия, аз ҷумла дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ баҳо додан мумкин аст. Бинобар ин, гуфтан ҷоиз аст, ки фаъолияти донишҷӯй ба системаи дигари ба ибтидоӣ мувофиқ – системаи таълими фан дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тобеъ мебошад, ки унсурҳояш (компонентҳояш) зеринҳоянд: мақсад, мазмун, восита, омӯзгор, хонанда, натиҷа (натиҷаи ниҳоӣ). Дар навбати худ, амалиёти донишҷӯй дар раванди таҷрибаомӯзии педагогиро тавре баҳо додан мумкин аст, ки хонандагон дар зинаи муоинашавандаи

амалигардонӣ ҳангоми истифодаи иттилооти иловагӣ дониш, малака ва маҳоратҳои васеъ ва чуқурро азбар кардаанд, яъне дар инкишофи хонанда пешравӣ дида мешавад.

Ба тариқи абстраксия ҳамаи унсурҳои ин ду системаро ба инобат нагирифта, алоқамадии онҳоро дар таҳти призмаи фаъолияти субъектҳои таълими фан баҳо додан имкопазир аст (расми 1).




Расми 1.

МТО - муассисаи таҳсилоти олӣ.

МТМУ - муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Д - донишҷӯи дар гирифтани дониш, малака ва маҳоратҳо оид ба истифодаи иттилооти иловагӣ ҳангоми таълими хонандагон тайёршуда.

Х - хонанда бо дониш, малака ва маҳоратҳои иловагӣ.

Азбаски дар фаъолияти омӯзгор функсияҳои дар боло номбаршуда асосӣ мебошанд, пас дар тайёрии касбӣ-методии донишҷӯй ба ин гуна фаъолият мо системаи маҳоратҳои ҷамъбаскунандаро доир ба коркард ва татбиқи иттилооти иловагии омӯзишӣ ҷудо кардем. Ин гуна система барои тайёрии касбӣ-методии донишҷӯй мавқеи асосҳои фаоълияти тамоюлиро (АФТ) иҷро мекунад ва дар худ маҳоратҳои ҷамъбасткунандаи зеринро дороcт:

- маҳорати тамоюл доштан ва гузоштани мақсад (маҳорати тамоюлию самтбахшӣ);
- маҳорати кор бо каталогҳо ва дигар манбаъҳои иттилооти омӯзишии иловагӣ (маҳорати китобхонагию китобшиносӣ);
- маҳорати таҳлилгарой ва бо мақсадҳои зарурӣ ҷудо карда гирифтани адабиёти иловагӣ (маҳорати аналитикию синтетикӣ);
- маҳорати аз диди методӣ коркарди маводи омӯзишии иловагӣ (мувофиққунию методӣ);
- маҳорати татбиқ ва ҷамъоварии иттилооти омӯзишии иловагӣ (маҳорати методию амалӣ).

Акнун таркиби амалиёти маҳоратҳои ҷамъбасткунандаро кушода медиҳем.

Ҳангоми муайян кардани таркиби маҳоратҳои ҷамъбасткунанда мо ба таҷрибаи бо донишҷӯён гузаронидаи худ ва ба фаҳмиши зерини онҳо такя намудем. Маҳоратҳои ҷамъбасткунанда - амалиёти мураккаби азбаркардаи донишҷӯй мебошанд, ки дар худ маҷмӯи амалҳои алоҳидаро дарбар мегиранд (бо воситаи масъалаҳои ҷузъӣ муайян шудаанд ва барои мақсади ягонаи амалигардонии амали додашуда равона гардидаанд) ва татбиқи васеъ доранд (новобаста аз услуб, номгӯй ва соҳаи фаннии адабиёти иловагӣ). Дар ин ҳолат амалиёти ҷамъбастиро дар мадди аввал (дараҷаи паст) азхудшуда ҳисобидан мумкин аст (ба маҳорати дараҷаи аввал гузаранда), агар донишҷӯй бо нишондоди омӯзгор ва бо такя ба накши фаъолият амалиёти дар таркиби он бударо бомуваффақият иҷро намояд. Амалиётро дар зинаи дуюм (дараҷаи миёна) ва сеюм (дараҷаи баланд) азбаршуда (маҳоратҳои ба дуюм ва сеюм гузаранда) меҳисобем, агар онро донишҷӯй бе такя ба нақш ё худ ёрии омӯзгор (дараҷаи дуюм), ё бо ташаббуси худ (дараҷаи сеюм) иҷро намояд.

Таҷриба собит менамояд, ки шиносоӣ бо иттилооти иловагии нашршуда оид ба ҳаргуна маводи омӯзишӣ, чун қоида, аз ҷустуҷӯи феҳристи манбаъҳои адабиёт оғоз мегардад. Аммо ба донишҷӯй лозим аст, ки дар ибтидо мақсад ва тартиби ҷустуҷӯро дарк намояд (тафаккурро майлон бахшад), баъд аз он ба тартибдиҳии картотекаи (ё худ рӯйихати адабиёти) манбаъҳои адабиёт доир ба мавзуи муоинашаванда машғул шавад. Дуруст ва хуб

тартиб додани руйихати адабиёт, ҳатто ҳангоми шарҳи ноқиси номгӯи мавзуъҳои адабиётҳо ба донишҷӯй ёрӣ мерасонад, то ки маводи омӯзиширо ба пурагӣ пайдо кунад ва самти амалиёти ояндаро барои тартибдиҳӣ ва дақиқтар кардани нақшаи кор муайян намояд.

Агар мавзуи омӯзишӣ тавсифи тадқиқотӣ дошта бошад (кори курсӣ, рисолаи хатм, мақола, реферати илмӣ, маърӯза дар крнференсияи илмӣ), он гоҳ бояд ҳама гуна намудҳои манбаъҳои адабиёт, ки мазмунашон ба мавзуи тадқиқотӣ алоқаманданд, аз назар гузаронида шаванд. Барои иҷрои ин фаъолият донишҷӯй, пеш аз ҳама, ба китобхона муроҷиат менамояд. Бинобар ин бояд донист, ки манбаъҳои иттилоотӣ оид ба мавзуи омӯзишӣ дар шӯъбаи рӯйихати адабиёт чӣ тавр ҷойгир шудаанд. Новобаста аз миқдори китобхонаҳо, дар ҳамаи онҳо нишондиҳадаҳои манбаъҳои иттилоотӣ ба як қоидаи дар соҳаи библиография қабулшуда итоат мекунанд.

Мақсади интиҳоии дар донишҷуён ташаккулдиҳии маҳоратхои умумии овардашуда аз тайёр бадани онҳо барои ба хонадагон пешниҳод намудани иттилоот дар як қатор мавзуъҳои таълимӣ – дар дарс ё машғулиятҳои иловагӣ, дар машғулиятҳои махфилҳои фаннӣ, машғулиятҳои факултативӣ, ҳангоми ёрии бевосита расонидан ба хонандагон дар ҳолати тайёрии онҳо ҳангоми маърӯзаҳои мустақилона ва ғайра иборат мебошад. Маълум аст, ки чорабиниҳои ба иҷрои ин функсия алоқаманд хеле гуногунанд, вале онҳо ба талаботҳои мувофиқоӣ ба назарияи фанни омӯзишӣ, дастрасӣ, талаботи таъсирбахшӣ ба эҳсос ва идрок, талаботи фаъолнокии фаҳмиш ва он принсипҳои методии интихоб карда гирифтан, ки мо дар боло қайд кардем, тобеъ мебошанд. Ҳангоми коркарди мавзуъҳои ба мавзуъҳои ҳатмии барномавӣ таалуқнадошта, функсияи ташкилотчигии омӯзгор ба худ маънои навро мегирад, ки ба гузаронидани ҳаргуна корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ вобаста мебошад. Ин ба худ ташкили иттилооти таълимиро дар раванди пешниҳоди он ва фаъолияти хонадагон дар назар дорад, ки ба қабул ва азбаркунӣ алоқаманд мебошад.

Барои иҷроиши фаъолияти донишҷӯй дар нақши омӯзгор оид ба коркард ва татбиқи иттилооти иловагӣ дар раванди таълим мо системаи машқҳои методии даркшавандаро коркард намудем, ки барои дар донишҷӯён ташаккул додани маҳоратҳои дар боло номбурда равона карда шудаанд. Дар донишҷуён ташаккул додани ин гуна маҳоратҳо дар раванди корҳои мустақилона бо адабиёти методӣ ва фаннӣ амалӣ гардонида шуд. Донишҷуён пас аз гузориши мақсади кор, муайян кардани зинаҳо ва амалиёти муайян кардани масъалаҳои гузошташуда, ки бо маводи назариявӣ ва методикаи истифодаи онҳо ҳангоми таълими фан вобастаанд, ба иҷрои кори мустақилона шурӯъ намуданд.

Дар зинаи фаъолияти кофтукобӣ донишҷӯён бо адабиёти гуногуни зарурӣ шинос гардиданд ва дар мувофиқа бо онҳо рӯйихати адабиётро навишт карда, заруриашро ба қайд гирифтанд. Пас аз ин, онҳо бо ёрии омӯзгор таҳлили методии мазмуни адабиёти интихобшударо гузарониданд ва иттилооти барояшон заруриро интихоб намуданд.

Ҳангоми амалигардонии коркарди методии адабиёт донишҷуён як қатор супоришҳоро иҷро карданд: дар мазмуни матни муонишаванда қисми аосиро ҷудо карданд, маводро сохтор бахшиданд, иттилооти зарурии пайдошударо ба карточкаҳои махсус навиштанд, маводро дар мувофиқа бо мавзуъҳои фанни таълимии муассисаи тахсилоти миёнаи умумӣ бо назардошти максадҳои татбиқи онҳо таснифот ва ба системаи муайян даровварданд.

Адабиёти коркаршудаи иловагиро донишҷӯён дар раванди фаъолияти фардии таълимӣ аз методикаи таълими фанҳо истифода бурданд. Шаклҳои истифодабарӣ зеринҳо буданд:

- коркарди конспекти дарсҳо;
- коркарди номгӯи машғулиятҳои факултативӣ ва маҳфилӣ;
- коркарди методикаи ташкил ва гузаронидани корҳои беруназдарсӣ;
- тайёр кардани воситаҳои аёнӣ;
- иҷрои корҳои курсӣ;
- иҷрои рисолаҳои хатм.

Дониш ва маҳоратҳои пайдошударо донишҷӯён дар раванди таълими математика ва биологияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар вақти таҷрибаомӯзии педагогӣ татбиқ намуданд.

Таҳлили манбаъҳои адабиёти ба таҳқиқот таалуқдошта [1, 2, 3, 4, 6, ва ғайра], инчунин дарки таҷрибаи шахсӣ оид ба коркарди адабиёти илми-методӣ ва таълими донишҷӯён ба ин

гуна фаъолият ба мо имконият фароҳам овард таркиби амалиёти маҳоратҳои дар боло номбаршудаи ҷамъбастиро муайян намоем.

1. Маҳоратҳои равонбахш ва майлондиҳанда:

- дарки зарурати истифодаи адабиёти иловагӣ (чӣ ба адабиёти асосӣ намерасад? Барои чӣ адабиёти иловагӣ зарур аст?);

- муайян кардани мавқеи имконпазири кофтукоби манбаъҳои адабиёт ва намудҳои онҳо (ба куҷо ва ба кӣ муроҷиат бояд кард? Кадом намуди адабиётро бояд интихоб кард?);

- дарк кардан ва банақшагирии фаъолияти худ оид ба ҷамъоварии иттилоот (мавқеи кофтукоб? Вақти кор? Намудҳои фаъолият?);

- муайян кардани тарзҳо ва воситаҳои бақайдгирии иттилооти пайдошуда (нусхабардорӣ, мушоҳида, конспект кардан, бакайдгирии мухтасар ва ғайра);

- дурнамои пешакии имкониятҳои истифодабарии иттилооти иловагӣ барои оянда (барои кори татқиқотӣ, бо мақсади таълимӣ, барои шавқу рағбат ва ғайра).

2. Маҳорати китобхонашиносӣ ва тартиб додани рӯйихати адабиёт;

- донистани намуди каталогҳо, ҷузъҳо ва алоқамандии онҳо (фаннӣ, алифбоӣ (алфавитӣ), сарлавҳа ва бобҳо, мавқи бароriши манбаъҳои иттилоотӣ);

- ҷустуҷӯйи адабиёти зарурӣ тибқи мавқеи бароriши он;

- тартиб додани дархост барои фармоиши манбаъҳои адабиёт;

- кофткуоби манбаъҳои адабиёти дуюмдараҷаи тавсифи ба аввала монандӣ дошта;

- тартиб додани навишти манбаъҳо (дар мувофиқа бо талаботи стандартҳои такягоҳии рӯйихати адабиёт);

- тартиб додани рӯйхати адабиёт.

3. Маҳоратҳои аналитикию синтетикии методӣ:

- мувофиқоӣ ба маводи таълимии асосӣ, максади омӯзиши он ва имкониятҳои хонандагон;

- муайян кардани ҷиҳатҳои фаҳмогӣ ва илмӣ будан барои хонандагон;

- аниқ кардани мантиқи баёни мавод аз манбаъҳои иловагӣ;

- ҷудо кардани маводи асосӣ ва дуюмдараҷа вобаста аз мақсадҳои маводи асосии омӯхташаванда (ба монанди масъалаҳои математикӣ ва биологии такягоҳӣ);

- таҳлили забонии адабиёти иловагӣ дар сатҳи мувофиқоӣ бо забони адабиёти асосӣ;

- муқаррар кардани монандӣ ва гуногунмаъногии мафҳумҳои истифодашаванда;

- ҷудо кардани маводи иловагии тавсифи ҷаҳонбинӣ дошта;

- муайян кардани имкониятҳои функсионалии маводи иловагӣ (ба монанди: муайян кардан ва амалигардонии робитаҳои байнифаннӣ, истифодабарӣ ҳамчун воситаи таълим);

- муайян кардани шаклҳо ва мавқеи истифодабарии адабиёти иловагӣ (дар дарс, дар корҳои берунадарсӣ, барои ташкили корҳои гурӯҳӣ, фаолияти ҳамҷоя ва ғайра).

4. Маҳоратҳои методию мувофиққунонӣ:

- мувофиққунонии маводи ҷудокардашуда ба шароит ва мақсади истифодаи он (дигаргунсозии матн ва ғайра);

- муқаррар кардани робитаҳои ҷузъии маводи ҷудокардашуда бо элемнтҳои маводи асосӣ;

- навишти зарурат ва банақшагирии пешакии истифодабарии маводи иловагӣ;

- аниқ кардани мазмуни умумии иттилооти иловагӣ, коркарди конспекти тайёр;

- ба ситема даровардани маводи ҷудокардашудаи иловагӣ, сохторбахшӣ ба он, дар мувофиқа бо мақсадҳои гуногун;

- ҷудо кардани вожаҳои калидии маводи асосӣ, иттилооти инкишофдиҳанда, асосҳои методологӣ ва ғайра;

- ворид кардани маводи иловагӣ ба сарлавҳаҳо: «маълумоти назариявӣ», «таърифи нав», «исботи нав», «алгоритм», «мукофот», «ғайриоддӣ», «воқеияти ҷолиб» ва ғайра.

5. Маҳоратҳои методию амалӣ:

- шиносоӣ ба мавқеъ ва вақти истифодаи адабиёти иловагӣ дар раванди коммунмкатсия бо хонандагон;

- муайян кардани шаклҳо ва тарзҳои пешниҳод кардани иттилооти иловагӣ барои хонандагон;

- ворид намудани иттилооти иловагӣ дар таркиби раванди таълиму тарбия;

- ташкили фаъолияти хонадагон бо иттилооти иловагӣ ва манбаъҳои иловагии он;

- баҳодиҳии натиҷаи фаъолияти омӯзгор ва хонандагон оид ба истифодабарии иттилооти иловагӣ ва манбаъҳои он;

- муайян кардани роҳҳои нигоҳдории иттилоот.

Мақсади интиҳоӣ дар донишҷӯён ташаккулдиҳии маҳоратҳои баёншудаи умумӣ, тавре ки дар боло баён намудем, аз он иборат аст, ки онҳо тавонанд мустақилона ва бо ташабуси худ иттилооти иловагиро дар фаъолияти ояндаи омӯзгории худ истифода баранд. Вобаста ба ин масъалаи ҷустуҷӯи ташкили чунин тайёрии касбӣ-методии донишҷӯён меистад, ки дар аксари онҳо маҳоратҳои додашуда бояд ташаккул ёбанд (аққалан дар зинаи аввал, то саршавии таҷрибаомӯзии педагогӣ барои донишҷуёни таҳсилоти 4-сола (ихтисосҳои биология, математика) – курси 3-юм ва таҳсилоти 5-сола (ихтиосхои математика-информатика, математика-физика, биология-химия, физика математика) – курси 4-ум. Мо бо ҳамин гуна дурнамо бо инобати баёни тарҳкашии (накшагии) умумии тайёрии касбӣ-методии омӯзгори оянада раванди таълимро сохтор мебахшем.

Вобаста ба ин тарҳи умумӣ, раванди дар донишҷӯён ташаккулдиҳии маҳоратҳои ҷамъбастии муоинашаванда то ширкати онҳо ба таҷрибаомӯзии педагогии давраи якум ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ду зинаи ба ҳам алоқаманд ташкил карда шавад. Мақсадхои умумии зинаи аввал (зинаи тайёрӣ):

- дар донишҷӯён ташаккул додани зарурати фаҳмиши таҷрибаи аввалин оид ба истифодаи адабиёти иловагӣ, ҳам бо мақсадҳои омӯзишии худ (барои такмил ва баландбардории сифати тайёрии фаннӣ, методӣ ва ғайра) ва ҳам фаъолияти ояндаи онҳо ба сифати омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- дар донишҷуён ташаккул додани донишҳо дар бораи асосҳои самтбахшии фаъолият (АСФ)-и пурра оид ба ҷамъоварӣ, коркард ва татбиқи манбаъҳои иттилооти иловагӣ, инчунин АСФ-и ҳар яке аз чор маҳоратҳои ҷамъбастӣ;

- дар донишҷуён ташаккул додани маҳорати иҷрои фаъолият (амалиёт) аз рӯйи намунае, ки ба маҳоратҳои ҷамъбастӣ воридаанд. Ба сифати АСФ-и маҳоратҳои ҷамъбастӣ мо амалиёти таркибии онро мадди назар дорем, ки ба муайянкунӣ ва тавзеҳи ин гуна маҳорат ҳамчун фаъолияти ҷамъбастӣ ва бо мафҳуми АСФ [5] дар назарияи ташаккулдиҳии зинавии амалиёти фикрӣ дар мувофиқа мебошад.

Мақсади асосии зинаи дуюм (зинаи ташаккулдиҳанда) - дар донишҷуён ташаккул додани чор маҳоратҳои ибтидоии дар зинаи аввал мавҷуда, донишҳо доир ба АСФ – занаи панҷуми маҳоратҳои ҷамъбастӣ ва майлондиҳии онҳо барои истифодаи адабиёти иловагӣ дар фаъолияти худ (таълимӣ-методӣ, таълимӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ).

Аз тавсифи мақсадҳои дар ҳарду зина мавҷуда бармеояд, ки дар ташкили онҳо мавқеи асосиро омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ иҷро мекунад. Таҷрибаи мо собит менамояд, ки дар ин ҳолат варианти ниҳоят муносиб аз он иборат аст, ки омӯзгорони ин зинаҳоро ташкилкунада дар як кафедра кор кунанд ва фаъолияти заруриро аз курси якум оғоз намоянд. Дар мувофиқа бо нақшаи таълимии донишгоҳ ва факултетҳое, ки омӯзгорни ояндаро тайёр менамоянд, дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ин гуна имконият мавҷуд аст. Чунончӣ дар кафедраҳои методикаи таълими муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ фанҳои таълимии асосӣ ва интихобие мавҷуданд, ки ин ҷараёнро тақвият мебахшанд ва барои дар донишҷуён ташаккул додани маҳоратҳои зарурии ҷамъбастӣ шароити мувофиқ фароҳам меоранд.

Ҳамин тавр, истифодаи адабиёти иловагӣ дар раванди тайёрии касбӣ-методии донишҷуёни муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ фаъолияти махсусро талаб мекунад - дар донишҷуён зина ба зина ташаккул додани маҳоратҳои мустақим ва амалиёти ба онҳо дохилшаванда барои натиҷаҳои ба зинаҳо мувофиқоянда. Бояд қайд кард, ки ҳамаи элементҳои (ҷузъиёти) тайёрии касбӣ-методӣ бо ҳам дар робитаанд ва ҳар як зинаи ташаккулдиҳӣ қисми таркибии системаи томи тайёрии методии донишҷуён дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ буда, раванди касбӣ барои инкишофи фаъолнокӣ ва мустақилонаи онҳо, ба робитанокии таҳсилоти онҳо дар мактаби олӣ бо фаъолияти ояндаи мустақилонаашон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

### *АДАБИТЁТ*

1. *Архипов, И.А. Психологические особенности формирования у студентов умения учиться самостоятельно. Дисс. ...канд. психол. наук / И.А. Архипов. - Л., 1984. - 155 с.*
2. *Бондарев А.Г. Методика работы с текстом учебников и дополнительной литературой в обучения географии 5-8 классы. Дисс. ...канд. пед. наук. / А.Г.Бондарев. – М., 1986. – 179 с.*
3. *Букреева О.М. Осмысление учебного материала как процесс и как эффект обучения //Определение трудности и ценности учебной информация для взрослых людей / О.М. Букреева. – Л.: НИИ ООВ, 1972. - С. 61-65.*
4. *Венда, В. Ф. Средства отображения информации / В.Ф. Венда. - М.: Энергия, 1969. - 303 с.*
5. *Гальперин, П.Я. Формирование знаний и умений на основе поэтапного формирования умственных действий. // Исследование мышления в советской психологии / П. Я. Гальперин. – М.: Мысль, 1966. - С. 71 - 90.*
6. *Доблаев, Л.П. Смысловая структура учебного текста и проблемы его понимания / Л.П. Доблаев. – М.: Педагогика, 1990. - 176 с.*
7. *Кузьмина, Н.В. Психологическая структура деятельности учителя. / Н.В.Кузьмина, Н.В. Кухарев.– Гомель: ГГУ, 1976. – 57 с.*
8. *Луканкин, Г.Л. Научно-методические основы профессиональной подготовки учителя математики в педагогическом институте. Дисс. ...докт. пед. наук. в форме научного доклада //Ленинградский Госпединститут. / Г.Л. Луканкин. – Л., 1989. – 59 с.*
9. *Нугмонов, М. Теоретико-методологические основы системы подготовки будушего учителя математики в педвузе. / М. Нугмонов. - М.: Прометей, 1998. - 247 с.*
10. *Фролов, И.В. Технологии дифференцированного обучения в сельской школе. Монография. / И.В. Фролов, М.И. Зайкин, Н.А.Шкильменская,– Арзамас: АГПИ, 2008. – 236 с.*

## МАҲОРАТҲОИ ҶАМЪБАСТӢ ОИД БА КОРКАРД ВА ТАТБИҚИ АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ ДАР СИСТЕМАИ ТАЙЁРИИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА

Дар асоси коркарди методикаи таълимӣ донишҷӯён табиист, ки сохтори фаъолияти омӯзгор оид ба интихоб, коркард ва татбиқи иттилооти иловагӣ дар таълими фанҳо дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ гузорем. Чунин навъи фаъолият аз тарафи омӯзгори оянда бо мақсади инкишофи сифати таълими фанҳо барои хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Бинобар ин онро ҳамчун як навъи фаъолияти методӣ шуморидан мумкин аст. Дар навбати худ, фаъолияти методиро ба монади он, ки чӣ тавр фаъолияти педагогӣ амал мекунад, муайян кардан мумкин аст, яъне ҳамчун системаи амалиёти пайдарпаи омӯзгор, ки самти асосиаш барои бадастории мақсадҳои гузошташудаи таълими фан бо ёрии ҳалли масъалаҳои педагогӣ амалӣ мегардад. Ба монанди ҳар гуна фаъолияти педагогӣ, таълими донишҷӯён (дар як вақт коркард ва истифодаи адабиёти иловагӣ) бояд дар худ ҳама гуна ҷузъиёти асосиро фарогир бошад: объекти фаъолият, талабот ва ангезаҳо, мақсад, восита, амалиёт, натиҷа, ки бевосита ба системаи тайёрии касбӣ-методии донишҷӯ (омӯзгори оянда) тобеанд. Маҳоратҳои муонишавандаи дар донишҷӯён ташаккулдиҳанда қисме аз системаи умумии маҳоратҳои методӣ мебошанд, ки онҳо ҳамчун омӯзгори оянда бояд азхуд кунад. Бинобар ин пиндоштан мумкин аст, ки дар раванди таълими он бояд функсияҳои мувофиқи фаъолияти омӯзгори оянда: банақшаггирӣ, конструктивӣ, гностикӣ, коммуникатсионӣ, ташкилотчигӣ ва ислоҳкунӣ амалӣ гардонида шаванд. Азбаски адабиёти иловагӣ (иттилоотӣ) воситаи васеъкунии дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон дар раванди фаъолияти донишандӯзӣ низ мебошад, омӯзгор бояд ҳамаи функсияҳои ба фаъолияти худ хосро иҷро намояд. Пас, ҳангоми ташаккулдиҳии фаъолиятҳои мувофиқ дар донишҷӯён ба функсияи алоҳидаи фаъолият оид ба коркард ва татбиқи адабиёти иловагӣ дар таълими фанҳо баҳо додан ғайриимкон мебошад. Дар раванди ин гуна фаъолият ба иҷроиши ҳамаи функсияҳо баҳо додан зарур аст. Дар ин ҳолат ба сохтори фаъолияти омӯзгор амалиётҳои зерин ворид мегарданд:

- гузоштани мақсад;
- кофтукоби адабиёти зарурӣ ва интихоби он;
- коркарди методӣ;
- қайди махсус;
- татбиқи иттилооти бадастомада дар фаъолияти амалӣ;
- санҷиши истифодабарии иттилоот.

**Калидвожа:** методикаи таълим, донишҷӯй, фаъолияти омӯзгор, тайёрии касбӣ-методии омӯзгори оянда, адабиётҳои иловагӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, малака, маҳорат.

## ОБЩИЕ УМЕНИЯ ПО ОБРАБОТКЕ И ПРИМЕНЕНИЮ ДОПОЛНИТЕЛЬНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В СИСТЕМЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ

На основе развития методов обучения студентам естественно структурировать деятельность преподавателя по отбору, обработке и применению дополнительной информации при преподавании предметов в вузе. Данный вид деятельности будущего учителя направлен на повышение качества преподавания предметов учащимся общеобразовательного учреждения. Поэтому ее можно рассматривать как вид методической деятельности. В свою очередь, методическую деятельность можно определить как то, как протекает педагогическая деятельность, то есть как систему последовательных действий учителя, основным направлением которых является достижение поставленных целей обучения предмета с помощью решения педагогических задач. Как и любая педагогическая деятельность, обучение учащихся (одновременно обработка и использование дополнительной литературы) должно включать в себя все основные детали: предмет деятельности, требования и мотивации, цель, средства, действие, результат, которые непосредственно связаны с системой. профессиональной подготовки - по методу студента (будущего учителя). Навыки, которые необходимо развивать у студентов, являются частью общей системы методических умений, которыми они должны овладеть как будущий учитель. Поэтому можно предположить, что в процессе его воспитания должны реализоваться соответствующие функции деятельности будущего учителя: планирующая, конструктивная, гностическая, коммуникативная, организаторская и коррекционная. Поскольку дополнительная (информационная) литература является средством расширения знаний, умений и навыков учащихся в процессе учебной деятельности, преподаватель должен выполнять все функции, специфичные для его деятельности. Итак, при формировании соответствующей деятельности у учащихся невозможно оценить отдельную функцию деятельности по обработке и применению дополнительной литературы при преподавании предметов. В процессе такой деятельности необходимо оценивать выполнение всех функций.

**Ключевые слова**: методика обучения, студенты, педагогическая деятельность, профессионально-методическая подготовка будущего учителя, дополнительная литература, высшее профессиональное образование, среднего общая образовательная школа, навыки, умения.

## GENERAL SKILLS IN PROCESSING AND APPLYING ADDITIONAL LITERATURE IN THE SYSTEM OF PROFESSIONAL AND METHODOLOGICAL TRAINING OF A FUTURE TEACHER

Based on the development of teaching methods, it is natural for students to structure the teacher’s activities in selecting, processing and applying additional information when teaching subjects at a university. This type of activity of the future teacher is aimed at improving the quality of teaching subjects to students of a general education institution. Therefore, it can be considered as a type of methodological activity. In turn, methodological activity can be defined as the way pedagogical activity proceeds, that is, as a system of sequential actions of the teacher, the main direction of which is to achieve the set goals of teaching the subject by solving pedagogical problems. Like any pedagogical activity, student learning (simultaneously processing and using additional literature) must include all the main details: subject of activity, requirements and motivations, goal, means, action, result, which are directly related to the system. professional training - according to the student (future teacher) method The skills that need to be developed in students are part of the general system of methodological skills that they must master as a future teacher. Therefore, it can be assumed that in the process of his upbringing the corresponding functions of the future teacher’s activity should be realized: planning, constructive, gnostic, communicative, organizational and correctional. Since additional (informational) literature is a means of expanding the knowledge, skills and abilities of students in the process of educational activities, the teacher must perform all functions specific to his activities. So, when forming appropriate activities for students, it is impossible to evaluate the separate function of the activity of

processing and applying additional literature when teaching subjects. During such activities, it is necessary to evaluate the performance of all functions.

**Key words:** teaching methods, students, teaching activities, professional and methodological training of the future teacher, additional literature, higher professional education, secondary general educational school, skills, abilities.

***Дар бораи муаллифон***
*Нугмонов Мансур*
*Доктори илмҳои педагогӣ,*
*профессори кафедраи методикаи*
*таълими математика*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*Тел.: (+992) 93 864 76 29*

*Баротзода Камолиддин Ашур*
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти*
*кафедраи биологияи умумӣ*
*ва методикаи таълими биологияи*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,*
*730043 ш. Душанбе хиёбони*
*Рудакӣ 121, Тел: (+992) 987180562;*

***Об авторах***
*Нугмонов Мансур*
*Доктор педагогических наук, профессор*
*кафедры методики преподавания*
*математики*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени Садриддин Айни*
*734003, Республика Таджикистан,*
*г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*Тел.: (+992) 93 864 76 29*

*Баротзода Камолиддин Ашур*
*кандидат педагогических наук,*
*доцент кафедры общей*
*биологии и методики преподавания биологии*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени С. Айни*
*730043 г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*Тел: (+992) 987180562;*

***About the authors***
*Nugmonov Mansur*
*Doctor of Pedagogical Sciences,*
*Professor in the*
*Department of Mathematics Teaching*
*Method Tajik State Pedagogical University*
*named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan,*
*Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*Phone.: (+992) 938647629*

*Barotzoda Kamoliddin Ashur*
*Candidate of Pedagogical Sciences,*
*Associate Professor*
*of the Department of General*
*Biology and Methods of Teaching*
*Biology of the Tajik State*
*Pedagogical University*
*named after S. Aini*
*730043 city Dushanbe, Rudaki 121*
*Phone: (+992) 987180562;*

ТДУ 372.851, 378.147

# АРЗЁБИИ ОБЪЕКТИВОНАИ ДОНИШҲОИ ГЕОМЕТРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 3 ВА 4 БО ТАТБИҚИ МЕТОДИ ПУЛОТ

***Назаров А. П.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
***Раҷабзода Ҳ. Х.***
*Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи дониши математикии хонандагони синфҳои 3 ва 4 дар айни замон методҳо, шаклҳо ва технологияҳои гуногуни беҳтаркунонии раванди таълим бо истифода аз таъминотҳои гуногуни барномавӣ ва воситаҳои электронии таълим ба таври васеъ татбиқ карда мешаванд. Пеш аз ҳама, истифодаи таъминотҳои барномавии таҳриргарони матнӣ ва ҷадвалҳои электронӣ барои тайёр кардани маводи гуногуни таълимӣ ба омӯзгорон ёрӣ мерасонанд. Як гурӯҳи таъминотҳои барномавии компютерӣ барои эҷоди воситаҳои айёнӣ ва намоиши презентатсияҳо, гурӯҳи дигари бастаҳои махсуси таъминотҳои барномавӣ барои ҳисобҳои математикӣ ва муҳандисӣ, инчунин низомҳои худкори тарроҳӣ истифода бурда мешаванд. Дар баробари ин ҳама, таъминотҳои барномавие мавҷуданд, ки ба низоми назорат ва барои арзёбии дониши хонандагон татбиқ карда мешаванд. Истифодаи таъминотҳои барномавии зикршуда ба суръат ва сифати омодасозии маводи таълимӣ ва ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ба таври муассир таъсир мерасонанд. Равандҳои дарк ва азхудкунии маводи таълимиро аз ҷониби хонандагон фаъол мегардонанд ва малакаҳои устувори ҳисоб кардани қимати ифода ва бузургиҳоро таъмин менамоянд. Татбиқи барномаҳои компютерии санҷиши дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки бо истифода аз шаклҳои асосӣ ва анъанавию стандартии вазифаҳои санҷишӣ арзёбии сифатии донишро дар хонандагон анҷом диҳанд. Ин ҷо ба мо методикаи таълими математика ҳамчун илм ёрӣ мерасонад [1].

Чун анъана, барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо, омӯзгорони фаннӣ супоришҳоро барои иҷро аз китобҳои дарсии мавҷуда, ё маводи дидактикӣ, ё мустақилона таҳияшуда, ё дастурҳои таълимӣ, ё маҷмӯаи машқҳо ва дигар нашрияҳои таълимию методӣ интихоб мекунанд. Супоришҳо метавонанд дар шакли анъанавӣ, яъне навиштани ду варианти кор дар тахтаи синфӣ, бо ёрии мадракҳои дидактикӣ ва ё супоришномаи тестӣ бошанд. Аммо самаранокии истифодаи ин гуна мавод хеле ночиз аст, ба омӯзгорон мушкилиҳо ва монеаҳои зиёдеро пеш меоранд. Меҳнати омӯзгоронро хеле душвор карда, вақти зиёдро барои тайёрӣ ва санҷиши минбаъда талаб менамоянд [2]. Бояд қайд кард, ки бинобар сабаби шумораи маҳдуди супоришҳо барои гузаронидани корҳои санҷиши ва мустақилона дар дастуру нашрияҳои номбаршуда, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ маҷбур аст, ки рӯйхати умумии супоришҳоро барои ҳамаи хонандагони синф бо ду вариант пешниҳод кунад. Дар робита ба ин, аксари хонандагони синф ҳавасмандии худро барои мустақилона иҷро кардани ҳама супоришҳоро аз даст медиҳанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксар вақт нусхаи оддии кори контролӣ ва мустақилона, ки ҳамсинфони аълохон ва пешқадам иҷро мекунанд, ба дасти дигар ҳамсинфон ё синфҳои параллелӣ барои рӯйбардор кардани кори тайёр мерасанд. Ҳатто корҳои хаттии иҷрошудаи солҳои гузаштаро аз нав сабт мекунанд, ба хонандагон пешниҳод мекунанд. Дар натиҷа баҳогузории сифати кори хаттии иҷрокардаи ҳар як хонандаи синф объективона намегардад ва сифати арзёбии сатҳи дониш ба пастӣ меравад [2-4].

Дар ҷараёни таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ ва омода намудани хонандагон барои таҳсили оянда дар синфҳои болоӣ ташкил ва гузаронидани дарсҳо оид ба корҳои санҷишӣ ва мустақилона нақши муҳим доранд. Дар ин маврид донишҳои гирифтаи хонандагон арзёбӣ карда мешаванд ва арзёби бояд объективона гузаронида шавад. Дар раванди таълими математика дар синфҳои 3 ва 4 маводи геометрӣ ба хонандагон омӯзонида

мешаванд, аз ҷумла периметр ва масоҳат [7, 8]. Дар синфи 3-юм ёфтани периметр ва масоҳат бо роҳи ҳисобкунӣ ва дар синфи 4-ум бо истифода аз формула омӯзонида мешаванд. Норасогиҳои дар сархатҳои аввали кори мазкур ва дар кори [2] овардашударо ба инобат гирифта, кори мазкур ба методикаи асосии таҳияи барномаи компютерӣ барои дар экрани компютер инъикос намудани шарти супоришҳои кори санҷишӣ оид ба арзёбии донишҳои хонандагони синфи 4-ум доир ба мафҳумҳои периметр ва масоҳати баъзе аз фигураҳо бахшида мешавад. Дар раванди таҳияи барномаи компютерӣ мавзӯъҳои дар раванди таълими фанни математики синфи 4-ум омӯхташуда, хусусиятҳои истифодаи методи Пулот ва технологияҳои муайяни методӣ дар таҳияи барномаҳои компютерӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Бо мақсади сохтани лоиҳаи барномаи компютерӣ барои гузаронидани кори контролӣ оид ба арзёбии дониши хонандагони синфҳои 4-ум доир ба ҳисобкунии периметр ва масоҳати баъзе аз фигураҳои геометрӣ бо истифода аз методи Пулот, намунаи варианти зерини кори контролиро мавриди омӯзиш қарор медиҳем:

1) Тарафҳои секунҷа .... см, ..... см ва .... см мебошанд. Периметри секунҷаро ёбед.

2) Дарозии росткунҷа .... дм аст. Бари росткунҷа аз дарозиаш .... см хурд аст. Периметри росткунҷа ба чанд см баробар аст?

3) Бари росткунҷа .... м аст. Дарозии росткунҷа аз бараш .... дм зиёд аст. Масоҳати росткунҷаро бо дм ёбед.

4) Масоҳати квадрати тарафаш .... см буда ба чанд дм квадратӣ баробар аст?

Тавре мебинем, варианти кори контролӣ аз 4 масъала иборат аст. Масъалаи якум ба ҳисоби периметри секунҷа, ки дарозии се тарафаш дода шудааст, равона гардидааст. Ҳангоми эҷоди чунин масъала барои ҳисобкунии периметри секунҷа бояд онро ба ҳисоб гирифт, ки суммаи ду тарафи дилхоҳи секунҷа аз тарафи сеюмаш калон аст (теорема дар бораи нобаробарии секунҷа). Аммо ин шартро аксар мавридҳо ба инобат нагирифта, шарти масъаларо тавакалӣ ва нодуруст эҷод мекунанд. Ин ҳолат, масалан, дар китобҳои [7, масъалаи №384, саҳ. 103], [8, масъалаи №5, саҳ. 215, супориши тестии №13, саҳ. 216] мавҷуд аст. Ё худ масъалаи 383 (дуюмаш) [7, с. 102] нодуруст тартиб дода шудааст, зеро талаботи теоремаи машҳури Пифагор вайрон карда шудааст. Ин масъалаҳо ё супоришҳо доир ба ҳисоби периметри секунҷа ҳал карда мешаванд ва ҷавобашон ёфта мешаванд, вале шарташон нодуруст аст. Бинобар ин ҳангоми сохтани лоиҳаи барномаи компютерӣ бо истифода аз методи Пулот ин салоҳиятҳои мавзӯиро ҳатман бояд ба инобат гирифт. Бо истифода аз забони барномасозии PascalABC.Net ба сохтани лоиҳаи барномаи компютерӣ оғоз мекунем. Бо истифода аз методи Пулот, чун қоида, параметрҳои сана ва вақти дар системаи компютер бударо муайян мекунем:

*var sv := DateTime.Now;*

Барои генератсия ва муайян намудани дарозии тарафи якуми секунҷа ба матни барнома сатрҳои зеринро бо истифода аз оператори бахшиш менависем:

***var** tar1 := sin(sv.Day-Milliseconds)+sin(sv.Hour+sv.Second)-cos(sv.DayOfYear-sv.Millisecond)-cos(sv.Year-sv.Ticks+sv.Second);*

Типи ададии муайяншавандаи tar1 адади ҳақиқӣ аст ва метавонад адади манфӣ гардад. Аз баски дарозии тарафи секунҷа доимо мусбат аст, пас дар ин сатри барнома функсияи қимати мутлақро татбиқ мекунем:

***var** tar1 := Abs(sin(sv.Day-Milliseconds)+sin(sv.Hour+sv.Second)-cos(sv.DayOfYear-sv.Millisecond)-cos(sv.Year-sv.Ticks+sv.Second);*

Акнун қимати tar1 –ро ба ягон адади натуралии, масалан, дар байни 500 ва 600 буда зарб зада, натиҷаашро ба ягон адади дигар, масалан, дар байни 14 ва 687 буда ҷамъ мекунем:

***var** tar1 := Abs(sin(sv.Day-Milliseconds)+sin(sv.Hour+sv.Second)-cos(sv.DayOfYear-sv.Millisecond)-cos(sv.Year-sv.Ticks+sv.Second)) *Random(500,600)+Random(14,687);*

Бо мақсади он ки қимати tar1 адади калон нашавад ва ҳангоми ҳалли масъала ба хонандагон мушкилӣ наорад, он ададро мефилтронем. Дар доираи салоҳиятҳои мавзӯии фанни математика дар синфи 4-ум, дарозии тарафи секунҷа дар шарти масъала бояд адади натуралӣ бошад. Пас қимати tar1 –ро ба адади бутун (натуралӣ) табдил медиҳем:

***While** tar1>202.25 **Do** tar1:=tar1/2.13; tar1:=round(tar1);*

Қимати бо истифода аз методи Пулот генератсия ва муайншудаи tar1 –ро дарозии тарафи якуми секунҷа қабул мекунем.

Монанд ба генератсия ва муайянкунии дарозии тарафи якуми секунҷа рафтор карда, бо истифода аз методи Пулот дарозии тарафи дуюми секунҷаро, масалан tar2, генератсия ва муайян менамоем. Матни ин қисми лоиҳаи барномаи компютериро месозем:

***var*** *tar2 := Abs(cos(sv.Day-Milliseconds)-sin(sv.Hour+sv.Second)+ sin(sv.DayOfYear-sv.Millisecond)+cos(sv.Year+sv.Ticks-sv.Second))* Random(500,600)+Random(18,682);*

***While*** *tar2>201.88* ***Do*** *tar2:=tar2/2.11; tar2:=round(tar2);*

Монанд ба ин бо истифода аз методи Пулот дарозии тарафи сеюми секунҷаро, масалан tar3, генератсия ва муайян менамоем. Матни ин қисми лоиҳаи барномаи компютериро месозем:

***var*** *tar3 := Abs (cos (sv. Minute+Milliseconds) – cos (sv.Month-sv. Second)-sin (sv.DayOfYear+sv. Millisecond) – cos (Milliseconds-sv. Ticks-sv. Second))* Random (500,600)+Random(16,680);*

***While*** *tar3>202.41* ***Do*** *tar3:=tar3/2.16; tar3:=round(tar3);*

Аз технология ва сатрҳои аз матни барнома оварда шуда маълум мегардад, ки қимати параметрҳои tar1, tar2 ва tar3 тақрибан дар байни ададҳои 90 ва 202 мехобанд. Ин худ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки шартҳои теорема дар бораи нобаробарии секунҷа tar1+tar2>tar3, tar3+tar2>tar1 ва tar1+tar3>tar2 ҳамавақт иҷро мегарданд. Лекин новобаста аз ин иҷрошавии ин шартҳоро дар матни барнома бо истифода аз амали мантиқӣ месанҷем, яъне:

(tar1+tar2>tar3) **And** (tar3+tar2>tar1) **And**(tar1+tar3>tar2) .

Ҳаминтавр дарозии ҳар се тарафи секунҷа бо истифода аз методи Пулот генератсия ва муайян карда шуданд. Онҳоро истифода карда, шарти масъалаи якуми кори контролиро тайёр намуда, дар экрани компютер инъикос менамоем. Барои инъикос намудани шарти масъалаи якум дар шакли муколамагии барномаи компютерӣ аз ҷузъи идоракунии нишонаи Label истифода мебарем. Як намунаи варианти масъалаи якуми супориш дар Расми 1 оварда шудааст.




Расми 1. Намунаи супориши якуми кори контролӣ

Ба тадқиқи масъалаи дуюм гузашта, сохтани лоиҳаи барномаи компютериро давом медиҳем. Масъалаи мазкур аз ду параметри воридшаванда иборат аст, ки мувофиқан дарозӣ ва бари росткунҷаро ифода мекунанд. Тибқи салоҳиятҳои фаннӣ ва мавзӯӣ дарозӣ ва бари росткунҷа ададҳои мусбат буда, дар синфҳои ибтидоӣ танҳои ададҳои натуралӣ мебошанд. Барои генератсия ва муайян намудани қимати параметри воридшавандаи якум, яъне дарозии росткунҷа, сатрҳои зеринро ба матни барнома дохил мекунем, ки бо истифода аз методи Пулот навишта шудаанд:

***Var*** *b:=Abs(sin(sv.Month+sv.Millisecond)-cos(sv.Minute+sv.Millisecond)+ sin(Milliseconds-sv.Minute)-cos(sv.Second-sv.Day))*Random(49,96) +Random(21,57);*

***While*** *b>349.88* ***Do*** *b:=b/2.13; b:=Trunc(b);*

Барои генератсия ва муайян намудани қимати параметри воридшавандаи дуюм, яъне бари росткунҷа, сатрҳои зеринро ба матни барнома дохил мекунем:

***Var*** *b:=Abs(sin(sv.Month+sv.Millisecond)-cos(sv.Minute+sv.Millisecond)+ sin(Milliseconds-sv.Minute)-cos(sv.Second-sv.Day))*Random(49,96) +Random(21,57);*

***While*** *b>349.88* ***Do*** *b:=b/2.13; b:=Trunc(b);*

Ҳарду параметри бо методи Пулот муайяшуда бо истифода аз функсияи *Abs* ба адади мусбат ва дар охир истифода аз функсияи *Trunc* ба адади натуралӣ табдил меёбанд. Аз шарти масъала бармеояд, ки дарозии росткунҷа аз бараш бояд ҳатман калон бошад (бо ҳисоби он ки яке бо дм, дигаре бо см дода шудаанд). Дар ҳолати баръакс бари росткунҷа манфӣ мегардад. Бинобар ин дар матни барнома амали мантиқӣ ва протседураи бо ҳам ивазкунии қимати ду бузургиро истифода мебарем:

***If*** *a*10<b* ***Then*** *Swap(a,b);*

Қисми барнома, ки барои тавлиди супориши дуюми кори контролӣ ва инъикоси он дар шакли муколамагии барномаи компютерӣ зарур аст, сохта шуд. Намунаи як варианти супориши дуюми кори контролӣ дар Расми 2 оварда шудааст.

2. Дарозии росткунҷа 230 дм аст. Бари росткунҷа аз дарозиаш 156 см хурд аст. Периметри росткунҷа ба чанд см баробар аст?

Расми 2. Намунаи супориши дуюми кори контролӣ

Ба тадқиқ, барномасозӣ ва тавлиди супориши сеюми кори контролӣ мегузарем. Масъалаи сеюм ба масъалаи дуюм монанд аст, танҳо ба ёфтани масоҳат равона гардида аст. Масъалаи сеюм аз ду параметри воридшаванда иборат аст. Қимати ададии параметри якумро бо истифода аз методи Пулот ин тавр генератсия ва муайян намудан мумкин аст:

*b:=Abs(cos(sv.Day+sin(sv.Millisecond-sv.Ticks))-sin(Milliseconds-cos(sv.Month-sv.Second))+sin(sv.Millisecond-sv.Hour))*Random(109,289) +Random(13,98);*

***While** b>79.24 **Do** b:=b/1.84; b:=Int(b);*

*a:=Abs(sin(sv.Hour+cos(sv.Millisecond))-cos(sin(sv.Hour)-sv.Millisecond)+sin(Milliseconds+sv.Day)-cos(sv.Second-sv.DayOfYear))*Random(103,268)+ Random(19,78);*

***While** a>96.97 **Do** a:=a/2.02; a:=Int(a);*

Дар раванди генератсиякунӣ ва муайянкунии параметрҳои масъалаи сеюм ягон шарти иловагӣ ва маҳдудият гузошта намешавад. Зеро барои дилхоҳ қиматҳои натуралии параметрҳои воридшаванда шарти масъала дуруст тартиб дода шуда, ҳал карда мешавад. Намунаи яке аз вариантҳои супориши сеюм, ки бо ин қисми барнома тавлид карда мешавад, дар Расми 3 оварда шудааст.

3. Бари росткунҷа 56 м аст. Дарозии росткунҷа аз бараш 53 дм зиёд аст. Масоҳати росткунҷаро бо дм ёбед.

Расми 3. Намунаи варианти супориши сеюм

Супориши чоруми кори контролӣ ба ёфтани масоҳати квадрати дарозии тарафаш додашуда равона гардидааст. Хонанда бояд донад, ки дар квадрат ҳама тарафҳояш баробар аст ва яке аз салоҳияти мавзӯӣ ба ҳисоб меравад. Дар шарти масъалаи мазкур тараф бо воҳиди дарозии см дода мешавад. Талаб карда мешавад, ки масоҳати квадрат бо воҳиди масоҳати дм квадратӣ ёфта шавад. Пас ҳангоми барномасозӣ, генератсияи параметри воридшаванда бо истифода аз методи Пулот ва тавлиди масъала дар шакли муколамагӣ як шарти иловагӣ гузошта мешавад. Ин шарт иборат аз он аст, ки дарозии тарафи квадрат дар шарти ин масъала бояд ба 10 тақсим шавад. Дар ҳолати баръакс масъала барои хонандагони синфи 4-ум нодуруст тартиб дода шуда ҳисобида мешавад. Зеро ҳангоми ҳалли масъала хонанда бояд дар аввал дарозии тарафи квадратро ба 10 тақсим карда, аз воҳиди дарозии см ба дм табдил диҳад. Баъд масоҳати квадратро бо дм квадратӣ ёбад. Бо ҳисоби шартҳои гузошташуда ва салоҳиятҳои мавзӯии фанни математика дар синфи 4-ум, матни ин қисми барномаи компютериро барои генератсияи параметри воридшаванда месозем:

*a:=Abs(cos(sin(sv.Month-sv.Millisecond))+sin(cos(sv.Minute-sv.Millisecond)-sin(Milliseconds+sv.Minute))-sin(sv.Second-sv.Day))*Random(9,99) +Random(8,232);*

***While** a>99.83 **Do** a:=a/1.52; a:=Floor(a)*10;*

Намунаи супориши чоруми тавлидшудаи кори контролӣ ва инъикоси он дар шакли муколамагии барномаи компютерӣ дар Расми 4 оварда шудааст.

4. Масоҳати квадрати тарафаш 820 см буда ба чанд дм квадратӣ баробар аст?

Расми 4. Намунаи супориши чоруми кори контролӣ

Дар ин ҷо қисми аввали барномасозии тавлиди кори контролӣ ба охир мерасад. Ба лоиҳаи таъминоти барномавӣ як тугмаи амриро илова карда, номи матниашро “**Супориш**” мегузорем. Ба протседураи он матни пурраи барномаи тавлиди супоришҳоро дохил мекунем.

Ба хонандагон омӯзонидани ҳалли масъалаҳо, аз ҷумла мазмуни геометрӣ дошта дар раванди таълими математикаи синфи 4-ум нақши бузург дорад. Ҳалли масъалаҳо аз тарафи хонандагон тафаккури мантиқии онҳоро инкишоф дода, маҳорату малакаи масъалаҳалкуниро дар онҳо ташаккул медиҳад. Дар натиҷа аппарати математикӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон дар амал инкишоф меёбад. Масалан, ҳангоми ҳалли масъалаҳои 2-4 хонанда бояд шарти онҳоро дуруст хонда, ба талаботи шарти масъала дуруст сарфаҳм раванд. Ин ҷо рафтори мантиқӣ зарур аст, зеро параметрҳои воридшаванда дар шарти масъалаҳои 2-4 бо дигар воҳиди ченаки дарозӣ дода шуда, ҷавоб бо дигар воҳиди ченак талаб карда мешавад. Ҳангоми сохтани барномаҳои компютерӣ бошад, истифодаи усулҳои гуногуни математикии коркарди

информатсия зарур аст, хусусан ҳангоми барномасозӣ ва тавлиди масъалаи якуми спориши мазкур. Умуман, ҳалли мустақилонаи масъалаҳо аз тарафи хонандагон воситаи асосии ташаккули тафаккури фазоӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон мебошанд.

Қисмати дуюми барномасозии кори санҷишии мазкур бо истифода аз методи Пулот ба технологияи коркарди воситаҳои дохилкунии ҷавоби ҳалли супоришҳо аз тарафи хонандагон ва тариқи худкор санҷидани дурустии онҳо аз тарафи барномаи компютерӣ равона мегардад. Ҳар чор супориши кори санҷишии мазкур танҳо аз яктогӣ ҷавоб иборатанд. Бинобар ин ҳангоми барномасозӣ дар назди ҳар як супориш яктогӣ ҷузъи идоракунии майдони матнҳоро ҷойгир мекунем. Хонандагон дар майдони он ҷузъҳои идоракунӣ ҷавобҳои ҳосилкардаашонро дастӣ бо истифода аз клавиатура дохил мекунанд. Бо ҳисоби салоҳиятҳои мавзӯии математикаи синфи 4-ум ҷавоби ба ин майдонҳо дохилшаванда танҳо аз рақамҳо иборатанд. Дар охир бояд адади натуралӣ ҳосил шавад. Ин талаботро ба инобат гирифта, дар хосияти ҷузъи идоракунии майдони матнҳо баъзе маҳдудиятҳо, аниқтараш имкони танҳо воридкунии рақамҳоро мегузорем. Ин ба хонандагон сабукиҳои зиёдеро фароҳам меорад. Бо ин мақсад аз ҷузъи идоракунии майдони матнҳои **Masked Text Box** истифода бурдан мувофиқи мақсад аст [6, с. 603]. Дар поёни ҳар як супориш матни “Ҷавоб:” ва дар назди он ин ҷузъи идоракуниро мегузорем.

Пас аз дохил карда шудани ҷавоб аз тарафи хонанда, бо истифода аз барномаи компютерӣ дурустии он ҷавобро тариқи худкор санҷидан зарур аст. Бинобар ин ба лоиҳаи таъминоти барномавӣ як тугмаи амриро бо номи матнии “**Санҷиш**” илова мекунем. Ба протседураи он матни пурраи барномаи санҷиши ҷавобҳои дохилшудаи супоришҳоро ҷойгир мекунем. Ин ҷо матни барномаи санҷиши ҷавоби дохилкардашудаи супориши дуюмро меорем:

```
// Санҷиши ҷавоби супориши дуюм
 jv:=MaskedTextBox2.Text.Trim;
 If jv.Length>0 Then Begin pr:=1; Var dr:=Label10.Text.ToInteger*10;
 If jv.ToInteger=4*dr-2*Label12.Text.ToInteger
 Then Begin Label29.Text := 'Д'; MaskedTextBox2.BackColor :
= Color.Green; baho+=5 End
Else Begin Label29.Text := 'Н'; MaskedTextBox2.BackColor := Color.Red End End;
```

Аз матни барнома айён аст, ки санҷиш танҳо дар ҳолате гузаронида мешавад, ки агар хонанда ҷавоби супоришро дар майдони ҷузъи идоракунии матнии MaskedTextBox2 дастӣ дохил карда бошад. Дар аввал барнома холигиҳои дар ҳар-ду тарафи ин матн бударо нест мекунад (агар бошанд). Дарозии росткунҷа, ки дар шарти масъала бо дм дода мешавад, дар матни ҷузъи идоракунии қайди Label10 ҷойгир шудааст. Барномаи компютерӣ онро аз ин ҷузъ хонда, ба адади бутун табдил дода, 10 маротиба зиёд менамояд (Label10.Text.ToInteger*10). Дар натиҷа қимати параметри dr маълум мегардад, ки дарозии росткунҷаро бо см ифода мекунад. Дар матни ҷузъи идоракунии қайди Label12 қимати бузургӣ бо см ҷойгир карда мешавад, ки чанд см аз дарозӣ хурд буданашро нишон медиҳад. Ҳаминтар барномаи компютерӣ худаш периметри росткунҷаи додашударо ҳисоб карда, маълум менамояд (4*dr-2*Label12.Text.ToInteger). Бузургии периметри росткунҷаи додашуда чанд мешавад, ҳеҷ кас дида наметавонад. Танҳо бо роҳи ҳисобкунӣ маълум карда мешавад, ки мустақилияти ҳар як хонандаро нишон медиҳад. Дар қадами оянда барномаи компютерӣ ин қимати периметрро бо ҷавоби дохилкардаи хонанда, ки ба типи ададии бутун табдил дода мешавад, муқоиса менамояд (jv.ToInteger=4*dr-2*Label12.Text.ToInteger). Дар ҳолате, ки хонанда периметри росткунҷаро дуруст ҳисоб карда, дар майдон дуруст дохил карда бошад, барномаи компютерӣ ба хонанда 5 хол медиҳад (baho+=5). Дар назди майдони ҷавобдохилкунӣ ҳарфи “Д”-ро мегузорад ва ранги рангрезии майдони ҷавоб ранги сабз мегардад (Label29.Text := 'Д'; MaskedTextBox2.BackColor := Color.Green). Агар хонанда периметри росткунҷаро нодуруст ҳисоб карда бошад ва ё дар майдони ҷавобдохилкунӣ нодуруст дохил карда бошад, пас барномаи компютерӣ дар натиҷаи санҷиш дар назди майдони ҷавобдохилкунӣ ҳарфи “Н”-ро мегузорад ва ранги рангрезии майдони ҷавоб ранги сурхро мегирдад (Label29.Text := 'Н'; Masked Text Box2. Back Color := Color. Red).

Дигар ҷавобҳои дохилкардаи хонанда барои супоришҳои кори мазкур айнан ҳаминтавр барномасозӣ карда мешаванд. Тағйирёбии ранги рангрезии майдонҳои ҷавобдохилкунӣ ба

омӯзгори фаннӣ имкон медиҳад, аз ҷойи нишасти худаш рафти кори контролиро назорат кунад. Хонандаро бошад, завқманди иҷрои супориш мегардонад, то ҳар чӣ зудтар ранги рангрезии майдон сабз гардад. Тавре дар корҳои пештараамон [3-5] қайд карда будем, методи Пулот ба хонандагон имкон медиҳад, ки агар ҷавоб нодуруст бошад, пас он супоришро аз нав дуруст ҳал карда, ҷавоби дурустро дохил кунад. Ё худ зиёда аз як вариантро дар раванди кори санҷишӣ иҷро намуда, баҳои аъло гиранд. Таҳияи чунин барномаҳои амалии компютерӣ аз тарафи барномасозон ва татбиқи онҳо аз ҷониби омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагон дар амал сатҳу сифати таълими фанни математикаро хеле баланд мебардоранд.

Моҳияти барномаи компютерии таҳияшуда ва истифодаи он дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ ба сабукгардонии меҳнати омӯзгори фаннӣ ва таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон ва арзёбии салоҳиятҳо равона гардидааст. Дар он шарти супоришҳо тариқи худкор тавассути барномаи компютерӣ тавлид шуда, дар шакли муколамагӣ бо истифода аз маҷмӯи рақамҳо, аломатҳо, ҷузъҳои идоракунӣ ва объектҳои графикӣ инъикос мегарданд. Санҷиши ҷавобҳои дохилшуда бошанд, тариқи худкор аз тарафи барномаи компютерӣ сурат мегирад. Омӯзгори фаннӣ бо истифода аз барномаи компютерии бо методи Пулот сохташуда дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ худро хеле озодона ҳис менамояд. Ҳар як хонанда ҷавоби супоришҳои анҷомёфтаашро тариқи худкор бо санҷиши компютерӣ анҷом медиҳад. Ҳангоми санҷиш барномаи компютерӣ танҳо майдонҳои матнии бо ҷавоб пуршударо ба таври худкор бо пахши тугмаи амрии “Санҷиш” тафтиш намуда, аз санҷиш мегузаронад. Ҷавобҳои нодуруст дохилшударо бо ранги рангрезии сурх инъикос менамояд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонанда холҳои муайянро ба даст оварда, мувофиқи меъёрҳои муайян арзёбӣ мегарданд. Дар охири тафтиши ҳама супоришҳои пешниҳодшуда ё қисме аз онҳо бо баҳодиҳӣ тариқи худкор ба анҷом мерасад. Баҳогузорӣ дар барномаи мазкур бо низоми анъанавии панҷбала сурат мегирад. Ҳамин тариқ, мо дар кори мазкур принсипҳои умумии таҳияи барномаҳои компютериро бо истифода аз методи Пулот барои тавлиди супоришҳо оид ба периметр ва масоҳати баъзе аз фигураҳо омӯхта, татбиқашро дар фанни математика нишон додем. Масъалаҳои дар супоришҳои кори контролӣ овардашуда масъалаҳои матнӣ мебошанд [10].

Истифодабарии барномаи компютерии дар кори мазкур сохташуда дар раванди гузаронидани кори контролӣ хеле муфид аст. Он ба омӯзгори фаннӣ сабукиҳои зиёдеро фароҳам оварда, ягон қоидаи илми методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоиро [9] вайрон намекунад.

***Адабиёт***


1. *Нугмонов, М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки. / М. Нугмонов. - Душанбе, 2011. - 290 с.*
2. *Назаров, А.П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / А.П. Назаров. – Душанбе, 2020. – 226 с.*
3. *Назаров, А.П. Компьютерная поддержка проведения проверочных работ по теме «Простые числа». / А.П. Назаров. // Научно-практический журнал “Информатика в школе”. 2020. №9 (162) ноябрь. С. 59 – 62.*
4. *Назаров, А.П. Арзёбии объективонаи дониши хонандагони синфи сеюм оид ба муқоисаи ададҳо дар дарсҳои математика бо истифода аз барномаҳои компютерӣ. / А.П. Назаров, Ҳ.Х. Раҷабов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2020. №4. С. 210 – 217.*
5. *Назаров, А.П. Компьютерная программа для проверки письменных контрольных работ по математике. / А.П. Назаров, Ҳ.Х.Раҷабов. // Научно-практический журнал “Школьные технологии”. 2020. №1. С. 92-97.*
6. *Назаров, А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalAbc.Net (Китоби дарсӣ барои МТО ва МК). / А.П. Назаров. – Душанбе, 2021. - 756 с.*
7. *Шуайбова, О. Математика: Китоби дарсӣ барои синфи 3-юм. / О. Шуайбова, А. Ҳамидова, М. Одилова, С. Рабиев, М. Худойдодова, Э. Ҷонмирзоев, Ӯ. Ҳоҷибоева. - Душанбе, 2018. - 208 с.*
8. *Ҳамидова, А. Математика: Китоби дарсӣ барои синфи 4-ум. / А. Ҳамидова, Д. Назаров, Ш. Бобоева, Э. Ҷонмирзоев. - Душанбе, 2019. - 280 с.*
9. *Бегимов, Ҳ.Х. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Ҳ.Х. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.М. Наҷмиддинов. – Душанбе, 2020. - 233 с.*
10. *Раджабов, Т.Б. Использование методов анализ и синтеза при решении текстовых задач в начальных классах / Т.Б. Раджабов. // Вестник Таджикского национального университета. 2017. - №3. Часть 2. С. 203-207.*
11. *Қурбонов, С. Маърифати таълим, ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни математика. / С. Қурбонов, М. Нугмонов, Ф. Ниёзов, К.Қ. Ҷумъаев. – Душанбе, 2012. –79 с.*

12. *Родионов, М.А. Пути и средства организации текущего самоконтроля младших школьников в процессе обучения математике. / М.А. Родионов, Э.Х. Акчурина. // Вестник Поморского университета. Серия Гуманит. и соц. Науки. 2008. - №3. С. 95-102.*

## АРЗЁБИИ ОБЪЕКТИВОНАИ ДОНИШҲОИ ГЕОМЕТРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 3 ВА 4 БО ТАТБИҚИ МЕТОДИ ПУЛОТ

Дар замони технологияи информатсионӣ воситаҳои электронии таълим, хусусан барномаҳои компютерӣ дар раванди ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ аз фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ нақши хеле муҳим доранд. Бо мақсади объективона гузаронидани корҳои санҷишӣ ва баҳодиҳии объективона ба дониши хонандагон сохтани барномаҳои компютерӣ зарур аст. Барномаҳои компютерии сохташаванда аз як тараф объективияти санҷиши донишро таъмин кунанд, аз тарафи дигар набояд ба омӯзгорони фаннӣ мушкилию душвориҳоро пеш оранд. Барномаҳои компютерӣ бояд меҳнати омӯзгорони фанниро дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ сабук гардонанд. Ҳама ин асосҳоро ба инобат гирифта, дар кори мазкур технологияи сохтани барномаи компютерӣ бо татбиқи методи Пулот барои санҷиши донишҳои геометрии хонандагони синфҳои ибтидоии 3 ва 4 коркард шудааст. Барномаи компютерии сохташуда бевосита дар раванди гузаронидани кори санҷишӣ аз фанни математика дар синфҳои ибтидоии 3 ва 4 истифода карда мешавад.

**Калидвожаҳо**: арзёбии дониш, объективияти санҷиш, салоҳият, кори санҷишӣ, математика, донишҳои геометрӣ, секунҷа, росткунҷа, периметр, масоҳат, барнома, барномасозӣ.

## ОБЪЕКТИВНАЯ ОЦЕНКА ГЕОМЕТРИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ 3 И 4 КЛАССОВ С ПРИМЕНЕНИЕМ МЕТОДА ПУЛАТА

В эпоху информационных технологий электронные средства обучения, особенно компьютерные программы, играют очень важную роль в процессе организации и проведения контрольных работ по математике в начальных классах. Необходимо создавать компьютерные программы, чтобы объективно проводить проверки знаний и объективно оценивать знания учащихся. С одной стороны, создаваемые компьютерные программы должны обеспечивать объективность проверки знаний, с другой стороны, не должны вызывать проблем и затруднений у учителей-предметников. Компьютерные программы должны облегчить работу учителей-предметников в процессе проведения контрольных работ. С учётом всех этих оснований в данной работе разработана технология создания компьютерной программы с применением метода Пулата для проверки геометрических знаний учащихся 3 и 4 начальных классов. Созданная компьютерная программа используется непосредственно в процессе проведения контрольной работы по математике в 3 и 4 классах начальных классов.

**Ключевые слова**: оценка знаний, объективность проверки, компетентность, контрольная работа, математика, геометрические знания, треугольник, прямоугольник, периметр, площадь, программа, программирование.

## OBJECTIVE EVALUATION OF GEOMETRIC KNOWLEDGE OF STUDENTS OF GRADES 3 AND 4 USING THE PULATE METHOD

In the era of information technology, electronic learning tools, especially computer programs, play a very important role in the process of organizing and conducting tests in mathematics in primary grades. It is necessary to create computer programs in order to objectively conduct knowledge tests and objectively evaluate students' knowledge. On the one hand, the created computer programs should ensure the objectivity of knowledge testing, on the other hand, they should not cause problems and difficulties for subject teachers. Computer programs should facilitate the work of subject teachers in the process of conducting tests. Taking into account all these reasons, in this paper a technology for creating a computer program using the Pulat method was developed to test the geometric knowledge of students in grades 3 and 4. The created computer program is used directly in the process of conducting tests in mathematics in grades 3 and 4 of primary school.

**Keywords**: knowledge assessment, objectivity of testing, competence, test, mathematics, geometric knowledge, triangle, rectangle, perimeter, area, program, programming.

***Дар бораи муаллифон***
*Назаров Аҳтам Пулотович*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
*кафедраи технологияи*
*информатсионӣ ва коммуникатсионӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*
*Тел: (+992) 919624444.*
*E-mail: ahtam_69@mail.ru*

*Раҷазода Ҳаёт Хол*
*аспиранти*
*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф*
*ба номи Абдураҳмони Ҷомии*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,*
*734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, к. Айнӣ, 45.*
*Тел: (+992) 935046665*

***Об авторах***
*Назаров Ахтам Пулатович*
*Кандидат педагогических наук, доцент*
*кафедры информационно-*
*коммуникационных технологий*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени С. Айни,.*
*734003, Республика Таджикистан,*
*г. Душанбе, проспект Рудаки 121.*
*Тел: (+992) 919624444.*
*E-mail: ahtam_69@mail.ru*

*Раджазода Хаёт Хол*
*Аспирант*
*Институт развитие образования*
*имени А. Джоми*
*Академии образования Таджикистан,*
*734024, Республика Таджикистан,*
*г. Душанбе, улица Айни 45.*
*Тел: (+992) 935046665*

***About the authors***
*Nazarov Ahtam Pulotovich*
*Candidate of pedagogical sciences,*
*associate professor*
*of the Department of Information*
*and Communication Technologies*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after S. Aini*
*734003, Republic of Tajikistan,*
*Dushanbe, Rudaki Avenue 121.*
*Phone: (+992) 919624444.*
*E-mail: ahtam_69@mail.ru*

*Rajabzoda Haet Khol*
*Graduate student of*
*Institute for the Development*
*of Education named after A. Jomi*
*Academy of Education of Tajikistan,*
*734024, Republic of Tajikistan,*
*Dushanbe, Ayni street 45.*
*Phone: (+992) 935046665*

ТДУ 803.0(075.8)

# МУОШИРАТИ НУТҚӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАЪЛИМ ВА АЗХУДКУНИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ

***Кучов Р.М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Барои ҷомеаи муосир мутахассисоне лозиманд, ки фарҳанги нутқро хуб азхуд кардаанд, дорои сатҳи баланди салоҳиятҳои касбӣ ва коммуникативӣ мебошанд. Муносибатҳои бозоргонӣ аз мутахассис сифатҳои наве, ҳамчун ташаббускорӣ, кордонӣ, зудамалии касбӣ, маҳорати дар шароитҳои тағйирёбанда мутобиқ шудан, маҳорати дуруст ва босаводона ифодасозии фикри худ, дорои фарҳанги муошырати нутқӣ буданро талаб менамояд.

Муошират мавзӯи омӯзиши бисёр илмҳо, аз қабили фалсафа, психология, педагогика, ҷомеашиносӣ, дидактикаи лингвистӣ, забоншиносӣ, назарияи иттилоот ва ҳоказо мебошад.

Дар адабиёт ба мундариҷаи мафҳуми «муошират» таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад (Ананев Б.Г., Андреева Г.М., Громкова М.Т., Ю.С. Крижанская Ю.С., Леонтев А.А., Ломов Б.Ф., Петровский А.В., Паригин Б.Д., Самигин М.И. ва дигарон). Дар ин асарҳо муошират ҳамчун шароите, ки самарабахшии таълим, тарбия ва таҳсилотро афзоиш медиҳад, баррасӣ карда мешавад. Чунин равия барои барқарорсозии иртибот миёни муошират ва таҳсилот, муошират ва таълим имкон медиҳад. Олимон таъкид мекунанд, ки раванди таълим хусусияти коммуникативӣ дорад. Масалан, Ананев Б.Г. зикр менамояд, ки таълим «танҳо интиқол ва азхудкунии иттилоот - донишҳо ва қоидаҳои фаъолият нест. Таълим дар баробари ин муошират, коммуникатсияе мебошад, ки ба сохтори ҷомеа ва типи муносибатҳои мутақобили мавҷудаи байни одамон мувофиқат мекунад» [2, с. 42].

Дар ин робита, муошират функсияи дидактикиро иҷро менамояд ва хусусияти рушди ташаккули иҷтимоии одамро муайян месозад. Маҳз дар раванди муошират иҷтимоигардонии шахсият ва худамалигардонии ӯ сурат мегирад. Аз ин бобат А. П. Авдеев менависад: «Ягон соҳаи фаъолияти инсонӣ вуҷуд надорад, ки натавонад тавассути зовияи муошират баррасӣ нагардад, чӣ ҳоҷати гуфтан, ки худи муошират бо аломатҳо ғайримустақим баёнкардашуда торафт ба фаъолияти мустақилонаи шомили сохтори муайяни психологӣ, шомили стратегияи худи ҳалли ин ё он вазифаи коммуникативӣ-маърифатӣ табдил меёбад» [1, с. 51-61]. Муошират ҳамчун раванди барқарорсозии равобит миёни одамон, ки дар фаъолияти муштаракона пайдо мегардад ва дар худ ғанисозии мутақобили иттилоот, коркарди мавқеи маҷмӯӣ ва стратегияи ягонаи ҳамкориро фаро мегирад, баррасӣ карда мешавад. Ба ақидаи Бодалев А А., муошират «… азсаргузаронии мураккаби муносибатҳо ба ҳамдигар, ба фаъолияти якҷоя, ба натиҷаҳои он, ба худ, ҳамзамон нишондоди равшани маҳорати фаҳмидан ва ҳамдигарро ба таври воқеӣ арҷ гузоштани муоширaткунандагон мебошад» [3, с. 66].

Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ равишҳои мухталифи пажӯҳиши проблемаи муоширатро воҳӯрдан мумкин аст.

Масалан, аз мавқеи муносибати фаъолиятмандӣ, муошират раванди мураккаби серпаҳлӯи барқарор сохтан ва рушд бахшидани робитаҳо байни одамон мебошад, ки тавассути ниёзмандиҳо барои фаъолияти якҷоя ва фарогирандаи мубодилаи иттилоот, коркарди стратегияи ягонаи ҳамкорӣ, идрок ва фаҳмиши шахси дигар ба вуҷуд меояд. Қоидаи мазкур, тибқи дидгоҳи А. Я. Зимняя, «имкон медиҳад, ки муоширати барои раванди педагогӣ хос ҳамчун шакли фаъолияти муштараки таълимии субъектҳо тавсиф карда шавад» [6, с. 27].

Дар психологияи иҷтимоӣ олимон се қисмати бо ҳам вобастаи раванди муоширатро ҷудо мекунанд: коммуникативӣ, интерактивӣ ва персептивӣ (Андреева Г.М., Бодалев А.А., Паригин Б.Д., Петровский А.В.). «Ҷанбаи коммуникативии муошират мубодилаи иттилоот миёни афроди муоширaткунанда мебошад, интерактивӣ - ташкили ҳамкории байни афроди

муошираткунанда, персептивӣ - идроки мутақобили шарикони муошират ва дар ин асос роҳандозии ҳусни тафоҳум ва робитаи эмотсионалӣ. Мувофиқан функсияҳои муошират ҷудо карда мешаванд: 1) иттилоотӣ - таҳвили маълумот; 2) интерактивӣ (танзимӣ-коммуникативӣ) - ташкили ҳамкорӣ дар байни одамон; 3) персептивӣ (аффективӣ-коммуникативӣ) - идроки ҳамдигарии шарикони муошират ва дар ин асос роҳандозии ҳусни тафоҳум. Чунин равия имкон медиҳад, ки аз хусуси муошират ҳамчун раванди иҷтимоии бисёрҷанба сухан гуфта шавад. Ҳамчунин хусусияти фаъолонаи муошират таъкид карда мешавад» [3, с. 77].

Барои муайян гардонидани моҳияти муошират тасаввурот роҷеъ ба ташкили функсионалӣ ва дараҷавии он аҳаммияти калон дорад (Б. Д. Паригин, Г. М. Андреева, А. А. Бодалев, А. А. Брудний, А. А. Леонтев, Б. Ф. Ломов, Л. А. Карпенко, В. Н. Панферов, Е. Ф. Тарасов, Я. Яноушек ва дигарон). Масалан, А. А. Бодалев муоширатро ҳамчун «ҳамкории одамон» муайян кардааст, ки «мундариҷаи он аз маърифати тарафайн ва мубодилаи иттилоот бо ёрии муносибатҳои гуногуни мусоид барои раванди фаъолияти якҷоя» иборат аст [38, 62]. Муаллиф дар муошират чаҳор ҷанба: робита, ҳамкорӣ, маърифат, муносибати байниҳамдигарӣ, инчунин мутаносибан чаҳор муносибат ба омӯзиши проблемаи мазкур: коммуникативӣ, иттилоотӣ, гностикӣ (маърифатӣ) ва танзимиро ҷудо кардааст.

Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ равияҳои гуногуни таҳқиқи проблемаи муошират тавзеҳ дода мешаванд. Масалан, дар психологияи ватанӣ ғояи ягонагии муошират ва фаъолият ҳукмфармост, ҳарчанд ки онро ҳар навъ шарҳ медиҳанд. Аз ҷумла Любимцева Ю.Г. фаъолият ва муоширатро ҳамчун ду паҳлӯи ҳаёти инсон, тарзи зисти ӯ баррасӣ менамояд [8, с. 17]. А. А. Леонтев муоширатро ин тавр мефаҳмад: «… паҳлӯи муайяни фаъолият: он ба таркиби ҳар гуна фаъолият ворид шудааст, унсури он мебошад, дар ҳоле, ки худи фаъолиятро ҳамчун шарти муошират пазируфтан мумкин аст» [7, с. 54]. В. Д. Аракин чунин меҳисобад: «… Таъйиди ягонагии муошират ва фаъолият маъние дорад, ки ҳама гуна шакли муошират шаклҳои махсуси фаъолияти якҷояи одамон мебошанд». Мулоҳизаи мазкур, мувофиқи ақидаи А. Я. Зимняя, имкон медиҳад, ки «муошироти барои раванди педагогӣ хос ҳамчун шакли фаъолияти муштараки таълимии субъектҳо» тавсиф карда шавад [6, с.237].

Ниҳоят, муошират ҳамчун намуди вожаи фаъолият фаҳмида мешавад. Масалан, Р. П. Милруд муоширатро ҳамчун фаъолияти коммуникативӣ ё фаъолияти муошират мефаҳмад, ки он дар давраи муайяни рушди онтогенетикии одам мустақилона амал мекунад. А. А. Леонтев дар пажӯҳишҳои худ муоширатро дар алоқамандӣ бо фаъолияти нутқии инсон баррасӣ менамояд. Ӯ менависад: «Ин ҷо таъкид кардан муҳим аст, ки мураккабӣ ва мукаммалии муошироти маҳз лафзӣ, нутқӣ имкон медиҳад онро ҳамчун шакле бипазирем, ки зимнан қонуниятҳои умумии психологии раванди муошират ба намуди барои таҳқиқ бештар хос, ошкор ва дастрас амал мекунад» [7, с.15].

Аз мавқеи таҳлили системавӣ, намояндагон муоширатро ба категорияҳои бунёдии илми психология мутааллиқ мешуморанд. Дар ин маврид фаъолият ва муошират ҳамчун ду паҳлӯи ҳаёти одам мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Зимнан категорияи «фаъолият» танҳо як паҳлӯи ҳаёти иҷтимоии одамро мекушояд -- муносибати «субъект-объектҳо». Дигар паҳлӯи ҳаёти иҷтимоии ӯ - муносибати «субъект-субъект» бо категорияи муошират кушода мешавад (Любимцева Ю.Г.). Бад-ин минвол, муошират ҳамчун шакли ҳамкориҳои байниҳамдигарии субъектҳо ва муносибатҳои субъект-субъект фаҳмида мешавад, ки дар рафти онҳо нафақат ҳамкории ин ин ё он субъект бо дигараш, балки инчунин ҳамчун раванди ҳамкории мутақобил кушода мешавад» [8, с. 34].

Ҳамин тариқ, муошират раванди бисёрҷанбаи барқарорсозӣ ва инкишофдиҳии робитаҳои миёни одамон мебошад ва дар худ мубодилаи иттилоот, коркарди стратегияи ягонаи ҳамкорӣ, идрок ва фаҳмиши дигар одамро фаро мегирад. Дар пажӯҳиши А.К. Маркова муошират ҳамчун восита ва мақсади таълим баррасӣ шуда, азхудкунии он тариқи чаҳор давра пешниҳод мегардад, ки аз онҳо дуи аввалин махсусан таваҷҷӯҳангез мебошанд. Давраи якум аз он иборат аст, ки барои талаба возеҳ ва дақиқ ифода кардани фикри худ омӯзонда мешавад. Дар давраи дувум талаба бояд ба шарикаш таъсир расондан, аз ҷумла исбот намудан, далел оварданро биомӯзад. Ба сухани дигар, дар ин давраҳо иҷрои вазифаи муайяни коммуникативиро омӯхтани хонанда лозим аст. Дар ин зимн таваҷҷӯҳ ба зарурати муайян гардондан ва риоя намудани табақот, паёпайии ҳалли вазифаҳо нигаронида мешавад [9, с.12].

Психологи маъруфи рус Р. Якобсон шаш функсияи асосии муошрати нутқии одамро ҷудо менамояд: «эмотивӣ (экспрессивӣ, аффективӣ)- муносибати гӯянда ба иттилоъ; конативӣ - таҳрик додани мухотаб ба амал, хоҳиш, фармон; референсиявӣ (когнитивӣ, денотативӣ) - ифодаи фикр; шоирона- ҳудудгузорӣ миёни воқеият ва тасаввурот; робитавӣ - нигоҳ доштани давомнокии робита; метазабонӣ - дақиқ намудан, танзим кардани мулоҳизаи худ» [11, с. 36]. Я. Яноушек типологияи рафтори нутқии одамро омӯхта, панҷ нишонаи ҳаммонандии воқеияти нутқиро пешниҳод мекунад: «Воситаи ифода, коммуникативият, самтнокӣ, квантификативият, робитамандӣ». Муаллиф зикр менамояд: «аз рӯйи нишонаи «воситаи ифода» муошират метавонад овозӣ ё хаттӣ бошад. Нишонаи «коммуникативият» маънои ҳузур доштан ё ҳузур надоштани шарик ва дар ҳолати ҳузур доштан ё коммуникативияти мустақим (масалан, гуфтугӯ), ё коммуникативияти ғайримустақимро тавассути миёнарав, тавассути шахси савум (масалан, тарҷума) дорад. «Самтнокӣ» ё гузарандагӣ (яке сухан мегӯяд, дигаре (дигарон) гӯш мекуна(н)д), ё муносибати тарафайнро (ду нафар бо навбат сухан мегӯянд ва мешунаванд) мефаҳмонад. «Квантификативият» миқдори шунавандагон ва хислати ҷониби пазирандаро (як нафар - бисёр нафар) муайян мекунад» [11, с. 86].

Ба нишонаҳои номбаркардашуда боз ду хусусияти муоширатро илова намудан мумкин аст: репрезентативият ва бисёриттилоӣ. Аввалӣ пениҳодшавандагии гӯянда (омӯзгор ё талаба)-ро дар матн, дувум бисёрпаҳлӯии муошрати нутқиро ифода менамояд, ки дар ин зимн ҳама хусусиятҳои он (мазмуннокӣ, ифоданокӣ, таъсирнокӣ) якбора амалӣ мегарданд, дараҷаҳои гуногун (фаннӣ, маъноӣ ва ғайра) инъикос меёбанд.

Репрезентативият чунин маъно дорад, ки муошират хислатҳои инфиродӣ-шахсии муошраткунандагон, масалан, омӯзгор ва муҳассилин, дараҷаи фарҳангӣ, синну сол, ҷинс, инчунин шавқу завқ, талабот, майлу хоҳиши онҳоро таҷассум менамояд. Аҳаммияти вижаро таҳлили муошрати нутқ, шаклҳои асосии он, маҳсули муошират - матн касб мекунад, ин имкон медиҳад муносибатҳои иҷтимоӣ-ҷамъиятие низ ошкор карда шаванд, ки дар онҳо одамони ин муоширатро амалигардонанда, хислатҳои шахсиашон шомиланд.

Хусусияти мубрами муошрати нутқӣ бисёриттилоӣ будан аст. Бисёриттилоӣ аз он иборат мебошад, ки «хабари дар раванди муошрати лафзӣ интиқолёбанда мундариҷаи мураккаби коммуникативӣ-шайъӣ дорад ва он ягонагии ҷанбаҳои мундариҷавӣ, ифоданокӣ ва ангезавии мулоҳизаро ташкил медиҳад. Табиист, ки ҳар яке аз онҳо метавонад беш ё кам равшан ифода карда шавад, аммо ягонагии дохилии онҳо бисёриттилоии муошрати лафзӣ (нутқӣ)-ро дар фаъолияти ҷамъиятӣ-коммуникативии одамон муайян месозад» [11, с. 88]. Бад-ин тарз муошрати нутқӣ (лафзӣ) ҳадди ақал бо ҳафт хусусияташ тавсиф карда мешавад: робитанокӣ, самтнокӣ, нигаронидашавӣ, махсусгардонии семиотикӣ, таҳаррук, репрезентативият, бисёриттилоӣ.

Тибқи пажӯҳишҳо, дар раванди таълим бисёр чизҳо аз худи усули муошрати омӯзгор вобастагӣ доранд. «Дар усули муошират а) вижагиҳои имкониятҳои коммуникативии омӯзгор, б) хусусияти бавуҷудомадаи муносибатҳои мутақобили омӯзгор ва шогирдон, в) фардияти эҷодии омӯзгор, г) вижагиҳои ҳайати шогирдон ифода меёбанд» [6, с. 31]. Усули муошрати омӯзгор бояд аз ин ҷиҳатҳо фарқ бикунад: «1) диққати ҷиддӣ ба раванди тафаккури талаба (талабагон), ҳаракати хурдтарини фикр дастгирии фаврӣ, баъзан ҳамту ишораи одиеро талаб менамояд, ки андеша пай бурда шудааст; 2) мавҷудияти ҳамдардӣ - қобилияти худро ба ҷойи шогирд гузоштан, мақсад ва ангезаи фаъолияти ӯ, яъне худи ӯро фаҳмидан, ки имкон медиҳад ба дараҷаи муайян фаъолияти шогирд пешбинӣ ва пешакӣ идора карда шавад; 3) хайрхоҳӣ, мавқеи таваҷҷӯҳмандонаи ҳамкор (дӯст)-и калонсол нисбат ба комёбии хонанда; 4) рефлексия - таҳлили муттасили ҷиддии фаъолияти худ ҳамчун омӯзгоре, ки фаъолияти маърифатомӯзии шогирдонро идора менамояд ва воридсозии ислоҳоти фаврӣ дар раванди таълим» [6, с.39]. Дар таҳқиқоти Е. И. Пасов бори нахуст вокунишҳои ҷавобии рафтории муҳассилин, ки усули дар боло баррасикардашудаи муошрати омӯзгор падид овардааст, ошкор гардонда шудаанд. Эътимод, озодӣ, мустақилият, номавҷудии тарсу ҳарос, муносибати хушу хуррамона ба омӯзгор, таҳсил, кӯшиши ҳусни тафоҳум дар гурӯҳ натиҷаҳои усули дурусти интихобкардаи омӯзгор мебошанд. Номавҷудии чунин усул, пичингу истеҳзо, муносибати беэҳтиромона ба шогирд, ки дар усули рафтори муаллим ва муошрати ӯ зоҳир мегарданд, кулли низоми таълимро,

ҳар қадар пурмазмун ва аз лиҳози методӣ дуруст роҳандозӣ шуда бошад ҳам, ба нестӣ оварда мерасонанд.

И. А. Зимняя маводҳо оид ба муоширати педагогиро хулоса намуда, зикр мекунад, ки «… таҳлили психологии ҳамкорӣ ва муоширати таълимӣ ҳамчун таъсиргузории мутақобили бисёрдарачавии омӯзгор ва донишҷӯ (гурӯҳи таълимии донишҷӯён) дар худ баррасии ҳар яке аз ин ҷонибҳоро ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ва он чиро, ки ҳардуи онҳоро тавсиф медиҳад, фаро мегирад. Нахустин чизе, ки онҳоро тавсиф медиҳад, мақсаднокӣ, натиҷанокӣ ва ангезанокии фаъолият мебошад, агарчи мақсадҳо ва ангезаҳои фаъолияти ҳар яке аз онҳо гуногунанд. Тавсифи дувум ба мавқеъҳои нақшии ҳар ду субъекти ҳамкорӣ ва муошират дахл дорад: як мавқеъ нақши омӯзгор, мураббӣ ва роҳнамо, мавқеи дигар нақши талаба, донишҷӯро ошкор менамояд. Ҳамдигарро пуррасозии ин нақшҳо ва аз ҳамдигар вобаста будани онҳоро қайд кардан муҳим аст. Сеюм чизе, ки ҳардуи ин субъектҳоро муайян мекунад, аз як ҷониб, хусусиятҳои инфиродӣ-психологӣ, аз дигар ҷониб, муносибатҳои ҳар яки онҳо бо коллективҳои омӯзгорон ё донишҷӯён мебошанд» [6, с. 62].

Ҳамин тавр, таҳлили муносибатҳо ба мафҳуми «муоширати нутқӣ» имкон медиҳад, ки мундариҷаи мафҳуми мазкур вобаста ба мақсадҳои таҳқиқоти мо мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Маълум гашт, ки муошират раванди бисёрҷанбаи барқарорсозӣ ва инкишофдиҳии равобити миёни одамон буда, мубодилаи иттилоот, коркарди стратегияи ягонаи ҳамкорӣ, пазируфтан ва фаҳмидани шахси дигарро дар бар мегирад.

Мақсади асосии таълими забони хориҷӣ «омӯзонидани муошират бо забони хориҷӣ дар заминаи муколамаи фарҳангҳо»-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон қайд намудан одилона аст, ки «вазифаи фанни таълимӣ акс кунондани фарҳанги халқи дигар дар фарҳанги шахсияти талаба» мебошад. Бад-ин минвол, оид ба муошират дар сатҳи байнифарҳангӣ, рушд бахшидани қобилият ва хоҳиши донишҷӯ ҷиҳати ширкат варзидан дар он сухан гуфтан мумкин аст.

Барои амалигардонии муваффақонаи мақсади мазкури таълим, ки «ба ташаккулдиҳии қобилиятҳои мутахассисони оянда марбут ба коммуникатсияи байналмилалӣ нигаронида шудааст, ҳалли масъалаи муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба интихоб ва ташкили таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимӣ зарур аст». Дар навбати аввал ин ба муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорие дахл дорад, ки дар он ҷо ЗХ ҳамчун ихтисос омӯзонда мешавад. Руҷӯъ ба фарҳанг бахши муҳимми раванди таълими ЗХ мебошад, ки зимни он мундариҷаи таълим ва ҳама қисматҳои он донишҷӯёнро ба захираи фарҳангие, ки намояндагони забон андӯхтаанд, ошно мегардонанд ва барои омӯхтани ЗХ ҳамчун восита дар муоширати байнифарҳангӣ мусоидат мекунанд.

Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ иҷрои хусусиятҳои касбӣ-педагогиро дар омӯзиши ЗХ, дар амал ҷорисозии вазифаҳои педагогии хатмкунандагони ояндаро талаб менамояд [4, с. 53]. Дар ин робита, фанни «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ» (АНШХ) дар муассисаҳои омӯзгорӣ самти коммуникативӣ ва касбӣ дорад. Мақсади асосии фанни АНШХ таълими маҳорати муошират, ҳам дар бахши ҳаёти рӯзмарра, ҳам дар бахши касбӣ-фарҳангӣ, мебошад. Дар назди муассисаи таҳсилоти олӣ «вазифаи дар донишҷӯ ташаккул додани қобилият ва омодагӣ ба коммуникатсияи байнифарҳангӣ, инчунин рушд бахшидани маҳоратҳои муоширати хаттӣ (хониш, мактуб) ва шифоҳӣ (гуфтор, истимоъ) ба забони хориҷӣ меистад» [4, с. 61].

Муносибати муосир зимни омӯзиши ЗХ дар донишҷӯён маҳоратҳои муоширати касбӣ-фарҳангшиносиро, ки дар ҳолати мушаххаси касбӣ, корӣ ва илмӣ таҷассум мегардад, ташаккул медиҳад. Омодасозии мутахассисон «ташаккул додани чунон маҳоратҳоеро фаро мегирад, ки онҳо барои татбиқ гардондани робитаҳо бо забони хориҷӣ дар соҳаҳо ва ҳолатҳои гуногун имкон фароҳам меоваранд» [4, с. 73].

Таҳлили адабиёти методӣ нишон медиҳад, ки муошират фаъолияти пурсамар хоҳад шуд, агар субъект ба инкишофдиҳии қобилияти иҷтимоӣ-перцептивии худ саъй варзад:

- қобилияти фаҳмидани одами дигар ва дидани олам ба чашми одами дигар;
- қобилият ба ҳамдардӣ;
- қобилият ба тавъамгардонӣ;
- қобилияти оҷилан сарфаҳм рафтани мушкилоти дар раванди муоширати байнишахсӣ падидоргардида ва зуд ёфтани роҳи ҳалли он дар такя ба идроки ҳиссиётии худ;

- қобилияти мушоҳидакорӣ.

Зери мафҳуми муошрати касбӣ-фарҳангшиносӣ «ҳамкории нутқии мутахассисон дар рафти амалисозии фаъолияти касбӣ» фаҳмида мешавад. Муошрати касбӣ ба туфайли донишҳо, меъёрҳо, қоидаҳои касбии кифоятан дақиқ ва муайяне, ки одамон дар ҷараёни омодагии тахассусӣ азбар мекунанд, дар амал татбиқ мегардад».

Муошрати касбӣ-фарҳангшиносӣ бо забони хориҷӣ як навъи муошрат аст, ки дар он ҷомеаи байналмилалии касбӣ ва ҳамгироии насли ҷавон ба он вуҷуд дорад. Дар навбати аввал, он ба мубодилаи иттилооти касбӣ барои интиқол, нигоҳдорӣ ва таҷдид нигаронида шудааст, ки дар он нақши муҳимро маърифати тарафайн ва маърифати тарафайни шарикон оид ба муошрати ҷомеаҳои мухталиф иҷро мекунад. Дар механизми муошрати зикрёфта қисматҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) «мақсадҳо (мутахассис ба хотири чӣ ба муошрат мепайвандад);

б) мундариҷа (иттилооте, ки аз як мутахассис ба дигаре интиқол дода мешавад);

в) воситаҳо ё тарзҳои рамзикунонӣ, коркард ва рамзкушоии иттилоот;

г) шабакаҳое, ки иттилоот ба воситаи онҳо интиқол дода мешавад»

Таълими омодагии забонии донишҷӯёнро ба муошрати нутқӣ нигаронидан ба таҳрик додани ангезаи донишҷӯён ва ташаккули рағбати онҳо ба ЗХ мусоидат менамояд. Ба ақидаи психологҳо, «ангезанокӣ ҳамчун яке аз омилҳои психологии муваффақият ёфтани азхудкунии ЗХ баррасӣ карда мешавад» [9, с. 14]. Таълими бидуни ангезаи нутқ аз муҳтавои психологӣ маҳрум мегардад. Ангезаи коммуникативӣ дар ду намуд пешниҳод карда мешавад:

а) «ангезаи умумии коммуникативӣ, яъне ангезае, ки ба одам ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ хос мебошад;

б) ангезаи ҳолатӣ, яъне талаботи ба ҳолати муайяни нутқӣ «дахолат кардан». Сатҳи ахирӣ ғолибан бо он муайян карда мешавад, ки омӯзгор чӣ гуна таълим медиҳад (ҳолатҳои нутқиро чӣ тавр ташкил менамояд, кадом маводҳо, усулҳоро истифода мебарад)»

Муошрати самараноки «байни намояндагони фарҳангҳои гуногун барои аз миён бардоштани монеаҳои забонӣ ва фарҳангӣ муҳим аст». Барои ин корбурди дониши хусусиятҳои фарҳангии забон ва доираи васеи коммуникативии лафзӣ ва ғайрилафзӣ зарур мебошад. Донистани таърих, ҷуғрофиё, сохти сиёсӣ ва иқтисодӣ, фарҳанг, санъат, қоидаҳои рафтор, меъёрҳо ва анъанаҳои кишвари забони мавриди омӯзиш барои дар амал ҷорӣ сохтани муошрати касбӣ асоси омодагардонӣ мебошад. Ҳаҷми дониши иттилооти кишваршиносӣ дараҷаи фарҳанги умумии талабаро баланд мебардорад.

Олимон фикреро дуруст зикр менамоянд, ки забони хориҷиро таълим додану ҳамзамон фарҳанги халқро, ки ба ин забон ҳарф мезанад, таълим надодан амалан имконнопазир аст. Эҳтимол маҳз ҳамин вазъият барои пешбарӣ кардан дар адабиёти методӣ мулоҳиза оид ба зарурати таълими «фарҳанги ғайрзабонӣ» ҳамчун асос хидмат кардааст, ки зери ин мафҳум «ҳам донишҳо дар ҳама соҳаҳои кишвари забони мавриди омӯзиш, ҳам тарбияи муносибати диалектикӣ ба мамлакат ва мардуме, ки забони онҳо омӯхта мешавад, ҳам рушди қобилиятҳои забонӣ, нутқӣ ва ғайра, ҳам рушди маҳорати муошрат кардан дар ҳолатҳои мухталифи ҳаётӣ, ҳам ташаккули ангеза ба азхудкунии минбаъдаи забон, ҳам донишҳо ва тасаввуроти муайян доир ба низоми забони мушаххас ва ғанисозии забони модарӣ» фаҳмида мешавад.

Тибқи пажӯҳиши диссертатсионии Зимняя И.А., ҳангоми таълими фарҳанги муошрати нутқии ғайрзабонӣ, ки пеш аз ҳама ҳамчун ба хонанда омӯзондани муошрати фарҳанг дар сатҳи субъекти нутқ фаҳмида мешавад, ташаккули дараҷаҳои гуногуни салоҳияти муошрат - забонӣ ва когнитивӣ, ки бо дараҷаҳои мутобиқи сохти шахсияти забонӣ дар маҷмӯъ муайян карда мешаванд, ба даст меояд. Зимни чунин муносибат зарурати фаъолияти муошрати фарҳанг дар сатҳи субъекти нутқ аз қаноатмандгардонии талаботи субъекти нутқ ҷиҳати ҳамоҳангсозии воситаҳои мубрами фаъолияти иштирокдорони муошрат ба манфиати фаъолияти ҳаётии худ дар сатҳи баландтар нисбат ба сатҳи муошрати муқаррарӣ иборат мебошад [5, с. 23].

Ба назари мо чунин менамояд, ки барои ҳамкории самарабахши муаллим ва муҳассилин дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ фаъолиятҳои зерин муҳимманд:

- «муҳассилин дар раванди таълим фаъолона ширкат меварзанд, барои муошират ба забони хориҷӣ ниёзмандӣ ҳис мекунанд;

- муҳассилин ба ҳалли вазифаҳо ҷалб карда шудаанд, ки дар натиҷа эҳсоси қаноатмандӣ аз фаъолияти таълимӣ пайдо мегардад;

- ҳангоме ки аз муҳассилин изҳори ақидаҳо, эҳсосот ва таҷриба хоҳиш карда мешавад, таҷрибаи шахсиятии онҳо ҷалб карда мешавад;

- кори гурӯҳӣ, ки фаъолиятмандӣ, ташаббускорӣ ва эҷодкориро таҳрик мебахшад, дастгирӣ карда мешавад;

- нақши омӯзгор вобаста ба вазифа дар ҳар давраи дарс гуногун мебошад (ташкилдиҳанда, ҳамоҳангсоз, мушовир)»

Ҳамин тавр, ҳамкории мақсадноки босамараи муаллим ва талабагон иқтидори коммуникативӣ ва эҷодии муаллим ва талабагон, таҷрибаи андӯхташудаи фаъолияти коммуникативӣ ва истифодаи забони хориҷӣ бо тамоми усулҳои муоширатро ба амал ҷорӣ месозад.

Дар ин масъала Бодалев А.А. зикр мекунад: «…қишри коммуникативии шахсият ҳамчун хориқаи психологие амал менамояд, ки он барои асоси дар ҷомеа амалишавандаро ҷудо кардан имкон медиҳад. Услуби муоширатро сифатҳои шахсиятие, ки ба қишри коммуникативӣ дохил мегарданд, муайян месозанд. Дар раванди рушд тағйири сифатҳои шахсиятӣ ба вуҷуд меояд. Бинобар ин дар раванди фаъолияти касбӣ қишри коммуникативии шахсият рушд ёфта, ба раванд ва натиҷаи ин фаъолият таъсир мерасонад».

Ба назари мо чунин менамояд, ки барои омодасозии донишҷӯён ба ҳамкории маҳсулнок дар ҳолати коммуникатсияи байнифарҳангӣ қишри коммуникативии шахсияти омӯзгорро такомул бояд дод, то ӯ дар донишҷӯ шахсияти муҳиммеро мисли худаш тасаввур кунад.

Барои баланд бардоштани самарабахшии ҳамкорӣ ба афзорҳои коммуникативӣ дар муошират касбӣ-фарҳангшиносӣ таваҷҷӯҳи махсус додан лозим меояд. Маҳз онҳо нақши асосиро мебозанд, чунки «ҳолатҳои педагогӣ босуръат рушд меёбанд ва самарабахшии идоракунӣ аз бисёр ҷиҳат ба маҳорати дарёфт кардан ва «созгор намудан»-и афзорҳо барои муошират вобастагӣ дорад» .

Ҳамин тавр, барои ташкили ҳамкории маҳсулнок воситаҳои муайяни коммуникативӣ заруранд. Ба онҳо тааллуқ доранд:

- «сафарбаршавии мушакие, ки дар марҳилаи ибтидоии ҳамкории дилхоҳи педагогӣ зарур аст ва ба омӯзгор барои мавқеи фаъолона ишғол намудан мадад мерасонад;

- ташаббускории омӯзгор;

- нигоҳ доштани ташаббус дар раванди муошират;

- идора кардани ташаббус» .

Истифодаи воситаҳои мазкур ба ҳамкории маҳсулноки омӯзгор ва шогирд дар раванди таълими муошират касбӣ-фарҳангшиносӣ мусоидат мекунад. Ҳамкории маҳсулнок инчунин фарҳанги баланди касбии омӯзгор, идоракунии касбии фаъолияти касбияшро пешбинӣ менамояд.

Мувофиқи андешаи Н. Галскова, барои ҳамкории пурсамари омӯзгор ва талаба чунин технологияҳои таълим муҳимманд:

- «фароҳам овардани фазое, ки дар он ҳар хонанда худро бароҳат ва озод ҳис карда, барои истифодаи забони хориҷӣ хоҳиш пайдо менамояд;

- ба шахсияти талаба дахл кардан дар маҷмӯъ, эмотсияҳо ва эҳсосоти ӯро ба раванди таълим ҷалб намудан, қобилиятҳои нутқӣ, когнитивӣ ва эҷодияшро таҳрик додан;

- падид овардани ҳолатҳое, ки дар онҳо муаллим симои марказӣ набошад;

- пешбинӣ кардани шаклҳои гуногуни кор дар синф, таҳрик бахшидан ба фаъолиятмандӣ, мустақилият ва эҷодкории муҳассилин».

Тавре ки И.В. Раҳмонов меҳисобад, «омӯзгори забони хориҷӣ бояд инсони идоракунанандае, ки омӯзиши забонро сабук мегардонад, шарик, миёнарав, ангезанда, мушовир / коршиноси рӯҳбаландкунанда, манбаи ғояҳо, инсони таъминкунандаи робитаи мутақобил, шунавандаи сипосгузор, мушоҳидакунанда / мураббӣ, таҳқиқотгар, инсони ботаҳаммул бошад» .

Дар бобати уҳдадориҳои муҳассилин И. В. Раҳмонов чунин менависад: «муҳассилин бояд ҳиссаи масъулиятро барои таълим ба дӯши худ гиранд, бо якдигар ва омӯзгор барои

густариш додани маҳоратҳо ва донишҳо ҳамкорӣ намоянд. Дар натиҷа, талабаи хуб омода аст:

- зимни ҳама гуна имконият муошират кунад;
- ба раванди таълим фаъолона ҷалб шавад;
- созиш кунад;
- донишҳо, таҷрибаҳо ва эҳсосоташро бо дигарон ба ҳам бинад;
- фардияти дигар одамонро эҳтиром гузорад;
- мушкилотро баррасӣ намояд;
- якҷоя роҳҳои ҳал ёбад;
- кори худ ва пешрафти умумиро дар азхудкунии забон арзишдоварӣ намояд».

В. С. Аванесов ақидаи дигартареро ҷонибдорӣ мекунад: «баъзе сифатҳои касбии омӯзгор бояд дар заминаи услуби демократии ҳамкорӣ бошанд. Аз ин миён:

а) маҳорати омӯзгор ҷиҳати ҳамсӯҳбати баробарҳуқуқи шогирдони худ шудан;

б) маҳорати ба мавзӯи пайдошудаи сӯҳбат шавқмандӣ нишон додан, агар ҳатто он ӯро ба шавқ наорад ҳам (соҳиби ҳиссаи муайяни ҳунарпешагӣ будан);

в) маҳорати нигоҳ доштани сӯҳбат» [4, с. 65].

Дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ барои донишҷӯ таҷрибаи ҳамкории маҳсулноки ҳамкорӣ бо омӯзгорро ба даст овардан муҳим аст. Зеро вижагии таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ чунин аст, ки методи дилхоҳи дар машғулиятҳо истифодабурдаи омӯзгор асбоби омодасозии омӯзгорони оянда ба ҳамкории маҳсулнок бо муҳассилин дар раванди таълим мебошад.

Самарабахшии таълими забони хориҷӣ натанҳо дар ҳамкории созгори муаллим ва донишҷӯён, балки инчунин дар ҳамкории шахсиятҳои онҳо ва ҳамдигарфаҳмии онҳо ифода меёбад. Баъзан чунин воқеъ мешавад, ки дар ҳолати касбияти баланди муаллими забони хориҷӣ кори ӯ самараи кам ба бор меорад, чунки дар байни ӯ ва муҳассилин муносибат барқарор намегардад. Намудҳои зерини ҳамкориҳои педагогӣ фарқ карда мешаванд:

- муносибати тарбиядиҳандагон ва тарбиягирандагон;
- муносибат бо калонсолон ва ҳамсолон;
- муносибати тарбиягирандагон ба ашёи фарҳанги моддӣ;
- муносибат бо худ».

Вижагии ҳамкории субъектҳо дигаргунсозии мавқеи шахсият дар муносибат бо мундариҷаи азхудкардашуда ва ҳамкориҳои худ мебошад. Тағйирдиҳии мавқеъҳо дар гузаштани донишҷӯён ба сатҳи нави азхудкунӣ ва шаклҳои ҳамкорӣ бо омӯзгор ва донишҷӯён инъикос меёбад. Низоми ҳамкориҳои омӯзгор бо донишҷӯён хусусияти ҳамкориҳои донишҷӯёнро бо ҳамдигар муайян мекунад.

Ҳамкории маҳсулнок дар раванди таълим «ҳамоҳангсозии амалиёт, ёрии тарафайн, дастгирии якдигар, муносибат дар асоси ҳамкории муътамад»-ро таъмин менамояд .

Воҳиди сохтории муоширатро олимон ҳар гуна баррасӣ мекунанд; Маркова А.К. чунин мешуморад, ки воҳиди сохтории муошират амалиёти созмондиҳии мулоҳиза мебошад. Аммо дар воҳиди мазкур фақат сухангӯ ба ҳисоб гирифта мешавад ва амалиёти шунаванда (шунавандагон) ба раванди умумии муошират дохил карда намешавад. Ҳадс задан мумкин, ки ин ихтилоф лағв мегардад, агар воҳиди сохтории муошират ҳамчун шакли ҳамкории дуҷониба иқдоми коммуникативӣ ҳамчун воҳиди ҳадди ақалли минбаъд тақсимнашаванда бошад. Зимнан «… сухан на ҳамту дар бораи таъсиррасонии як объект ба дигараш (агарчи ин ҳолат истисно карда намешавад), балки маҳз дар бораи ҳамкории мутақобил меравад» [9, с. 16].

Яноушек Я. ҷадвали дараҷавии муоширатро пешниҳод кардааст, ки дар он робитаи тарафҳои мухталиф ё функсияҳои муошират онҳо, таҳарруки онҳо ба таври ошкоро пайгирӣ карда мешавад: «Дар дараҷаи якуми ин ҷадвали коммуникатсия пеш аз ҳама интиқол ва қабули иттилоот, рамзикунонӣ ва рамзкушоии он мебошад. Аллакай дар ин дараҷа коммуникатсия танҳо ба интиқол ва қабули иттилоот тааллуқ дода намешавад, дар намуди пинҳонӣ он муносибати байниҳамдигарии иштирокдоронро низ фаро мегирад. Ҳамин тавр, аз ҷониби гӯянда пешакӣ ҳис кардани он, ки ретсиент (шунаванда) иттилои ба ӯ интиқолёбандаро чӣ тавр мепазирад, ҷой дорад. Дар навбати худ ретсиент матни иттилооти

пазируфтааш: фикри аввалияи гӯянда, таҷриба, донишҳои ӯро таҷдид менамояд. Дар ин дараҷа робитаи мустақим бо фаъолияти муштарак вуҷуд надорад».

«Дар дараҷаи дуюм коммуникатсия бо фаъолияти муштараки фардҳо оид ба ҳалли вазифаи умумӣ мустақиман вобаста мебошад, ки ин ба як навъ ҷудосозии функсияҳо нафақат дар фаъолият, балки инчунин дар коммуникатсияи бо он вобастабуда оварда мерасонад. Мубодилаи донишҳо, мулоҳизаҳо, роҳҳалҳо, ки коммуникатсияи мазкур ба он нигаронида шудааст, дар ин ҷо ба ҳалли якҷояи вазифа - бадастоварии маълумоти зарурӣ, азхудкунии маводи таълимӣ, ифшои донишҳои нав ва ғайра тобеъ карда шудааст» [12, с. 23].

«Дар дараҷаи сеюм он чӣ, ки барои коммуникатсия бештар муҳим аст, ба мадди аввал мебарояд, ва маҳз: кӯшиши фаҳмидани муқарраротва ақидаҳои якдигар, ба ақидаи дигарон гӯш фаро ниҳодан, ҳатто агар бо онҳо розӣ набошанд ҳам ва ҳоказо. Дар ин маврид коммуникатсия ба ташаккулдиҳии баҳои умумии натиҷаҳои бадастовардашуда, ҳиссаи талбагони алоҳида нигаронида шудааст. Кӯшиш барои баҳои умумӣ метавонад ба монеа бархӯрад, ки он аз гуногуншаклии арзишҳои асосие, ки бо онҳо иштирокчиён ба коммуникатсия ворид мешаванд, иборат аст. Ин дараҷаи сеюми коммуникатсия бо хусусияти коллективии муносибатҳои тарафайн вобаста мебошад». Воҳиди функсионалии муошират вазифаи коммуникативиест, ки он дар дохили воқеияти коммуникативӣ амал менамояд. Ба ақидаи В. А. Кан-Калик, зимни таҳияи вазифаи коммуникативӣ нуктаҳои махраҷ инҳоянд: «вазифаи педагогӣ, дараҷаи мавҷудаи муошрати педагогии муаллим ва синф, баҳисобгирии хислатҳои инфиродии муҳассилин, баҳисобгирии хислатҳои инфиродии худ, баҳисобгирии методҳои кор ва ҳоказо».

Дар таҳқиқоти А. К. Маркова (126), ки дар он муошират ҳамчун восита ва мақсади таълим мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, азхудкунии он тавассути чор давра пешниҳод карда шудааст, ки аз онҳо дуи аввал шоистаи таваҷҷӯҳанд. Ҳамин тавр, давраи якум аз он иборат аст, ки ба хонанда равшан ва дақиқ ифода намудани фикраш омӯзонида шавад. Дар давраи дуюм хонанда бояд ба шарикаш таъсир расондан, аз ҷумла исбот намудан, далелнок карданро омӯзад. Ба сухани дигар, дар ин давра хонанда бояд иҷро кардани вазифаи муайяни коммуникативиро омӯзад. Зимнан бояд ба зарурати муайянсозӣ ва риояи тартибот, пайдарҳамии ҳалли вазифаҳо диққат дода шавад [9, с. 12].

Дар раванд ва натиҷаи муошират на мубодилаи ғояҳо ё чизҳо, балки табдилёбии молу мулки ҳар як шарик ба молу мулки умумӣ ба амал меояд. Муошират умумиятро тавлид месозад, мубодила бошад, вижагии иштирокчиёни онро ҳифз менамояд. Маҳз дар раванди муошират ва фақат тавассути муошират моҳияти инсон метавонад зуҳур ёбад.

Дар адабиёти методӣ роҷеъ ба забонҳои хориҷӣ ба тарбияи фарҳанги нутқии муҳассилин зиёд таваҷҷӯҳ дода мешавад. Масалан, Э. П. Шубин дар зери мафҳуми фарҳанги муошрати нутқӣ «… маҳорати мақсаднок ва самаранок истифода бурдани воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ, ба ҳадди ниҳоӣ амалӣ гардондани иқтидори коммуникативии худ»-ро мефаҳмад (202:17-18). А. А. Бодалев дар зери мафҳуми фарҳанги муошрати нутқӣ «маҳорати баланд рушдёфтаи амалисозии коммуникатсия»-ро мефаҳмад, ки «он дар коллективи забонии мазкур тибқи меъёрҳои мавҷуда таърихан, бо назардошти механизмҳои психологии таъсиррасонӣ ба соҳибсуроға, инчунин бо истифодаи воситаҳои лингвистӣ ва тарзҳои дар амал ҷорисозии чунин муошират бо мақсади бадастоварии натиҷаи прагматикии ниҳоӣ ба вуҷуд омадааст» [3, с.79].

Муаллиф боз чунин мешуморад, ки «… фарҳанги муоширати нутқӣ» падидаи бисёрҷанба мебошад ва онро дар намуди чаҳор дараҷа тасаввур кардан мумкин аст: 1) равандҳои баланд рушдёфтаи маърифатӣ, дар навбати аввал, тафаккур; 2) маҷмӯи донишҳои забонӣ ва ғайризабонӣ: донистани забон ва принсипҳои муоширати нутқӣ; донишҳо оид ба матн ва ҳолат, оид ба соҳибсуроға, донишҳои умумизаминавӣ дар бораи ҷаҳон; донистани механизмҳои психологии таъсиррасонӣ ба соҳибсуроға; 3) фарҳанги нутқие, ки маҷмӯи малакаҳо ва маҳоратҳои таъминкунандаи чунин хусусиятҳои мулоҳиза, мисли мантиқдорӣ, экспрессивият, мувофиқати услубӣ, меъёрнокӣ мебошад; 4) маҳорати тарҳрезии зеҳн ва идоракунии он бо мақсади ба амал татбиқ намудани таъсиррасонӣ ба соҳибсуроға» [3, с. 80].

Баъзе олимон ба «фарҳанги муоширати нутқӣ» ҳамчун фанни бисёрҷанба пеш аз ҳама фарҳанги нутқ, фарҳанги эмотсияҳо, фарҳанги тафаккурро дохил мекунанд. Як ҷанбаи муҳимми фарҳанги муоширатро фарҳанги тафаккур, ки аз бисёр ҷиҳат бо ёрии нутқ ба вуҷуд

меояд ва фарҳанги мутобиқати равандҳои тафаккур ва нутқ дар амал ташкил медиҳад, зеро ғайр аз функсияи коммуникативӣ нутқ, ҳамчун забон, функсияи маърифатиро низ иҷро мекунад.

Мо бо ақидаи В. В. Сафонова розием, ки ӯ чунин менависад: «Фарҳанги муошират фарҳанги коммуникативӣ мебошад, фарҳанги муошироти нутқӣ фарҳанги нутқ аст». Ба фикри ӯ, «фарҳанги муошират (яъне фарҳанги коммуникативӣ) дар бар мегирад: а) азхудкунии маҷмӯи зарурии воситаҳо ва шаклҳои гуногуни муошират; б) маҳорати ба роҳ андохтани муошират тибқи мақсадҳои худ ва дар натиҷа ноил гаштан ба самаранокии ҳадди ниҳоии амалиёти коммуникативӣ; в) кӯшиши дар муошират ба ҳисоб гирифтани натанҳо мавқеи худ, балки ҳамчунин мавқеъҳо ва манфиатҳои шарикони муошират ва ҷомеа дар маҷмӯъ; г) маҳорати мутаваҷҷеҳ шудан ба худи раванди муошират, ба санъаткорона ва комил будани шаклҳои он, ташкили он».

Масъалаи фарҳанги муошироти нутқӣ дар пажӯҳишҳои Т. Н. Онкудаева мақоми бузургро ишғол менамояд. Мафҳуми «фарҳанги муошироти нутқӣ»-ро муаллиф ҳамчун «нишонаи фаъолият, сатҳи баланди рушди он» шарҳ медиҳад, ки он ҳамчун «меъёр, баҳои фаъолияти шахсият» ба зуҳур меояд [10, с. 21]. Вай одилона зикр мекунад, ки фарҳанги муошироти нутқӣ дар намояндаи забон худ ба худ, яъне дар натиҷаи иҷтимоигардонӣ, пайдо намешавад. Он «мисли фарҳанги нутқ ҳамеша шайъи рушди вижа дар раванди таълим мебошад» [10, с. 26].

Фарҳанги муошироти шифоҳиро ҳамчун хусусияти ҷудоинопазири шахсияти забонӣ баррасӣ намуда, Т. Н. Онкудаева ба зарурати таҳқиқ кардани он ҳамчун проблемаи педагогӣ ишора менамояд ва ҷанбаҳои бештар муҳимро бо мақсади бадастоварии таҳсилоти муваффақонаи касбӣ нишон медиҳад.

Вай таъкид мекунад: «Ҳамкории педагогӣ ҳудудҳо ва тарзҳои муошироти нутқиро, ки ба фарҳанги муошироти нутқӣ ва фарҳанги умумии муоширон вобаста аст, муайян месозад. Нутқ, ки шакли мавҷудияти шуур (андешаҳо, эҳсосот, таассурот)-и дигарон мебошад, ҳамчун воситаи муошират бо онҳо ва шакли инъикоси умумии воқеият хидмат менамояд.

Барои он ки нутқ фаъолияти бошуурона шавад, дар муошират талаб карда мешавад, ки муоширон вазифаи муошират, мақсад ва тарзҳои дар амал ҷорисозии онро дарк бикунанд. Ин проблемаи мубрами таълими фарҳанги муошироти нутқӣ мебошад, чунки ташкилдиҳии муошират моделсозии рафтори объект дар самти муайяни зарурӣ барои ноил гаштан ба мақсадро талаб менамояд. Он мавҷудияти маҳоратҳоеро талаб менамояд, ки онҳо хусусияти фарҳанги нутқии одам буда, низоми малакаҳои бароҳандозии ҳамкорӣ бо шунавандагон бо ёрии мулоҳизаи таъсиргузори нутқиро пешбинӣ мекунад».

Мувофиқи дидгоҳи Т. Н. Онкудаева, раванди таълими фарҳанги муошироти нутқии донишҷӯён ва омӯзгорон дар бар мегирад:

«1) дар донишҷӯён ва омӯзгорон ташаккул додани талабот ба фарҳанги муошироти нутқӣ ҳамчун тарзи самараноки тарбияи шахсият;

2) ворид намудани онҳо ба фаъолияти самараноки маърифатӣ оид ба азхудкунии фарҳанги муошироти нутқӣ;

3) ташаккул додани муносибати эмотсионалӣ ба риоя кардан ва риоя накардани талаботи фарҳанги муошироти нутқӣ;

4) ташаккулдиҳии амалии маҳоратҳо ва малакаҳои рафтор, ки бо фарҳанги муошироти нутқӣ вобаста мебошанд;

5) рушд бахшидани қобилият ба падидорсозии кӯшишҳои иродавие, ки барои аз миён бардоштани мушкилот марбут ба риояи фарҳанги муошироти нутқӣ имкон медиҳанд».

Дар ёд доштан муҳим аст, ки ташаккул додани фарҳанги муошироти нутқӣ раванди заҳматталабест барои ҳама иштирокчиёни он, ки онҳо бояд худро субъекти ин раванд эҳсос кунанд, комёбии хурдтарини худро дарк намоянд ва аз он барои кори фаъолонаи минбаъда бар болои худ нерӯ бигиранд. Одам дар рушди шахсиятии худ муваффақиятро мушоҳида карда, қаноатмандии ботинӣ эҳсос менамояд ва дар ӯ кӯшиши натанҳо ин муваффақиятро устувор гардондан, балки инчунин майли кӯшишҳои худро барои худтакомулдиҳӣ фаъол намудан пайдо мешавад. Дар фарҳанги муошироти нутқии омӯзгор ҳам муваффақиятҳо ба даст овардан на камтар аз ин муҳим аст, ки асоси онҳоро тавъам кунонидани худ бо муҳассилин ва нисбаташон муносибати хуб кардан ташкил медиҳад.

Бад-ин минвол, фарҳанги муоширати нутқӣ бехатарии коммуникативии шахсияти алоҳида ва ҷомеаро дар умум таъмин карда, барои амалисозии вазифаҳои асосии муоширати муваффақонаи нутқӣ, яъне мубодилаи мукаммали иттилоот, якдигарро дарк намудани ҳамсӯҳбатон, коркарди стратегияи муштараки ҳамкории субъектҳои муошират, мусоидат менамояд.

Бадастоварии муваффақиятнокии таълими фарҳанги муоширати нутқӣ бояд ба ҳалли ихтилофоти байни мақсадҳо, мундариҷа, принсипҳои фарҳанги муоширати нутқӣ ва моделҳои ташкилии таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ нигаронида шавад. Ин муваффақиятнокӣ, аз як ҷониб, зуҳур меёбад, аз дигар ҷониб, ба дараҷаи ниёзмандии муҳассилин нисбати фарҳанги муоширати нутқӣ ва рушди худ вобаста мебошад.

Натиҷаи кори мураттаб, бетанаффус, мақсаднок бояд малакаҳои фарҳанги муоширати нутқӣ шаванд. Маҳз онҳо хусусияти шахсиятро ташкил медиҳанд. Ин кори заҳматталаб дар бобати фарҳанги муоширати нутқии омӯзгорон ва донишҷӯён бояд дар намудҳои гуногуни фаъолият ва муошират дар кори таълимӣ ва ғайритаълимӣ инъикос ёбад, аксар вақт дар таълими фарҳанги муоширати нутқӣ меъёрҳои ҳуқуқ ва ахлоқ шавад.

Мубрамияти муайянсозии роҳҳо ва воситаҳои таълими фарҳанги мушоирати нутқии донишҷӯён, бешак, «омӯзгорон ва донишҷӯёни дар синф муоширакунандаро натанҳо ҷиҳати боло бурдани дараҷаи фарҳанги муоширати нутқӣ, балки инчунин фарҳанги шахсиро дар маҷмӯъ таъмин карда, шахсиятро аз амалҳои ғайрипедагогӣ ҳифз карда ва муваффақиятнокии таҳсилотиро таъмин карда, роҳро ба муошрати байнишахсии нутқӣ дар сатҳи баланди касбӣ мекушояд».

Ҳамин тавр, талаботе, ки назди мутахассисони муосири дорои маълумоти олӣ гузошта мешаванд, дар онҳо мавҷудияти донишҳои амиқи касбӣ, сатҳи зарурии салоҳиятмандии коммуникативӣ ва сатҳи баланди фарҳанги муоширати нутқиро пешбинӣ мекунанд. Яке аз захираҳо дар раванди омодагардонии мутахассиси дорои дараҷаи баланди салоҳиятмандии коммуникативӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ таълими забони хориҷӣ, дар мавриди мо забони олмонӣ, ҳамчун забони муоширати байналмилалӣ мебошад.


***АДАБИЁТ***

1. *Аврорин, В.А. Двуязычие и школа Текст. // Проблемы двуязычия и многоязычия. / В.А. Аврорин. - М., 1972.- С. 51-61.*
2. *Аланазаров, А. Формирование общественного сознания студентов в процессе изучения иностранного языка: // Автореф.дисс.канд.пед.наук. / А. Аланазаров.- Чарджев, 1995.- 190 с.*
3. *Бодалев, А.А. Психология о личности. / А.А. Бодалев. - М.: Изд-во МГУ, 1988. - 187 с.*
4. *Государственный образовательный стандарт высшего профессионального образования по специальности 1-02 03 06 Немецкий язык, степень: бакалавр, срок обучения: 4 года. – Душанбе, 2012. (текст на тадж. яз.).360 с.*
5. *Зимняя, И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. / И.А. Зимняя. - М., 2004. - 42 с.*
6. *Зимняя, И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе. / И.А. Зимняя. - М.: Просвещение, 1991. - 219 с.*
7. *Леонтьев, А.А. Язык, речь и речевая деятельность. / А.А. Леонтьев. - М.: Просвещение, 1969.-214 с.*
8. *Любимцева, Ю.Г. Дидактические условия сочетания обучения и самообразования студентов:/ Ю.Г. Любимцева. Автореф. дис... канд. пед. наук. - Иркутск, 1983. - 18 с.*
9. *Малобитская, З.С. Киноискусство, как средство нравственно-эстетического воспитания студентов Автореф. дис. канд. пед. наук. :/ З.С. Малобитская. - Алма-Аты, 1979. - 23 с.*
10. *Некоторые проблемы обучения иностранным языкам. / Под ред. Т.В. Добруновой. - Владивосток, 1988.- 121 с.*
11. *Яновская, М.Г. Теория и методика эмоционального стимулирования в нравственном воспитании подростков (во внеучебной деятельности). // Дис. ... д-ра пед. наук. / М.Г. Яновская. - Киров: КГПИ, 1991. - 363 с.*
12. *Яхшибаева, М. Э. Гуманизация образования в общеобразовательных школах Таджикистана (Историко-педагогический аспект): Дис. ... канд. пед. наук: / /М. Э.Яхшибаева. - Душанбе, 2004. - С. 28 - 30.*


## МУОШИРАТИ НУТҚӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАЪЛИМ ВА АЗХУДКУНИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ОМӮЗГОРӢ


Дар мақолаи мазкур сухан оид ба муоширати нутқӣ ҳамчун объекти таълим ва азхудкунии забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ дарҷ гардидааст. Дар мақола қайд шудааст, ки муошират мавзӯи омӯзиши бисёр илмҳо, аз қабили фалсафа, психология, педагогика, ҷомеашиносӣ, дидактикаи лингвистӣ, забоншиносӣ ва назарияи иттилоот мебошад. Мавриди зикр аст, ки муошират функсияи дидактикиро иҷро менамояд ва хусусияти рушди ташаккули иҷтимоии одамро муайян месозад. Маҳз дар раванди муошират иҷтимоигардонии шахсият ва худамалигардонии ӯ сурат мегирад. Масалан, аз мавқеи муносибати фаъолиятмандӣ, муошират раванди мураккаби серпаҳлӯи

барқарор сохтан ва рушд бахшидани робитаҳо байни одамон мебошад, ки тавассути ниёзмандиҳо барои фаъолияти якҷоя ва фарогирандаи мубодилаи иттилоот, коркарди стратегияи ягонаи ҳамкорӣ, идрок ва фаҳмиши шахси дигар ба вуҷуд меояд. Ниҳоят, муошират ҳамчун намуди вожаи фаъолият фаҳмида мешавад. Масалан, Р. П. Милруд муоширатро ҳамчун фаъолияти коммуникативӣ ё фаъолияти муошират мефаҳмад, ки он дар давраи муайяни рушди онтогенетикии одам мустақилона амал мекунад. А. А. Леонтев дар пажӯҳишҳои худ муоширатро дар алоқамандӣ бо фаъолияти нутқии инсон баррасӣ намудааст. Ҳамин тариқ, муошират раванди бисёрҷанбаи барқарорсозӣ ва инкишофдиҳии робитаҳои миёни одамон мебошад ва дар худ мубодилаи иттилоот, коркарди стратегияи ягонаи ҳамкорӣ, идрок ва фаҳмиши дигар одамро фаро мегирад.
**Калидвожа:** дидактикӣ, онтогенетикӣ, мубодилаи иттилоот, фаъолиятмандӣ, худтакомулдиҳӣ, робитамандӣ.

## РЕЧЕВОЕ ОБЩЕНИЕ КАК ОБЪЕКТ ПРЕПОДАВАНИЯ И ИЗУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА В ВУЗЕ

В данной статье речь идет о речевом общении как объекте обучения и освоения иностранного языка в высшем учебном заведении. В статье отмечается, что коммуникация является предметом изучения многих наук, таких как философия, психология, педагогика, социология, лингводидактика, лингвистика и теория информации. Стоит отметить, что общение выполняет дидактическую функцию и определяет характер развития социальной формации личности. Именно в процессе общения происходит социализация и самореализация личности. Например, с точки зрения деятельности общение – это сложный, многогранный процесс построения и развития отношений между людьми, который создается необходимостью совместной и всесторонней деятельности по обмену информацией, выработке единой стратегии сотрудничества, восприятия и понимание другого человека. Наконец, общение понимается как форма речевой деятельности. Например, Р. П. Мильруд понимает общение как коммуникативную деятельность или коммуникативную деятельность, которая действует самостоятельно в определенный период онтогенетического развития человека. А. А. В своих исследованиях Леонтьев рассматривал общение в связи с речевой деятельностью человека. Таким образом, общение представляет собой многогранный процесс восстановления и развития отношений между людьми и включает в себя обмен информацией, выработку единой стратегии сотрудничества, восприятия и понимания другого человека.
**Ключевые слова**: дидактика, онтогенетика, информационный обмен, деятельность, саморазвитие, общение.

## SPEECH COMMUNICATION AS AN OBJECT OF TEACHING AND LEARNING A FOREIGN LANGUAGE IN A HIGHER EDUCATION INSTITUTION

This article deals with the speech communication as an object of teaching and mastering a foreign language in a higher education institution. It is noted in the article that communication is the subject of study of many sciences, such as philosophy, psychology, pedagogy, sociology, linguistic didactics, linguistics and information theory. It is worth noting that communication performs a didactic function and determines the nature of the development of the social formation of a person. It is in the process of communication that personality socialization and self-realization takes place. For example, from the point of view of activity, communication is a complex, multifaceted process of building and developing relations between people, which arises through the need for joint and comprehensive activity of information exchange, development of a unified strategy of cooperation, perception and understanding of another person. Finally, communication is understood as a form of verbal activity. For example, R. P. Milrud understands communication as a communicative activity or communication activity, which operates independently in a certain period of human ontogenetic development. A. A. In his researches, Leontev considered communication in connection with human speech activity. Thus, communication is a multifaceted process of restoration and development of relations between people, and includes information exchange, development of a unified strategy of cooperation, perception and understanding of another person.
**Keywords:** didactic, ontogenetic, information exchange, activity, self-development, communication.

**_Дар бораи муаллиф_**
*Куҷов Раҳматулло Мақсадович*
*Номзади илмҳои педагогӣ,*
*мудири кафедраи методикаи таълими*
*забонҳои хориҷӣ(забони фаронсавӣ-олмонӣ)*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.*
*734003, ҶТ, ш. Душанбе,*
*кч. И.Сомонӣ,хиёбони Рудакӣ 121.*
*Тел: (+992)* 935276179
**Email:** rahmatullo-09@mail.ru

**_Об авторе_**
*Куджов Рахматулло Максадович*
*Кандидат педагогических наук,*
*доцент заведующий*
*кафедры методика*
*преподавания иностранных языков*
*(французкий и анлглийский язык)*
*Таджикскиого государственного*
*педагогический университета имени С.Айни.*
*734003, РТ, г.Душанбе,*
*ул. И.Сомони. проспескт Рудаки 121.*
*Тел: (+992) 935276179*
*Email:* rahmatullo-09@mail.ru

**_About the author_**
*Kujov Rahmatullo Maksadovich*
*Candidate of Pedagogical Sciences*
*holder of the chair of*
*method of foreign languages*
*(French and German languages)*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after S.Aini.*
*734003, RT, Dushanbe, st I.Somoni*
*avenue Rudaki. 121.*
*Phone: (+992)* 935 27 61 79
*Email:* rahmatullo-09@mail.ru

УДК 796.071.43(575.3)

# ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ГИМНАСТИКӢ

***Гадоев М.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Гузаронидани машғулиятҳои гимнастика ҳамеша бо мақсади азхуд намудани дониш, ташакули маҳорат, малака ва истифодабарии онҳо дар амал равона шудааст. Машғулияти гимнастика ин сарчашмаи таърихии худ дошта, аз давраҳои ибтидои инсон ифода ёфтааст. Мутахассисони соҳаи гимнастика, олимон, пешқаддамон ва варзишчиёни намудҳои гимнастикаи варзишӣ ҳамеша ҷустуҷӯи методҳои таълимӣ, аз худ намудани самараноки дониш аз ҷиҳати кӯшиш ба ҳарҷ дода омадаанд. Мутахассисони соҳаи мазкур барои аз нав такмили истилоҳот, дар солҳои 1938 ва бадан 1957, 1962 ва 1965 -ӯм дар шаҳрҳои Олмон, Москва ва Ленинград (хозира Санкт-Петербург) оиди номгузории машғулиятҳои гуногуни намуди гимнастика, конфренсияи байналмилали гузаронида шуд, ки дар замони ҳозира зуҳуроти такмил бахшидан ба сатҳу системаи луғатнома дар машғулияти тарбияи ҷисмонӣ нақши хеле муҳим мебошад [8, с. 56].

Гимнастика аз амалиётҳо ва ҳаракатҳои гуногуни инсон гирифта муродифу муодилаҳои услубӣ ва образнок ифода намудани машқро ба осонӣ иникос намудан ёрдам медиҳад ва ба тавре тасавур менамояд. Ин гуна машқҳо аз ҷиҳати техникӣ мураккаб ва содда мебошанд. Мутахассисони гимнастика барои омӯхтани машқҳо гимнастикаро ба се гурӯҳ, чудо намуда (навбанди) номгузорӣ кардаанд;

а) луғати машқҳои умумии инкишофдиҳанда ва машқҳои озод;

б) машқҳои умуми инкишофдиҳанда аз ҷиҳати сохти луғавии таркибӣ; в) машқҳои оддӣ ва серҳаракат.

Тамоми намуди машқҳои гимннастикӣ ба ду гурух ҷудо мешаванд; машқҳои бо асбобҳои варзишӣ ва бе асбобҳои варзишӣ, ки онҳо асосан, як нафар, ду нафара ва бисёр нафара иҷро карда мешаванд. Ин машқҳо бо тӯбҳои вазнини гимнастикӣ, таёқчаҳо, байракчаҳо, ҳалқаҳо ва ғайраҳо иҷро карда мешаванд. Машқҳои озод, ки ба воситаҳои ҳаракатхои дастҳо, пойҳо, сару тан, бо ҳамаи узвҳои бадан, пай дар пай иҷро мегарданд, машқҳои озод номгузорӣ карда мешаванд. Хусусисияти машқҳои умумӣ инкишофдиҳанда ва машқҳои озод ба ҳамовозии мусиқӣ дар майдончаҳои махсус ба мисол: дар болон қолин, дар як вақти муайян иҷро мешаванд. Ин машқҳо аз решаи калимаҳои асосии харакатҳо ифода меёбанд. [5, с. 124].

Ин машқҳо чунинанд:

- **Исти рости асосӣ** ё ба таври ҳарбӣ “НИЗОМ” ин ҳолате, ки машқ сар мешавад.Тавачӯҳ намоед ба расми **№1** исти асосӣ «а», исти пойҳои кушод «б», исти омехта «г», дар зонуҳои чап (рост) истодан «д» ва ғайраҳо.



Расми 1.

**Ҳолатҳои нишаст** ин ҳолатҳое, ки дар замин ё ки дар болои дастгоҳҳо такя карда нишастан номгузор шудааст. Ин гуна нишастҳо дар расми **№2** (а,б,с,г,е) нишон дода шудааст, “а” -пойҳоро якҷо ва ба тараф кушод кардан, кушода нишстан расми «в»-кунҷи $45^0$ дошта бо дастҳо дар ақиб такя нишастан, «с»-пойҳоро рост бардошта кунҷи $90^0$ қапидан ва такяи дастҳо дар ақиб, расми «г»-пойҳоро ҷавс карда, рост бардошта кунҷи $90^0$ қапидан, бо

дастҳо пойҳоро ба миён ва сар такя кардан, расми «е»-дар почаҳои (чап ё ки рост) нишаста миёнро рост дошта дастҳо ба миён.




Расми 2.

Дар тасвири **№3.** ҳолатҳои қаду нимқад истодан; «а»-дар почаҳои пой

нишастан дастҳо дар миён, «б»-нимқад, дастҳо ба пеш, «в»-кулула шуда нимикад истодан, дасто ба пеш, «г»-мувозинатро ақиб дошта, нимикад истодан, дастҳо рост ба пеш, «д» ними қад истода дастҳо ба миёну қафо доштан, «е»-ба як пой нишаста, дигаре ба пеш дастҳо рост ва ғайра.



Расми 3.

**Ҳолатҳои такя**- Такя ин ҳолате аст, ки китфи машққкунанда аз болои нуқтаи дастгоҳҳо қапидан мебошад. Ин ҳолатҳо гуногунанд. Дар тасвири **№4** расми «а»- ним шишт шуда дастҳоро рост ба миз такя кардан, «б»- зонуи чап ё ростро ба миз такя карда пойи рост ё чапро ба боло бардошта датонро рост ба миз такя карданд, «в»- дуқат истода ҳам шудан, пойҳо рост зонуҳо қат нашуда ва дастҳоро рост ба миз такя кардан, расми «г»-ба оринҷ истода рост дароз кашида такя кардан, «д»- пуштноки дароз кашида ба дастҳо рост такя кардан ва ғайра.



Рас.4.

Ҳаракатҳои даст ва пойҳо, гуногун мебошанд. Мисол: ҳаракатҳои даст якҷоягӣ, ҳам пай дар пай, навбат ба навбат, ҳаракатҳои омехта; дасти чап рост ба тарафи рост ва баракс. Ин машқҳо бо дастони рост ва қат метавон ҳаракат кунанд. Дар раванди омӯзондани машқ, калимаҳои иловагӣ талафуз мешаванд: масалан : дастҳо ба ду тараф орунҷҳо қат, дастҳо қат ба паси сар ва ғайра. Ингуна луғатҳо (номгӯйҳои ҳаракатҳои даст) дар раванди омехтаи ҳаракатҳои пойҳо истифода бурда мешаванд:

**Тасвири рақами №5 -Ҳолатҳои даст**. Ин ҳолатҳо дар машғулиятҳои гимнастика аз руи луғатнома чунин номгузори шудааст, дастҳо ба миён, болои китф, баробари китф, ба паси сар, дар қафаси сина дастҳо ба пунг, болои сар, ва гайра. Дар тасвир ин гуна машқҳо

хамчун равиши координасияи амплетудаи бадан ва равиши даст, сар ва пойҳоро нишон медиҳад. Рақами «а, л»-дастҳо ба поён, рақами «д,е»-дастҳо ба боло, рақами «в, з»-дастҳо ба поён-дутараф, рақами «г,ж»- дастҳо дутараф ба боло ва гайра мебошад. [4, с. 87.].



Рас.5.

**Тасвири ҳолатҳои пойҳо дар нақшаи расми №6 чунин акс шудааст:** Рақами «д,а»-пойҳо поёну-дутараф, рақами «ж»-пойи чап ё ки рост ба тарафҳо, рақами «е,б»- пойҳо ду тараф ва гайра номгузори шудааст. Ҳаракатҳои дасту пойҳо аз рӯи иҷроиши техникӣ ба чунин гурӯҳ тақсим мешаванд: доирашакл, ба пеш ба қафо, паҳлу пойҳо пешу қафо, хам пай дар пай, ҳам шуда, ҳаракатҳои горизонталӣ ва вертикалӣ, муозинат қанидан ва ғайраҳо. Ин машқҳо бо ҳаракатҳои дастҳо рост, дастҳо қат ва ҳам пай дар пай, байни ҳаракатҳои дасту пойҳо дар амал дидан мумкин.



Рас.6.

**Нақшаи тасвирии рақами № 7**; «а»- ба пеш чуқур ҳам шулан, «а,б,в,г,д»- ба пеш ба қафо (ақиб) тарафхои худро қат, ним қад ҳам шудан, «е»- дасту пойхоро кушод дошта, ҳам шудан, «ж»-ҳам шуда пойҳоро қапидан, амплетудаи равиши он бояд аз руи нақша хам бо равиши ақрабак бошад ва ҳам бар муқобили он.



Рас.7.

**Мувозинат**-Ин ҳолатҳои машққкунанда буда, дар вақти муаян (3-секунд) худро устувор доштан мебошад. Ин ҳолатҳо дар машқҳои овезон шуда ва такядор истифода мешаванд. Намудҳои мувозинат гуногун мебошанд: Мисол,-мувозинат дар як пой, бо дастҳо (гаризонталӣ, вертикалӣ ва гайра) мебошад, ки аз ҷиҳати хусусияти худ фарқ мекунад [7, с. 134]:



Рас.8.

**Тасвири рақами №8.** «а» дар пойи рост истода пойи чап ва баданро алвонҷ додан, «б» қоматро ба 45$^0$ ба пеш хам намуда, «в» пойи ростро ба пеш рост бардошта қоматро ба ақиб амплитуда кардан, «г» дар як пой истода пойи дигариро ба 90$^0$ бардошта дастонро ба тараф рост кардан, «д» дар як пой истода пойи дигариро ба 125$^0$ бардошта дастҳо рост ба тараф, «ж» дар як пой истода пойи дигариро ба 180$^0$ бардошта қоматро ба пойи такя хам кардан [1, с. 24].

**Хулоса.** Зарур аст, ки машқ ва меъёри миқдори такроран иҷро намудани он тарзе интихоб карда шавад, ки дар айни замон воситаи махсуси қисми тайёрӣ ва машқҳои ёрирасон шуда тавонад. Муҳим аз он аст, ки дар вақти такроран иҷро намудани машқҳо, донишҷӯён ва ё варзишгарон дар як ҷой наистода, машқҳоро дар ҷараёни ҳаракат иҷро намоянд. Баъди такрор намудани маводи таълимии гузашта омӯзгор ҳаракатҳои нави таълимие, ки то ҳол омӯзонида нашудаанд, барои таълим интихоб намояд. Ҳангоми бо методи гурӯҳӣ гузаронидани машғулият сифати иҷрои машқро ҳамсабақ назорат мекунад ва аз ин ҷиҳат, дар вақти фаҳмонидани техникаи иҷрои машқ, ба кадом амали ҳолати ҳаракати машқ диқати асосӣ дода, тавсияи худро бояд пешниҳод намояд.


***Адабиёт***

1. *Абзалов, И.А. Назария ва услуби гимнастика дастурамали методӣ қисми -2. «Тарбияи ҷисмонӣ» / И.А. Абзалов, Р.С. Давлатов – Душанбе, 2022. – 24с.*
2. *Губанова, Л. А. Тарбияи ҷисмонӣ, китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11. / Л. А. Губанова, Ш. С. Сафаров - Душанбе «Мавлавӣ» 2009.*
3. *Пуни, А. Ц. Волевая подготовка спортсмена РСФСР / А. Ц. Пуни. - Москва, 1960.*
4. *Розвинова, В. В. – «Психологические факторы выносливости гимнастов» - издательство «Физкультура и спорт» / В. В. Розвинова. – Москва, 1967. – 87 с.*
5. *Рудик, П. А. - профессор, А.Ц.Пуни, Н.А.Худадов, к.п.н. доценты - Психологические вопросы спортивной тренировки; издательство физкультуры и спорта, 1982. – 124 с.*
6. *Смирнов, Б. Н. – «Проявление решительности и смелости гимнастами старших разрядов» - издательство / Б.Н. Смирнов. «Физкультура и спорт»*
7. *Смирнов, Б. Н. «Некоторые итоги исследования волевой подготовки гимнастов » / Б.Н. Смирнов. - Москва. 1963г.с.134*
8. *Филиппович, В. И. Теория и методика гимнастики» издательство «Просвещения» / В. И. Филиппович. – Москва, 1973. – 56с.*


## ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРОН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ГИМНАСТИКӢ

Машқҳои гимнастикӣ яке аз мавзуҳои асосии таълиму тарбияи ҷисмонӣ чун фаъолияти ягонаи омӯзгор ва фаъолияти донишҷӯён ифода меёбад ва мақсади умумӣ ба маърифатӣ, маҳорату малакаҳо мусаллаҳ намудан, инкишофу тарбия додан равона шудаанд. Мақсади асосии гимнастика аз он иборат аст, ки ҷавонон ва наврасон тавассути ин намудҳои машқ характҳои классикӣ, ритмикӣ, зебогии ҳаракатҳо таваҷҷуҳ мекунанд, устувор намудани саломатӣ беҳтару хубтар мегардад. Бинобар ин омӯзгор бояд имконият ва синну соли донишҷӯёнро ба назар гирифта, машғулиятҳои гимнастикиро марҳила ба марҳила ҷудо карда омӯзонад. Чунки ин услуб таълимро ба як низом медарорад, аниқ мекунад, ба донишҳое, ки донишҷӯён аз худ менамоянд ва роҳҳои мустақилона бо маърифат мусаллаҳ шуданро ҷустуҷӯ мекунанд, малакаҳо ҳосил менамоянд.

**Калидвожаҳо:** машқҳои озод, машқҳои оддӣ ва серҳаракат, исти омехта, ҳаракатҳои омехта, координасия, амплетудаи бадан, ҳаракатҳои доирашакл, ҳаракатҳои тобоварӣ.

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ НА НА ЗАНЯТИЯХ ПО ГИМНАСТИКЕ

Гимнастические упражнения являются одной из основных тем физического воспитания как единой деятельности педагогов и учащихся, а общей целью является оснащение, развитие и воспитание знаний, навыков и умений. Основная цель гимнастики заключается в том, чтобы молодые люди и подростки посредством этих видов упражнений заинтересовывались классическими, ритмичными, красивыми движениями и укрепляли здоровье. Поэтому учитель должен учитывать возможности и возраст учащихся и обучать гимнастике поэтапно. Потому что этот метод систематизирует образование, уточняет его, приобретает навыки на основе знаний, которые приобретают учащиеся, и ищет самостоятельные способы приобретения знаний.

**Ключевые слова:** свободные упражнения, простые и активные упражнения, двигательная лексика, смешанные движения, координация, амплитуда тела, круговые движения, движения на выносливость.

## ACTIVITIES OF TEACHERS IN GYMNASTICS CLASSES

Gymnastic exercises are one of the main topics of physical education as a single activity of teachers and students, and the overall goal is to equip, develop and nurture knowledge, skills and abilities. The main goal of gymnastics is that young people and teenagers through these types of exercises become interested in classical, rhythmic, beautiful movements and improve their health. Therefore, the teacher should take into account the abilities and age of students and teach gymnastics in stages. Because this method systematizes education, refines it, acquires skills based on the knowledge that students acquire, and looks for independent ways of acquiring knowledge.

**Keywords:** free exercises, simple and active exercises, mixed stop, mixed movements, coordination, body amplitude, circular movements, endurance movements.

*Дар бораи муаллиф*
*Гадоев Маҳмадулло Аттоевич*
*И.в. дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждан*ӣ
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
*Тел.: (+992) 985 34 26 42*
*E-mail: gadoyev.65@mail.ru*

*Об авторе*
*Гадоев Махмадулло Аттоевич*
*И.о. доцент кафедры физического воспитания и гражданской обороны*
*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*
*734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
*Тел.: (+992) 985 34 26 42*
*E-mail: gadoyev.65@mail.ru*

*About the author*
*Gadoev Makhmadullo Attoevich*
*Associate professor of the department of physical education and civil defense*
*Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni*
*734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
*Phone: (+992) 985 34 26 42*
*E-mail: gadoyev.65@mail.ru*

ТДУ 803.0(075.8)

# КОНСЕПСИЯИ МИНТАҚАШИНОСӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

***Қурбонов Т.З.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Хусусиятҳои ҷомеаи муосир дар ин марҳилаи рушд аз он иборат аст, ки шумораи алоқаҳои байналхалқӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон рӯз то рӯз меафзояд. Муошири байналхалқӣ дар сиёсат, фарҳанг, иқтисодиёт ва дигар соҳаҳо талаб мекунанд, ки методологияи таълими забони хориҷӣ ба шароити муошрати воқеӣ нигаронида шавад.

"Мақсади ниҳоии таълими забони хориҷӣ ташаккули салоҳияти қавии коммуникативӣ мебошад, ки на танҳо салоҳияти забонии хонандагон, балки соҳиби миқдори зиёди донишҳои дорои хусусияти ғайризабонӣ буда, бидуни он муошрати мувофиқ ба ҳамдигарфаҳмиро дар бар мегирад, имконнопазир аст, зеро барои раванди муошрати бомуваффақият баробарии дониши аъзоёни муошират дар бораи воқеияти атроф зарур аст" [2, с. 261].

Дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ мактаббачагон бояд на танҳо аз соҳаи грамматика, лексика, услубшиносӣ ва фонетика, балки инчунин бо фактҳои марбут ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт: пеш аз ҳама, ҳаёти иҷтимоӣ, таърихӣ ва рӯзмарра маълумот дошта бошанд. "Барои дуруст истифода бурдани калимаю ибораҳои зиёди забони хориҷӣ, фаҳмидани асли онҳо, донистани ҳолатҳои истифода ва баъзан маълумот аз воқеияти сиёсии кишвари омӯхташаванда, таърих, фарҳанги он ва ғайра зарур аст" [2, с. 72].

Шароити гуногуни мавҷудияти кишварҳо ва миллатҳо, вижагиҳои фарҳанг, таърих ва низомҳои сиёсӣ фарқияти чашмраси ин навъи иттилоотро дар байни гӯяндагони забонҳои гуногун муайян мекунанд. Аз ин рӯ, касе ба зарурати омӯзиши вижагиҳои кишвари таҳқиқшаванда бо роҳи ҳамгироии равиши минтақавӣ дар таълими забони хориҷӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини таълими забон шубҳа намекунад.

Раванди таълими забони хориҷӣ дар сурати мавҷуд набудани шарҳу эзоҳҳои фарҳангӣ ғайриимкон аст, мувофиқан дар баробари амалияи суханронии шифоҳӣ таълими воқеияти кишвари забони омӯхташаванда дар мадди аввал меистад. Дар методологияи ватанӣ таълимӣ маълумот дар бораи ин ё он кишвар ба таври анъанавӣ минтақашиносӣ номида мешавад; муассисаҳои таълимии Фаронса курсҳои "забон ва минтақа" -ро истифода мебаранд, дар Британияи Кабир истилоҳи "забоншиносӣ" вуҷуд дорад.

Стандарти давлатии таълими забони хориҷӣ дар мактаби миёна ташаккул додани «муносибати мусбат ба забони хориҷӣ ва маданияти одамони ин забонро дар мактаббачагон пешниҳод менамояд. Таълим тавассути забони хориҷӣ донистани фарҳанг, таърих, воқеият ва анъанаҳои кишвари забони омӯхташавандаро (забоншиносӣ ва минтақашиносӣ) дар назар дорад. "Мактаббачагонро дар диалектикаи фарҳангҳо, дар рушди фарҳанги умумибашарӣ, дарк кардани нақши забон ва фарҳанги гуфтор дар оинаи фарҳанги халқи дигар фаро мегирад». [1, с. 34]

"Мақсади асосии кишваршиносӣӣ ҳамчун илм инкишоф додани салоҳияти коммуникатсионии хонандагон дар раванди муошрати байналмилалӣ, пеш аз ҳама тавассути дарки дурусти нутқи ҳамсӯҳбат, инчунин матн ва дигар иттилооте, ки барои забони модарӣ пешбинӣ шудааст, мебошад" [4, с. 20].

Дар заминаи таълими забони хориҷӣ забоншиносӣ ва минтақашиносӣ метавонад бисёр мушкилот, аз ҷумла масъалаи дуруст дарк намудани матни забони хориҷиро ҳал кунад. Ин масъала яке аз проблемаҳои асосии филологӣ ба шумор меравад, зеро ба таври кофӣ дарки матни забони хориҷӣ бо тамоми тобишҳои маъно, ишораҳо, зерматн ва ғайра, бахусус аз нигоҳи тарҷума, ки на танҳо фаҳмидани он муҳим аст, ниҳоят душвор ба назар мерасад. Мутаносибан, надонистани ҳамаи ин нозукиҳо дар муошрати забони хориҷӣ ба таври қобили мулоҳиза мушкилот эҷод мекунад ва дар ниҳоят салоҳияти коммуникатсионии мактаббачагонро коҳиш медиҳад [18, 21].

Яке аз вазифаҳои асосии забоншиносӣ ба низом даровардани воситаҳои забон ва нутқ, омӯзиш ва дар шакли оптималӣ пешкаши хонандагон ба шумор меравад, то ки онҳо то ҳадди имкон самаранок аз худ карда шаванд. Дар робита ба ин метавон гуфт, ки ҷанбаи минтақавӣ дар таълими забони хориҷӣ дар баробари дигар илмҳои марбут: педагогика, психология ва ғайра низ заминаи забонӣ дорад.

Дар баробари ин метавон гуфт, ки заминаи лингвистии равиши минтақавии методологияи таълими забони хориҷӣ ба доираи таҳқиқоти забоншиносии минтақавӣ дохил шудааст. Дар ин ҷо талаботи муоширати байналмилалӣ нақши хоса дошта, эҳтиёҷоти амалии равшан намудани ҷанбаи амалии таҳқиқот дар соҳаи забоншиносиро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, дар амалияи таълими забони хориҷӣ асоси забоншиносии минтақашиносӣ муқоисаи фразеология ва лексикологияи ду забони омӯзишшаванда ва модарӣ мебошад.

Дар баробари ин, равиши социолингвистӣ ба материали забонӣ дар ин ҷо характери ичтимоӣ лингвистӣ дошта, пеш аз ҳама на танҳо ба омӯзиши шаклҳои забонӣ балки ба шароити иҷтимоии тафовутҳои забонӣ таъсир мерасонад. Дар бораи вазифаҳои забоншиносӣ сухан ронда, дар бораи муайян кардан ва дарки иттилооти забони хориҷӣ, ки барои забони таҳқиқшаванда ягона ва ҷудо аст, зикр кардан лозим аст. Агар ба тафсилоти бештар таваҷҷуҳ кунем, вазифаҳои зерини кишваршиносӣиро таъкид кардан мумкин аст:

- ҷудо кардани воҳидҳои лексикии фарҳангӣ кишваршиносӣ ва дар муошират бисёр истифода бурдани онҳо;

- систематизатсияи ҳолатҳои гуфтугӯӣ бо назардошти хусусиятҳои миллии истифодаи воситаҳои вербалӣ ва ғайривербалии муошират дар ин ҳолатҳои нутқ.

Фаҳмидан муҳим аст, ки дар раванди таълим хонандагон дар баробари азхудкунии забон маълумоти дорои хусусияти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ низ ба даст оварда, қобилияти дуруст дарк кардани системаи тафаккури забони хориҷӣ ташаккул меёбанд. “Забоншиносӣ ва минтақашиносӣ ба ташаккули чунин малакаҳо дар хонандагон мусоидат мекунад. Илова бар ин, забоншиносӣ ва минтақашиносӣ дар заминаи таълими забони хориҷӣ ба шумо имкон медиҳад, ки воқеияти кишвари забони омӯхташавандаро бо маълумот дар бораи кишвари худ муқоиса кунед, ки ин аз як тараф беҳтар азхудкунии маводро таъмин мекунад ва аз тарафи дигар қисмати тарбиявии минтакашиносиро баланд мебардорад” [9, с. 13].

Ҳамчун предмети забоншиносӣ ва минтақашиносӣ маводи мушаххаси забоншиносӣ ба таври анъанавӣ таъкид мешавад, ки фарҳанг ва хусусиятҳои миллии кишвари забони омӯхташавандаро инъикос ёбад. Дар баробари ин барои тасниф намудани воҳиди луғавӣ ба сифати маводи забонӣ ва фарҳангӣ меъёрҳои муайян вуҷуд доранд. Одатан, ҳангоми интихоби маводи забоншиносии минтақавӣ ба назар мерасанд, ки оё он дорои маводҳои маъноӣ, ки хоси фарҳанги муайян буда, дар дигарон вуҷуд надорад, ба ибораи дигар, ҷузъи миллӣ дар он то кадом андоза равшан ифода ёфтааст.

Вазифаи асосии кишваршиносӣ ҳамчун илм интихоб ва омӯзиши чунин воҳидҳои забонӣ мебошад, ки хусусияти миллии кишвар ва миллатро ҳамчун муҳити мавҷудияти забон ба ҳадди аксар ифода кунанд. Ба сифати воҳидҳои забонӣ инҳо ҷудо карда мешаванд:
•воқеъияти забонӣ (яъне воҳидҳои забонӣ, ки предмету ходисаҳоро ифода мекунанд, ки дар як забон мавҷуд буда, дар забони дигар синоними худро доранд);

•луғати коннотатсионӣ (воҳидҳои забонӣ, ки майдонҳои семантикиашон аз рӯи маънои бевоситаашон мувофиқат мекунанд, вале метавонанд дар забонҳои гуногун дар ассотсиатсияҳое, ки онҳо ба вуҷуд меоранд, фарқ кунанд);

•луғати заминавӣ (воҳидҳои лексикие, ки предмету ҳодисаҳоеро ифода мекунанд, ки дар забонҳои гуногун ба ҳам монанданд, вале аз ҷиҳати хусусиятҳои миллӣ фарқ мекунанд).

“Фразеологизмҳо ва ибораҳои маҷмуъ барои минтакашиносӣ низ аҳамияти зиёд дорад, зеро ин ҳодисаҳои забоншиносӣ махсусан хусусиятҳои миллии забон, хусусиятҳои таърихию фарҳангии кишвари таҳқиқшаванда, расму оин ва тарзи зиндагии мардумро равшан инъикос мекунанд” [10, с. 61].

Фарҳанги миллӣ дар хотираи хонандагон чунон мустаҳкам шудааст, ки баъзе вақт дар гумон аст, ки онҳо забони хориҷӣ ва воҳидҳои забонирo ҳамон тавре, ки бо забони модарӣ мефаҳмад, онро низ ба осони ҳамон тавр бифаҳманд. Ин мушкилот дар муошират байналхалқӣ, инчунин ҳангоми мутолиаи адабиёти забонҳои хориҷӣ ва матбуот эҳсос

мешавад ва мувофиқан зарурати интихоби дақиқ ва омӯзиши воҳидҳои забонии минтақавӣ дар заминаи омӯзиши забони хориҷӣ зери шубҳа гузошта намешавад.

Ҳангоми ворид намудани ҷанбаи миллӣ-фарҳангӣ ба раванди таълим дар дарси забони хориҷӣ омӯзгор, пеш аз ҳама, бояд ба захираҳои аслӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд: дар дарс муҳити забонӣ фароҳам овардан муҳим аст, то хонандагон худро ба фарҳанг наздиктар ҳис кунанд. Дар ин бобат асарҳои адабӣ ва предметҳои рангаи миллӣ ёрии калон расонда метавонанд.

Илова бар ин, фаҳмидан муҳим аст, ки мавод бояд аз як тараф, барои онҳо ҷолиб бошад, аз тарафи дигар ба раванди таълим фоидаи муайян оварад, ба максаду вазифаҳои муайяни тарбиявӣ онҳо ноил шаванд. Ҳамин тавр, маълумот дар бораи системаи таълимии кишвари таҳқиқшаванда, далелҳои таърихӣ, хусусиятҳои одоб ва ғайра ба хонандагон кӯмаки хуб расонида метавонад. Умуман, дар заминаи омӯзиши забон хонандагон бо фарҳангу анъанаҳои кишвари забонаш омухташаванда ва таъриху воқеияти муосири он хеле муҳим аст. Ин ба муносибати онҳо ба забони омӯхташаванда таъсири мусбӣ мерасонад, ҳавасмандии омӯзишро афзоиш медиҳад ва дарки зарурати омӯзиши забонро ҳамчун як ҷузъи фарҳанги кишвар барои аз худ кардани забон ҳамчун забони фаронсавӣ воситаҳои алоқаи байнифархангӣ ба вуҷуд меорад.

Стандарти давлатии таълими забони хориҷӣ ба раванди ба истилоҳ «иҷтимоъсозии дуюмдараҷавӣ» тамаркуз мекунад, ки таъсири бевоситаи иттилооти минтақавӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ташаккули салоҳияти коммуникатсионии хонандагон ҳамчун ҳадафи аввалиндараҷаи таълими забони хориҷӣ дар зинаҳои мактаби миёна таъсир мерасонад.

Тавре таҳлилгарон қайд мекунанд, салоҳияти коммуникатсиониро бидуни дониши устувори тамоюли иҷтимоӣ-фарҳангӣ, дар бораи кишвари забонаш омӯхташаванда ташаккул додан мумкин нест. Чунин мафҳум ба монанди фарҳанг дар маҷмӯъ як воситаи тавонои ташаккули шахсияти хонанда мебошад.

Бо дарки аҳамияти омӯзиши заминаҳои иҷтимоию фарҳангии кишвари забони мавриди ҳадаф, таҳқиқоти муосир дар соҳаи методикаи таълими забони хориҷӣ, тавре ки дар боло зикр гардид, равиши забоншиносӣ ва минтақавӣ ба омӯзиши забонро таъкид мекунад.

Аҳамияти омӯзиши лексикае, ки хусусиятҳои миллӣ ва менталитети кишвари таҳқиқшавандаро инъикос мекунад, инчунин воҳидҳои забонӣ, ки дониши иттилооти ҷуғрофии минтақавиро дар назар доранд, таъкид шудааст. Гузашта аз ин, чунин маълумот метавонад ба тамоми соҳаҳои имконпазири ҷомеа: илм, санъат, таърих, адабиёт, урфу одат ва анъанаҳои халқҳои сокини кишвар ва ғайра таъсир расонад.

Мутаносибан, чунин равиш ба пур кардани мундариҷа ва ғанӣ гардонидани дарси забони хориҷӣ, зиёд шудани таваҷҷӯҳи хонандагон ба ин фан мусоидат мекунад ва ҳавасмандии азхудкунии малакаҳои коммуникатсионии ин забонро зиёд мекунад, аз ин рӯ, зарур аст, ки ба ҷорӣ намудани як ҷузъи минтақавӣ барои омӯзиши забони фаронсавӣ оғоз карда шавад.

Чун қоида, таҳсил дар мактаби миёна дар зодгоҳи хонанда сурат мегирад ва ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ ӯ бо забони модарӣ робитаи мустақим надорад.

Мутаносибан сатҳи дониши минтақавӣ, донишҳои иҷтимоию фарҳангӣ, тарзи тафаккур ва менталитети марбут ба кишвари забони омӯхташаванда дар ибтидо дар байни хонандагон паст аст. Дар натиҷа рафтори гӯяндаи хориҷӣ аз нуқтаи назари фарҳанги модарии хонандагон, меъёрҳои муоширати дар кишвар қабулшуда, одоби муошират ва ғайра шарҳ дода мешавад.

“Забони хориҷиро танҳо дар заминаи тамаддуне, ки бо он сухан мегӯяд, омӯхтан лозим аст. Ва ҷузъи минтақашиносии таълим ба ин талабот пурра ҷавобгӯ аст” [3, с. 15].

Омӯзиши ҷузъи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ошноии хонандагонро бо маълумоти марбут ба фарҳанг, таърих, анъанаҳо, низоми иҷтимоӣ, одоб ва меъёрҳои рафтори иҷтимоии кишвари забони омӯхташавандаро дар бар мегирад. Бинобар ин, тамоми иттилооти забони хориҷие, ки хонанда гирифтааст, бояд аз ҷониби ӯ дар заминаи муоширати байнифарҳангӣ тафсир карда шавад, ки ин бидуни дониши ибтидоӣ дар бораи хусусияти иҷтимоию фарҳангӣ ва минтақашиносӣ ғайриимкон аст.

Мавҷудияти ин навъи дониш ба ӯ имкон медиҳад, ки воситаҳои муоширати шифоҳӣ ва ғайривербалии забони хориҷӣ ангезаҳо ва рафтори ӯро дуруст дарк кунад. Аз ҷониби дигар,

мазмуни ҷузъи иҷтимоъию фарҳангии омӯзиши забони хориҷӣ ба ташаккули шахсияти хонанда таъсири калон мерасонад, зеро он имкон медиҳад, ки ҳар ду бо фарҳанги мардуми кишвари якдигар ошно шаванд. Илова бар ин, ҷузъи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва минтақашиносии таълим ба рушди ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва фарҳангии мактаббачагон таъсири судманд расонида, тафаккур, шавқу рағбат ба омӯзиш ва омӯзиши маводи навро бедор месозад.

Махсусан таъкид кардан лозим аст, ки иттилооти дорои хусусияти минтақавӣ бо назардошти ҳавасмандгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон, шавқу завқ ва фаъолияти онҳо ба дарс ба ташаккули малакаҳои муошират, бахусус, қобилияти нутқи онҳо таъсири назаррас мерасонад. Омӯзгор аз марҳилаҳои аввали омӯзиши забони хориҷӣ сар карда, бояд ҳадди аққал дар сатҳи ибтидоӣ ташаккули малакаҳои истифодаи забони хориҷиро дар раванди муошират ҳавасманд намояд.

Дар ин ҷо чизи муҳим, пеш аз ҳама, қобилияти дарк кардан ва мутобиқ кардани нутқи хориҷӣ бошунида-фаҳмидан аст, зеро бе ин дар раванди муошират забони хориҷӣ иштирок кардан ва малакаҳои нутқи шифоҳиро азхуд кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷа дар марҳилаи ибтидоии таълими забони хориҷӣ ташаккул додани маҳорати аудиовизуалии хонандагон ва баъдан сухан гуфтан ба мактаббачагон дар навбати аввал барои ҷамъ кардани маводи забонӣ ва бо истифода аз он барои иштироки бевосита дар забономӯзӣ мусоидат мекунад.

Азхудкунии муошират шифоҳии онҳо, тавре ки дар боло қайд гардид, аз гӯш кардан оғоз мешавад, ки асоси муошират забони хориҷиро ташкил медиҳад. Амали суханронӣ ҳамчун воситаи ифодаи фикр бо забони хориҷӣ бо шунидани фаҳмиши нутқи забони хориҷӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Мутобиқан, равандҳои шунидан ва гуфтор якҷоя раванди нутқи шифоҳиро ифода мекунанд. Ҳангоми муошират марҳилаҳои гуфтугӯ ва гӯш кардан пайваста иваз мешаванд.

Дар баробари ин, раванди шунидан на танҳо далели дарки паёми аудиоӣ, балки ҳамчун воситаи омода кардани посух ба ин паём, ташаккул додани андешаи шахс тавассути имкониятҳои забони омӯхташаванда хизмат мекунад. Раванди гуфтор натиҷаи кори узвҳои нутқ, ба истилоҳ артикуляция буда, дарки шунавоӣ бешубҳа нақши муҳим мебозад. Ин бори дигар нақши шуниданро ҳамчун асоси раванди муошират шифоҳӣ тасдиқ мекунад.

Функсияи шунавоӣ раванди назорати нутқ аст, зеро дар раванди гуфтугӯ садои гуфторӣ бо намунаи қаблан шунидашуда муқоиса карда мешавад ва ин далел барои омӯзиши муошират забони хориҷӣ асосист. Ҷамъбасти гуфтаҳои боло нишон медиҳад, ки омӯзиши гӯш кардан хонандагонро ба раванди гуфтор бо забони хориҷӣ омода месозад ва худи сухан маҳорати дарки нутқи забони хориҷиро ташаккул медиҳад, ки аз ҷудонопазирии мавҷудияти ин ду падида ва зарурати омӯзиши онҳо гувоҳи медиҳад.

Чунон ки дар боло зикр кардем, шунидан барои инкишофи нутқи шифоҳӣ аҳамияти калон дорад, ин махсусан дар марҳилаҳои гуногун аз худ кардани забони хориҷӣ дахл дорад. Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ сохтани изҳороти забони хориҷӣ бо риояи талаботи мантиқ, пайвастагӣ ва якпорчагии баён хеле душвор буда, дар интиқоли сарбории маъноии ҷумла ва пуррагии мантиқии он мушкилиҳо ба миён меоянд. Мактаббачаи хурдсол ҳангоми сохтани изҳорот одатан ибораи аввалинеро, ки ба хотир меояд, бидуни таҳлили шакл ва мундариҷа такрор мекунад.

Дар ин марҳилаи омӯзиш барои омӯзгор муҳим аст, ки барои кӯдакон шароит фароҳам оварад, ки дар он онҳо эҳтиёҷоти истифодаи забони таълимро эҳсос кунанд, ба ибораи дигар, ангезаҳои қавӣ барои муошират забони хориҷӣ ташаккул диҳанд. “Маълумоти минтақавӣ ва фарҳангӣ метавонад ба муаллим ҳамчун воситаи рушди ҳавасмандгардонӣ барои муошират забони хориҷӣ дар дарси забони хориҷӣ кӯмаки калон расонад” [4, с. 10].

Дар бораи хусусиятҳои ҷомеаи муосир сухан ронда, бояд ба назар гирифт, ки афзоиши робитаҳои байналмилалӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ боиси бозгардонии усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ ба воқеияти ҳаёти муосир мегардад, ки ин аз зарурати пайвастагии омӯзиши забонҳои хориҷӣ бармеояд. Муносибати бомуваффақияти байнифарҳангӣ танҳо дар сурати умумияти арзёбии воқеияти атроф аз ҳарду ҷониб имконпазир аст.

Аммо, агар ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ дар баробари салоҳияти забонӣ миқдори зиёди иттилооти ғайризабонӣ, пеш аз ҳама, хусусияти минтақавӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба даст оварда нашавад, ба ин ноил шудан мумкин нест. “Фаҳмиши мувофиқ ва барқарор

кардани робита байни намояндагони кишварҳо ва миллатҳои гуногун танҳо дар сурате имконпазир аст, ки шумо тарзи дарки воқеияти як гӯяндаи забони дигарро донед, зеро ин усулҳо дар байни намояндагони кишварҳои гуногун метавонанд ба таври назаррас фарқ кунанд” [3, с. 274].

Аз ин рӯ, омӯзиши забони хориҷӣ бидуни ҷузъи фарҳангӣ ва минтақашиносӣ ғайриимкон аст ва аз ин рӯ, ошноӣ бо кишвари забони омӯхташавандаро дар баробари азхудкунии нутқи забони хориҷӣ дар ҷои аввал гузоштан мумкин аст. Идеяи омезиши омӯзиши забони хориҷӣ ва фарҳанги кишваре, ки бо он сухан мегӯяд, тасодуфан пайдо нашудааст.

Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки падидаҳои забонии омӯхташударо бо ҷанбаи минтақавӣ пайваст кунем ва аз ин рӯ, падидаҳои забонии омӯхташуда на танҳо нақши воситаи муошироти хонандагонро мебозанд, балки нақши таъминкунандаи иттилоот дар бораи муҳити нав, шакли дарки воқеият, ки барои хонандагон ношинос аст.

Ин усули таълими забони хориҷӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани самаранокии ҳалли масъалаҳои таълимии умумӣ, инчунин масъалаҳои тарбиявӣ ва инкишофро таъмин мекунад. Илова бар ин, он дорои потенсиали азим барои рушди ҳавасмандӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ ва муошироти забони хориҷӣ мебошад.

Дар айни замон аз нуқтаи назари педагогика дар таълими забони хориҷӣ чунин ақида устувор аст, ки салоҳияти коммуникативӣ муваффақияти муошироти шифоҳиро муайян мекунад, ба ибораи дигар, ҳангоми таълими малакаҳои нутқ бояд ба ташаккули маҳорати хонандагон дар ба назар гирифтан ва ба инобат гирифтани забони фаронсавӣ диққати махсус дода шавад. Дар ҷараёни таҳсил дар мактаби миёна ҳар як фанҳои омӯхташуда ба ташаккули манзараи ҳамаҷонибаи олами атроф дар хонандагон мусоидат мекунад.

Аз дигар фанҳо ҷудо шуда, фанни «забони хориҷӣ», ки ба ташаккули воситаҳои нави муошират мусоидат мекунад, дар ташаккули тасаввуроти хонандагон дар бораи ҷаҳон дар маҷмӯъ нақши махсус мебозад. Дар баробари ин, вазифаи ин фан ташаккул додани на танҳо тасвири забонӣ, балки тасвири иҷтимоию фарҳангии ҷаҳон аст. Яке аз хусусиятҳои асосии таълими забони хориҷӣ зарурати муошироти мустақими шифоҳӣ ва хаттӣ барои ноил шудан ба ҳадафи асосии ин фан – бомуваффақият аз худ намудани малакаҳои нутқ мебошад. “Аз ҷониби омӯзгори забони хориҷӣ дар дарк намудани мураккабии вазифаҳое, ки дар назди талабагон истодаанд, усулҳои имконпазири педагогӣ ва психологиро татбиқ намудан зарур аст, ки хонандагон ин вазифаҳоро барои худ қабул намоянд” [9, с. 107].

Дар заминаи таълими забони хориҷӣ фарогирии тамоми доираи донишҳо дар бораи хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии кишвар муҳим аст, то ба хонандагон дар бораи заминаи иҷтимоию фарҳангии кишвари забони омӯхташаванда маълумоти зарурӣ диҳад.Мутобиқан, хонандагон бояд заминаи боэътимоди зерин дошта бошанд:

1) донишҳои минтақавӣ (таърих ва фарҳанги кишвари забони омӯхташаванда, шароити табиию иқлимӣ, хусусиятҳои низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, низоми сиёсӣ ва ғ.);

2) дониши забонӣ ва минтақавӣ (воқеиятҳои забонӣ, луғати коннотативӣ, лексикаи заминавӣ, маҷмӯи ибораҳо ва воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои рафтори нутқ);

3) Дониши иҷтимоию фарҳангӣ (одат ва анъанаҳои кишвари забони омӯзишшаванда, хусусиятҳои менталитети миллӣ ва характери). [19; 16] Аз ин рӯ, салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва минтақавӣ дар раванди муошироти шифоҳӣ нақши аввалиндараҷа дорад, зеро набудани онҳо ё рушди нокифоя сабаби асосии иштибоҳҳои фарҳангӣ дар муошират ва халалдор шудани муошироти байнифарҳангӣ мебошад.

Таъкид кардан зарур аст, ки аз замонхои қадим тарзу усулҳои дарки ҷаҳон, ки дар чамъияти муайян ташаккул ёфтаанд, дар фарҳанги халқ таҷассум ёфта, тавассути забон аз насл ба насл мегузаранд. Гузашта аз ин, падидаҳо ва ашёҳо метавонанд дар ҷомеаҳои гуногун комилан якхела бошанд, аммо мафҳумҳои фарҳангӣ дар бораи онҳо барои гӯяндагони забонҳои гуногун метавонанд комилан фарқ кунанд. “Маълумот дар бораи хусусиятҳои кишвари забони омӯзишшаванда яке аз принсипҳои асосии таълими забони хориҷӣ ба шумор меравад” [4, с. 38].

Маълумоти дорои хусусияти минтақавӣ дар таълими забони хориҷӣ ба фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад, фаъолияти ҷалби хонандагонро дар раванди муошироти забони хориҷӣ афзоиш медиҳад, ба ташаккули малакаҳои муошират таъсири

судманд мерасонад, ҳавасмандии омӯзиши забон ва мустақилона кор карданро ташаккул медиҳад

Малакаҳои асосии муоширатро кӯдак бо забони модарии худ аз худ аз худ мекунад, чунки раванди таълим дар муҳити забонӣ сурат мегирад, муошироти доимӣ бо волидон ва хешовандон ба вуҷуд меояд. ин муҳити забонро ба вуҷуд оварад ва дар азхудкунии забон дастгирӣ менамояд ва барои зуд азхуд кардани маҳорату малакаҳои нутқӣ бо ҳар роҳ ҳавасманд мешавад.

"Раванди омӯзиши забони хориҷӣ барои кӯдак ба куллӣ фарқ мекунад, зеро дар мактаби таҳсилоти умумӣ кӯдакон бо забони модарӣ робита доранд ва мувофиқан ба муҳити забоне, ки барои омӯзиш мусоид аст, Фазо дар дарсҳои забони фаронсавӣ дар мактаб аксар вақт расмӣ аст ва хоҳиши омӯхтани забони хориҷиро ба вуҷуд намеорад ва дар он камтар муошират намекунад" [2, с. 67].

Суханронии шифоҳии мактаббачагон одатан дар сатҳи паст қарор дорад, зеро ба забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират ва баёни андеша ниёзи воқеӣ вуҷуд надорад. Барои онҳо забони модарии онҳо барои муошират ва ҳалли мушкилоти ҷории онҳо кифоя аст ва мувофиқан, масъалаи ҳавасмандӣ барои азхуд кардани малакаҳои забони хориҷӣ дар аксари мавридҳо боз боқӣ мемонад. Бинобар ин, барои ташкили зарурати муошироти забони хориҷӣ аз омӯзгор кӯшишҳои муайян талаб карда мешавад

Барои ин, пеш аз ҳама, бояд муҳити забонӣ фароҳам оварда шавад, ки дар ташаккули он ҷалби ҷанбаи минтақавӣ метавонад дар ташаккули дарси забони хориҷӣ кумаки зиёд расонад. Яке аз принсипҳои асосии таълими забони хориҷӣ гузаштан аз нутқ ба забон аст. Тавре дар усулҳои муосир зикр шудааст, танҳо дар шароити фазои забонӣ барои рушди малака ва маҳорати нутқ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад

Мутаассифона, имрӯз вазъият дар дарсҳои забони фаронсавӣ ба ин усул бевосита мухолиф аст, аксаран ба қоидаҳои забони хориҷӣ тақвият дода мешавад ва ба раванди муошироти шифоҳӣ хеле кам ё тамоман эътибор дода намешавад. Инчунин барои ташаккули салоҳиятноки малака ва маҳорати нутқии онҳо ҳангоми таълими нутқи забони хориҷӣ алгоритму қонунҳои муайянро риоя кардан лозим аст. Тавсифи мафҳуми «маҳорат»-ро, С.Л. Рубинштейн чунин мафҳум медиҳад: маҳорат ҷузъҳои автоматии фаъолияти бошуурона иҷрошаванда мебошад, ки дар натиҷаи машқ, машқҳои доимӣ ташаккул меёбад Дар асоси ин таъриф мафхуми автоматиконӣ ба майдон меояд, ки мувофики тадкикоти Е.И.Пассов кисмхои зеринро дар бар мегирад:

• суръати муайяни амал;

•ягонагӣ ва ҳамвор будани амал: агар;

Аммо дар раванди муошироти забони хориҷӣ на танҳо маҳорати нутқ муҳим аст.

Хонандагон инчунин бояд вазъиятҳои нутқро бошуурона интихоб карда, ба вазифаҳои коммуникативӣ, вазъияти нутқ ва шахсияти мусоҳиб диққат диҳанд.

Дараҷаи инкишофи малакаҳои муоширатӣ ва нутқии хонандаро аз рӯи он арзёбӣ кардан мумкин аст, ки ӯ аз ӯҳдаи вазифаи додашуда то чӣ андоза мебарояд. "Агар ягон мушкилот ба миён наояд, кӯдак қобилияти тамос бо забони хориҷӣ дорад: ӯ қодир аст услуби нутқиро барои вазъият интихоб кунад, изҳороти худро бо вазифаҳои муошироти шифоҳӣ ҳамоҳанг созад ва аз воситаҳои самараноки шифоҳӣ ва ғайривербалии муошират истифода барад" [5, с. 37].

Мутаносибан, муаллим ҳангоми таълими забони хориҷӣ бояд ба шартҳои муайяне таваҷҷӯҳ намояд, ки ба ташаккул ва инкишофи малака ва маҳорати нутқ мусоидат намояд. Ин шартҳо иборатанд аз:

•ташаккули муҳити ғании забонӣ дар дарси забони фаронсавӣ;

•таъмини фазои мусбӣ дар синф, шароити дӯстона ва бароҳат барои хонандагон;

•ба назар гирифтани хусусиятхои фардию синну соли хонандагон дар синф бо максади шавку хаваси шахсии талабагон; Ҳамаи шартҳои дар боло зикршударо ҳангоми ҷорӣ намудани ҷузъи минтақашиносӣ ба раванди таълими забони хориҷӣ ба инобат гирифтан мумкин аст.

Эҷоди вазъияти бозӣ, ки ба вазъияти воқеии муошироти забони хориҷӣ тақлид мекунад, барои муошират бо забони хориҷӣ фазои мусоиди забонӣ фароҳам оварда, инчунин ба фазои эҷодӣ ва мусбӣ дар дарс мусоидат мекунад. "Дар сурати дуруст интихоб кардани материали

минтақашиносӣ меъёри ба назар гирифтани хусусиятхои шахсии талабагон низ конеъ мегардад. Илова бар ин, ҷорӣ намудани ҷанбаи минтақавӣ ба талаботи усулҳои муосири таълими забони хориҷӣ ҷавобгӯ мебошад” [9, с. 73].

Баланд бардоштани ҳавасмандгардонии истифодаи муошырати шифоҳӣ дар заминаи омӯзиши минтақашиносӣ дар дарси забони хориҷӣ бо усулҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) Интихоби супоришҳо ва машқҳое, ки дар онҳо хонандагон ба самараи меҳнати худ воқеан баҳо дода метавонанд;

2) ҷалби заминаи эмотсионалӣ;

3) Истифодаи усулҳои гуногуни ҳавасмандкунӣ ва ҳавасмандгардонӣ аз ҷониби омӯзгор;

4) Таваҷҷӯҳи инфиродӣ ба хонандагон ;

5) Истифодаи воситаҳои техникӣ ва аёнӣ;

6) Гузаштан аз доираи фаъолияти синфӣ, ташкили корҳои беруназсинфӣ ва ғ.

Инчунин, ҷалби ҷанбаи минтақавӣ дар дарси забони хориҷӣ метавонад ба баланд бардоштани ҳавасмандии муошырати шифоҳӣ тавассути:

• тақсим намудани вазифаҳое, ки ба ҳар як хонанда шахсан нигаронида шудаанд;

•истифодаи ҳолатҳои мушкилие, ки ба воқеият наздик аст;

•ташкили салоҳиятдори назорат;

•истифодаи шаклҳои ғайрианъанавии дарс, бозиҳои таълимӣ;

• ҳавасмандгардонии рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон; •инкишофи шахсият нигаронидашуда, ҳавасмандии дохилӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ.

Ҳамин тариқ, мо дарк мекунем, ки маводи минтақашиносӣ барои дарёфти роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун манбаи адонашаванда хизмат мекунад. Ҷорӣ намудани унсурҳои минтақашиносӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар дарс муҳити оптималии забонӣ ба вуҷуд оварда, ҳолатҳои воқеии муошырати шифоҳӣ тақлид карда, ба ин васила шавқу рағбат ва хоҳиши хонандагонро ба муошырат бо забони мавриди ҳадаф афзоиш диҳем.

Таваҷҷӯҳ ба ҷанбаи минтақавӣ дар таълими забони хориҷӣ ва фаровонии маводи ҷуғрофии минтақавӣ дар нашрияҳои таълимӣ талаботро барои ба тартиб андохтан ва интихоби дақиқи иттилооти ҷуғрофии минтақавӣ барои истифодаи онҳоро дар раванди таълим муайян мекунад. Барои таҳлили сифатии принсипҳои асосии интихоби маводи минтақашиносӣ, бояд ба он аз нуқтаи назари ҷанбаҳои педагогӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва лингвистии муошырати байналмилалӣ баҳо дода шавад.

Тавре ки дар боло исбот гардид, забони хориҷӣ ҳамчун воситаи фаҳмидани тарзи дигари дарки воқеияти гирду атроф, ки ба фарҳанги кишвари забони омӯхташаванда хос аст, хизмат мекунад, бинобар ин, ин далел тағир додани таносуби забонро асоснок мекунад. ²аҷми материалҳои таълимии умумӣ ва минтакавӣ дар фаъолияти нутк ба якдигаро пурра мекунанд.

Дар ин маврид бояд ба ҷанбаи фарҳангӣ ва эстетикии муошырат дар забони муошырат диққат дода шавад. “Мутаносибан, масъалаи ба тартиб даровардан ва интихоби иттилооти ҷуғрофии минтақавӣ дар баробари дигар мушкилоти ҳамкории фарҳангҳои гуногун яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад” [7, с. 14].

Дар ҷараёни интихоби иттилооти дорои хусусияти минтақавӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ омӯзгор бояд он нуктаро ба назар гирад, ки тасвири дарки ҷаҳонӣ, ки дар як муҳити забонӣ ташаккул ёфтааст, ҳатман бо ақидаҳои тасвири ҷаҳонии миллати дигар баробар буда наметавонад [9, с. 23].

Вазифаи аввалиндараҷаи методологӣ дар ин маврид муайян кардани меъёрҳои асосие мебошад, ки аз рӯи онҳо фарҳангҳои омӯхташаванда муқоиса карда мешаванд. Дар шароити ҷаҳонишави ва дастрасии иттилооти марбут ба таърихи ҷаҳонӣ ҳангоми баррасии ҷанбаҳои минтақавӣ зарур аст, ки як падидаро аз мавқеъ ва дидгоҳҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дод.

Дар ин росто ду ҷанбаи бунёдии усули муқоисавӣ таъкид мешавад:

• равандҳо ва падидаҳои воқеияти якхела, ки аз рӯи хусусиятҳои миллӣ, таърихӣ, сиёсии кишварҳо фарқ мекунанд;

•процессхои хамкории байналхалкй.

“Усулҳои муосири таълими забони хориҷӣ ҳангоми интихоби маводҳои дорои хусусияти минтақавӣ истифода бурдани принсипҳои асосии зеринро тавсия медиҳанд:

1) Аҳамияти маълумоти пешниҳодшуда на танҳо барои мардуми кишвари омӯхташаванда, балки барои миллатҳои дигар;

2) Мутобиқати иттилооти дорои хусусияти минтақавӣ ва махсусан иҷтимоӣ-фарҳангии муосир;

3) дараҷаи талабот ба иттилооти пешниҳодшуда дар ҳолати робитаи воқеии нутқ бо забони омӯхташаванда;

4) дараҷаи таъсири ахбороти минтақавӣ ба фаъолияти эмотсионалии онхо нигаронида шавад;

5) аҳамияти тарбиявии иттилооти пешниҳодшудаи дорои хусусияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва минтақашиносӣ, ки қодир ба ташаккули муносибати дуруст ба фарҳанги кишвари забони омӯхташаванда мебошад [6, с. 87].

Ҳангоми интихоби маводи минтақашиносӣ барои истифода дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ омӯзгор бояд ба назар гирад, ки маълумоти минтақашиносии хонандагон аз ду ҷисм иборат аст:

1) Дониши устувори хусусияти энсиклопедӣ;

2) Иттилооти ҷорӣ (ба ин маълумот аз ахбор ва сарчашмаҳои тоза дар бораи воқеияти муосири кишвари забони омӯхташаванда: сиёсат, фарҳанг, ҳаёти иҷтимоӣ ва ғ. гирифташуда дохил мешаванд).

Дар китобҳои дарсии забони хориҷӣ маъмулан иттилооти дорои хусусияти «энсиклопедӣ» пешниҳод карда мешаванд, дар ҳоле ки нақши таъминкунандаи иттилооти ҷорӣ ба зиммаи муаллим гузошта шудааст, ки ӯ бояд маводи иловагиро интихоб намояд, то дар дарси забони хориҷӣ пешкаш намояд.

Бо вуҷуди ин, мо набояд ҳангоми интихоби мавод мо набояд фаромӯш кунем, ки далелҳои минтақавӣ зиёд самаранокии раванди таълимро коҳиш медиҳад, зеро аз сабаби фаровонии иттилоот хонандагон аз ҳама муҳимтаринро интихоб карда наметавонанд ва аз ин рӯ азхуд карда наметавонад.

Меъёри муҳими минтақашиносӣ ба принсипи асосии таълими минтақашиносӣ — муқоисаи ду фарҳанг, забони модарӣ ва кишвари забони омӯхташаванда мувофиқат мекунад.

Принсипҳои иловагии интихоби маводи омӯзиши минтақавӣ инҳоянд:

•устуворӣ ва тағирнопазирии далелҳои пешниҳодшуда;

•қобилияти таваҷҷӯҳи хонандагон;

•дастрасӣ ба фаҳмиш;

•навоварӣ нисбат ба донишҳои мавҷуда;

Ҳарчанд борҳо таъкид шудааст, ки маълумоте, ки дар рафти дарс дода мешавад, бояд воқеияти муосири кишвари забони омӯхташавандаро инъикос намояд, аммо ин талабот зарурати ворид намудани далелҳои таърихӣ, истинод ба адабиёти классикӣ, санъат ва ғайраро истисно намекунад. Аммо муҳим аст, ки мероси таърихию фарҳангӣ аз дидгоҳи дарки муосир инъикос ёбад.

Ҳамчунин ҳангоми интихоби иттилоот бояд ба хонандагон ҳамчун намояндагони ин фарҳанги хос тамаркуз карда, маводеро интихоб кард, ки бо тасвири дарки ҷаҳони дар ин ҷомеа қабулшуда мухолифат накунад [8, с. 22].

Дастурҳои методии муосир оид ба таълими забони хориҷӣ тавсия медиҳанд, ки ҳангоми интихоби иттилооти дорои хусусияти минтақавӣ манфиатҳои хонандагон ба назар гирифта шавд. Барои бомуваффакият амалӣ гардондани ин усул дар процесси таълими нутки забони хориҷӣ муаллим бояд ҳам шавқу ҳаваси таълимӣ ва ҳам шавқу ҳаваси таълимии мактаббачагонро бодиккат омӯзад.

Муаллим метавонад дар ин бобат бо мазмуни курсҳои таълимӣ аз фанҳои дигар барои хонандагони ин синну сол, барномаи таълимии умумӣ, инчунин накшаи корҳои беруназсинфӣ шинос шавад. Чунон ки тачрибаи амалй нишон медихад, синфхои хурдсол ба ҳаёти ҳамсолони худ дар мамлакати дигар шавқу ҳавас зоҳир менамоянд. Дар синни наврасӣ хонандагон ба таърих, фарҳанг ва хусусиятҳои ҷуғрофии кишвар, хоҳиши сафар кардан, шинос шудан бо ҳаёти хамсолони хориҷӣ таваҷҷӯҳи бештар пайдо мекунанд.

“Дар мактаби миёна хонандагон ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт дар кишвари забони мавриди ҳадаф таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мекунанд. Онҳо ҳам ба ҳаёти имрӯзаи мамлакат ва ҳам ба маданияти он дар зуҳуроти гуногун: кино, театр, адабиёт, мусикӣ мароқ зоҳир менамоянд” [6, с. 22].

Инчунин таваҷҷуҳ ба зиндагии ҳамсолони хориҷӣ коҳиш намеёбад, маълумот дар бораи маҳфилҳои ҷавонон, ва мушкилоти онҳо муҳим хоҳад буд. Инчунин барои хонандагони синфҳои болоӣ маълумот дар бораи расму оинҳои кишвари забони омӯхташаванда, ҷашнҳои миллӣ ва вижагиҳои ҳаёти миллӣ ҷолиб хоҳад буд.


***Адабиёт***

1. *Азимов, Э.Л. Словарь методических терминов. Теория и практика преподавания языков. / Э.Л. Азимов А.И. Щукин. — Санкт-Петербург, 2011. — 472 с.*
2. *Астапова, Н.О. Лингвистические аспекты межкультурной коммуникации / Н.О. Астапова. — Барнаул, 2012. — 274 с.*
3. *Бим, И.Л. Методика обучения иностранным языком как наука и проблемы школьного учебника. / И.Л. Бим. — М., 2009. — 327 с.*
4. *Бурдина, М. И. Курс страноведения в школах с углублённым изучением английского языка / М.И. Бурдина. // Иностранные языки в школе, 2009. — № 3. — С.28 - 41*
5. *Вайсбурд, М.Л. Роль индивидуальных особенностей учащихся при обучении иноязычному устно-речевому общению / М.Л. Вайсбурд. // Иностранные языки в школе, 2011. — №1. - С.34-40*
6. *Верещагин, Е.М. К проблеме объекта и объёма лингвострановедения. / Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров. — М., 2009. — 124 с.*
7. *Гальскова, Н.Д. Межкультурное обучение: проблема целей и содержания обучения иностранным языкам / Н.Д. Гальскова. // Иностранные языки в школе, 2014. — №1. — С. 15-18*
8. *Елизарова, Г.В. Культура и обучение иностранным языкам / Г.В. Елизарова. — СПб.: 2015. — 351 с.*
9. *Кулахметова, Н.Н. Формы реализации страноведческого и лингвострановедческого компонентов на уроке английского языка в средней школе. / Н.Н. Кулахметова. // Иностранные языки в школе, 2015. — №5 — С. 22-25.*
10. *Маслова, В.А. Лингвокультурология / В.А. Маслова. — М., 2011.*


## КОНСЕПСИЯИ МИНТАҚАШИНОСӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ


Ин мақола дар бораи вазифаи асосии кишваршиносӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ сухан меравад. Кишваршиносӣ ҳамчун илм интихоб ва омӯзиши чунин воҳидҳои забоние мебошад, ки хусусияти миллии кишвар ва миллатро ҳамчун муҳити мавҷудияти забон ба ҳадди аксар ифода кунанд. Маводи минтақашиносӣ барои дарёфти роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун манбаи адонашаванда хизмат мекунад. Ҷорӣ намудани унсурҳои минтақашиносӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар дарс муҳити оптималии забонӣ ба вуҷуд оварда, ҳолатҳои воқеии муоширати шифоҳӣ тақлид карда, ба ин васила шавқу рағбат ва хоҳиши хонандагонро ба муошират бо забони омӯхташаванда афзоиш диҳем.



**Калидвожа:** кишваршиносӣ, воҳидҳои забонӣ, хусусияти милли, маводи минтақашиносӣ, ҳавасмандӣ, манбаи адонашаванда, муошрати шифоҳӣ.


## ПОНЯТИЯ ИЗУЧЕНИЯ СТРАНОВЕДЕНИЯ И ЕЕ РОЛЬ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ


Данной статье речь идет об основной задаче страноведения при обучении иностранным языкам. Этнология как наука – это подбор и изучение таких языковых единиц, которые максимально выражают национальный характер страны и нации как среды языкового существования.

Материал краеведения служит бесценным ресурсом для поиска путей повышения мотивации к изучению иностранного языка. Внедрение элементов краеведения позволяет создать на уроке оптимальную языковую среду, моделировать реальные ситуации устного общения, тем самым повышая интерес и желание учащихся общаться на изучаемом языке.



**Ключевое слово:** Страноведение, языковые единицы, национальные особенности, материалы краеведения, мотивация, источник информации, устное общение.


## CONCEPTS OF STUDYING REGIONAL STUDIES AND ITS ROLE IN THE PROCESS OF TEACHING A FOREIGN LANGUAGE


Article deals with the main task of regional studies in teaching foreign languages. Ethnology as a science is the selection and study of such linguistic units that maximally express the national character of the country and nation as an environment of linguistic existence. Local history material serves as an invaluable resource for finding ways to increase motivation for learning a foreign language. The introduction of

elements of local history allows you to create an optimal language environment in the lesson, simulate real situations of oral communication, thereby increasing the interest and desire of students to communicate in the target language.

**Keyword:** Regional studies, linguistic units, national characteristics, local history materials, motivation, source of information, oral communication.

***Дар бораи муаллиф***
***Қурбонов Тағой Зуҳурович***
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
*кафедраи методикаи*
*таълими забонҳои хориҷии*
*(забонҳои романӣ - германӣ фаронсавӣ)*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003 ш. Душанбе*
*хиёбони Рӯдак121*
*Тел: (+992) 004445973*

***Сведение об авторе***
***Курбанов Тагай Зухурович***
*Кандидат педагогических*
*наук, доцент*
*кафедры методика преподавания*
*иностранных языков (немецкий-*
*французский)*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени Садриддина Айни*
*734003 г. Душанбе проспект*
*Рудаки 121*
*Тел: (+992) 004445973*

***About the author***
***Kurbanov Tagay Zukhurovich***
*Senior Lecturer of the Department of*
*Methods of Teaching*
*Foreign Languages*
*(German - French) of the*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini,*
*734003 city Dushanbe even Rudaki 121*
*Phone: (+992) 004445973*

УДК 338: 802.0

# ФОРМИРОВАНИЕ ТОЛЕРАНТНОСТИ СТУДЕНТОВ СРЕДСТВАМИ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

***Арбобова Т.А.***
*Таджикский госудорственный педагогический университет*
*имени Садриддин Айни*

Новые тенденции современного общества выдвигают перед образованием и воспитанием задачу подготовки молодёжи к жизни в условиях многонациональной и социокультурной среды, сотрудничать с представителями разных национальностей, что непосредственно способствует становлению социальной стабильности в обществе.

Именно в современных условиях толерантность является актуальным социальным термином, и она должна воспитываться на всех этапах развития личности, начиная с самого раннего детства. Воспитание толерантного мышления должна стать рефлексированный моделью поведения каждого человека.

Нормативной и законодательной базой формирования компетенций, способствующих успешной деятельности будущего специалиста, воспитание социокультурных ценностей, толерантных взаимодействий выступают: «Национальная стратегия развития высшего профессионального образования в Республике Таджикистан на 2007-2015 гг., Постановление Правительства Республики Таджикистан «Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в РТ на 2004-2014 годы и его продление на 2015-2020 годы», «Концепция этнокультурного образования в Республике Таджикистан», «Национальная концепция воспитания Республики Таджикистан».

Как отмечается в «Национальной концепции воспитания Республики Таджикистан» «Терпимость и толерантность обусловлена уважением к мнению других людей, быть толерантным по отношению к своему собеседнику, терпеливо выслушивать мнение других. Толерантность является одним из важных признаков гуманного отношения к людям, а также основным фактором предотвращения возможных конфликтов между гражданами» [3, с. 14]. Это качество является важной признаком высокой культуры между людьми и взаимоотношений человека с государством. Общество нуждается в толерантности и терпимости людей, являющихся одним из источников его прогресса.

Следует отметить, что диалоговый подход является наиболее важным с позиции формирования толерантных установок, поскольку толерантность ярко проявляется в процессе взаимоотношений и сотрудничества на разных уровнях.

Особенно следует подчеркнуть значимость изучения дисциплины иностранного языка в формировании толерантности студентов, тем, что содержание самой дисциплины является поликультурным и диалоговым и вместе с тем представляет культуру определённого народа, культуру страны изучаемого иностранного языка. По утверждению А.А. Леонтьева под именем языка мы познаём культуру [1, с. 41-47], но под именем иноязычной культуры понимается правила и нормы поведения представителей другой культуры, инокультурные ценности и нормы, проявляющиеся в общении с другими людьми [1, с. 101]. Вместе с тем невозможно изучить другой язык без понимания и изучения другой культуры. Именно толерантность человека проявляется в том случае, когда имеется конкретное представление об исторических и социокультурных особенностях развития стран изучаемого языка.

Исходя из этого, значимость дисциплины иностранного языка заключается в формировании толерантности будущего специалиста. В настоящее время его задача является обучение иноязычной культуре человека, овладевающего знаниями о системе материальных и духовных ценностей другой культуры, накопленных обществом во всех сферах жизни.

Например, в процессе обучения иностранного языка, следует раскрыть специфические особенности лингвокультуры, учитывая более широкий спектр национальных культур. Таким способом можно раскрыт индивидуальный характер лингвокультуры определённого языка.

В этом направлении следует наглядно продемонстрировать по отдельности каждого слова, исторического происхождения, родства и тесного взаимодействия языков. С целью

выявления исторических связей изучаемой лингвокультуры, наиболее показательна работа с этимологией.

Особенно продуктивность межкультурного взаимодействия можно обеспечить путём использования слова, заимствованные из другого языка, которые поможет учащимся более ясно осознать эффективность потенциального межкультурного взаимодействия разных стран.

Конечно, работа с материалами о культурных традициях разных стран составляет не только продуктивность урока, но и обеспечивает эффективного преподнесения информации по английскому языку. Следует отметить, что формирование толерантности у студентов ведёт к расширению национальной культуры, общечеловеческих ценностей, сотрудничеству народов в развитии мирового наследия как: культуры, науки и технического прогресса.

Итак, толерантное отношение в первую очередь, формирует позитивного отношения к разным культурам, желание узнать другую и поделиться ценностями своей культуры, вести межкультурный диалог на равных.

Более приемлемым способом, является диалог культур, который может стать более важным фактором развития толерантности и осознания студентами собственной национально-культурной идентичности. Толерантность как основное свойство личности представляет собой системы взглядов и ценностей, которой, создается конструктивный диалог с другим человеком на основе взаимопонимания и взаимоуважения.

В педагогической деятельности толерантное отношение преподавателя к студенту, безусловно, требует адекватного оценивания индивидуально-личностные характеристики и коррекции их в случае необходимости. Задача преподавателя оказывать целенаправленное, позитивное влияние на становление личности, соответствующие к его личностным качествам.

В связи с этим изучение английского языка включает в себя самые разные формы взаимодействия, который опирается на коммуникативную толерантность преподавателя обеспечивающий воспитание толерантности у студентов. Коммуникативная толерантность преподавателя заключается в его профессиональной деятельности общение со студентами. Образовательные, воспитательные задачи обучения преподаватель решает именно посредством коммуникации. Например, приобщение к общечеловеческим ценностям возможно лишь через доверительный диалог по отношению к индивидуальности каждого студента. При учёте требования принципа доступности в процессе обучения иностранного языка, имеющий наиболее продуктивный характер для воспитания педагогической толерантности, являются: дебаты, ролевые игры, совместные и групповые проекты.

Необходимо подчеркнуть специфические особенности виды деятельности позволяющие развивать у учащихся качества, которые необходимы для конструктивного взаимодействия, в частности, способность видеть в собеседнике равноправного партнёра, адекватно оценивать на иную точку зрения, отстаивать свою позицию, соблюдая этикета ведения дискуссии.

При организации формы работы следует учитывать содержание тем имеющий воспитательный и обучающий характер. В этом случае подходят различные подходы к решению актуальных учебно-воспитательных и методических задач.

Например, дискуссия, как всестороннее коллективное обсуждение проблемы способствует не только развитию толерантности, но и обогащению специальных знаний, развитию их дивергентного мышления и профессионального самосознания [2, с. 48]. В ходе дискуссии весьма важно учитывать соответствующие речевых «формул вежливости».

Основное назначение педагогического воздействия преподавателя в процессе дискуссии – адекватно его оценить, правильно диагностировав возможные проблемы. Все эти функции решают задачу формирования толерантности у студентов по отношению к окружающему миру на основе сочетания свободы личностного проявления и социокультурной нормы с помощью профессионального выбора методов и форм педагогического воздействия. Анализ результатов дискуссии поможет участникам объективно оценить действенность выбранных коммуникативных тактик и прогнозировать возможных ошибок в дальнейшем. Студентам важно четко сформулировать подходы высокой культуры ведения дискуссии, проявления уважения к собеседнику и позиционировать толерантность в качестве важного фактора успеха.

Заключение. Таким образом, главное достоинство форм и методов деятельности английского языка направленна на осознание студентами ценности культур других народов и национальностей, формирование толерантности и потребности оказывать поддержку партнерам в ходе совместной деятельности. Воспитание толерантности в соответствие логике педагогического процесса предполагает получение студентами достаточно конкретных представлений о сущности толерантности, понимание ими причин ее социальной востребованности, развитие способности к регуляции и организации своей деятельности в соответствии принципами толерантности.

***Литература***


1. *Леонтьев, А.А. Язык не должен быть чужим // Этнопсихологические аспекты преподавания иностранных языков. / А.А. Леонтьев. - М., 1996. - 250 с.*
2. *Морева, Н.А. Современная технология учебного занятия / Н.А.Морева. - М., 2007. - 300.с*
3. *Национальная концепция воспитания Республики Таджикистан. Д., 03.03.2006. - 14 с.*
4. *Национальная концепция образования Республики Таджикистан. Д., 02.05.2002. - 256 с.*
5. *Понкин, И. В. Толерантность и толерантизм в свестком госудрастве / И. В. Понкин. // Образование. – 2003-№5 – 180с.*
6. *Сафонова, В.В. Изучение языков международного общения в контексте диалога культур и цивилизаций. Воронеж: / В.В. Сафонова. - Истоки, 1996. – 237с.*
7. *Таланов В.И. Образование и култура толерантности // В.И. Таланов. / Высщее образование в Росии. 2001- №3. -326 с.*
8. *Толерантное сознание и формирование толерантных отнощении / Под ред. С.К. Бондаревой. - М.: издательство. Московский психолого-социальный институт, 2002. - 400 с.*
9. *Толерантность и культурная традиция / Под. ред. М.Ю. Мартыновой.-: РУДН: Институт энологии и антропологии РАМ, 2002. - 520с.*
10. *Федоренко, Л. Г. Толерантность в общеобразоввтельной школе: Методические материали / Л.Г. Федоренко. - СПБ. : Каро, 2006. – 260 с.*


## ФОРМИРОВАНИЕ ТОЛЕРАНТНОСТИ СТУДЕНТОВ СРЕДСТВАМИ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА


Статья посвящена проблеме воспитания толерантности студентов средствами дисциплины иностранного языка. В статье подчеркивается значимость изучения дисциплины иностранного языка в формировании толерантности студентов, тем, что содержание самой дисциплины является поликультурным и диалоговым и вместе с тем представляет культуру определённого народа, культуру страны изучаемого иностранного языка. Для достижения воспитания толерантного отношения преподаватель иностранного языка должен использовать самые разнообразные формы и методы обучения и воспитания. Педагогическая толерантность рассматривается в статье как профессионально важное качество преподавателя, являющееся неотъемлемым элементом его профессиональной деятельности.



**Ключевые слова:** толерантное отношение, студент, средства иностранного языка, формы и методы обучения, лингвокультура, культура, язык, дискуссия, инокультурные ценности.


## ТАШАККУЛИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ


Мақола ба масъалаи тарбияи таҳаммулпазирии донишҷӯён тавассути фанни забони хориҷӣ бахшида шудааст. Дар мақола аҳамияти омӯзиши фанни забони хориҷӣ дар ташаккули таҳаммулпазирии донишҷӯён таъкид шудааст, ки мазмуни худи фан бисёрфарҳангӣ ва интерактивӣ буда, ҳамзамон фарҳанги як халқ, фарҳангро ифода мекунад. кишвари забони хориҷие, ки омӯхта мешавад. Барои ноил шудан ба тарбияи муносибати таҳаммулпазирӣ омӯзгори забони хориҷӣ бояд шаклу усулҳои гуногуни таълиму тарбияро истифода барад. Таҳаммулпазирии педагогӣ дар мақола ҳамчун сифати муҳими касбии омӯзгор баррасӣ мешавад, ки ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти касбии ӯ мебошад.



**Калидвожаҳо:** муносибати таҳаммулпазирӣ, донишҷӯ, воситаи забони хориҷӣ, шаклу усулҳои таълим, фарҳанги забонӣ, фарҳанг, забон, баҳс, арзишҳои фарҳангӣ.


## FORMATION OF STUDENT'S TOLERANCE BY MEANS OF A FOREIGN LANGUAGE


The article is devoted to the problem of educating students' tolerance by means of the discipline of a foreign language. The article emphasizes the importance of studying the discipline of a foreign language in the formation of students' tolerance, by the fact that the content of the discipline itself is multicultural and interactive and at the same time represents the culture of a certain people, the culture of the country of the

studied foreign language. To achieve the education of a tolerant attitude, a foreign language teacher must use a wide variety of forms and methods of teaching and education. Pedagogical tolerance is considered in the article as a professionally important quality of a teacher, which is an integral element of his professional activity. Pedagogical tolerance is considered in the article as a professionally important quality of a teacher, which is an integral element of his professional activity.

**Key words:** tolerant attitude, student, means of a foreign language, forms and methods of teaching, linguistic culture, culture, language, discussion, cultural values.

***Дар бораи муаллиф***
*Арбобова Тутигул Анваровна*
*Омӯзгори калони*
*кафедраи умумидонишгоҳии*
*забонҳои хориҷии*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,*
*734003 ш. Душанбе проспект*
*Рӯдакӣ 121, Тел: (+992) 933050651*

***Об авторе***
*Арбобова Тутигул Анваровна*
*Старший*
*преподаватель общеуниверситетской*
*кафедры иностранного языка*
*Таджикский государственный педагогический*
*университет имени Садриддина Айни.*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 933050651*

***About the author***
*Arbobova Tutigul Anvarovna*
*Senior lecturer, interfaculty*
*Department of Foreign Languages*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini,*
*734003 city Dushanbe even Rudaki 121,*
*Phone: (+992) 933050651*

ТДУ 372.8:51

# МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ ДАР ТАЪЛИМИ МЕТЕМАТИКАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Мухамадиева Л.М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Рушди босуръати илму техника ва технологияи имрӯза аз мо талаб мекунад, ки фаъолияти маърифатӣ, иҷтимоӣ ва касбиашро ба талаботи замони нав мутобиқ созад. Дар замони имрӯза, интиқол додани донишҳои кӯҳна самара намедиҳад. Аз ин лиҳоз таълим, дониш, малака ва маҳоратҳоеро бояд дар хонанда ташаккул диҳад, ки ӯ тартиби фаъолият, ҷамъоварии маълумотҳои зарурӣ барои ҳалли масъалаҳоро мустақилона анҷом дода, муқоиса, таҳлили ақида ва ахбор, арзёбии раванди иҷроиши фаъолият, муайян кардани ғалатҳо ва ислоҳи онҳо, ба роҳ мондани муоширати созанда бо иштирокчиёни дигари равандҳоро ба нақша гирад ва тадбиқ карда тавонад. Ин талабот моро водор месозад, ки ҳангоми таълими асосҳои бунёдии фан дар хонандаҳо на танҳо салоҳиятҳои фаннӣ, инчунин салоҳиятҳои дигареро, ки ҳангоми пеш бурдани фаъолияти касбии оянда дар зиндагӣ ва фаъолияташ зарур мешаванд, инкишоф диҳем.

Муносибати босалоҳият дар таълими омӯзиш ва инкишофи фанни математикаи ҳозиразамон таъсири калон расонд - он чун таҳкурсии як қатор фаслҳои нави математика, аз нуқтаи назари имрӯза ва худи предмети математика ба шумор меравад.

Насли наврасро дар ҷараёни таълим, ба пешрафту тараққиёти ҷамъият ва инкишоф додани он ҳидоят намудан лозим аст. Дар ҷараёни таълим ҳар як омӯзгори фанни математика вазифадор аст, ки барои ба хонандагон инкишоф додани фаъолияти математикӣ, хотира, диққат, тасаввуроти эҷодкорона ва ғайраро тарбия намояд. Дар солҳои охир дар барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо тағйироти куллӣ ворид шуда истодааст, ки он ба фазои ҷаҳонии таҳсилот воридшавии системаи маорифи кишвар мусоидат менамояд. Ҷаҳонӣ шудани таҳсилот моро водор месозад, ки ҳамқадами замона бошем.[3, с. 28-40]. Вобаста ба талаботи имрӯза хонандагон бояд натанҳо ҷузъиёти асосии донишро омӯзанд, балки тарзҳои донишомӯзӣ ва методҳои фаъолиятро аз худ карда, тавассути он дониши нав гирифта, маҳорату малакаи худро инкишоф диҳанд. Вобаста ба ташкилу гузаронидани дарсҳои гуногуннавъ ва мураттаб сохтани мазмуну мундариҷаи онҳо, иҷро кардани пайдарпайии амалиёт дар зинаҳои таркибии дарс, муайян кардани фаъолияти омӯзгору хонандагон мебошад. Зеро дар раванди таълими математика таъсири мутақобилаи мазмуни таълим, фаъолияти омӯзгору хонандагон ва воситаҳои маводи дидактикии таълимӣ буда, дар шакл ва тарзҳои гуногун ташкил карда мешаванд. Яке аз вазифаҳои муҳими таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо дар хонандагон пайдо намудани малакаи кори эҷодии мустақилона мебошад, ки онҳо малакаи ҳосилкардаи худро минбаъд барои боз ҳам, бештар баланд бардоштани савияи илмӣ-назариявии худ татбиқ карда тавонанд.[11, с. 56-78]. Фаъолияти кори мустақилонаи хонандагон яке аз хусусиятҳои характерноки дарс дар муассисаҳои таҳсилоти таълимии ҷумҳурӣ мебошад. Алҳол нишондодҳои методӣ ба омӯзгорон асосан дар намуди умумӣ дода шуда, таҷрибаи педагогӣ собит менамояд, кӣ маводҳои дидактикии мавҷуда аз математика барои синфҳои болои то андозае ба омӯзгорон барои ташкили корҳои мустақилона ёрӣ расонанд ҳам, онҳо пурра нагардидаанд. Илова бар ин, шаклҳои гуногуни корҳои мустақилонаи пешниҳодгардида равиши муайяни методӣ дошта, дар қисми зиёди хонандагон дастнорас мебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо ба хонандагон пайдокунондани малакаи кори эҷодии мустақилона мебошад, ки онҳо малакаи ҳосилкардаи ҳудро минбаъд барои боз ҳам баланд бардоштани савияи илмӣ- назариявии худ тадбиқ карда тавонанд. Дониш, малака ва маҳорати хонандагон ба таълими математика дар натиҷаи кӯшиш ва машққуниҳои зиёд ҳосил мегардад. То он даме, ки дар мавриди масъалаҳалкунӣ хонандагон фаъолияти салоҳиятияшонро кор нафармоянд ва дар

ин кор малака пайдо накунанд, ҳеҷ гоҳ ин ва ё он масъаларо мустақилона ҳал карда наметавонанд [3, с. 120-132].

Дар ҳалли мисол ва масъалаҳо нақши омӯзгор хеле калон аст. Хонандагон дар таҳти роҳбарии омӯзгор мустақилона фикр рондан ва мустақил кор карданро меомӯзанд. Бинобар ин, дар хонандагон ҳаваси ба таври мустақил кор карданро бедор кунонидан зарур аст. Онҳоро барои дар хона мустақилона кор карда тавонистан, матни китобро хонда, хулоса баровардан, сохтани нақшаҳо, схемаҳо, чадвалҳо, диаграммаҳо, моделҳо ва ғайра одат кунондан лозим аст. Бо ин мақсад омӯзгор ҳангоми супоридани вазифаи хонагӣ дар бораи тарзи ҳал кардани мисолу масъалаҳо, тарзи хондани матни китоби дарсӣ ва ғайра мухтасар дастур медиҳад.

Ҳар як кори мустақилонае, ки аз тарафи омӯзгор ташкил ва гузаронида мешавад, бояд аз хонандагон ягон қоида, таъриф, формула ва пайдарпайии амалиро талаб намояд, то ки барои иҷрои он хонандагон салоҳиятнокӣ, фаъолияти шахсии худро истифода баранд. Дар аксар маврид омӯзгорон хонандаро ба назди тахтаи синф даъват намуда, ба ӯ ҳал кардани мисолу масъалаҳо ё ба як қатор саволҳо ҷавоб доданро талаб менамоянд. Ин намуди кор – кори ниммустақилона мебошад. Зеро ки дар ин ҳолат хонанда ба амали иҷро кардааш бовар накарда, ба ёрии омӯзгор интизор мешавад. Раванди масъалаҳалкунӣ аз кори ниммустақилонаи хонандагон оғоз шуда, бо кори мустақилонаи онҳо хотима меёбад, яъне дар охир бо ёрии ташкил намудани кори мустақилона дараҷаи дарс азхудкунии ин ё он хонандаро санҷидан ва ошкор кардан осон мегардад. Хонандагонро ба он одат кунондан лозим аст, ки онҳо ҳангоми мустақил ҳал кардани мисол ё масъала аввал ба ҷавоби он муроҷиат накарда, балки аз ҷиҳати мантиқӣ худашон фикр карда, роҳи ҳалли онро пайдо намуда, ҳал кунанд ва ҳалли масъаларо санҷанд. Баъзан дар таҷриба чунин вазъият мушоҳида карда мешавад, ки аз сабаби нодуруст ҳал кардани мисол ё масъала ҷавоби он нодуруст мебарояд ва ба ҷавоби китоб мувофиқат намекунад. Дар ин сурат омӯзгор ҷавоби китобро хато мепиндорад. Барои он ки чунин вазъияти ногувор руй надиҳад, омӯзгор бояд дар раванди таълим хонандагонро ба он одат кунонад, ки онҳо саҳеҳии ҳар як корашонро дуруст санҷида тавонанд ва ба дурустии ҷавоби ҳосилкардаашон боварии комил ҳосил кунанд. Дар мавриди мувофиқат накардани ҷавобҳо, хатогии дар китоб содиршударо дарёфт кунанд. Ин албатта, дар натиҷаи ба таври мустақил гузаронидани кори мустақилона ба даст оварда мешавад. Кори мустақилонаи хонандагон ин яке аз хусусиятҳои характерноки дарс дар муассисаҳои таҳсилоти таълимии ҷумҳурӣ мебошад.[1, с. 52-60]

Дар асоси ташкили ратсионалии дарс як қатор талаботе гузошта шудаанд, ки ба муаллим имконият медиҳанд фаъолияти самарабахши хонандагонро дар азхудкунии донишҳои ҳатмӣ, ки стандарти умумии маълумоти математикӣ муайян мекунад, ба роҳ монад Дар якҷоягӣ ҳадафи ин талабот омӯзгорро ба сохти беҳтарини (оптималии) дарс наздик овардан аст, то ки ӯ дарсро ба тартиб дарорад ва бо ҳамин роҳ натиҷаи ниҳоии таълимро, ки инкишофи дониш, маҳорату малакаҳои математикӣ мебошанду ба инкишофи шахсияти мактаббачагон кӯмак мерасонанд, баланд бардорад. Бо тарзи дигар.

Маҷмӯи талабот дар як вақт маҳаки сифатии дарс бояд бошад, зеро барои баҳо додан ба дарс системаи муайяни нишонаҳо лозиманд. Маълум аст, ки системаи номбурда фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, балки онро барои ба маҷрои муайян даровардан ёрӣ мерасонад.

Тавре, ки қайд шуд, таълифи ҳар як дарс аз дарки мақсадҳои он оғоз меёбад. Омӯзгор ягон намуди беҳтарини дарсро барои беҳтар ба мақсад расидан муайян карда, чӣ тавр ва бо кадом воситаҳо ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоиро ба нақша мегирад. Ба ақидаи аксарияти онҳое, ки ба таҳқиқи проблемаи дарс машғуланд, ин гуна ба нақшагирии дурнамои дарс зарур аст ва он ба талаботи сохти дарс равона шудааст.

Дарс ҳамеша аз тайёрӣ ба он сар мешавад: одатан синфхонаи математикаро ба он омада кардан зарур аст, ки воситаҳои аёнӣ ва техникӣ, инчунин маводҳои методӣ ва дидактикиро мувофиқи мавзӯи дарс ҷудо бояд кард ва ғайра. Ин талабот фаъолияти омӯзгорро оид ба тайёрӣ ва ташкилии дарс муайян мекунанд, ки мо онро шартан талаботи тартиби дуюм меномем.

Маълум ки дар як дарс мисол ва масъалаҳои гуногун ҳалли худро меёбанд вале дар ҳамон як дарс ҳамин талаботи болоиро иҷро кардан амрест ғайриимкон. Бинобар ин талаботи гузошташударо дар системаи дарсҳо амалӣ гардонидан мувофиқи мақсад мебуд.

Мухтасар талаботи номбаршударо ифода мекунем.

- дуруст муайян кардани мақсади дарс ва мавқеи он дар системаи дарсҳои ба ҳамон як мавзӯъ бахшида шуда (бо назардошти он ки мавзӯи дарс мувофиқи мазмун ба зермавзӯъҳои мазмуни мустақил дошта, чудо карда мешаванд ва барои ҳар кадоми ин қисмҳо мақсади муайян гузошта, воситаҳои беҳтарини ба мақсадрасӣ пешакӣ муайян карда мешаванд);

- муайян кардани намуди дарс, асосноккунии сохти он (ҳар як қисмҳои дарс бояд ба ҳам алоқаманд бошанд);

- мавзуи дарсро бо мавзӯъҳои пештар ва дар оянда омӯхташаванда алоқаманд кардан;

- интихоб ва тадбиқи беҳтарини методҳои омӯзиши мавзӯи нав;

- таъмини мунтазами тартибнок ва гуногуни дониш ва малакаҳои гирифтаи хонандагон;

- муайян кардани тартиби такрорӣ ва мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда;

- мувофиқи имконияти хонандагон вазифаи хонагӣ супоридан;

Омӯзгор барои таълимӣ мавзӯъ, мақсад ва мундариҷаи таълим, тарзи фаъолияти хонандагон, робитаи мутақобиларо ба нақша гирифта, дар ҷараёни дарс ва анҷоми он арзёбӣ менамояд. Дар муносибати босалоҳият мақсадгузориҳои омӯзгор дар асоси муаммогузорӣ оғоз гардида, дарс бо ташаккули салоҳиятҳо ба нақша гирифта мешавад [2, с. 35-42]. Ва сабаби ба ҳар як нафар салоҳият додан ин дар он аст, ки омӯзгор корҳоро байни хонандагон тақсим карда, сарҳади фаъолияти ҳар як нафарро муайян мекунад.

Ҳадафҳои асосии салоҳиятнокии таълими математика: таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофёбанда мебошанд. Амалисозии функсияи таълимӣ, ташаккулёбии қобиляти ба амал баровардани фаъолияти эҷодиро таъмин намуда, барои аз худ намудани системаи донишҳои математикӣ дар дарки олами гирду атроф кӯмак менамояд. Мазмуни функсияи тарбиявӣ дар хонандагон дида тавонистани шаклгирии қобилият, диққат, хотира, тафаккур, фаъолии идрок ва мустақилият, усулҳои мантиқии фаъолияти фикрӣ ва усулҳои умумитаълимӣ мебошад.

Барои ба ин ҳадафҳо ноил гардидан усул, шакл ва воситаҳои зиёди таълим мавҷуданд. Муҳим ин аст, ки аз байни онҳо интихоби дуруст намоем, то ин ки натиҷаи самарабахш диҳад. Дар замони асри XXI зиндагӣ мекунем. Ҳамаи мо медонем, ки асри XXI асри техника ва технология аст. Барои ба дарс ҷалб намудани хонандагон мо аз техникаву технология самарабахш истифода барем. Масалан дар фанни математика баъзе мафҳумҳо мафҳумҳои аввалин мебошанд, ки онҳо муайяннашавандаанд. Мафҳумҳои адади натуралӣ, нуқта, хати рост ва ғайра. Агар мо бо маводи нав мавзуҳои содаю мураккабро бо истифодаи воситаҳои аёнӣ ва компютерӣ омӯзонем онгоҳ ин хонандагонро ба мавзӯи омӯхташаванда бедор мекунад. Дар давраи омӯзиши фанни математика шавқу ҳаваси зиёд пайдо карда, ҳаваси дар дарс кор кардан ва фаъол шудани хонандагон бедор гардида, онҳо низ барои фаҳмидани маводи нав кӯшиш мекунанд. [6, с. 70-78]. Ва ҳама вақт ба манитор диққат намуда, талош мекунанд, ки аз муаллим як дониши навро аз худ кунанд.

Вале барои сифати натиҷаи кор самарабахш бошад, муҳим аст, ки ҳама вақт аз омӯзгор ва хонандагон кӯшиш ва талоши зиёд талаб карда шавад. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон татқиқотҳои гуногун дода шавад: кашфи фигураҳои гуногун, омӯзиши ҳосиятҳои фигураҳо ва қоидаҳои математикӣ ва ғайра. Хонандагон мустақилона маълумоти математикӣ ва геометрӣ, баён намудани дониши фикри ақидаи худро пешниҳод карда, рӯз ба рӯз гирифтани маҳоратҳои зерин кӯмак мекунад:

- салоҳиятнокии дониши худро мустақилона, равон, озодона баён намудан ва тавонистани худбаҳодиҳӣ ба дониши худ.

- муносибати босалоҳият дар таълими фанни математика, иҷро кардани мисол ва масъалаҳо бо роҳҳои гуногун.

- фаолиятнокии худро бо татқиқотҳои гуногун амалисозӣ ва худназаркунонӣ.

Хонандагони имрӯзаи мо ҳар дарс аз омӯзгор як дарси хубу шавқоварро интизор мешаванд.Аз ҳамин сабаб педагог ҳар дарси навро бо методҳои гуногун бояд гузаронад, ва ба диққати хонандагон расонад. Масалан, бозиҳои дидактикӣ, кори лабараторӣ, усули классикӣ ва ғайра[7, с. 36-70].

Стандарти математикаи мактабӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, ҳадди ақали сарбории фанни мазкур, сатҳ ва сифати омодагии талабагонро доир ба фанни мазкур, натиҷаҳои таълими (дар шакли салоҳиятҳо) фанни математика мувофиқи самтҳои таълимӣ муайян менамояд.

Стандарти фанни «Математика» барои синфҳои 5-11 дар соҳаҳои зайл татбиқ мегардад:

Сохторҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барнома, китоби дарсӣ, маводи санҷишӣ ва дигар маводи таълимии фанни математикаро таҳия ва тасдиқ мекунанд:

Мактабҳои олӣ, донишкадаҳо ва марказҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми тарҳрезии барномаҳои таълимии мутахассисон:

Муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, мутахассисони фанни математика, масъулини таҳия ва коркарди барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи дигари таълимию методӣ:

Сохторҳои давлатии назорати сифати таълим ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии соҳаи маориф ҳангоми таҳияи воситаҳои назорат ва санҷиши сифати таълими фанни математика, омода намудани омӯзгорон, такмили ихтисоси онҳо ва таъмини ёрии методии омӯзгорони фанни математика:

Сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳангоми таҳияи саволномаҳо, супоришҳо ва тестҳо барои санҷидани дониш, малака ва маҳорати хонандагон.

Мақсад ва вазифаҳои фанни «Математика» дар синфҳои 7-умро ба тариқи зерин арзёбӣ кардан мумкин аст. Математика дар системаи маърифати инсон мақоми хос дорад.[8, с. 15-38]

Математика аз он ҷиҳат муҳим аст, ки мавзӯи омӯзиши худро сохтори асосии ҳастӣ қарор дода, шаклҳои фазоӣ ва муносибатҳои миқдории оламро таҳлилу таҳқиқ менамояд. Ин сохторҳои асосии ҳаётӣ аз таҷрибаи инсон то мураккабтарин сохторҳое мебошанд, ки ба ғояҳои илмӣ-технологӣ вобастаанд.

Математика забони илм ва техника буда, ба ҳаёти ҳамарӯзаи инсон бемайлон дохил мешавад ва дар соҳаҳои гуногун дар назари аввал аз математика дур татбиқ меёбад. Ин мақом бо инкишофи мошинҳои электронии ҳисоббарор ва компютергардонии ҷомеа пурзӯр гардида, аз ҳар фарди ҷомеа дониши мушаххас ва тафаккури махсуси математикиро талаб мекунад. Бе донишҳои махсуси математикӣ фаҳмиши сохт ва истифодаи техникаи муосир, донишҳои мукаммали илмӣ, фаҳмиш ва шарҳи ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ мушкил мебуд, фаъолияти амалии ҳамарӯзаи инсон натиҷаи зарурӣ намедод.

Моҳияти математика дар он низ зоҳир мегардад, ки вай ба сохтори умумии амалии инсон бо табиат ва ҷамъият машғул аст ва дар як вақт ин муносибатро ба қобилияти шахсии инсон дар шароити мавҷудият, амалиёт ва инкишофи фикрии он табдил медиҳад. Дар ин гуфтор моҳияти гуманистии математика зоҳир мешавад.

Математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (математика, алгебра, геометрия) ҷузъи таркибии математикаи умумӣ буда, аз маҷмӯи мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳои ҷудогона иборат мебошад, ки ҳиссае аз хазинаи маърифати умумиинсониро ташкил медиҳад. Аз худ кардани донишҳои математикӣ чун қисми таркибии таҷрибаи иҷтимоӣ шарти зарурии инкишофи инсон мебошад.[5, с. 67-80]

Таълими математика бояд ба ҷараёни азбаркунии донишҳои математикӣ мусоидат кунад. Дар ҷараёни таълими математика бояд аз нав ҳосил кардани донишҳое ба вуқуъ ояд, ки дар раванди фаъолияти амалии инсон гирд омада ва санҷида шудаанд. Тахассусҳое ҳастанд, ки эҳтиёҷашон ба маълумоти математикӣ хеле зиёданд (физика, химия, техника, информатика, биология, психология, иқтисодиёт, тиҷорат, молия ва бисёр соҳаҳои дигар), бинобар ин доираи хонандагоне, ки барояшон дурнамои математика воситаи интихоби касб мегардад, васеъ мешавад.

Математика (алгебра,геометрия) яке аз фанҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад, вай ба омӯзиши дигар фанҳои мактабӣ мусоидат менамояд. Маҳорат ва малакаҳои зарурие, ки тавсифи амалӣ доранд, барои тайёрии меҳнатӣ ва касбии хонандагон зарур мебошанд.

Дар талабагон инкишоф ёфтани тасаввуроти дуруст дар бораи табиати математика, моҳият ва пайдоиши абстраксияҳои математикӣ, муносибати байни реалӣ ва идеалӣ, тавсифи инъикоси ҳодиса ва равандҳо ба воситаи фанни математика ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии онҳо мусоидат мекунад.

Омӯзиши математика аз талабагон ҷидду ҷаҳди фикрронӣ ва боиродагӣ, фаъолияти тасаввуроти оқилонаро талаб менамояд.[10, с. 76-82] Математика устуворӣ, мақсаднокӣ, фаъолияти эҷодкорӣ, мустақилӣ, масъулият, меҳнатдӯстӣ, интизом ва тафаккури танқидиро ташаккул медиҳад.

Вазифаи муҳимтарини курси математикаи мактабӣ, аз ҷумла масъалаҳои матнӣ, инкишоф додани тафаккури мантиқии талабагон мебошад. Он мувофиққати дохилии математикаро

ошкор намуда, фаҳмиши пурра ва нозукии мулоҳизаҳои математикиро ташаккул медиҳад ва ба дарк кардани шаклҳои геометрӣ ёрӣ мерасонад. Ҳамзамон математика табиати эстетикии талабагонро афзун мегардонад. Омӯзиши масъалаҳои матнӣ барои ғани гардонидани тасаввуроти фазоии хонандагон ёрӣ мерасонад ва асоси маърифати технологӣ ҳисоб меёбад. Инкишофи тасаввуроти дуруст дар бораи табиати математика, моҳият ва пайдоиши абстраксияҳои математикӣ, муносибати байни воқеият ва тахайюлот, тавсифи инъикоси ҳодиса ва равандҳо ба воситаи фанни математика ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни фаъолияти математикӣ, аз он ҷумла дар ҳалли масъалаҳои матнӣ ба хазинаи усулҳо ва методҳои тафаккури инсон бо тарзи табиӣ, индуксия ва дедуксия, ҷамбаст ва мушаххасгардонӣ, анализ ва синтез, тасниф ва системабандӣ, абстраксия ва аналогия дохил мегарданд. [11, с. 35-40] Математика дар ташаккули алгоритмонӣ мавқеи асосӣ дорад, он маҳорати мувофиқи алгаритми додашуда, сохтани алгаритми навро тарбия мекунад, ки унсурҳои асосиаш дар ин зинаи таҳсилот шакл мегиранд ва инкишоф меёбанд.

Дар қатори забони табиӣ дар ҳамбастагӣ истифода бурдани забони математика бо дигар забонҳо имкон медиҳанд, ки дар хонандагон фаҳмиши амиқ, сарфакорӣ, нутқи иттилоотӣ инкишоф дода шуда, маҳорати бо воситаи забони (рамзӣ, графикӣ ва ғ.) муҳокимаронии дуруст ташаккул дода шавад.

Вазифаи муҳими ҳалли масъалаҳои матнӣ дар математика инкишоф додани тафаккури мантиқии хонандагон, дурнамои асосии маърифати техникии онҳо мебошад. Шиносоӣ бо таърихи бою рангини математика, бо намояндагони машҳури бунёдии ин фан, таърихи кушодани ихтирооти бузург, хазинаи маънавии илмию таърихии мактабиёнро бой мегардонад ва математикаро ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги умумибашарӣ муаррифӣ мекунад.


***Адабиёт***

1. *Алимов, Ш.А. Алгебра синфи 7 / Ш.А. Алимов. – Москва: Просвещении 1995. - 144 с.*
2. *Барабанов, В.В. Задание компетентностей направленности на аттестационных экзаменах географии. - 2008, №6 - С.38 - 46*
3. *Кострикина Н.П. Задача повышенной трудности в курсе математики 4 – 5 классов / Н.П. Кострикина. – Москва: Просвещение, 1986. - 94 с.*
4. *Макарычев Ю.Н. Алгебра для 6 класс средней школы. Подредакцией. / Ю.Н. Макарычев. – М.: Просвещение, 1985. -230 с.*
5. *Макарычев, Ю.Н. Алгебра синфи 7. / Ю.Н Макарычев. – Душанбе: Маориф, 2013. – 240 с.*
6. *Нугмонов, М. Дарси математикаи мактабӣ / М. Нугмонов. – Душанбе: Сифат, 2011. – 110 с.*
7. *Нугмонов, М. Дарси муоссири математикаи мактабӣ. / М. Нугмонов. – Душанбе, 2018. - 224 с.*
8. *Нугмонов, М. Пайдарҳамии таълимми математика дар мактаби таҳсилоти умумӣ / М. Нугмонов (монография). – Душанбе: АИП, 2005. – 168 с.*
9. *Нугмонов, М. Стандарти давлатии маълумоти математикӣ. Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷ.Т. китоби 2. / М. Нугмонов. - Душанбе: Поликон, 2005. - 134 с.*
10. *Теляновского С.А. Алгебра для 8 класса средней школы. Под редакцией. / С.А. Теляновского –М.: «Просвещение», 1988. - 300 с.*
11. *Яковлева, Г. Н. Пособие по математике для поступающих в Вузы. Подредакцией / Г. Н. Яковлева. - Москва наука 1981. - 608 с.*


## МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ ДАР ТАЪЛИМИ МЕТЕМАТИКАИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ


Ҳадаф аз мақолаи мазкур муносибати босалоҳият дар таълими математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Вобаста ба ин мақсад дар мақолаи мазкур бартариятҳои низоми муносибати босалоҳият дар таълим, нисбат ба низомианъанавӣ дарҷ гардидааст. Инчунин дар мақола мақсад ва вазифаҳои фанни “математика” дар синфи 7-уми арзёбӣ гардидаанд. Ғайр аз ин вазифаҳои муҳими ҳалли масъалаҳои матнӣ барои ташаккули тафаккури мантиқию математикии хонандагон муайян карда шудааст. Инчунин вазифаи муҳими ҳалли масъалаҳои матнӣ дар математика инкишоф додани тафаккури мантиқии хонандагон, дурнамои асосии маърифати техникии онҳо мебошад. Шиносоӣ бо таърихи бою рангини математика, бо намояндагони машҳури бунёдии ин фан, таърихи кушодани ихтирооти бузург, хазинаи маънавии илмию таърихии мактабиёнро бой мегардонад.



**Вожаҳои калидӣ:** дониш, малака, маҳорат, муносибат, салоҳиятнокӣ, омӯзиш, инкишоф, масъала, ниммустақилона, мустақилона, музмун, фаъолият, мавод, методӣ, дидактикӣ, робита, мутақобил, восита, арзёбӣ.

**КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД В ОБУЧЕНИИ МАТЕМАТИКЕ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ОРГАНИЗАЦИИ**

Целью данной статьи является подход к компетентности в обучении математике в учреждениях общего среднего образования. С этой целью в данной статье представлены преимущества системы компетентностного отношения в образовании по сравнению с традиционной военной. Также в статье оцениваются цель и задачи предмета «математика» в 7 классе. В дополнение к этим определены важные задачи решения текстовых задач для формирования логико-математического мышления учащихся.

Также важной задачей решения текстовых задач по математике является развитие у учащихся логического мышления, базовый проблематики их технических знаний. Знакомство с красочной историей математики, с известными представителями основоположников этого предмета, историей великих изобретений обогащает духовную, научную и историческую сокровищницу школьников.

**Ключевые слова:** знание, умение, умение, отношение, компетентность, звук, развитие, проблема, полу самостоятельный, самостоятельно, содержание, деятельность, материал, методический, дидактический, связь, взаимодействие, инструмент, оценка.

**COMPETENCY APPROACH IN MATHEMATICS TEACHING IN GENERAL SECONDARY EDUCATION INSTITUTION**

The purpose of this article is the approach to competence in teaching mathematics in institutions of general secondary education. For this purpose, this article presents the advantages of the system of competent attitude in education, compared to the traditional military. The purpose and tasks of the subject "mathematics" in the 7th grade are also evaluated in the article. In addition to these important tasks of solving textual problems for the formation of logical and mathematical thinking of students have been determined.

Also, the important task of solving textual problems in mathematise is the development of student' logical thinking, the basic perspective of their technical knowledge. Acquaintance with the colorful history of mathematics, with the famous representatives of the foundation of this subject, the history of great inventions, enriches the spiritual, scientific and historical treasury of schoolchildren.

**Key words:** knowledge, skill, skill, attitude, competence, sound, development, problem, semi-independent, independently, content, activity, material, methodical, didactic, connection, interaction, tool, assessment.

***Дар бораи муаллиф***
*Мухамадиева Лолахон Мамаюсубовна*
*Унвонҷӯи*
*кафедраи методикаи таълими математика*
*Донишгоҳи давлати омӯзгори Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ,*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе хиёбони Рӯдаки 21*
*Тел: (+992) 917850595.*
*E-mail: lolamuhamadieva 13@gmail.com*

***Об авторе***
*Мухамадиева Лолахон Мамаюсубовна*
*Соискатель кафедры*
*методика обучение матетематики*
*Таджикский государственный педагогический*
*университет имени Садриддин Айни,*
*734003 РТ г. Душанбе проспект Рудаки 121*
*Тел: (+992) 917850595.*
*E-mail: lolamuhamadieva 13@gmail.com*

***About the author***
*Mukhamadieva Lolahon Mamayusubovna*
*The Applicant of the Department*
*of Methods of Teaching Mathematics*
*of the Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini,*
*734003 RT, Dushanbe, Rudaki Avenue 121*
*Phone: (+992) 917850595.*
*E-mail: lolamuhamadieva 13@gmail.com*

ТДУ 372.853(575.3)

# ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ КАФЕДРАИ «МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА» ДАР СОЛИ 2022


***Ҳасанова Б.Ҳ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*


Кафедраи методикаи таълими физика соли 1974 таъсис ёфтааст. Асосгузор ва сарвари аввалини он устод Ғулом Ҷабборов буданд. Аъзоёни кафедра баҳри ҳалли масоили умдаи таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ)-и ҷумҳурӣ корҳои зиёде ба сомон расонданд. Натиҷаҳои корҳои илмӣ-методии аъзоёни кафедра дар нашриёҳои умумиттифоқӣ («Физика в школе», «Народное образование», «Вестник высшей школы»), ҷумҳуриявӣ («Маърифати омӯзгор» (собиқ «Мактаби Советӣ» ва «Маърифат»), «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ», «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», «Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд», «Ахбороти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳафтаномаи «Омӯзгор») ва маҷмӯаҳои дигар нашр гардидаанд. Дар тӯли фаъолияти кафедра аъзоёни он садҳо номгӯй мақолаҳои илмӣ-методӣ, васоити таълимию методӣ таҳия намуда, дастраси устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва омӯзгорону хонандагони МТМУ гардонидаанд.

Кафедраро дар солҳои гуногун устодони варзида: дотсент Ҷабборов Ғ.Ҷ. (солҳои 1974-1984), дотсент Шодиев Т.Ш. (солҳои 1984-1986), муаллими калон Норкулов А. (солҳои 1986-1987), дотсент Бобоев В.Б. (солҳои 1987-1992), профессор Мирзоев Б. (солҳои 1992-2002), дотсент Ҷумъаев Ҳ.Қ. (солҳои 2002-2011) ва дотсент Умаров У.С. (солҳои 2011-2020) сарварӣ кардаанд. Хизмати ин устодон дар пешрафти фаъолияти кафедра, тайёр кардани омӯзгорони физика барои МТМУ-и Ҷумҳурӣ ва берун аз он, инчунин дар инкишофи маорифи кишвар хеле калон аст.

Кафедраро аз моҳи августи соли 2020 номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҷабов У.Х. роҳбарӣ мекунад. Устодони кафедра – дотсентон Мухамедшин Р.А., Умаров У.С., муаллимони калон Бобониёзова Г.А., Мавлонов И.Ш., Сафаралӣ Авлиёкул, ассистентон Ашӯров А.Ҳ., Мирзозода Ф.Т., Ҷомиев Ҳ.Н. ва Назарова Ф.Н. барои пешрафти таълиму тарбияи донишҷӯён ва корҳои илмию методӣ хизмати самаранок карда истодаанд. Кормандони техникии кафедра лаборанти калон Юлдошева М. ва лаборант Нугмонов Б.М. барои баланд шудани сифати таълим суботкорона меҳнат карда истодаанд.

Вақте ки дар бораи фаъолияти илмии кафедра сухан меравад, маъмулан пурсида мешавад, ки аъзоёни он дар тӯли фаъолияташон чӣ корҳоеро ба сомон расонидаанд, чӣ миқдор корҳои илмӣ, илмӣ-методӣ нашр намудаанд, осори илмиашон чӣ гуна аст ва амсоли инҳо. Посухи ин пурсишҳо феҳрасти осори илмӣ ва илмию методии устодони кафедра аст, ки дар он танҳо соли 2022 беш аз 50 номгӯйи осори илмӣ ва илмию методӣ зикр ёфтааст.

Аъзоёни кафедра таҳти роҳбарии мудири он – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҷабов У.Х. имрӯзҳо дар ҳалли масоили умдаю мубрами таълими физика дар МТМУ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заҳмат мекашанд. Устодони кафедра аз рӯйи **равияи илмии** он – «Мукаммалкунонии мазмун, васоит ва методҳои таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи маълумоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соҳаҳои гуногуни методикаи таълими физика доир ба ҳалли **проблемаи** «Баланд бардоштани сифату самаранокии шаклҳои гуногуни ташкили раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ» тадқиқот бурда истодаанд.

Дар кафедра нақшаи дурнамову солонаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва методӣ мураттаб гардидааст, ки устодон аз рӯйи он ба пажӯҳиш машғуланд. Боиси зикр аст, ки аз соли таҳсили 2018-2019 сар карда, дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими физика тибқи муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шуд. Инро ба инобат гирифта, мавофиқи

накшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соли 2022 устодони кафедра доир ба мавзӯи «Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими физикаи зинаи дуюми омӯзиш» ба пажӯҳиш машғул шуданд.

Сароғоз, эшон дар натиҷаи пажӯҳиш проблемаҳои татбиқи муносибати босалоҳият [13, с. 14-16] ва тағйирёбии накши омӯзгору хонандагон, методҳои таълим, омӯзишу арзёбӣ барои ташаккули малакаҳои худидоракунии онҳо зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими физикаро [16, с. 17-19] ошкор сохта, мавқеи бозиҳои эҷодиро дар дарсҳои физика зимни татбиқи ин муносибат муайян намуданд. Аз ҷониби устодон технологияи таълими хонандамеҳвар дар муносибати босалоҳият ба таълими физика [7, с. 19-20], методикаи: супориш додани озмоишҳои физикии хонагӣ зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим [1, с. 20-22]; ба худмуҳофизаткунию худнаҷотдиҳӣ омода кардани хонандагон мавриди таҳдиди хатари офатҳои табиӣ дар дарсҳои физика [4, с. 24-25]; ташаккул додани донишҳои иқтисодии хонандагон дар таълими физика бо истифодаи маводи маҳал коркард гардида, салоҳияти омӯзгори физика зимни ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ мушаххас карда шуд.

Як рукни муносибати босалоҳият ба таълим – ин арзёбии натиҷаҳои таълим, аз ҷумла арзёбии ташаккулдиҳанда ба ҳисоб меравад. Дар таълими физика, омӯзиш ва арзёбии ташаккулдиҳанда раванди дарсро тағйир дода метавонаду ҷанбаҳои гуногуни масоили таълимро фаро гирифта, фаҳмиши хонандагонро оид ба ин масъала амиқтар мегардонад. Аз ин рӯ, устодони кафедра доир ба дар раванди таълими физика самаранок татбиқ намудани арзёбии ташаккулдиҳанда тавассути иншои як қатор мақолаҳо тавсияҳои методӣ пешниҳод намуданд. Ба андешаи устодони кафедра зимни татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда дар таълими физика накши омӯзгору хонандагон ва методҳои таълим тағйир ёфта, саволгузорӣ (саволҳои ташаккулдиҳанда) дар дарсҳои физика мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Основной задачей предмета иностранного языка по специальности, согласно требованиям государственного образовательного стандарта, является изучение следующих основных вопросов: повышение уровня владения языком, непрерывное развитие устной и письменной речи, чтение научной и художественной литературы на иностранном языке, встречи и беседы с иностранными гостями, отправка информации посредством электронной почты с использованием всемирной сети и т.д.

Основной структурой программы обучения иностранному языку в неязыковых вузах является разделение уроков на грамматические и специальные темы, по каждому из которых отводится 30 % на грамматические темы и 50 % на специальные темы и 20 % на развитие устной речи.

Смешанные грамматические материалы бывают двух типов: репродуктивные (активные) и рецептивные (пассивные). Основной целью обучения активным грамматическим материалам является развитие таких грамматических навыков, которые находят отражение в устной речи учащихся. Морфологические и синтаксические явления должны использоваться в односторонней (монологов) и двусторонней (диалогов) речи учащихся.

Психолингвистики доказали [2, с. 88], что формирование умений состоит из трех уровней: а) уровня проставления цели (обоснования) и побуждения;

б) аналитико-синтетический уровень; с) уровень использования.

Обеспечение этих уровней в процессе обучения иностранному языку требует систематического решения следующих задач: а) ознакомление учащихся с грамматическими материалами; б) приемы организации и значения, реализации грамматики; в) правильное употребление грамматических явлений в односторонней и двусторонней речи.

Методика ознакомления учащихся связанно с формой и значением грамматических явлений, его особенностями и трудностями, а также возрастными особенностями учащихся.

В методике обучения иностранному языку [3, с. 24] традиционными стали два приема ознакомления учащихся с грамматикой и лексикой: а) метод изложения; б) функциональный метод. Первый тип метода, форма и смысл грамматики объясняются и выражаются словами. Согласно функциональному методу в тексте отображается функция грамматики. Особенность этих двух методов заключается в следующем: один учит переходить от случая к случаю, а другой — от примера к случаю.

Опыт показывает, что предпочтительно преподавать грамматику по второму (функциональному) методу. Поэтому целесообразно использовать этот метод. Например, для обучения глаголу «to have» можно предложить такую последовательность освоения предмета. Прежде всего следует подчеркнуть, что глагол «to have», хотя и имеет эквивалент в родном языке учащихся, имеет особые организационные и семантические отличия, вызывающие множество проблем толкования. Поэтому пример его преподавания на начальном этапе обучения должен быть следующим:

Цель урока: развивать умение употреблять глагол «to have» в устной речи учащихся. 1. Знакомство с подлежащим глагола «to have».

Преподаватель: сегодня мы познакомимся с понятием «иметь что-то, т.е. владеть» в английском языке. Проверьте, что у меня есть. (Преподаватель показывает эти предметы): I have a red pencil. I have a black suit. I have a blue tie. I have an English book. Затем студенты по очереди произносят:

1. I have four children. 2. I have a father. 3. I have a mother. 4. I have two brothers. 5. I have one sister. 6. I have a house and a garden. 7. I have a cat and a dog.

Преподаватель должен иметь полную информацию о семье каждого студента и предоставить ее. Затем каждый ученик выполняет упражнение. Сначала уместно использовать форму «to have», а затем использовать форму «has».

Коммуникативный метод обучения требует, чтобы каждая речь учащегося носила диалогический характер, а не простых предложений, которые называются псевдопредложениями или искусственными предложениями [1, с. 185-188].

Затем начинается второй уровень развития грамматических навыков, который происходит через выполнение организационных задач, имеющих коммуникативный процесс. Основной целью таких упражнений является закрепление грамматического материала, который также должен обладать коммуникативными свойствами. Содержание таких упражнений должно быть подготовлено с учетом жилищных и семейных условий каждого учащегося. Можно привести такие примеры механических упражнений, имеющих коммуникативный процесс:

Teacher: I have a ruler in my bag.
Student: I have a ruler in my bag too.
Teacher: I have a calculator in my bag.
Student: I have a calculator in my bag too.
Teacher: I have some stamps in my bag.
Student: I have some stamps in my bag too.
Teacher: I have a rubber in my bag.
Student: I have a rubber in my bag too.
Teacher: I have a handkerchief in my pocket.
Student: I have a handkerchief in my pocket too.

В контексте таких упражнений уместно также проведение упражнений на смену рода, в результате которых в определенной степени повышается навык употребления глагола «to have». Для этого: преподаватель делит группу на две команды и упражнение должно выполнятся в качестве соревнования. Команда, назвавшая большее количество предметов с названием «We have», считается победителем.

Для обучения студентов отрицательным и вопросительным формам указанной формы речи также могут проводиться сеансы обмена. Перед выполнением этого вида упражнения преподаватель дает учащимся несколько отрицательных предложений, возглавляемых новостными предложениями:

I have an English book but I have no Tajik book. I have some stamps but I have no postcards. I have some pens but I have no pencils I have an eraser but I have no càlculator.

Во-вторых, преподаватель призывает к выполнению следующего упражнения. Teacher: I have a calculator in my pocket.

Student: No, you have no calculator.
Teacher: I have a cat in my hand.
Student: Oh, no. You have no cat in your hand. You have money in your hand.

Следующий шаг носит диалогический характер, который заключается в следующем:

Teacher: Sabrina, have you a ruler in your bag?
Sabrina: Yes, I have a ruler in my bag.
Teacher: Have you any chalk in your bag?
Sabrina: No, I have no chalk in my bag.
Teacher: Have you a calculator in your bag?
Sabrina: No, I have no calculator in my bag и т.д.

В конце будет проведена коммуникативное упражнение. В этом случае преподаватель обычно выполняет указание и ориентирует студентов на творческую коммуникативную деятельность. Эта деятельность должна носить характер диалога.

На третьем уровне выполняются полноценные коммуникативные упражнения, стабилизирующие грамматический аспект навыков устной речи учащихся. Они разрабатывались на основе картинок, живых моментов жизни и текстов, содержащих повествовательные или диалогические черты. В дальнейшем этапе обучения предпочтительнее знакомить с грамматическими явлениями через небольшие тексты. Эти упражнения могут быть направлены на свободное употребление времен глагола в разные моменты жизни. Согласно достижениям психологии, скорость общения и коммуникативные навыки становятся быстрее, если учащийся использует все анализаторы речи, то есть должен видеть категориальную форму настоящего времени, понимать его значение, говорить и писать на нем.

С этой точки зрения мы рекомендуем использовать следующие методы на втором уровне развития грамматики или словарного запаса.

Упражнение 1. Тема: «My working day»: I have lunch. I have dinner I have a shower. I watch television. I leave home I get up. I wash my hands and face. I have breakfast. I put on my clothes. I start classes. I go home. I go to bed.

Выполнять такие задания и легко, и интересно, и это обеспечивает прочную основу для общения.

Грамматические материалы, которые можно смешивать рецептивным образом, — это такие материалы, которые читатель должен быть в состоянии понять, услышав или прочитав английский текст. Основная цель чтения таких текстов – понять их содержание.

Следует отметить, что при обучении этому типу грамматических явлений возникают некоторые проблемы, что вредно для грамматической омонимии. В частности, слова с морфемой -ing употребляются в качестве причастий, герундия и существительных. Процедура обучения таким грамматическим явлениям сходна с преподаванием репродуктивных материалов, то есть охватывает этапы ознакомления, отработки и использования. Однако метод выявления и выполнения упражнений принципиально иной. Например, для знакомства с герундием необходимо использовать специальные синтаксические средства и дать краткое пояснение. Следует подчеркнуть, что слово с окончанием «-ing» выполняет функцию определителя или предложения без приставки, это причастие I: Coming home from work the father usually tells them many funny stories.

Если данное слово выполняет синтаксическую функцию существительного, то оно герундий: Reading is useful. Если перед такой единицей стоит предлог, то оно считается герундием: He answered the question without thinking.

Затем выполняются организационные упражнения:

Упражнение: Прочитайте предложения и определите синтаксические функции с окончанием -ing: 1. Reading quickly and well requires practice. 2. Having finished my work I went home. 3. Drug abuse is increasing day by day. 4. Writing is rather an art than a craft. 5. After seeing the movie many people wanted to read this book. 6. They insisted on going there immediately. 7. The man standing at the corner is my brother. 8. After graduating from the University Mr.Smith continued his studies in Oxford.

Также необходимо проводить семантические тесты, которые направлены на извлечение смысла рецептивно смешанных материалов. Приведем пример одного из его видов.

Упражнение: обратите внимание на синтаксическую функцию «-ing form» и переведите следующие предложения: 1. Reading poems is useful. 2. I answered the teacher's questions after reading this book. 3. Reading the book I came across some new words. 4. The student reading the

book is my friend. 5. He entered the room reading a book. 6. On reading the book he remembered the author.

В речи существуют модальные и вспомогательные глаголы, в употреблении чего студенты допускают к ошибкам: do, did, may, might, will, shall, does, can, could, must, would, should. дохил мешаванд. Можно выполнить упражнение такого типпа: 1. Wally _______ sing with the school choir. 2. I know you ______ go to the Zoo. 3. I ________ try to do my best. 4. The teacher _______ give us a test. 5. My dog ______ do tricks. 6. My parents _______ buy a new car. 7. The alarm _______ ring at six o'clock. 8. I _______ see you at the game. 9. You ________ help with these packages. 10. The dog ______ be sick.

В окончательных этапах обучения по тексту задаются различные задания для лучшего понимания смысла рецептивно смешанных грамматических явлений. Например, прочитайте этот текст и выполните следующие задания: On Sunday we got up later than usual. After breakfast we started on a skiing trip. It was snowing when we left the house. There was a lot of snow on the ground. We went skiing in the forest for some hours enjoying the fresh air. Coming back home we were hungry. After dinner we had a rest.

Исходя из этого можно сделать вывод: 1. Грамматический навык является основным компонентом четырех столпов коммуникативной деятельности 2. Языковой опыт студентов может оказывать отрицательное или положительное влияние на формирование грамматического навыка. По этой причине целесообразно согласовать грамматические явления родного и иностранного языков и определить уровень сходства и различия. 3. В неязыковых вузах следует изучать те грамматические явления, которые чаще всего используются в общении. Их называют активным грамматическим материалом. 4. Обучение грамматическим явлениям состоит из трех уровней: а) введение б) практика в) использование 5. Грамматические явления служат цели общения. Для формирования и закрепления грамматических навыков следует проводить 3 вида упражнений: 1) упражнения на организацию 2) упражнения на значение 3) упражнения на общение (коммуникативные)

Рецептивные грамматические навыки в основном развиваются с помощью аналитических методов.

***Литература***


1. *Звегинцев, А.В. Предложение и его отношение к языку и речи. / А.В. Звегинцев. - М., 1976. – 307 с.*
2. *Леонтьев, А.А.. Основы речевой деятельности. / А.А.Леонтьев. - М., 1970. – 300 с.*
3. *Пассов, Е.И. Коммуникативные упражнения. / Е.И.Пассов. - Л., 1967. – 260 с.*
4. *Ганшина, М.А. Английская грамматика / М.А. Ганшина, Н.М. Василевская. – М.: Высшая школа, 1953. – 548 с.*
5. *Ilyish B.A. The Structure of Modern English / B.A. Ilyish. –M. – L.: Prosvechshenie, 1971. 63–73 p.*
6. *Kaushanskaya V.A. English Grammar / V.A. Kauhanskaya, R.A. Kovner. – M.: Ayris Press, 2008. – 382 p*


## ОБУЧЕНИЕ ГРАММАТИКЕ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В НЕЯЗЫКОВЫХ ФАКУЛЬТЕТАХ


*В статье рассматривается методика обучения грамматике, основанная на общении, на таджикских неспециализированных факультетах. Следует различать три этапа обучения английской грамматике: презентация, практика и продукт. Под изложением мы понимаем представление структуры и значения грамматической единицы с помощью функционального подхода. Под практикой мы подразумеваем выполнение в основном коммуникативных грамматических упражнений. В качестве продукта мы предполагаем использование (утилизацию) грамматических структур в естественной коммуникативной деятельности, т. е. учащимся не даются конкретные инструкции по использованию изученной структуры. Большое внимание следует уделить практической деятельности по психологической концепции, выдвинутой У.Риверсом: получение навыков, использование навыков. Использование навыков начинается от мотивации к общению. Мотивация порождает рецепцию и выражение. Оба эти явления вызывают взаимодействие коммуникантов. Для реализации всех этих мероприятий по обучению таджикских школьников английскому языку были проиллюстрированы многочисленные примеры практических занятий по грамматическим элементам «to have» и «Past Simple».*



***Ключевые слова:*** *репродуктивный, нерепродуктивный, продукт, получение навыков, использование навыков.*

## TEACHING GRAMMAR IN ENGLISH CLASSES IN NON-LINGUISTIC FACULTIES

*The article deals with communication-based grammar teaching technique in Tajik nonspecific faculties. Three stages of teaching English grammar should be distinguished: presentation, practice and product. By presentation we understand introducing the structure and meaning of a grammatical item by means of functional approach. By practice we mean performing chiefly communication-based grammar exercises. By product we presuppose the use (utilization) of grammar structures in natural communicative activities, i.e., the learners are given no specific instructions to use the structure learnt. Great attention should be paid to practical activities on the psychological conception put forward by W.Rivers: skill-getting, skill using. Skill-using starts from motivation to communication. Motivation gives a rise to reception and expression. Both these phenomena cause interaction of communicants. In order to realize all these activities in teaching Tajik students' English abundant samples of practical activities regarding the grammar items "to have" and "Past Simple" have been illustrated.*

***Keywords***: *Reproductive, non-reproductive, product, skill-getting, skill-using*

## ТАЪЛИМИ ГРАММАТИКА ДАР СИНФҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИТАХАССУСӢ

*Дар мақола усули таълими грамматикаи коммуникативӣ дар факултетҳои ғайритахассусии тоҷикӣ баррасӣ шудааст. Се марҳилаи таълими грамматикаи забони англисиро бояд фарқ кард: муаррифӣ, ресептивӣ ва репродуктивӣ. Ҳангоми муаррифӣ мо тавассути усули функсионалӣ ворид кардани сохт ва маънои грамматикиро дарк мекунем. Тавассути ресептивӣ мо иҷро кардани машқҳои грамматикии дар асоси коммуникативиро дар назар дорем. Аз рӯи усули репродуктивӣ мо истифодаи сохторҳои грамматикиро дар фаъолиятҳои табиии коммуникативӣ пешбинӣ мекунем, яъне ба донишҷӯён барои истифодаи сохтори омӯхташуда дастури мушаххас дода намешавад. Ба ақидаи психологии В.Риверс: барои ба даст овардани махорат, ба истифода бурдани он диккати калон додан лозим аст.*

*Истифодаи маҳорат аз ҳавасмандкунӣ то муошират оғоз меёбад. Ҳавасмандӣ боиси қабул ва ифода мегардад. Ҳардуи ин падидаҳо боиси ҳамкории мутақобила мешаванд. Барои амалӣ намудани ҳамаи ин фаъолиятҳо дар таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни тоҷик намунаҳои зиёди фаъолиятҳои амалӣ оид ба ҷузъҳои грамматикии "to have" ва "Past Simple" тасвир шудаанд.*

***Калидвожаҳо***: *репродуктивӣ, ғайрирепродуктивӣ, натиҷагирӣ, малакаангезӣ, истифодаи малака.*

***Дар бораи муаллифон***

*Аюбова Манижа Зокирҷоновна*
*Номзади илмҳои педагогӣ,*
*омӯзгори калони*
*кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*
*E-mail: ayubova1989@list.ru.*
*Phone: (+992) 928640021.*

***Юсупова Фирӯза Муҳиддиновна***
*Саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*
*Тел: (+992)929787895*

***Об авторах***

*Аюбова Манижа Зокиржоновна*
*Кандидат педагогических наук,*
*Старший преподаватель*
*кафедры иностранных языков*
*Худжандский государственный университет*
*имени академика Бободжон Гафурова*
*Электронная почта: ayubova1989@list.ru.*
*Тел: (+992) 928640021.*

***Юсупова Фируза Мухиддиновна***
*Старший преподаватель*
*кафедры иностранных языков*
*Худжандский государственный университета*
*имени академик Бободжон Гафурова*
*Тел: (+992) 929787895.*

***About the authors***

*Ayubova Manizha Zokirzhonovna*
*Candidate of Pedagogical Sciences,*
*Senior Lecturer at the Department of Foreign Languages*
*Khujand State University*
*named after Academician Bobojon Gafurov.*
*E-mail: ayubova1989@list.ru.*
*Phone: (+992) 928640021.*

*Yusupova Firuza Mukhiddinovna*
*Senior Lecturer, Department of Foreign Languages,*
*Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov*
*Phone: (+992) 929787895*

ТДУ 372.8: 891.550 (091)

# УСУЛИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ БОСАЛОҲИЯТИ ЯК ҒАЗАЛИ АЛИШЕРИ НАВОӢ ДАР МУҚОИСА БО ҒАЗАЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ДАР КУРСИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ

***Назарова И.Н.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Методистон яке аз усули самарабахши таълими осори адибонро дар муқоиса таълим додани асарҳои ҳамном медонанд, зеро бо ин усули таълим хонандагон маълумоти бештар ба даст меоранд ва ба салоҳиятҳои адабию комуникативӣ ноил мегарданд. Ҳамчунин таъкид намудаанд, ки усули муқиса "дар ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон, ҷаҳонбинӣ ва салоҳиятҳои онҳо нақши босазо гузошта метавонад, агар объекти муқоиса дуруст интихоб карда шавад"[3, с. 183]. Амир Низомиддин Алишери Навоӣ-асосгузори адабиёти классикии ӯзбек аз мактаби адабии бузургтарин шоирони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусравӣ Деҳлавӣ, Фаридуддини Аттор, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва махсусан Абдураҳмони Ҷомӣ сабақ гирифтаву ба ду забон шеър гуфтааст ва ҳамзамононаш ба ӯ тахаллуси «зуллисонайн» (соҳиби ду забон) дода буданд. Аз ин сабаб ҳангоми таълими ашъори тоҷикии Алишери Навоӣ, чи дар мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ ва чи мактабхои ӯзбекзабон, аз методи муқоиса истифода бурдан аҳамияти бештар дорад. Ғазалҳои тоҷикии Алишери Навоӣ бештар дар пайравӣ ва татаббуи шоирони бузурги адабиёти форсӣ-тоҷикӣ эҷод шудааст. Аз ин рӯ, дар муқоиса таълим додани онҳо беҳтар аст. Дар ин мақола усули таълими босалояти як ғазали Алишер Навоиро, ки дар татаббуи ғазали Камоли Хуҷандӣ эҷод шудааст,дар курси таърихи адабиёт (синфи 8), бо такя ба озмоиши педагогӣ, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 ноҳияи Рӯдакӣ гузаронидаем, пешниҳод мекунем.

Дар барномаи таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон ба забони тоҷикӣ ҳаёт ва эҷодиёти Алишери Навоӣ дар бахши адабиёти ҷаҳон омӯхта мешавад ва соати нисбатан кам ҷудо шудааст. Аммо дар барномаи адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон ба забони ӯзбекӣ рӯзгор ва осори Алишери Навоӣ ҳам дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5.6. ва 7) ва ҳам дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8 ва 10) таълим дода мешавад. Дар курси таърихи адабиёт барои омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Алишер Навоӣ дар мактабҳои таълимашон ӯзбекӣ барои синфи У111 3- соат ва барои синфи Х 18- соат ҷудо шудааст. Таълими "Девони форсӣ"-и шоир ҳам дар синфи 8 ва ҳам дар синфи 10 пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла дар барнома барои синфи 8 чунин омадааст: "А.Навоий –ғазал мулкнинг султони. Шоирнинг узбекча ва тоҷикча ғазалари. «Хазойинул маоний» ва «Девон Фоний» девонлари халқида.Зуллисонайн тўғрисида" [11, с. 12]. Озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки хонандагони ӯзбекзабони мактабҳои Тоҷикистон забони тоҷикиро медонанд ва таълими ғазалҳои форсӣ-тоҷикии Алишер Навоӣ душворӣ пеш намеоварад. Таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки ҳангоми таълими ашъори тоҷикии Алишери Навоӣ дар мактабҳои таълимашон ба забони ӯзбекӣ ашъори дар пайравии шоирони бузурги адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва татаббуи шоир ба ғазалҳои ин шоирон мувофиқи мақсад аст. Ҳангоми таълими ин гуна ғазалҳои шоир бо методҳои муқоиса ва саволу ҷавоб вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дарс додан аҳамияти бештар дорад.

Донишмандони соҳаи методика таъкид кардаанд, ки дар курси таърихи адабиёт ҳаёт ва эҷодиёти шоир бояд нисбат ба курси хониши адабӣ мукаммалтар таълим дода шавад. Масалан, Мирзоҳабиб Аҳмадов дар ин масъала, яъне доир ба вазифаи асосии таълим дар курси таърихи адабиёт чунин менависад: "Вазифаи асосии таълим дар курси таърихи адабиёт аз муайян намудани ҷараёни мураккаб ва пурихтилофи инкишофи таърихи адабиёти тоҷик ва нишон додани арзиши маърифатӣ, тарбиявӣ ва бадеии он иборат аст, ки онро ба тариқи зерин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: 1. Ошкор кардани моҳияти ғоявию тарбиявии адабиёт, равшан кардани ҳунари волои суханварию эҷодкорӣ дар адабиёти тоҷик, инчунин шинохти саҳми осори адибони номвар дар инкишофи фарҳанги миллати тоҷик ва ҷаҳон. 2. Инъикоси инкишофи адабиёти тоҷик дар пайванди устувор бо таърихи ҷамъият ва дар айни замон қувваи фаъоли ҷараёни таърихӣ будани он. 3. Додани маълумоти бонизом перомуни назарияи

адабиёт дар пайванд бо омӯзиши таърихи адабиёт” [2, с. 110]. Пеш аз он ки ин ду ғазали Камоли Хуҷандию Алишери Навоӣ дар асоси усули муносибати босалоҳият таълим дода шавад, омӯзгор бояд дар бораи нақши Алишери Навоӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, яке аз сарчашмаҳои асосии осори ӯ будани ин адабиёт, пайравӣ ва татаббуи Навоӣ аз ғазалҳои шоирони форсу тоҷик, аз ҷумла Камоли Хуҷандӣ маълумоти мухтасар ба хонандагон пешниҳод намуда, онҳоро ба таҳлил ва фаҳмиши ғазал омода намояд. Масъалаи дигаре, ки пеш аз таълими ин ғазал омӯзгор бояд огоҳ бошад, муайян намудани дониши хонанадагон доир ба назира ва татаббуъ аст, ки дар барномаи таълимии мактаб пешниҳод шудааст.Гарчанде доир ба татаббуъ ва назирасароӣ хонандагон дар дарсҳои пешина маълумот гирифтаанд, аммо муаллимро зарур аст, ки бори дигар хусусиятҳои асосии татаббую назирасароиро ба хонандагон ёдовар шавад, зеро ғазали Навоӣ татаббуъ ба ғазали Камоли Хуҷандӣ аст.

Бояд зикр кард, ки дар бораи усули таълими босалоҳияти ашъори ғиноӣ, аз ҷумла ғазал дар курси таърихи адабиёт дар мақолаҳои Қ.Мухторӣ, Ш.Р. Исрофилниё, З.Т. Бобоева, М.А. Султонмамадова, Ф.Ҳ. Исмонов ва Э. Иброҳимов маълумот дода шудааст, ки омӯзгорон метавонанд барои гирифтани маълумоти бештар аз онҳо истифода кунанд. Хусусан дар мақолаи Ш.Р.Исрофилниё ва М.А. Султонмамадова “Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун дар муассисаҳои таълимӣ” принсипҳои таҳлили каломи манзум, аз ҷумла ғазал баён шуда, ки метавонад ба сифати дастури раҳнамо барои ҳар як омӯзгори фанни адабиёт хидмат кунад[4]. Дар мақолаи З. Бобоева бошад як ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ вобаста ба принсибҳои муносибати босалоҳият ба таълим баррасӣ шудааст[3]. Аммо дар ин мақолаҳои методистони зикршуда шеваи таълими босалоҳияти ғазалҳои шоирони ҷудогона дар алоҳидагӣ баррасӣ шудааст. Таҳлил ва таълими муқоисавии ду ғазали дар як мавзуъ эҷодшуда, ки мо дар ин мақола баррасӣ карданием, ба назар нарасид.

Ҳангоми таълими ашъори тоҷикии Алишери Навоӣ чи дар мактабҳои тоҷикӣ ва чи ӯзбекӣ шарҳу тавзеҳи масъалаҳои зер аз тарафи муаллим зарур аст:

1.Алишер Навоӣ гарчанде асосгузори адабиёти классикии ӯзбек аст, аммо аз мактаби адабии шоирони бузурги адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таълим гирифтааст;

2.Алишер Навоӣ забони форсӣ-тоҷикиро, ки дар асри ХУ, яъне замони зиндагии ӯ забони илму адаб буд, ба дараҷаи олӣ медонист;

3. Алишери Навоӣ дар рушди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ низ саҳм дорад, зеро ӯ шоири “зуллисонайн” (соҳиби ду забон) буда, осорашро ба ду забон эҷод кардааст.

4. Алишери Навоӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ бо тахаллуси “Фонӣ” шеър эҷод намуда, аз худ девоне боқӣ гузошта, ки бо номи “Девони форсӣ” ва “Девони Фонӣ” машҳур аст.

Омӯзгор бояд қабалан дар план-кониспекти яксоатии худ ҷараёни дарсро бо ба назар гирифтани лаҳзаҳои дарс, марҳилаҳои муносибати босалоҳият ба таълим ва унсурҳои он мушаххас намояд. Яъне ҳангоми ба нақшагирии ҷараёни дарс омӯзгор бояд принсипҳоеро ба назар гирад, ки барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат менамоянд. Алалхусус ба назар гирифтани қобилияти маърифатии талабагон дар мадди аввал аст. Хонандагонисинфи У111 ва Х доир ба санъатҳои бадеӣ, тасвирҳои шоирона, калимоти рамзию истиоравӣ, вазну қофия ва дигар масъалаҳои назариявӣ дар синфҳои 5-7 маълумот гирифтаанд. Аммо муаллим набояд ба ин нукта, ки хонандагони синфи У111 дар синфҳои поёнӣ ин мавзуъҳоро омӯхтаанд, қонеъ шавад. Методистон бар ин андешаанд, ки“омӯзгор бояд раванди таълимро тарзе ба роҳ монад, ки хонандагон бештар дар ҳалли масъалаҳо фаъол бошанд ва ба ин васила малакаву маҳораташон такомул ёбаду ба салоҳиятҳо даст ёбанд. Омӯзгор бояд дар баробари мазмуни таълим (шарҳи ғазал) диққати асосиро ба раванди таълим (шеваи шарҳу тафсири ғазал) равона созад»[3, с. 185]. Барои муайян кардани дониши хонандагон доир ба масъалаҳои дар боло номбаршуда аз методи саволу ҷавоб истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Ин метод ба муаллим имкон медиҳад, ки дониши хонандагонро доир ба масъалаҳои мавриди назар муайян намояд.

Марҳалаи аввал дар усули муносибати босалоҳият ба таълим, тибқи гуфтаи методистон, “дарки матн” аст. Барои дарки матн хониши ифоданоки матни ғазал зарур аст. Аксарияти методистон бар он назаранд, ки қироати матни бадеӣ дар дарс бояд аз тарафи хонандагон амалӣ гардад, зеро ин кор имкон медиҳад, ки онҳо бештар ба матн диққат диҳанд. Озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки қироати ғазалҳои Алишери Навоӣ аз тарафи

хонандагон бо нуқсу камбудӣ амалӣ мешавад, зеро бисёр калимаҳову ибораҳо ҳастанд, ки хонандагон онҳоро намефаҳманд ва нодуруст талаффуз мекунанд. Ш.Р. Исрофилниё ва М. Султонмамадова таъкид мекунад, ки "барои шинохти шеър ва дарёфти маънии мақсуди шоир нахуст бояд онро дуруст қироат кард. Қироати саҳеҳи матни асари бадеӣ ба дарёфти дурусти мақсаду мароми адиб мусоидат мекунад [4, с. 146]. Аз ин сабаб, матни ғазал аввал аз ҷониби омӯзгор қироат карда мешавад ва баъд аз он аз тарафи хонандагон такрор мешавад. Яке аз талаботҳои муносибати босалоҳият ба таълим он аст, ки омӯзгор набояд ба китоби дарсӣ маҳдуд гардад. Бинобар ин, истифодаи девони шоир ва дигар дастуру васоити таълимӣ, ки ба мавзуъ бевоиста дахл доранд, зарур аст. Матни комили ғазали мавриди назари Алишери Навоӣ дар "Девони форсӣ"-и ӯ чунин омадааст:

*Гуфт:- «Роҳамро бирӯб»,он симбар. Гуфтам: -«Ба чашм».*
*Гуфт: -«Дигар раҳ бизан обаш». Дигар гуфтам:-«Ба чашм».*
*Гуфт: «Агар рӯзе зи зулфам дур мондию ҷудо,*
*Косаҳо пур соз аз хуни ҷигар». Гуфтам:-«Ба чашм».*
*Гуфт: - «Агар хоҳӣ барӯям чашми худ равшан кунӣ,*
*Аз ҳама хубон бикун қатъи назар». Гуфтам:-«Ба чашм».*
*Гуфт: -«Агар ёбад зи шоми ҳаҷр чашмат тирагӣ,*
*Соз аз шамси рухам нури басар». Гуфтам:-«Ба чашм».*
*Гуфт: -«Бо чашм бигӯ, к-аз роҳи хоки тавсанам*
*Нур ёбад сурмаро миннат мабар».Гуфтам:-«Ба чашм».*
*Гуфт: -«Фонӣ, чунки аҳли ишқ сӯйи маҳвашон*
*Бингаранд, он дам ту сӯйи мо нигар». Гуфтам:-«Ба чашм». [9, с. 300].*

Унвони ғазал дар «Девони форсӣ»-и шоир «татабуи Шайх Камол» омадааст. Омӯзгор бори дигар ба хонандагон тавзеҳ дод, ки ин ғазал дар татаббуи ғазали зерин Камоли Хуҷандӣ навишта шудааст:

*Ёр гуфт: Аз ғайри мо пӯшон назар! Гуфтам: Ба чашм.*
*В-он гаҳе дуздида бар мо менигар. Гуфтам: Ба чашм.*
*Гуфт: Агар ёбӣ нишони пойи мо бар хоки роҳ,*
*Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар! Гуфтам: Ба чашм.*
*Гуфт: Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,*
*Ташнагонро муждае аз мо бибар! Гуфтам: Ба чашм.*
*Гуфт: Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,*
*Боз месозаш чу шамъ аз дида тар! Гуфтам: Ба чашм.*
*Гуфт: Агар бар остонам об хоҳӣ зад зи ашк,*
*Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар! Гуфтам: Ба чашм.*
*Гуфт: Агар гардӣ шабе аз рӯйи чун моҳам ҷудо,*
*То саҳаргоҳон ситора мешумар! Гуфтам: Ба чашм.*
*Гуфт: Агар дорӣ хаёли дури васли мо, Камол,*
*Қаъри ин дарё бипаймо сар ба сар! Гуфтам: Ба чашм[13, с. 394].*

Қироати ҳар ду ғазал аз тарафи хонандагон диққати аҳли синфро ба худ ҷалб мекунад. Мувофиқи гуфтаи методистон, вазну қофия ва радифи ғазал бояд пеш аз таҳлили ғазал муайян карда шавад**.** Методистон чунин мешуморанд, ки "барои хонандаи мактаби миёна донистани ҳиҷоҳои арӯзӣ, қофияву радиф ва дарёфтани ҳарфи равӣ кофист. Баррасии хелҳои қофия, таъйини вазни шеър ва дигар масоили поэтикаи шеърро барои донишҷӯёни риштаи суханшиносӣ ва муҳаққиқони ин соҳа тавсия мешавад" [4, с. 146]. Дар ҳақиқат, мушоҳида ва озмоишҳои педагогӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ гузаронидем, нишон медиҳанд, ки хонандагони мактаб доир ба вазни шеър маълумот надоранд. Аммо талаботи барнома ҷорӣ он аст, ки пеш аз шарҳу тавзеҳи ғазал вазни он муайян карда шавад.Барои осон шудани кори омӯзгорон вазни ҳар ду ғазалро муайян мекунем. Барои муайян кардани вазни ғазал, аввал байтро тақтеъ мекунанд. Ба хонандагон фаҳмонда шуд, ки "ба параҳои тараннуми тақсим намудани байту мисраъҳоро тақтеъ мегӯянд". Тақтеъ ва ба ҳиҷоҳои арузӣ ҷудо кардани ҳар ду байт, ки омӯзгор онро қаблан иҷро кардааст, дар тахтаи электронӣ нишон дода мешавад. Агар тахтаи электронӣ дар синф набошад, аз тахтаи маъмулии синф истифода бурдан мумкин аст:

*Гуф-т:- «Ро-ҳам/-ро-би-рӯб»,-он/-си-м-бар.-Гуф/-там:-«Ба-чашм».*
*Гуф-т:-«Ди-гар/-раҳ-би-зан-о/-баш».-Ди-гар-гуф/-там:-«Ба-чашм».*
*-V- -\- V - -\- V - -\- V- -\- V ~*
*-V- -\- V - -\- V - -\- V- -\- V ~*
*Ё-р- гуф-т: Аз/-ғай-ри-мо-пӯ/-шон-на-зар!-Гуф/-там:-Ба-чашм.*
*Вон- га-ҳе-дуз/-ди-да-бар-мо/-ме-ни-гар.-Гуф/-там: -Ба-чашм.*
*-V- -\- V - -\- V - -\- V- -\- V ~*
*-V- -\- V - -\- V - -\- V- -\- V ~*

Чунонки маълум мешавад, вазни ҳар ду ғазал дар баҳри рамали мусамани мақсур эҷод шудааст.Озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки агарчи хонандагон вазни шеър муайян карда наметавонанд, аммо агар дуруст таълим дода шавад, қофияю радиф ва ҳарфи равии ҳар шеърро ба осонӣ муайян мекунанд. Мушоҳидаву озмоишҳо нишон медиҳанд, ки хонанадагон аз қоидаҳое, ки дар китобҳои дарсӣ доир ба қофияву радиф, ҳарфи равӣ, санъатҳои бадеӣ ва ғайра омадаанд, дуруст баҳра бурда наметавонанд. Роҳи нисбатан осони азхуд кардани ин мафҳумҳои адабӣ бо забони сода фаҳмондану дар амал нишон додан аст. Дар дарси озмоишие, ки таълими ғазалҳои зикршударо ҳамроҳи муаллими мактаб гузаронидем, қоидаҳои ин мафҳумҳои адабӣ ба таври сода ба хонандагон фаҳмонда ва бо такя ба матни ғазал амалан иҷро гардид. Масалан, қофия чунин шарҳ дода шуд: Калимаҳои охири мисраъҳо, ки ҳарфҳои ҳамҷинс дошта, ҳамоҳанганд, қофия номида мешавад. Аз хонандагон хоҳиш карда шуд, ки калимаҳои охири мисраъҳои ғазали шоирро, ки ҳамоҳанганд, ёбанд. Хонандагон аз ғазали зикршудаи Алишери Навоӣ калимаҳои зеринро ба сифати қофия муайян карданд: *симбар, дигар, саҳар,ҷигар, назар,басар, мабар, нигар*.

Радиф аз тарафи омӯзгор чунин фаҳмонда шуд: Калима ва ё иборае, ки баъд аз қофия бе тағйир такрор шуда меояд, радиф мебошад. Аз хонандагон пурсида шуд, ки кадом калима ва ё ибора дар ин ғазал баъд аз калимаҳои қофия такрор шуда омадааст? Хонандагон бе ҳеҷ душворӣ радифи ғазалро муайян карданд: *Гуфтам: Ба чашм*.

Ҳарфи равӣ аз тарафи муаллим чунин фаҳмонда шуд: Ҳарфи охирини решагии калимаи қофия ҳарфи равӣ мебошад. Гарчанде баъзе хонандагон ҳарфи решагии калимаро дуруст нафаҳмиданд, аммо ҳарфи равии ғазали боло дураст муайян карданд: ҳарфи “р”. Ҳамин тариқ аз тарафи хонандагон қофия, радиф ва ҳарфи равии ғазали Камоли Хуҷандӣ низ муайян гардид.

Баъд аз муайян кардани вазну қофия ва ҳарфи равии ҳар ду ғазал ба хонандагон супориш дода шуд, ки монандӣ ва фарқи ин ду ғазалро ёбанд. Барои осон шудани кор омӯзгор чунин савол гузошт:

Оё ин ду ғазал аз назари вазну қофия ва радиф аз ҳамдигар фарқ доранд ё не?

Хонандагон ба зудӣ ҷавод доданд, ки ҳар ду ғазал вазну қофия ва радифи якхеле доранд, зеро Алишери Навоӣ ин ғазали худро дар пайравии Камоли Хуҷандӣ эҷод кардааст.

Марҳалаи дувум дар усули муносибати босалоҳият ба таълимро методистон “баҳодиҳӣ ба матн” муқаррар кардаанд. Барои баҳо додан ба матн бояд хонандагон онро шарҳу таҳлил кунанд. Таҳили ғазал аслан байт ба байт амалӣ мешавад. Мувофиқи методи муқоиса ҳар байти ғазали Алишери Навоиро бо байти ғазали Камоли Хуҷандӣ дар муқоиса таҳлил мешавад. Аввал байти мақтаи Алишери Навоӣ таҳлил карда шуд:

*Гуфт:- «Роҳамро бирӯб»,он симбар. Гуфтам: -«Ба чашм».*
*Гуфт: -«Дигар раҳ бизан обаш». Дигар гуфтам:-«Ба чашм».*

Озмоиш нишон дод, ки хонандагон синфи Х матаби ӯзбекӣ аз байти болои шоир калимаи «симбар» ва ибораи «ба чашм»-ро намефаҳманд. Мувофиқи талаботи муносибати босалоҳият хонанадагон барои таҳлили матн ба ғайр аз китоби дарсӣ бояд аз дастурҳои таълимӣ, луғату фарҳангҳо ва дигар воситаҳои таълимӣ истифода баранд. Бо ёрии муаллим хонандагон аз китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънои калимаи «симбар»-ро пайдо карданд: «Симбар: симинбар: сафедбадан, хушрӯй, зебо» [12, с. 239]. Ибораи «ба чашм» ба маънии итоат кардан, қабул намудани амре ва ё коре аст, ки муаллим худ шарҳ дод.

Ёфтани санъатҳои бадеии байт низ ба марҳалаи дувум дохил мешавад. Хонандагони синфи У111 доир ба санъатҳои бадеии ташбеҳу истиора, талмеҳ, ташхис, саволу ҷавоб, иҳом ва ғайра маълумот гирифтаанд. Хонандагон баъд аз пурсиши муаллим, ки дар ин байт кадом

санъатҳои бадеӣ ба кор рафтааст, бе душворӣ санъати саволу ҷавобро муайян карданду бас. Дар мавриди калимаи «симбар» баъзе онро санъати ташбеҳ ва баъзе аз хонандагон онро киноя гуфтанд. Омӯзгор баъд аз тавзеҳи санъатҳои бадеӣ шарҳ дод, ки ин ҷо «симбар» истиора аз ёр мебошад, ки дар шеъри Камоли Хуҷандӣ омадааст ва Навоӣ дар пайравӣ аз ӯ муродифи истиоравии онро ба кор бурдааст.

Баъд аз шарҳи калимаҳои душвор ва ёфтани санъатҳои бадеӣ хонандагон бо ёрии муаллим маънии байтро муайн карданд, ки ҷамъбасти пешниҳоди хонандагон чунин баромад: «Ёр ба ман амр дод, ки роҳашро бирӯбам. Ман ба ҷон қабул кардаму гуфтам, ки ба чашм. Бори дигар фармуд, ки роҳашро об бизанам, ман қабул кардаму гуфтам, ки ба ҷону дил иҷро мекунам».

Байти Камоли Хуҷандӣ низ ҳамин тавр шарҳ додо шуд:
*Ёр гуфт: Аз ғайри мо пӯшон назар! Гуфтам: Ба чашм.*
*В-он гаҳе дуздида бар мо менигар. Гуфтам: Ба чашм.*

Хонандагон, ки аз таҳлили байти Алишери Навоӣ таҷриба ҳосил карда буданд, ба осонӣ калимаҳои қофия, радиф ва ҳарфи равии байти Камоли Хуҷандиро ёфтанд. Саволу ҷавоб дар мавриди фарқияту монандии истифодаи калимаҳо ва маънии байтҳо дар ду ғазал имкон дод, ки хонандагон фаъол бошанду маълумоти бештар гиранд.

Ҳамин тариқ байтҳои дигар ҳар ду ғазал дар муқоиса бо ёрии омӯзгор ва иштироки фаъоли хонандагон таҳлил карда шуда, маънии ҳар як байт бароварда шуд.Баъд аз таҳлили комили ҳар ду ғазал бо ёрии муаллим хонандагон аз муқоисаи ҳар ду ғазал натиҷагирӣ карданд. Натиҷагирии хонандагон чунин ҷамъбаст гардид:

1. Алишери Навоӣ ғазали худро дар татаббуи ғазали Камоли Хуҷандӣ навиштааст;
2. Алишери Навоӣ ғазали Камоли Хуҷандиро ҳам дар вазн ва ҳам дар қофияю радиф пайравӣ намудааст;
3. Мавзуи ҳар ду ғазал тараннуми ишқи поки инсонӣ аст;
4. Алишери Навоӣ дар истифодаи калимаҳо мустақил асту бештар муродифи калимаҳои ғазали Камоли Хуҷандиро ба кор бурдааст;
5. Ҳар ду шоир ишқи покро тарғиб мекунанд ва инсонҳо ба росткорию вафодор будан даъват мекунанд;
6. Мо, хонандагон аз таҳлили ин ду ғазал чунин хулоса омадем, ки инсон ҳаман вақт шарафманду муваффақ мегардад, ки покизакору ростқавл ва ба ваъдаҳои додааш вафодор бошад.

Марҳалаи сеюми муносибати босалоҳият ба таълимро методистон "тағйири матн" номидаанд. Дар бораи хусусияти ин марҳала Қ. Мухторӣ чунин менависад: "Дар ин марҳалаи тағйир додани матн эҷодкории хонандагон ривоҷ меёбад, фантазияи худро истифода мебаранду онро тағйир медиҳанд" [8, с. 59]. Озмоишҳои нишон доданд, ки дар синфҳои таълимашон ба забони ӯзбекӣ ҳангоми таълими ашъори тоҷикии Алишер Навоӣ дар марҳалаи сеюм, яъне тағйири матн аз тарафи хонандагон ба наср гардонидани ғазал натиҷаи беҳтар медиҳад. Дар дарси озмоишӣ омӯзгор ба хонандагон супориш дод, ки мазмуни ҳар байти Алишери Навоиро ба наср гардонанд ва дар вақти ба наср гардонидан метавонанд вобаста ба мазмуни байт андешаҳои худро илова кунанду матнро тағйир диҳанд. Хонандагон натиҷаи кори худро доир ба марҳалаи сеюм шифоҳӣ баён карданд.Баррасии кори хонандагон нишон дод, ки ҳанчанд аз хатоҳо холӣ нестанд, аммо тавонистаанд ғояю мазмуни ғазалҳоро дарк кунанду вобаста ба он андешаҳои худро пешниҳод кунанд.

Маҳалаи чаҳорум "таҳияи матни худ" аст. Методистон доир ба ин марҳала чунин андеша доранд: "Марҳалаи таҳияи матн на ҳамеша ба маънои таҳия кардани матни нав аст, балки пешниҳоди идеяи худ, назари худ дар атрофи мавзуи матнест, ки хонанда бо он кор кардаст. Он метавонад дар шакли эссеи кӯтоҳ сурат гирад" [8, с. 59]. Аз баррасии андешаҳои мутахассисон маълум мешавад, ки мақсади асосии марҳалаи чаҳоруми муносибати босалоҳият ба таълим ташаккул додани салоҳиятҳои мустақилона андешидан, натиҷагирӣ кардан, хулоса баровардан ва аз ҳама бештар, ташаккул додани салоҳияти эҷодкории хонандагон аст. Мувофиқи талаботи мунсибати босалоҳият дар марҳалаи чаҳорум хонандагон бояд доир ба ғоя ва мавзуи ғазалҳои таҳлилшуда эссе нависанд. Аз тарафи

омӯзгор пешниҳод гардид, ки хонандагон метавонанд дар асоси мазмуну ғояи ғазалҳои таҳлилшуда худашон мавзуъ интихоб кунанд ва барои осон шудани кор чунин мавзуъҳо пешниҳод гардид:

1. Вафодорӣ шарти асосии ишқи пок аст;
2. Сабур будан ошиқро ба мақсад мерасонад;
3. Тарраннуми ишқи пок дар як ғазали Алишери Навоӣ.

Барои навиштани эссе дар синф вақт нарасид, хонандагон вазифадор шуданд, ки марҳалаи чаҳорумро мустақилона дар хона иҷро кунанд ва эссеи навиштаашон дарси дигар баҳогузорӣ мешавад. Дар дарси дигар пеш аз оғози мавзуи нав кори эҷодии хонандагон доир ба ду ғазали таҳлилшуда баҳогузорӣ шуд. Таҳлили эссеи навиштаи хонандагон натиҷаи мусбат дод. Гарчанде қисмати бештари эссеи хонандагон ба талабот ҷавобгӯ набуд, хатоҳои имлоию услубӣ зиёд буданд ва баъзе аз онҳо ба мавзуи ғазал алоқа надошт, аммо мақсади асосӣ ҳосил шуда буд: Махлум шуд, ки дар хонандагон салоҳияти мустақилона андешидан ва фикри худро ба таври хаттӣ баён кардан дар айни шаклгирӣ аст. Идома таълими адабиёт вобаста ба усули муносибати босалоҳият имкон медиҳад, ки ин салоҳиятҳо бештар ташаккул ёбанд. Мутахассисон таъкид кардаанд, ки «салоҳият таълим дода намешавад, он дар натиҷаи азхудкунии дониш ва татбиқи амалии он ташаккул меёбад»[7, с. 32]. Аз ин рӯ, барои ташаккул додани салоҳиятҳои адабӣ ва коммуникативии хонандагон омӯзиши тамоми мавзуъҳои дарси адабиётро вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ба роҳ монданд лозим аст. Дар чунин усули таълими фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим муҳим дониста шудааст. Муаллим бояд ҳангоми таҳлилу масъалаҳо, марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба хонандагон раҳнамо бошаду ёрӣ диҳад, дараҷаи азхудкуниву дониши онҳоро зери назорат гираду арзёбӣ намояд. Танҳо бо чунин амал хонандагон ба салоҳиятҳои ба нақша гирифташуда комёб шуда метавонанд.

Таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми дар амал татбиқ намудани чаҳор марҳалаи муносибати босалоҳият ба таълим, хусусан ҳангоми омӯзиши асарҳои калонҳаҷм ва ё дар муқоиса таҳлил намудани ду ғазал як соати дарсии мактабӣ барои татбиқи марҳалаи чаҳорум вақт камӣ мекунад. Дар барномаи адабиёти ӯзбек барои синфи У11 барои таълими тарҷумаи ҳол ва мероси шоир ҳамагӣ 3 –соат ҷудо шудааст. Аммо дар барномаи таълими адабиёти ӯзбекӣ барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Алишери Навоӣ дар синфи Х 18-соат ҷудо шудааст. Ин имкон медиҳад, ки дар ҷадвали дарсӣ дарси адабиётро дар як рӯз ду бор пайдарҳам гузошт. Ин амал шароит фароҳам меоварад, ки мавзуъҳои калонҳаҷм ҳам дар синф пурра таълим дода шуда, натиҷаи кори эҷодии хонандагон дар синф арзёбӣ шавад.

***Адабиёт***


1. *Абдуқодиров, А. Амир Алишер Навоий \ А. Абдуқодиров.–Хужанд: Нуримаърифат, 2003. – 156 с.*
2. *Аҳмадов, М. Таълими адабиёти тоҷик (қисми 2) \ М.Аҳмадов. - Хуҷанд: Ношир 2016. - 292 с.*
3. *Бобоева, З. Методикаи таълими босалоҳияти як ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 \ З.Бобоева \\ Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2019, №2, - С.183 - 187.*
4. *Исрофилниё, Ш.Р., Султонмамадова М.А. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун \ Ш.Р. Исрофилниё., М.А.Султонмамадова. // Паёми ДМТ, 2016, №-4\3, (203) С.146 - 150.*
5. *Лутфуллоев, М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо \ М.Лутфуллоев, Ғ.Бобизода.- Душанбе, 2019. - 90 с.*
6. *Маллаев Н. Ӯзбек адабиёти таърихи.-Т.: Ӯрта ва олий мактаб \ Н. Маллаев. - Тошкент, 1983.-395 с.*
7. *Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ.Бобизода,Д. Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А Байзоев. Душанбе: Ирфон, 2018. - 72 с.*
8. *Мухторӣ, Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. / Қ.Мухторӣ \\ Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 29 июни соли 2018. Душанбе, "Ирфон"-2018, - С. 58 - 66*
9. *Навоӣ-Фонӣ, Амир Низомуддин Алишер. Девони форсӣ. Таҳияи А.М. Хуросонӣ \ Амир Низомиддин Алишери Навоӣ. - Душанбе: Дониш, 2021. - 474 с.*
10. *Навоий, А. Мукаммал асарлар теплами. 15 томлик.Т.2.А.Навоий. –Тошкент, 1965.*
11. *Ӯзбек адабиёти ӯқутиш дастури. 5-11 синфлар учун. - Душанбе, 2012 - 84 с.*
12. *Фарҳанги забони тоҷикӣ.Дар зери таҳрири М. Шукуров ва дигарон, ҷилди 2.-Москва:Нашриёти "Советская энсиклопедия,1969. - 950 с.*
13. *Хуҷандӣ, Камол. Девон.Бо муқаддима, таҳия ва тасҳеҳи Б. Мақсудов \ К. Хуҷандӣ. - Душанбе: Адиб, 2015. - 480 с.*

## УСУЛИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ БОСАЛОҲИЯТИ ЯК ҒАЗАЛИ АЛИШЕРИ НАВОӢ ДАР МУҚОИСА БО ҒАЗАЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ ДАР КУРСИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТ

Методистон яке аз усули самарабахши таълими осори адибонро дар муқоиса таълим додани асарҳои ҳамном медонанд, зеро бо ин усули таълим хонандагон маълумоти бештар ба даст меоранд ва ба салоҳиятҳои адабию комуникативӣ ноил мегарданд. Алишери Навоӣ аз мактаби адабии бузургтарин шоирони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, сабақ гирифтаву ба ду забон шеър гуфтааст. Аз ин сабаб ҳангоми таълими ашъори тоҷикии Алишери Навоӣ, чи дар мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ ва чи мактабхои ӯзбекзабон, аз методи муқоиса истифода бурдан аҳамияти бештар дорад. Дар мақола усули таълими босалояти як ғазали Алишер Навоиро дар муқиса бо як ғазали Камоли Хуҷандӣ, ки дар татаббуи он эҷод шудааст,дар курси таърихи адабиёт (синфи 8), бо такя ба озмоиши педагогӣ пешниҳод шудааст.Муаллиф бо далелҳои илмию методӣ исбот мекунад, ки ғазалҳои тоҷикии Навоиро дар муқоиса бо ғазали шоирони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ таълим додан мувофиқи мақсад аст. Ҳадафи мақола таҳқиқи илмии методии усули таълими ғазалҳои ба забони тоҷикӣ эҷод кардаи Алишери Навоӣ дар муқоиса бо ғазалҳои шоирони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ вабаста ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аст. Муаллиф исбот мекунад, ки дар асоси принсипҳои муносибати босалоҳият ва бо истифодаи методи муқоиса таълим додани ғазалҳои Навоӣ дар ташакккули салоҳиятҳои хонандагон муосидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** методи муқоиса, таълим, ғазал, хонанда, омӯзгор, муносибати босалоҳият ба таълим, салоҳият, вазн, қофия, радиф.

## КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД К ОБУЧЕНИЮ ГАЗЕЛИ АЛИШЕРА НАВОИ В СРАВНЕНИИ С ГАЗЕЛЬЮ КАМОЛА ХУДЖАНДИ В КУРСЕ ИСТОРИИ ЛИТЕРАТУРЫ

Методисты считают преподавание одноименных произведений одним из наиболее эффективных методов обучения произведениям писателей, поскольку при таком методе обучения учащиеся получают больше информации и приобретают литературно-коммуникативные компетенции. Алишер Навои учился в литературной школе величайших поэтов персидско-таджикской литературы и писал стихи на двух языках. По этой причине более важно использовать сопоставительный метод при преподавании таджикских стихов Алишера Навои, как в таджикскоязычных школах, так и в узбекоязычных школах. В статье рассматривается обучение газели Алишера Навои в сравнении с газелем Камола Худжанди с помощью компетентностого подхода в курсе истории литературы (8 класс) на основе педагогического эксперимента. Автор статьи научно-методическими данными доказывает, что преподавания таджикских газелей Навои в сравнении с газелями поэтов классической персидско-таджикской литературы является целесообразным. Целью статьи является научно-методическое исследование методики преподавания газелей, созданных на таджикском языке Алишером Навои, в сравнении с газелями поэтов классической персидско-таджикской литературы и в зависимости от требования компетентного подхода к образованию. Автор доказывает, что обучение газелям Навои на основе принципов компетентного подхода и использования сравнительного метода способствует развитию компетенций учащихся.

**Ключевые слова:** метод сравнения, воспитание, газель, чтец, учитель, компетентностный подход к обучению, компетенция, стихотворный размер, рифма, редиф.

## COMPETENCE-BASED APPROACH TO TEACHING THE GHAZAL OF ALISHER NAVOI COMPARED WITH THE GHAZAL OF KAMOL KHUJANDI IN THE COURSE OF THE HISTORY OF LITERATURE

Methodists consider teaching works of the same name to be one of the most effective methods of teaching the works of writers, since with this method of teaching students receive more information and acquire literary and communicative competencies. Alisher Navoi studied at the literary school of the greatest poets of Persian-Tajik literature and wrote poetry in two languages. For this reason, it is more important to use the comparative method when teaching Tajik poems by Alisher Navoi, both in Tajik-language schools and in Uzbek-language schools. The article explores the teaching of Alisher Navoi’s ghazal in comparison with Kamol Khujandi’s ghazal using a competency-based approach in a course on the history of literature (grade 8) based on a pedagogical experiment. The author of the article proves with scientific and methodological data that teaching Tajik ghazals of Navoi in comparison with ghazals of poets of classical Persian-Tajik literature is advisable. The aim of the article is a scientific and methodological study of the methodology of teaching ghazals created in the Tajik language by Alisher Navoi, in comparison with the ghazals of poets of classical Persian-Tajik literature and depending on the requirement of a competent

approach to education. The author proves that teaching Navoi ghazals based on the principles of a competent approach and the use of a comparative method contributes to the development of students’ competencies.

**Keywords:** comparison method, education, ghazal, reader, teacher, competency-based approach to teaching, competence, poetic meter, rhyme, rediff.

***Дар бораи муаллиф***
*Назарова Ирода Назирҷоновна*
*Ассистенти кафедраи методикаи*
*таълими забон ва адабиёт*
*Донишгоҳи давлатии*
*омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ 121,*
*Тел: (+992) 988388518*

***Об авторе***
*Назарова Ирода Назирджонович*
*Ассистент кафедры*
*методики преподавания*
*языков и литература*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени Садриддина Айни*
*734003 г. Душанбе проспек Рудаки 121,*
*Тел: (+992) 988388518*

***About the author***
*Nazarova Iroda Nazirjonovich*
*Assistant of the department,*
*of methods of teaching languages and literature,*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini*
*734003 Dushanbe Rudaki Avenue 121,*
*Phone: (+992) 988388518*

ТДУ 37:[91+9+808.2]

# ФОРМИРОВАНИЕ КОГНИТИВНО-РЕЧЕВОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ ГУМАНИТАРНЫХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ (ГЕОГРАФИЯ, ИСТОРИЯ) ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

***Нажмутдинова Ф.Ф.***

*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни*

Уровень подготовки специалистов в различных сферах производства вносит определённый интерес в решении огромной проблемы, которая связана непосредственно с языковым недостатком, т.е. низкой языковой компетенцией студентов гуманитарных специальностей по русскому языку. Поэтому главной задачей вуза является подготовка, которая обеспечила бы его высоким уровнем компетентности, мобильностью. Для этого необходимо создание таких условий, чтобы будущий специалист овладел следующими основными навыками: мог самостоятельно мыслить, находить наиболее решаемые пути преодоления трудностей, иметь богатый словарный запас, быть коммуникабельным, заниматься своим саморазвитием. Огромное значение в современном мире приобретает компетентность специалиста, который мог бы в будущем играть решающую роль в формировании не только лингвистической, но и когнитивно-речевой компетенции будущих специалистов, которая связана с устной и письменной культурой речи, куда непосредственно входят правила и способы внедрения языка в различных речевых ситуациях.

Одним из основных вопросов в современной жизни молодого поколения в настоящее время это социокультурная среда, которая выделяется своим масштабным развитием многоязычия. Молодое поколение всё больше обращает внимание на овладение языками и, конечно же, русским, которые влияют на развитие языковой личности будущего специалиста.

Ещё А.Н. Щукин уделял огромное внимание усвоению несколькими языками: «Овладеть языком – значит усвоить единицы языка, а также правила и способы применения единиц языка в процессе общения» [7, с. 124].

Современные рыночные отношения требуют повысить уровень качества образования, требования к содержанию образования, к организации обучающего процесса. Современная система образования, несмотря на требования времени о необходимости формировании языковой личности, ориентированной на наличие универсальных лингвокоммуникативных возможностей, все еще не обеспечивает качественного уровня компетентных способностей у студентов-таджиков неязыковых факультетов по русскому языку. Общеизвестно, что языки мира являются не только основным средством человеческого общения, но и важным когнитивно-познавательным инструментом. В этом ракурсе изучение русского языка в общеобразовательных учреждениях страны представляет собой формирование у субъектов обучения двух наиважнейших качеств – понимания и говорения (восприятие/воспроизведение). Эти приоритетные компоненты речевой деятельности (включая также чтение и письмо) считаются главными символами в развитии языковой личности. По сути, овладение этими компонентами речевой деятельности обеспечивают процесс формирования когнитивномыслительной компетенции учащихся-таджиков при обучении русскому языку в вузе.

Содержание, обеспечивающее формирование когнитивно-речевой компетенции студентов гуманитарных специальностей по русскому языку:

- Речь и речевое общение.

Речь устная и письменная, монологическая (повествование, описание, рассуждение, сочетание видов монолога) и диалогическая.

- Речевая деятельность.

Виды речевой деятельности: чтение, аудирование (слушание), говорение, письмо. Понимание информации текста, передача содержания. Изложение содержания прослушанного или прочитанного текста (подробное, сжатое, выборочное). Создание устных и письменных монологических и диалогических высказываний разной коммуникативной направленности.

- Текст.

Текст как речевое произведение. Тема, микротема. Виды переработки текста (план, конспект, аннотация). Анализ текста.

- Функциональные разновидности языка.

Стили речи, сфера употребления, стилевые жанры.

Формирование коммуникативных универсальных учебных действий является неотъемлемой частью языкового образования в вузе.

Языковая компетенция предполагает знание самого языка, его устройства и функционирования, языковых норм, в том числе орфографических и пунктуационных.

По нашему мнению, именно применение коммуникативной компетенции на практических занятиях по русскому языку создаёт условия для развития интеллектуальной, творчески одарённой, нравственной личности,

способной к общению в любом культурном пространстве. Без развития коммуникативной компетенции не может быть конкурентоспособной, толерантной личности, потому что у обучающихся формируются практические навыки.

Умение вступать в речевое общение, участвовать в диалоге (понимать точку зрения собеседника, признавать право на иное мнение); создание письменных высказываний, адекватно передающих прослушанную и прочитанную информацию с заданной степенью свернутости (кратко, выборочно, полно); составление плана, тезисов, конспекта; приведение примеров, подбор аргументов, формулирование выводов; отражение в устной или письменной форме результатов своей деятельности.

Умение перефразировать мысль (объяснять «иными словами»); выбор и использование выразительных средств языка и знаковых систем (текст, таблица, схема, аудиовизуальный ряд и др.) в соответствии с коммуникативной задачей, сферой и ситуацией общения.

Использование для решения познавательных и коммуникативных задач различных источников информации, включая энциклопедии, словари, интернет-ресурсы и другие базы данных.

На занятиях русского языка предлагаются обучающимся разнообразные виды заданий, позволяющие выражать свои мысли связно и адекватно, строить коммуникативно-целесообразные высказывания в устной и письменной форме, пользуясь нужными языковыми средствами в соответствии с целью, содержанием речи и условиями общения. Это означает, что необходимо вырабатывать чувство языка, развивать аналитические и творческие способности обучающихся – как на уровне содержания, так и на уровне языковых средств, что очень тесно взаимосвязано.

Формирование когнитивное-речевой компетенции студентов гуманитарных специальностей на занятиях по русскому языку происходит при диалоге преподавателя со студентами, при задавании вопросов собеседнику, конструировании ответа на вопрос, в поли логе (коллективная дискуссия), в ролевой форме представления текста произведения. Языковая компетенция формируется у обучающихся при письме, составлении документации, при этом развивается орфографическая и пунктуационная грамотность, развивается речь, учитывающая орфоэпические нормы, ее выразительность и эмоциональность.

Из этого можно сделать вывод, что формирование когнитивном-речевой компетенции студентов гуманитарных специальностей по русскому языку – процесс продолжительный и очень сложный. Особую сложность в преподавании русского языка представляет соотнесение предметного курса и реального речевого опыта студента, процесс приобретения знаний о языке и непосредственный процесс овладения данным, русским языком. Что может и должен сделать преподаватель русского языка, чтобы обеспечить когнитивно-речевую компетенцию студентов? Прежде всего, создать оптимальные условия для продвижения каждого обучающегося в образовательном пространстве. Для этого и необходимо знать учебные возможности студентов. На занятиях особое внимание стоит уделять коммуникативным компетенциям на основе работы с текстом.

**Образец комплексного анализа текста Текст Всемирный день туризма**

27 сентября – Всемирный день туризма. Этот праздник учреждён в 1979г. ВТО. Это международный праздник. Его цель – пропаганда туризма, освещение его вклада в экономику мирового сообщества, развитие связей между народами разных стран.

В 2003г. председательствующей страной была Россия. Праздник был приурочен к концу туристского союза в Северном полушарии и к началу в Южном. Праздник отмечается в большинстве стран мира, проходят слёты туристов, праздничные мероприятия и фестивали. Девиз 2006г. призван подчеркнуть важность туризма как экономического фактора, обогащающего людей, а в некоторых странах, туризм является основной статьёй дохода бюджета государства.

В Астане состоялось заседание 18-ой Генеральной ассамблеи Всемирной туристской Организации. В её работе приняли участие более 600 представителей из 138 стран мира. Республика Таджикистан является членом Всемирной туристской организации.

В 2008 году количество международных туристских прибытий достигло 922 млн. человек, а доходы от международного туризма составили 944 млрд. долларов США.

Туризм является важной сферой жизни людей во всём мире. Он сближает народы, делая доступным культуру, историю, традиции и природу в разных уголках планеты.

Сегодня доля туристической отрасли составляет 10% объёма мирового валового продукта. В этой сфере занято почти четверть миллиарда работников. В глобальном масштабе доходы от туризма достигают 4-х триллионов долларов. Туристический бизнес обеспечивает всем государствам мира более 800 миллиардов долларов налоговых поступлений. Туризм является одним из двигателей мировой экономии.

**Задание 1.**

Правильно прочитайте текст и запишите в тетрадь прописью следующие словосочетания. Выделенные сочетания слов измените по падежам.

27 сентября 1979 год, в 2003 году, **2006 год**, **18 ассамблея**, **138 стран**, в 2008 году, 922 млн. человек, 944 млрд. долларов, 10% объёма, 4-х миллионов долларов, 800 миллиардов, 2003 год, **600 представителей**.

**Задание 2.**

Найдите пары синонимов.

| | |
|---|---|
| Пропаганда<br>Республика<br>Налог<br>Доступный<br>Продукт<br>Заседание<br>Достигать<br>Состояться<br>Приурочить<br>Доход<br>Путешествие<br>Глобальный<br>Вклад<br>Осуществлять<br>Освещать<br>Традиция | Собрание<br>Добиваться<br>Проводиться<br>Подогнать<br>Дивиденд<br>Экскурсия<br>Мировой<br>Обычай<br>Лепта<br>Выполнять<br>Разъяснять<br>Сбор<br>Реклама<br>Страна<br>Приемлемый<br>Провизия |

**Задание 3.**
Образуйте всевозможные словосочетания от данных прилагательных и существительных.

| | |
|---|---|
| Международный (-ая,-ое)<br>всемирный (-ая,-ое) | слёт<br>день<br>пропаганда<br>туризм<br>связь<br>ассамблея<br>совещание<br>девиз<br>доход<br>заседание<br>организация<br>традиция<br>отрасль |
| туристический (-ая,-ое)<br>экономический (-ая,-ое) | феномен<br>двигатель<br>доход<br>развитие<br>мероприятие<br>бизнес<br>объём<br>работник<br>подъём<br>связь<br>сфера<br>страна<br>бюджет<br>государство<br>мир<br>фактор<br>сообщество |
| глобальный (-ая,-ое)<br>мировой (-ая,-ое) | подход<br>двигатель<br>изменение<br>организация<br>доход<br>практика<br>катастрофа<br>проблема<br>освещение |

**Задание 4.**
Подготовьте ответы на вопросы, опираясь на текст.

1. Когда и с какого времени отмечается Всемирный день туризма?
2. Какова цель этого профессионального праздника?
3. Где отмечается Всемирный день туризма?
4. Какой доход от туризма получает Республика Таджикистан, являясь членом Всемирной туристской организации?
5. Почему наблюдается рост интереса государств к туризму?

6. Чем привлекателен туристский бизнес в Таджикистане?
7. Какие профессиональные праздники вы знаете?

Всем известно, что конечная цель обучения русскому языку – это практическая грамотность, языковая и речевая компетентность обучающихся. Соединить деятельность студентов по выработке (закреплению) практических навыков грамотного письма и речевому развитию позволяет работа с текстом как основной дидактической единицей. Применение коммуникативной компетенции на занятиях русского языка создаёт условия для развития интеллектуальной, творчески одарённой, нравственной личности, способной к общению в любом культурном пространстве. Без развития коммуникативной компетенции не может быть конкурентоспособной, толерантной личности, потому что, начиная с простого (языковой анализ текста) и заканчивая лингвистическим анализом или интерпретацией текста, анализом сюжета, у обучающихся формируются практические навыки.

В понятие когнитивно-речевой компетенции входит не только овладение необходимым набором речеведческих и языковых знаний, но и формирование умений в области практического использования языка в процессе речевой деятельности. Это соотносится и с реализацией воспитательных задач по формированию социально активной личности, ориентирующейся в современном мире. Когнитивно-речевая компетенция здесь становится частью культурной компетенции, ведёт к повышению общей гуманитарной культуры личности, формированию у неё высоких творческих, мировоззренческих и поведенческих качеств, необходимых для включения её в разнообразные виды деятельности. Пути реализации когнитивно-речевой компетенции обучающихся состоят в том, что формы, методы и приемы работы направлены на то, чтобы содержание учебного материала было источником для самостоятельного поиска решения проблемы. В этом плане использование инновационных педагогических технологий играет большую роль. Исследовательский метод, дискуссии мозговой штурм, технология "критического мышления”, интерактивные, групповые формы и методы, коллективный способ обучения. Данные технологии развивают творческую активность, формируют мыслительную деятельность, учат студентов отстаивать свою точку зрения, помогают добиться глубокого понимания материала.

Работа в парах, в группах сменного состава позволяет решить и задачи воспитания: желание и умение сотрудничать в группах с однокурсниками. Главное в работе – студенты свободно говорят, спорят, отстаивают свою точку зрения, ищут пути решения проблемы, а не ждут готовых ответов.

Методы, ориентированные на устную коммуникацию

- Все виды пересказа;
- Все формы учебного диалога;
- Доклады и сообщения;
- Ролевые и деловые игры;
- Учебные исследования и учебные проекты, требующие проведения опросов;
- Обсуждение, дискуссия, диспут;
- Выступления в качестве ведущих на мероприятиях.

Методы, ориентированные на письменную коммуникацию

- Сочинения и изложения;
- Телекоммуникационные тексты, сообщения;
- Участие в конкурсах сочинений;

Подходы в обучении:

а) компетентностный подход в обучении.

Успешное применение данного подхода в обучении означает, что обучаемые знают язык, демонстрируют коммуникативные умения и способны успешно действовать вне вуза, т.е. в реальном мире.

б) деятельностный подход.

Данный подход положен в основу когнитивно-речевой компетенции, так как он обеспечивает самостоятельную творческую деятельность каждого студента. Подход основан на положении П. Я. Гальперина о том, что «в самостоятельной творческой деятельности каждого обучающегося надо идти от внешних практических материальных действий к действиям внутренним, теоретическим, идеальным» [1, с.287].

То есть обучение предполагает на первом этапе совместную учебно-познавательную деятельность под руководством преподавателя, а затем – самостоятельную.

**_Литература_**


1. *Умарова, Т.М. «Педагогика и психология высшей школы» Г.Д.Ан, / Т.М.Умарова, И.Т.Амонов. – Д.: 2003. – 360 с.*
2. *«Психология высшей школы». М.И.Дьяченко, Кандыбович Л.А., С.Л.Кандыбович. Минск. Харвест., 2006 - 416с.*
3. *Гальперин, И. Р. Текст как объект лингвистического исследования. / И.Р. Гальперин.-М., М.: Академия, 2015. - 287с.*
4. *Елютин, В.П. Наука и высшее образование. / В.П.Елютин. - М.,1968. – 240 с.*
5. *Кошелев, С.С. «Интерактивные методы обучения. Учебно-методическое пособие»/.С.Кошелев.-Минск. 2013.-223 с.*
6. *Краснов Н.Ф. Новый этап в развитии высшей школы. / Н.Ф. Краснов. «Вестник высшей школы» 1972 №10.*
7. *Рахматова, Ш.И. "Русский язык: мир туризма и гостеприимства»: Учебное пособие для студентов, обучающихся на факультетах туризма гостеприимства. Ш.И. Рахматова, О.Х. Гургулиева. - Душанбе- 2013.*
8. *Щукин, А.Н. Обучение иностранным языкам. Теория и практика: Учебное пособие для преподавателей и студентов. / А.Н. Щукин. – М.: Филоматис, 2007. – 124 с.*

## ФОРМИРОВАНИЕ КОГНИТИВНО-РЕЧЕВОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ ГУМАНИТАРНЫХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ (ГЕОГРАФИЯ, ИСТОРИЯ) ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

В статье затрагивается один из основных вопросов в современной жизни молодого поколения в настоящее время – это социокультурная среда, которая выделяется своим масштабным развитием многоязычия. Уделяется внимание формированию когнитивно-речевой компетенции студентов гуманитарных специальностей (географии, истории) по русскому языку. Даётся характеристика дисциплины (предмета) «русский язык для неязыковых специальностей», его значение в профессиональной подготовке учителя (преподавателя). Значительное место в статье занимает методика работы с текстом по специальности. Соединить деятельность студентов по выработке (закреплению) практических навыков грамотного письма и речевому развитию позволяет работа с текстом как основной дидактической единицей.

**Ключевые слова**: компетенция, мобильность, гуманитарная специальность, коммуникабельность речевая ситуация, субъект, инновация, языковые нормы, конкурентоспособность, когнитивно-речевая компетенция, социокультурная среда, толерантная личность.

## FORMATION OF COGNITIVE-SPEECH COMPETENCE OF STUDENTS OF HUMANITARIAN SPECIALTIES (GEOGRAPHY, HISTORY) IN THE RUSSIAN LANGUAGE

The article deals one of the main issues in the modern life of the younger generation at the present time is the socio-cultural environment, which stands out for its large-scale development of multilingualism. Attention is paid to the formation of cognitive-speech competence of students of humanities in Russian. The article describes the discipline (subject) "Russian for non-linguistic specialties", its significance in the professional training of a teacher (teacher). A significant place in the article is occupied by the methodology of working with the text in the specialty. To combine the activities of students in the development (reinforcement) of practical skills of literate writing and speech development allows working with text as the main didactic unit.

**Keywords:** competence, mobility, humanitarian specialty, communication skills, cognitive-speech competence, socio-cultural environment, speech situation, субъект, innovation, language norms, competitiveness, tolerant personality.

## ТАШАККУЛИ КОМПОНЕНТИ НОТАИ НУТҚИИ ДАР ИХТИСОСҲОИ ДОНИШҶӮЁН, ФАННҲОИ ГУМАНИТАРИИ (ГЕОГРАФИЯ ТАЪРИХ) ДАР ЗАБОНИ РУСИ

Дар мақола яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти муосири насли наврас дар замони ҳозира – ин муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад, ки бо рушди густурдаи бисёрзабонӣ фарқ мекунад. Ба ташаккули салоҳияти маърифатию нутқии донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ (ҷуғрофия, таърих) аз забони русӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Хусусиятҳои фанни «Забони русӣ барои ихтисосҳои ғайризабонӣ», аҳамияти он дар тайёрии касби омӯзгор нишон дода шудааст. Дар мақола усули кор бо матн аз рӯи ихтисос ҷои муҳимро ишғол мекунад. Якҷоя кардани фаъолияти донишҷӯён дар ташаккули (муқаррар) малакаҳои амалии хатти саводнок ва инкишофи нутқ имкон медиҳад, ки бо матн ҳамчун воҳиди асосии дидактикӣ кор бурда шавад.

**Вожаҳои калидӣ:** салоҳият, ҳаракат, ихтисоси гуманитарӣ, малакаҳои муошират, вазъияти нутқ, мавзӯъ, навоварӣ, меъёрҳои забонӣ, рақобатпазирӣ, салоҳияти нутқи маърифатӣ, муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, шахсияти таҳаммулпазир.

***Об авторе***
*Нажмутдинова Фарангис Файзидиновна*
*Ассистент кафедры методики*
*русского языка*
*Таджикский государственный педагогический университета*
*имени Садриддина Айни,*
*734003 г. Душанбе проспект Рудаки 121*
*Тел: (+992) 919352673.*

***Дар бораи муаллиф***
*Наҷмутдинова Фарангис Файзидиновна*
*Ассистенти*
*кафедраи методикаи таълими*
*забони руссӣ*
*Донишгоҳи давлатии*
*омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи С. Айнӣ,*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121,*
*Тел: (+992) 919352673.*

***About the author***
*Najmutdinova Farangis Fayzidinovna*
*Assistant of the Department*
*of Russian Language Methodology of the*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini,*
*734003, Dushanbe Rudaki Avenue 121*
*Phone: (+992) 919352673.*

ТДУ 372.8+802.0+809.155.0

# МОҲИЯТ ВА МАФҲУМИ МЕТОДИ БОСУРЪАТ ДАР ДАРСИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

***Шодиева М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дарси забони англисӣ воситаи асосии ноил шудан ба чор мақсади таълим буда, ниҳоятан баҳри инкишофи имкониятҳои зеҳнии хонандагон хизмат мекунад. Дарси забони англисӣ аз лиҳози сохт ва мундариҷааш аз дарси дигар фанҳо куллан фарқ мекунад, зеро мақсади асосии дарси забони хориҷӣ ҳосил кунонидани малака аст, ҳол он ки таълими аксари фанҳои дигар барои додани дониш нигаронида шудааст.

Таълими забони англисӣ дар мактабҳои миёна на мисли дарси забони тоҷикӣ барои қойдаомузонӣ нигаронида мешавад, балки он **барои ҳосил кунонидани малакаи муоширатӣ бо** ин забон хизмат менамояд [8, с. 32].

Мақсади муошратӣ доштани таълими забони англисӣ талаб мекунад, ки чи маводҳои забонӣ, чи низому тартиботи тадриси онҳо ва ҳамчунин ҳар як лаҳзаи дарс бояд бо мақсади муайян гузарад. Яке аз хусусиятҳои хоси дарсҳои забони англисӣ дар он аст, ки он дар асоси мавзуъҳои мухталиф, яъне юнитҳо гузаронида мешавад. Масалан, аз рӯи нақшаи таълим барои як соли таҳсил **68** соат дарси забони англисӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин муддат бояд бо назардошти синф ва дарсҳои такрориву курси муқаддимавӣ аз 4 то **8** мавзӯъ тадрис дода шавад, ки онҳо дорои маводҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии худ мебошанд.

Ҳар як мавзӯъ дар давоми **8-10** соат дарс бояд аз худ кунад. Дар дарсҳои аввал малакаи фонетикӣ, сониян грамматикӣ ва лексикӣ бояд ташаккул дода шавад ва билохир дар муошират истифода шудани онҳо бояд таъмин гардад. Аз ин лиҳоз ҳар як дарси забони англисӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- мақсад ва вазифаи ҳар як дарс аниқ, ва равшан карда шавад;
- дарси забони англисӣ аз оғоз то интиҳо бояд фазои муошират дошта бошад;
- машқҳои муоширатӣ бояд ба лаҳзаҳои воқеию ҳаёт такя кунад;
- дар мақсади ташаккул ва инкишоф додани малака ва маҳорати нутқи забони англисӣ бозиҳои гуногун бояд гузаронида шавад;
- шинос шудани хонандагон бо маводи грамматикӣ ва лексикӣ дар асоси принсипи функсионалӣ бояд ҷараён гирад;
- истифодаи аёният (расмҳо, ҷадвалҳо, аудио ва видео маводҳо) талаб карда мешавад;

Нутқи омӯзгор аз лиҳози суръат, мазмун ва мундариҷа барои хонандагони ҳар як синф бояд, мутобиқ ва намуна бошад. Риоя ва амалӣ гардонидани талаботи зикршуда ба дарси забони хориҷӣ гарав ва омили самарабахши илмӣ мегардад [8, с. 28-41].

Сохт ва мундариҷаи дарси забони англисӣ дар мактаби миёна аз мақсад ва вазифаҳои таълими ин фан вобаста аст. Профессор Г.В.Рогова дуруст таъкид мекунад, қаблан сохти дарси забони хориҷӣ аз сохти дигар дарсҳо фарқ намекард, яъне он аз қисми ташкил, пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзӯи нав, мустаҳкамкунӣ ва супоридани вазифаи хонагӣ иборат аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки **чунин** нақша доштани дарси забони англисӣ хилофи раванди муоширатӣ доштани он аст. Аксари методистон дар сохтори дарси забонӣ 3 ҷузъи асосиро ҷудо мекунанд:

- **Оғози дарс.**
- **Ҷузъи моҳияти дарс.**
- **Фарҷоми дарс.**

Олимони Аврупо низ дарси забони хориҷиро аз се ҷузъ иборат медонанд:

1. **Presentation** (манзуркунии маводи таълим).
2. **Practice** (машқкунии он мавод).
3. **Product** (натиҷа ё маҳсули машқҳо), ки ин изҳори фикр аст.

Қисми ташкилии дарс, бо ибораи олимони Англия ва Амрико, «**Warm-up**» (тафсониш) ном дошта, он 5-7 дақиқа давом мекунад. Мақсади асосии ин лаҳзаи дарс, аз як тараф, ба

миён овардани муҳиту фазои забонӣ дар дарс бошад, аз ҷониби дигар, он барои ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс мусоидат мекунад. Таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки якзайл босаволу ҷавоби навъи Who is on duty today?

**S:** I am on duty today**: What** date is it today**?**

**S:** It is the first of Desember T: What is the weather like today?

**S:** It is nice today"- оғоз кардани дарс ба дили хонандагон мезанад.

Сабаб дар он аст, ки чунин муошират табиӣ, зинда аст. Аз ин лиҳоз аксарияти методистон тавсия мекунанд, ки қисми ташкилии дарс амалиёти "**Warm-up**" оғоз ёбад, ба шарте ки он мундарнҷаи нав ба нав дошта бошад.

Бо назардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон лаҳзаи ташкилии дарсро дар синфҳои ибтидоӣ тавассути бозиҳо, хондани шеър ё суруд, овардани чистону тезгуякҳо гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст [5, с. 33-39].

Масалан, намунаи аввал: Калимаҳои гуногунро номбар кунед ва ҳамон дам, ки номи узви инсонро шунидед, даст бардоред (a book, a school, a nose, a ball, a hand, a cat, a head, a dog, an eye, a pencil).

Намунаи дуввум: Ки тезтар амалиёти математикии зеринро ба забони англисӣ гуфта метавонад?

**2+4=6, 7+2=9, 5+3=8, 4+3=7, 8+9=17 ва ғайра.**

Дар синфҳои болои омӯзгор метавонад ба ҷои бозӣ амалётҳоеро гузаронад, ки мӯҳокимарониро талаб мекунанд. Масалан, ба ин расми одамон нигоҳ кунед, ва касби онҳоро бо забони англисӣ ё ин ки гуед, ки аз предметҳои зикршаванда ки истифода мебарад.

**Engine, screw, brake, (mechanic)**

**Paint, cloth, (painter)**

**Spade, bricks, clay, cement (builder)**

Омӯзгор метавонад аз тасаввуроти худ истифода бурда машқҳои гуногунро бо ҳамроҳии хонандагон иҷро намояд [9, с. 66-81].

Банақшагирии дарси забони англисӣ.

Тартиб додани нақша ва муайян намудаии мундариҷаи дарси забони англисӣ аз омӯзгор мустақил ва эҷодкориро талаб мекунад. Ӯ бояд хусусиятҳои синнусолӣ, ҳолати иҷтимоӣ ва шароити зисти шогирдонро низ ба инобат гирад. Бояд гуфт, ки конспект аъло на ҳамеша гарави муваффақият аст, ба амал татбиқ кардани нақшаи пешбинишудаи дарс маҳорат ва таҷрибаи бойи таълимиро талаб мекунад. Нақшаи дарс метавонад аъло навишта шуда бошад, вале омӯзгор ба мақсади гузоштааш ноил нагардад. Аз ин рӯ ченаки асосӣ - ин натиҷаи дарс маҳсуб меёбад. Бинобар ин омӯзгор бояд ин омилро низ ба инобат гирад.

Хулоса дарс воситаи асосии ҳосил гардидани малака ва маҳорати муоширатии хонандагон мебошад. Дарси забони англисӣ се намуд дорад: дарсҳои ташаккули малакаҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикӣ, дарсҳои **мустаҳкамкунии** малакаҳо, дарсҳои инкишофи малакаи муоширатӣ аст. Мундариҷа ва вазифаҳои ҳар як дарс вобаста ба зинаи таълим, лаҳза, мақсад ва сохти дарс ба танзим медарорад.

Дарси забони англисӣ асосан аз се ҷузв иборат аст:

**Қисми ташкилии дарс**

**Қисми асосии дарс**

**Қисми ҷамъбастии дарс**

Таълими забони хориҷӣ дар мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ аз синфи 3 то 11 ҷараён дорад. Гарчанде, ки мақсади асосии таълими забони хориҷӣ, дар макикби миёна ташаккул ва инкишофи малака ва маҳорати нутқи хориҷии шогирдон мебошад, мазмуну мундариҷа ва усулҳои таълим дар синфҳои гуногун як зайл нест, зеро хусусиятҳои синнусолии хонандагон ба хотира, диққат, ҳавасмандӣ ва ҷаҳонбинии онҳо таъсир мерасонад. Аз ҳамин лиҳоз олимон, мутахассисони фанни забони хориҷӣ ба се марҳила ҷудо кардани ҷараёни таълими забони хориҷиро зарур донистаанд. Сабаби дигари чунин марҳилабандӣ дар он мебошад, ки малака ва маҳорати муоширатии хонандагон аз забони хориҷӣ якбора ҳосил намешавад, он зина ба зина ташаккул ва инкишоф меёбад. Гузашта аз ин, маводи забони (фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ) бояд вобаста ба хусусиятҳои синусолии хонандагон интихоб карда шавад [4, с. 19-29].

Илми психология собит кардааст, ки хонандагони снфи 3-4 аз лиҳози такомули ақлӣ, хусусиятҳои хотира, диққат ва тафаккур умумиятҳо доранд. Аз синни 11 солагӣ аз дарки

биноӣ дида дарки ақлии онҳо афзалият пайдо мекунанд, яъне мавқеи хотираи ғайри ихтиёриашон зиёд мешавад. Хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ ҳавасмандии хоса зоҳир мекунанд. Аз ин рӯ, омӯзгорони забони хориҷиро зарур аст, ки дарсҳоро бо усулҳои наву пешқадам хусусан аз шеъру суруд ва бозиҳо ташкил кардани дарсҳо аҳамияти калон диҳанд. Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки омӯзиши забони хориҷӣ дар синфҳои 3-4 хеле мароқангез аст ва хонандагон нисбати ин фан ҳавасмандии калон зоҳир менамоянд.

Аз ин рӯ, омӯзгорон бояд барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии дарсҳо усулҳои самара-бахшро ҷустуҷу намоянд.

Методи талқин ё методи суггестивӣ аз тарафи равонпизишки маъруф, олими булғорӣ Георгий Лозанов пешниҳод шудааст. Моҳияти асосии таълимоти Г. Лозанов аз он иборат аст, ки раванди таълим бояд бо шавқу ҳаваси хонанда робитаи қавӣ дошта бошад. Дар солҳои 60-70-уми асри XX илмҳои гуногун ба шахсияти хонанда, ба хусусиятҳои шахсии ӯ диққати махсус зоҳир карданд.

Шахсияти хонанда маҳаки асосии раванди таълим ҳисобида мешуд. Олимони зиёд доири ин масъала ибрози ақида намуда, асарҳои илмӣ офаридаанд. Георгий Лозанов дар таҷрибаи кори худ имкониятҳои истифода бурдани захираҳои ниҳоии инсонро мушоҳида намуда, вобаста ба он китобе бо ном «Суггестология» ба чоп расонид. Ӯ фаҳмиши мафҳуми суггестологияро муайян карда, онро ҳамчун «илм оиди воситаҳои фаъолгардонии имкониятҳои ниҳоии шахс» номидааст. Ӯ дар китоби худ таъсири мухталифи омӯзгорро ба шогирдон нишон дода, таъкид мекунад, ки дар фаъолияти таълим бояд захираҳои ниҳоии шуур ва фаъолияти фикрӣ амалӣ гардонида шаванд. Аз ин рӯ, машғулиятҳое, ки Г. Лозанов дар шакли озмоиш ташкил кардааст ба намоиш шабоҳат доранд. Садои форами мусиқӣ шунида мешавад, хонандагон озодона дар курсиҳои нарм дар атрофии мизи мудаввар нишаста, нақшҳои гуногун меофаранд. Ба сифати мавзӯи нақш асарҳои бадеӣ, ҳодисаҳои воқеӣ аз ҳаёти ҳаррӯза ва ғайра интихоб карда мешавад. Дар чунин шароиту муҳит ҳамаи иштирокчиён беихтиёрона ба муоширaт ҷалб мешаванд, байни худ робита намуда, гуфтугӯ, сӯҳбат ороста мекунанд. Мувофиқи нишондодҳои Г. Лозанов дар чунин шароит ба туфайли истифодаи захираҳои хотири ғайриихтиёрӣ хонандагон ҳамагӣ дар як моҳ қариб то 2000 калимаҳоро ёд гирифта дар нутқи гуфтугӯӣ истифода мебаранд. «Мусиқӣ яке аз роҳҳои босамари таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти хонандагон буда, барангезандаи пурзӯри психологӣ мебошад». Педагоги маъруф Ян Амос Коменский менависад: «Шахсе, ки мусиқиро намедонад ба одами бесавод монанд аст. Дар юнони Қадим аксари матнҳо тавассути суруд аз худ карда мешуданд, дар Ҳиндустон бошад, алифбо ва арифметика бо ин роҳ омӯхта мешуданд». «Мусиқӣ ва суруд ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ёрии калон мерасонанд. Аз нигоҳи методика суруд чунин афзалиятҳо дорад:

- суруд яке аз намудҳои муошират нутқӣ ва вусъатдиҳандаи захираҳои луғавӣ;
- дар сурудҳо сохторҳои грамматикӣ хубтар азхуд карда шуда, амалӣ гардонида мешаванд;
- суруд ба тарбияи зебопарастии (эстетикӣ) хонандагон таъсири мусбат мерасонад;

Тавассути мусиқӣ ва суруд дар раванди таълим муҳити мусоиде ташкил шуда, сарбории психологӣ бартараф мешавад, фаъолияти забонӣ фаъол гардида, шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ зиёдтар ва қавитар мегардад». Г.А. Китайгородская чанд системаҳои методии омӯзиши интенсивии забонҳои хориҷиро нишон додаст, ки дар асоси консепсияҳои суггестоглогии Лозанов сохта шудаанд.

1. Методи эҳсосӣ-маъногӣ (И.Ю. Шехтер). Яке аз хусусиятҳои ин метод системаи супоришҳои коммуникативӣ мебошад. Ин метод 3-давраи омӯзишро дар бар мегирад;
2. Курси интенсивӣ барои калонсолон, ки аз тарафи Л. Гегечкори пешниҳод шудааст.
3. Курси «фарогирӣ» ё «ғутаваршавӣ»-и Л.С. Плесневич. Ин курс барои тайёр кардани коргарон оиди сӯҳбат бо ҳамкорони хориҷӣ дар давоми 10-рӯз пешниҳод шудааст.
4. Методи суггестокибернетикӣ-интегралии омӯзиш (В.В. Петрусинский).

Ҳамин тавр, таъсирнокии системаи омӯзиши суггестопедӣ дар он ифода меёбад, ки он ба инкишофи шахсияти хонанда, дар як вақт ба ҷиҳатҳои инкишофи фикрӣ, ҳиссӣ ва ҳавасмандонии ӯ равона шудааст.

Шарҳи мухтасар аз методи интенсивӣ дар забонҳои хориҷӣ ва таърихи пайдоиши он.

Дар солҳои охир дар амал татбиқ намудани омӯзиши интенсивии (суръатнокӣ) забонҳои хориҷӣ натиҷаҳои баланди илмӣ додаст. Барои амалӣ гардидани ин метод як қатор олимон аз

қабили Гальскова Н.Д., Г.А. Китайгородская, М.А. Майёрова, А.А. Леонтьев, Г. Лозанов ва дигарон саҳми босазое гузоштаанд. «Омӯзиши интенсивии забонҳои хориҷӣ муносибати мулоҳизакорона ва пай дар пайест барои омӯзиши нутқи забони хориҷӣ» [6, с. 111]. Табиист, ки ин муносибат асоси ҷамъиятӣ-таърихӣ дорад. Масалан, замоне пеш таълими ин ё он забони хориҷӣ ҳамчун як фан, ҳамчун як система ба роҳ монда мешуд. Ҳоло, ин муносибат хеле ҷиддӣ гаштааст, чунки мақсади асосии таълими забони хориҷӣ ба хонандагон омӯзонидани нутқи забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират мебошад. Дар давлатҳои хориҷӣ методи интенсивӣ дар амал кайҳо боз тадбиқ шудааст. Он ҳамчун «системаи махсуси омӯзиш» аз тарафи гурӯҳи зиёди омӯзгорон қабул шудааст. Дар Ҷумҳурии мо ҳоло бо воситаи ин метод таълим на дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва на дар макотиби олӣ ба роҳ монда нашудааст.

Умуман дар чаҳорчӯбаи ин метод принсипҳои нави ҷудокунӣ ва ташкили маводҳои нутқӣ ва забонӣ коркард шудаанд. Дар байни онҳо муҳимтаринашон фаъолиятнокӣ, шахсӣ-нақшофарӣ, вазъиятофарӣ (situation)- мавзӯӣ мебошанд.

Методи интенсивӣ-системаи нави фаъол ва самараноки омӯзиш, идоракунии фаъолияти коммуникативӣ- омӯзишии хонандагон мебошад. Аммо ҳоло ҳам маълум нест, ки кадом аломатҳои методи интенсивӣ хосияти асосии онро муайян месозанд. Муайянкунандагони интенсивӣ будани омӯзиш хеле бисёранд. Бо вуҷуди ин, онҳо маҳаки асосии сермаҳсулии омӯзишро ифода карда наметавонанд» [1, с. 54].

Мувофиқан ба таҳлили адабиёт хосиятҳои умумии меъёрҳое, ки бо воситаи онҳо бояд фаҳмиш ва моҳияти омӯзиши интенсивӣ муайян карда шавад, аз қисмҳои зайл иборат аст. Маълум аст, ки меъёри аввал-доираи хонандагон ба моҳияти ин мафҳум муносибати бевосита надорад. Ҳоло бо ин метод гурӯҳҳои гуногуни хонандагон ҷалб карда мешаванд. Дар якҷоягӣ онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: қабл аз мактаби олӣ, мактаби олӣ ва баъд аз мактаби олӣ. Вобаста ба ин, шакли ташкили омӯзиш низ тағир меёбад. Меъёри дувум, бо воситаи оне, ки омӯзиши интенсивӣ муайян карда мешавад мӯҳлати он мебошад, яъне дар доираи вақти маҳдуд соҳиб шудан ба нутқи шифоҳӣ. Ҳамин тариқ, мақсади методи интенсивӣ дар доираи вақти маҳдуд аз худ намудани ҳаҷми зиёди маводи таълимӣ мебошад. Таркиби методи интенсивӣ аз бар намудани маҳорату малака ва маводи забонӣ, ки ташкилёбӣ, инкишоф ва истифодабарии онҳоро таъмин менамоянд, мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки дар методи интенсивӣ ҷиҳати тарбиявӣ вазифаи омӯзишро дорад ва ҷиҳати омӯзиш вазифаи тарбиявиро. Амалан, ҳар як системаи методӣ чунин талабот дорад. Аммо дар замони ҳозира чунин талабот, чунин ягонагӣ танҳо дар методи интенсивӣ нисбатан пай дар пай, зина ба зина амалӣ мегардад. Дар таълими интенсивии забонҳои хориҷӣ ду зина ҷудо карда мешавад: зинаи ибтидоӣ ва зинаи асосӣ. Дар зинаи ибтидоӣ 120 соат ҷудо карда шудааст. Дар зинаи асосӣ бошад 100-120 соат. Зинаи асосӣ дар шакли интенсивӣ, яъне суръатнок мегузарад, ки дар он шогирдон дар як соат зиёда аз 20 воҳиди луғавӣ аз худ мекунанд.

Синфхонаҳое, ки ба таълими интенсивӣ мутобиқанд чи аз нигоҳи аёният ва чи аз нигоҳи воситаҳои техникӣ пурра ҷиҳозонида шудаанд.

Дар синф 10-12 нафар забон меомӯзанд. Машғулиятҳо аз рӯи мазмуни муайян аз худ мешаванд, ки дар онҳо ҳамаи хонандагон мавқеи худро доранд ва аз рӯи нақшофарӣ раванди муошират бо забони хориҷӣ ташкил мешавад [3, с. 14]. Масалан, ташриф овардани гурӯҳи сайёҳони хориҷӣ ба ягон шаҳр, деҳот ё ба ягон ҷои таърихӣ.

Дар ҳар як мавзӯи нав камаш 150 воҳидҳои нави луғавӣ вомехӯранд. Усули таълим ба тариқи зайл аст: бачагон чанд маротиба матнро гӯш мекунанд. Матн аз тарафи муаллим тарҷума карда мешавад. Муаллим бояд матнро аз ёд донад. Дар зинаи дуввум муаллим як ҷумларо мегӯяд, талабагон бошанд онро якҷоя баъд аз муаллим такрор мекунанд. Ҷойҳои мушкилфаҳми матн ва баъзе қолабҳои нутқӣ аз тарафи талабагон то 10-15 маротиба бо овози баланд такрор мешаванд.

Дар зинаи сеюм ба хонандагон матни чопӣ бо забони хориҷӣ пешниҳод мешавад. Хонандагон онро аз назар гузаронида, дар дил такрор мекунанд. Дар зинаи чаҳорум муаллим матнро дар ҳамоҳангӣ бо ягон овози мусиқӣ мехонад. Хонандагон дар чунин шароити мусоид матнро беихтиёрона ва бе тарҷума гӯш мекунанд. Минбаъд дар асоси матни азхудшуда муошират ба роҳ монда мешавад. Ҳамин тавр, омӯзиши интенсивии забонҳои хориҷӣ гуфта, мо омӯзишеро мефаҳмем, ки асосан ба омӯзиши забон ҳамчун воситаи

муошират равона карда шудааст. Ин навъи омӯзиш ба захираҳои равонии истифоданашудаи шахсият ва фаъолияти хонандагон такя мекунад. Махсусан, барои идора кардани равандҳои иҷтимоӣ-равонӣ дар гурӯҳ ва идора кардани муносибатҳои байни омӯзгору хонандагон, байни худи хонандагон равона шудааст, ки дар муддати кӯтоҳ амалӣ мегардад. Вобаста ба мақсади асосии методи интенсивӣ, яъне дар доираи вақти ниҳоят маҳдуд аз худ кардани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират, ду омили асосии муайянкунандаи онро ҷудо кардан мумкин аст:

1) Мӯҳлати ками омӯзиш барои ноил гаштан ба мақсад (ба фаъолияти нутқ) ҳангоми ташкил ва истифодабарии андозаи зиёди маводи таълим.

2) Ба таври васеъ истифода бурдани ҳамаи захираҳои ниҳоии шахсияти хонанда, ки дар шароити тахсири мутақобилаи гурӯҳи таълимӣ ва таъсири эҷодии шахсияти омӯзгор ба даст меояд. Омили аввал, хусусияти омӯзишро бо мақсади он алоқаманд месозад. Мисол, агар мақсад аз худ намудани муоширати ҳаррӯза бошад, мумкин аст танҳо бо зинаи ибтидоии омӯзиш қонеъ шуд (120-соат таълимӣ).

Омили дуввум, ташкил кардани муҳити равониро дар синф муайян месозад, яъне муносибатҳои бовариноки байни омӯзгору гурӯҳи таълимӣ. Барои фаъол гардонидани захираҳои ниҳоии шахсияти хонанда фаъолияти муштараки гурӯҳи таълимӣ, дастгирӣ ва ҷалбкунии он дар раванди таълим мавқеи ҳалкунанда дорад. Ин яке аз шартҳои таъсирноки дараҷаи фаъолнокии фаъолияти омӯзишии хонанда мебошад. Шарти дигари фаъолгардонии захираҳои ниҳоии шахсияти хонанда ин дониши чуқур ва ҳамаҷонибаи омӯзгор мебошад. Чунин фаҳмиши методи интенсивӣ комилан фаҳмиши мувофиқи интенсивӣ будани омӯзишро мефаҳмонад.

Аз давраҳои хеле қадим масалаи чӣ тавр ва ё бо ёрии кадом методҳо самаранок аз худ кардани забони хориҷӣ диққати олимонро ба худ ҷалб кардааст. Маълумотҳо оиди омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва методҳои азхудкунии онҳо гуногунанд. Вобаста ба сарчашмаҳои таърихӣ забони лотинӣ дар муддати 15 аср дар ҷодаи инкишофи маданияти давлатҳои Аврупо мавқеи ниҳоят калон дошт. Дар таълим ва омӯзиши ин забон методи тарҷума истифода мешуд. Дар охирҳои асри XIX ба туфайли тағир ёфтани шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инкишофи капитализм дар соҳаи методҳои таълими забонҳои хориҷӣислоҳот ба вуҷуд омад. Дар баробари он дар ин давра фанҳои забоншиносӣ, педагогика ва равоншиносӣ рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Мактабҳои нави илмӣ пайдо шуданд. Методҳои нави омӯзиш аз қабили методҳои табиӣ ва бевосита, методҳои аудиолингвалӣ ва аудиовизуалӣ, методи муқоисавӣ, методи интенсивӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Бояд тазаккур дод, ки методи интенсивии таълими забонҳои хориҷӣ таърихи бою рангине дорад. Пайдоиш ва инкишофи методи интенсивӣ аз ибтидои асри XX оғоз меёбад, ки сабабҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва таърихӣ дорад. Бидуни он, ба пайдоиши методи интенсивӣ методи бевосита сарчашма гузоштааст.

Бисёр принсипҳои методи бевосита, аз ҷумла майл ба нутқи шифоҳӣ, мустаҳкамкунии ягонагии таълим, фаъолгардонии хонандагон дар раванди таълим, вазиятофарӣ ва ғайра дар методи интенсивии таълим маҳфуз дошта шудаанд. Табиист, ки ҳар як методи нави ба вуҷудомада ҷиҳатҳои хуберо дар соҳаи методикаи таълим ҷамъоварӣ менамояд. Онҳо сатҳи фарҳанг, илм, техника, ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатеро, ки дар он ташаккул ва инкишоф меёбанд инъикос менамоянд. Барои ташкил ва инкишофи ин ё он метод як қатор илмҳо аз қабили равоншиносӣ, педагогика ва методика таъсир мерасонанд. Онҳо таъсирнокии методҳоро дар назария ва амалия муайян месозанд. «Пас аз методи бевосита дар мамлакатҳои гуногун методҳои дигари омӯзиши интенсивии забонҳои хориҷӣ: аудиолингвалӣ, аудиовизуалӣ, гипнопедия, релаксопедия, суггестопедия ба вуҷуд омадаанд» [1, с. 78].

«Бояд қайд кард, ки методҳои аудиолингвалӣ ва аудиовизуалӣ дар методи интенсивӣ истифода бурда намешаванд. Зеро принсипҳои онҳо ба ин метод мувофиқ нестанд. Масалан, принсипҳои такя ба забони модарии хонанда, аз худ кардани маводи таълимӣ бо роҳи тақлид, аз ёд кардан, набудани машқҳои эҷодӣ ва ғайра» [1, с. 156].

Доири гипнопедия ва релаксопедия бошад амалан ин методҳо ба омӯзиши интенсивӣ равона шудаанд, яъне дар хотир нигоҳ доштани маводҳои зиёди забонӣ. Бо вуҷуди дар хотир нигоҳ доштани маводҳои забонӣ онҳо аз худ кардани нуткро таъмин карда наметавонанд. Дар онҳо муошират ва машқҳои эҷодӣ бо ёрии маводҳои аз бар карда кам ба чашм мерасанд. Хуб мешуд, агар гипнопедия ва релаксопедия танҳо воситаи дар хотир нигоҳдории ахбор, ки

ҳангоми дар амал тадбиқ кардани забони хориҷӣ истифода мешаванд, фаҳмида шавад. Илова бар ин методҳои дар боло зикршуда шахсият, хусусиятҳои равонӣ-физиологӣ, имкониятҳои фикрӣ ва эҷодии хонандагонро, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳоро дар гурӯҳи таълимӣ ҳамчун объекти омӯзиш ба ҳисоб намегиранд. Аз ин лиҳоз онҳоро ба маънои томашон методи интенсивӣ номидан номумкин аст. Дар даҳсолаи охир ба омӯзиши шахсият ва имкониятҳои эҷодӣ ҳамчун объект диққат дода мешуд.

Илмҳои педагогика, равоншиносӣ ва тиб захираҳои ниҳоии шахсиятро объекти омӯзиш қарор доданд. Яке аз масъалаҳои назария ва амалия педагогика ва равоншиносии педагогӣ ҳам дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва ҳам дар донишкадаҳои олӣ масъалаи муошират ва муколама дар омӯзиш мебошад. Бояд ин масъалаҳо аз нигоҳи равонӣ – педагогӣ вобаста ба самти инкишофи шахсияти хонанда ҳалли худро ёбанд.

Ташкил кардани раванди дарс вобаста ба инкишофи рӯҳӣ ва шахсияти бача аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад» [7, с. 35]. Ба таври дигар гӯем, яъне барои босамар ташкил кардани раванди дарс маводи таълим вобаста ба шахсият, дараҷаи эҷодӣ ва фикри хонандагон пешниҳод шавад, то ин ки захираҳои фикрии онҳо бой гардад ва тавонанд эҷодкорона фикр намоянд.

***Адабиёт***


1. *Алиев С. Н. Методикаи умумии таълими забонҳои хориҷӣ. /С.Н. Алиев. - Душанбе, 2013. - 340 с.*
2. *Андреевская Л.С. Методика преподавания французского языка. / Л.С., Андреевская С.З., Левенстерн О.Э. Михайлова. - Москва, 1958. - 98 с.*
3. *Барномаи омӯзиши забони англисӣ. Ба забони русӣ. Душанбе: Сарпараст, 2003. - 28 с.*
4. *Бим И.Л. Методика обучения иностранным языкам как наука и проблемы школьного учебника / И.Л. Бим. – Москва, 1977. - 121 с.*
5. *Гальскова, Н.Д.Теория обучения иностранным языкам:Лингводидактика и методика: Учебное пособие. / Н.Д., Гальскова, Н.И. Гез. - Москва.- Академия, 2004. – 168с.*
6. *Гальскова, Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: Пособие для учителя / Н.Д. Гальскова. - Москва.- АРКТИ, 2004. - 172 с.*
7. *Гегечкори, Л.Ш. Основы методики интенсивного обучения взрослых устной речи на иностранном языке //Автореферат докторской диссертации. / Л.Ш. Гегечкори. – Москва, 1977. - 138 с.*
8. *Гез, Н.И. К вопросу об истории развития интенсивных методов за рубежом. В кн.: Методы интенсивного обучения иностранным языкам / Н.И. Гез. - Москва-вып. 3, 1977. - 145 с.*
9. *Гусейнов, Р.И. Лексико-грамматическое поле английских существительных в диахроническом освещении. – Ростов –на -Дону:/Р.И. Гусейнов. - Издательство Ростовского университета, 1984.-168 с.*
10. *Зимняя И.А. Психологические аспекты обучении говорению на иностранном языке. / И.А Зимняя. – Москва: Просвещение, 1987. - 153 с.*
11. *Зимняя И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе. / И.А. Зимняя. - Москва - Просвещение, 1991. - 87 с.*
12. *Зимняя И. А. Психологические механизмы говорения и учёт особенностей их функционирования при обучении иностранному языку.- В книге: Методы интенсивного обучения иностранным языкам. / И.А. Зимняя. - Москва - вып.5, 1979. - 147 с.*


## МОҲИЯТ ВА МАФҲУМИ МЕТОДИ БОСУРЪАТ ДАР ДАРСИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур доираи моҳият ва мафҳуми методи босуръат дар дарси забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ қайд шудааст. Муаллиф дар мақола зикр намудааст, ки дар таърихи таълими забонҳои хориҷӣ даҳҳо методҳое маълуманд, ки ҷавобан ба тақозои замон ва ҷомеа бобати омӯзиши забонҳо пайдо шуда, сатҳи рушди илму техникаро дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ҷамъият инъикос намудаанд. Яке аз чунин методҳои фаъол бо унвони методҳои *интенсивӣ ё босуръат* (Intensive method) маъмуланд, ки бо сабаби афзоиши талабот ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мӯҳлатҳои кӯтоҳ ва бо ҳадафҳои соф маҳдуди амалӣ (фарогирии забон бо мақсади муошираги корӣ, азхудкунии нутқи гуфтугӯӣ ва ғайра) дар солҳои 60-70 асри гузашта ба вуҷуд омаданд.

Илова бар ин дар мақолаи мазкур доир ба ин методҳо як қатор олимон тадқиқот бурда, усулу шаклҳои мухталифи онро дар таҷриба санҷидаанд (Л.Ш. Гегечкори, Г. Лозанов, Г.А. Китайгородская, В.В. Петрусинский, А.С. Плесневич, И.М.Румянцева, И.Ю. Шехтер ва

дигарон). Тибқи ин тадқиқотҳо методҳои босуръати таълим асосан ба фарогирии нутқи шифоҳии забони хориҷӣ дар мӯҳлатҳои нисбатан кӯтоҳ бо ҳамарӯза хеле мутамарказ сохтани соатҳои таълимӣ ва фароҳам овардани вазъи «ғӯтаварӣ» ба муҳити забонӣ нигаронида шудаанд. Инчунин муаллифи мақола қайд намудааст, ки методҳои босуръати таълим замина бар фаъолгардонии *захираҳои равонии шахсияти муҳассилин* доранд, ки дар шароити таълими анъанавӣ аксаран қариб истифода нашуда мемонанд. Методҳои босуръат аз методҳои анъанавӣ бо тарзу усулҳои ташкилу гузаронидани машғулиятҳо ва шароитҳои омӯзиш фарқ мекунанд: таваҷҷӯҳи асосӣ ба шаклҳои гуногуни муошироти педагогӣ, фароҳам овардани муҳити махсуси иҷтимоӣ-психологӣ дар гурӯҳ, ҳавасманд кардани шогирдон дар омӯзиш, аз байн рабудани монеаҳои психологӣ ҳини азхудкунии маводи таълимӣ ва фаъолгардонии он дар рафти муошират аз ҷумлаи ин афзалиятҳо маҳсуб меёбанд.

**Калидвожаҳо:** Методи босуръат, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, шароитҳои омӯзиш, ҳавасманд, фаъолгардонӣ, муошироти корӣ, соатҳои таълимӣ, методҳои анъанавӣ, рушди илму техника, имкониятҳои эҷодӣ, фаъолгардонии хонандагон, малакаи фонетикӣ, дарсҳои такрорӣ.

## СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ИНТЕНСИВНОГО МЕТОДА НА АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье описывается сущность и особенности интенсивного метода преподавания английского и таджикского языков. Автор статьи отмечает, что в истории преподавания иностранных языков существуют десятки методов, которые возникли в ответ на требования времени и общества к изучению языков, отражающие уровень развития науки и техники на разных этапах жизни общества.

Один из таких активных методов известен как интенсивный метод, который обусловлен растущим спросом на изучение иностранных языков за короткий период времени и с чисто ограниченными практическими целями (языковой охват для делового общения, разговорная речь и т. Д.). возникла в 60-х и 70-х годах прошлого века. Кроме того, в этой статье ряд ученых провели исследования этих методов и опробовали их различные методы и формы на практике (Л.Ш. Гегечкори, Г. Лозанов, Г. А. Китайгородская, В. В. Петрусинский, А. С. Плесневич, И. М. Румянцева, И. Ю. Шехтер и другие). Согласно этим исследованиям, интенсивные методы обучения в основном направлены на то, чтобы охватить разговорный язык иностранного языка за относительно короткий период времени, с очень высокой ежедневной концентрацией учебных часов и созданием ситуации «погружения» в языковую среду. Автор статьи также отмечает, что интенсивные методы обучения основаны на активизации психологических ресурсов личностей студентов, которые зачастую практически не используются в контексте традиционного образования. Быстрые методы отличаются от традиционных методов в организации и проведении уроков и условий обучения: ориентирование на различные формы педагогического общения; создание особой социально-психологической среды в группе, мотивация студентов к обучению, устранение барьеров на пути психологического обучения и активизация его в процессе общения – среди этих преимущества.

**Ключевые слова**: интенсивный метод, изучение иностранных языков, условия обучения, мотивация, активация, деловое общение, часы обучения, традиционные методы, развитие науки и техники, творческие возможности, активация студентов, фонетические навыки, повторный урок.

## THE NATURE AND CONCEPT OF INTENSIVE METHOD IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article outlines the nature and features of the intensive Method in English and Tajik Language Teaching. The author of the article notes that in the history of foreign language teaching there are dozens of methods that have emerged in response to the demands of time and society to learn languages, reflecting the level of development of science and technology at different stages of society. One of such active methods is known as Intensive method, which is due to the growing demand for learning foreign languages in a short period of time and with purely limited practical goals (language coverage for business communication, conversational speech, etc.). emerged in the 60s and 70s of the last century. In addition, in this article a number of scientists have conducted

research on these methods and tested their various methods and forms in practice (L.Sh. Gegechkori, G. Lozanov, GA Kitaigorodskaya, VV Petrusinsky, A.S. Plesnevich, IM Rumyantseva, IY Shekhter and others). According to these studies, intensive teaching methods are mainly aimed at covering the spoken language of a foreign language in a relatively short period of time, with a very high daily concentration of teaching hours and creating a situation of "immersion" in the language environment. The author of the article also notes that intensive teaching methods are based on the activation of the psychological resources of students' personalities, which are often almost not used in the context of traditional education. Rapid methods differ from traditional methods in the organization and conduct of lessons and learning conditions: focus on different forms of pedagogical communication; creating a special socio-psychological environment in the group, motivating students to learn, removing barriers to learning psychologically and activating it in the course of communication are among these advantages.

**Keywords:** intensive method, learning foreign languages, learning conditions, motivation, activation, business communication, teaching hours, traditional methods, development of science and technology, creative opportunities, activation of students, phonetic skills, revision lessons.

***Дар бораи муаллиф***
*Шодиева Мусавар Азамовна*
*Муаллими калони*
*кафедраи методикаи таълими*
*забонҳои хориҷӣ*
*(забони фаронсавӣ-олмонӣ)*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*734003, ҶТ, ш. Душанбе, кч. И.Сомонӣ,*
*хиёбони Рудакӣ 121.*
*Тел: (+992)919236528*

***Об авторе***
*Шодиева Мусавар Азамовна*
*Старший преподаватель*
*кафедры методика*
*преподавания инностранных языка*
*(франко и немедский языков) Таджикский*
*государственный педагогический*
*университет имени Садриддин Айни.*
*734003, РТ, г. Душанбе, проспескт Рудаки 121.*
*Тел: (+992) 919236528*

***About the author***
*Shodieva Musavar Azamovna*
*Head teacher of the chair method*
*of foreign languages*
*(French and German language)*
*Tajik State Pedagogical University*
*named after S.Aini.*
*734003, RT, Dushanbe, st I.Somoni*
*avenue Rudaki.-121.*
*Phone: (+992) 919236528*

ТДУ 512(075.3)

# ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОН БО ЁРИИ МАСЪАЛАҲО


***Шомуродова Б.Р.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*


Мақсади асосии таълими математика инкишофи тафаккур ва тассавуроти хонандагон мебошад. Албата инкишофи тафаккур ва тасавуроти хонандагон маълум аст, ки дар протсесси таълими ҳамагуна фан, дар протсесси фаъолияти хусуси онҳо ва дар протсесси ҳаёти ҳаррӯзаашон ба амал меоянд. Аммо нақши таълими математика дар инкишофи ин протсессҳои психикӣ ниҳоят васеъ аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки вақто шахс ба мактаб меояд дар он то андозае ду намуди тафаккур инкишоф ёфтааст ба таври намоён самаранок ва тасвирӣ.

Маълум аст, ки ҳамаи мафҳумҳои математикӣ хосиятҳои умумии дунёи реалиро ифода мекунанд. Дар раванди фаҳмида гирифтани қонунҳои табиат олим – математик воситаҳои махсуси математикӣ, яъне методҳои илмии тадқиқотро истифода мебарад. Дар назар дошта шудааст, ки хонандагон дар раванди таълим кашоффони ҳақиқатҳои математикӣ мебошанд. Аз ин рӯ, методҳои илмии тадқиқот методҳои корҳои таълимии хонандагон ҳисоб мешаванд. Акнун ин методҳоро баён намуда, мавқеи онҳоро дар таълим муайян мекунем.

Инкишофи босуръати ҷомеаи муосир дар назди илми педагогика вазифаҳои нав ба нав мегузорад, ки муҳимтарини аз онҳо ташаккул ва инкишофи шахсиятест, ки соҳиби тафаккури эҷодӣ, ақли солиму мустақилона, қобилияти дар муддати кӯтоҳ аз худ кардаи донишҳои илмӣ мебошад.

Ҳамчунин Щуркова Н.Е. [16, с. 473] қайд мекунад, ки раванди таълим аз шахсият сатҳи нисбатан баланди маданияти зеҳниро тақозо дорад. Яке аз вазифаҳои илми педагогикаи муосир таъмини натанҳо аз худкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо (салоҳиятмандӣ), балки ҳамчунон ташаккули тарзҳои фаъолияти маърифатӣ ҳамчун зуҳуроти маданияти зеҳнии хонандагон мебошад.

Қайд кардан мебояд, ки ба мақсаду вазифаи муҳимтарини таълиму тарбия – рушди ақл ва фикрронии кӯдакон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ ва тафаккури мустаҳқилона ва эҷодиёти шахсиятро мегузорад, кам андар кам аҳамият дода мешавад. Ҳол он, ки маҳз ҳалли ин мақсаду вазифаҳои педагогии раванди таълим муайян месозад, ки то чӣ андоза шахсият соҳиби зеҳн ва ақлу тафаккури мустақилона ва эҷодӣ мешавад ва масъалаҳои минбаъдаи таълимӣ ва ҳаётии худро зуд, ҳавасмандона ва салоҳиятмандона ҳал хоҳад кард.

Зеҳн ва таффакур (фикр) бо манои муайян фарқ доранд. Зеҳн қобилияти фаҳмида тавонистан мебошад. Зеҳн натанҳо натиҷаи фаъолияти маърифатӣ, балки тарзҳои (усулҳо) ин фаъолиятро фаро мегирад, яъне зеҳн ба фаъолияти маърифатӣ ба таври сареҳ вобаста аст.

Дониш пояи асосии зеҳн мебошад ва миёни онҳо равобити диалектикӣ ҳамчун самараи раванд вуҷуд дорад, яъне аз як сӯ, дониш натиҷаи фаъолияти маърифатӣ аст, аз сӯи дигар, дониш ба фаъолияти инсон ворид гашта, ҳамчун унсури зеҳн зоҳир мегардад. Дар раванди аз худ намудани як навъ низоми одии донишҳо, ки дорои мантиқӣ муайян мебошанд, дар инсон тафаккури бонизом ташаккул меёбад, ки ҳамчун асоси аз худкунии донишҳои нисбатан мураккаб хизмат хоҳад кард.

Инкишофи тафаккур дар навбати худ ба тағийрёбии сифатии дарк ва хотир, ба равандҳои идорашаванда ва озод будан оварда мерасонад. Ба ҳеҷ кас махфи нест, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини инкишофи умумии одам ва ташаккули шахсият инкишофи тафаккур аст. Тафаккури инсон мунтазам инкишоф ва қобилиятҳои зеҳнии ӯ такомул меёбанд. Кайҳост, ки равоншиносон ва педагогҳо дар натиҷаи мушоҳидаҳо ва амалан озмудани тадбирҳои рушди тафаккур ба хулосаи фавқ расидаанд. Тафаккур аслан ҳама

он чизеро, ки инсон метавонад дар ҳаёт ба даст оварад, муайян ва пайгири мекунад мебошад, зеро фикр поя ва бунёдгузори роҳи ҳалли ҳамаи муаммо ва мушкилоти ҳаёти аст.

Тафаккур кори мақсадноки шуур, ба хотири расидан ба қабули қарору хулосаҳо аст. Бунёд ё заминаи тафаккур донишҳо ва мантиқ мебошад. Зеҳн бевосита масъули рушди тафаккур аст, ки ҳамаи унсурҳои зарурии кори фикр ва инкишофи онро дар бар мегирад.

Вазифаҳои асосии инкишофи тафаккур инҳоянд:

1. Инкишофи донишҳо-гирифтан ва коркарди донишҳо. Донишҳо бояд пурра мантиқӣ, санҷидашаванда бошанд. Бояд огоҳ буд, ки надонистан, ноогоҳ будан сарчашмаи тамоми нокомиҳои инсон мебошад.

2.Инкишофи мантиқӣ – қобилияти дар тафаккур, муҳокимот, қарору хулосаҳо ва амалҳои худ бомақсадона, муттасил ва муътакид будан ва бовар доштан аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳама фикру аъмол инсонро ба сӯи мақсад бибарад ва бояд дар ҳама кор барои ноил шудан ба натиҷаи босамар ва дилхоҳ талош варзад. Бартараф кардани бемантиқӣ бартараф кардани тамоми ихтилофот ва хатоҳои шуур аст дар роҳи расидан ба мақсадҳои дар пеши худ гузошташуда.

Ба хотири рушди тафаккур дар назар доштани ин омилҳо заруранд:

1)Маърифат – гирифтни донишҳо, машғулиятҳо, тамрин, фаъолияти мустақилона ва эҷодӣ, китоб, муошират, сарчашмаҳои ахборотӣ ва ғайра мебошад.

2) Мулоҳиза (андеша) кардан – омӯхтанӣ фикркунӣ ва таҳлил (мушоҳида, муқоиса, ёфтани монандӣ, фарқият, хулоса кардан,) дарёфт ва қабули қарори беҳтарин.

3) натиҷаи босамар – рафторест, ки ногузир давоми мантиқии фикри инсон мебошад, маҳз ҳаёт ба дониш ва фаъолияти фикри инсон баҳо медиҳад, ки ӯ натиҷаи дилхоҳ ба даст овард ё не. Барои он, ки одам тафаккури худро босамар инкишоф диҳад, вай бояд дониш омӯз (толибилм) шавад. Яъне кӯшиши «ҳамаро донистан» кунад, кӯшиш кунад, ки ҳама чизи заруриро фаҳмад, кушад, ки донишҳои гирифтаашро дар ҳаёт бисанҷад ва натиҷаҳои даркориро ба даст оварад. Бифаҳмад, ки ҳаҷми донишҳо нопайдоканор аст.

Чунончӣ Абуали ибни Сино гуфтааст: «То ба-д он ҷо расид дониши ман, Ки бидонам ҳаме, ки надонам» [1, с. 96].

Ё худ:

Он касс, ки бидонад ва бидонад, ки бидонад, Худро ба сари маснади эъзоз нишонад. «Он касс, ки бидонад ва надонад, ки бидонад, Аспи талаб аз гунбади гардун биҷаҳонад. В -он касс, ки надонад ва бидонад, ки надонад, Ӯ низ хари хеш ба манзил бирасонад. В - он кас, ки надонад ва надонад, ки надонад, дар ҷаҳли мураккаб абададаҳр бимонад».

Дар педагогикаи халқи тоҷик Лутфуллозода М. [6, с. 126] қайд дорад, ки барои рушду нумуи тафаккур, гузоштани мақсадҳои ҳаёти ва раванди ба даст овардани онҳо таъсири амиқ ва мусбат мерасонад. Агар инсон мақсаде надошта бошад, агар ҳаёти ӯ бе мақсад гузарад, ӯ ба чизе талош надошта бошад, вай ба тафаккур ниёз надорад, инкишоф намеёбад ва инсон аз ҳар ҷиҳат коҳиш меёбад ва фалаҷ мешавад. Вале агар инсон фикру андешаи худро мунтазам ва фаъолона ривоҷ додани шавад, бояд дар назди худ мақсадҳои олӣ ва мураккаб гузорад, оид ба масъалаҳо фаҳмиш ба даст оварад, онҳоро таҳлил кунад, нақшасозӣ намояд, амалҳои бамақсадона анҷом диҳад, монеаҳоро бартараф созад, хатоҳояшро таҳлил ва ислоҳ кунад, кӯшишҳои нав анҷом диҳад то он даме, ки ба мақсади арзишманди илмӣ бирасад.

Хулоса, маданияти зеҳни ва тафаккури ташаккулёбанда, ки муттақо ва нерубахши якдигаранд, ҳамзамон рукни эҷоди ва омили ба кор андозии қобилиятҳои ҳамаи иштирокдорони раванди педагогӣ буда, шахс дар он арзишҳои зеҳнӣ ва фикриро азхуд карда, қобилиятҳою истеъдодҳои фардии худро ривоҷ медиҳад, қувва ва сифатҳои табииашро ба кор меандозад ва ба раванди ривоҷу такмили зеҳну тафаккури худ ворид мешавад ва ба иҷрои фаъолияти таълимиаш идома медиҳад. Дар айни замон оид ба арзиш ва ҷойгоҳи зеҳн ва тафаккур дар назди назария ва амалияи педагогӣ вазифаҳои

зерин гузошта шудааст: коркард ва амалан роҳандози кардани низоми маҷмӯӣ ва ҳамаҷониба ташаккули зеҳн ва рушди тафаккури шахсият.

Ҳалли ин хусусан ба мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мансуб аст, ки дар онҳо барои ҳамаи хонандагон чӣ дар дарсҳо, чӣ дар рафти фаъолияти тарбиявии беруназдарсӣ бо тадбиру кӯшишоти якҷояи муаллимон, роҳбарони синф, китобдорон ва волидон бояд барои инкишофи зеҳнӣ ва фикрии онҳо шароити мусоид фароҳам аварда шавад.

Дар психологияи умумӣ, синнусолӣ ва тиббӣ Нигина Шаропова тафаккур ва нутқро чунин таҳлил намудааст [15, с. 41-51].

**Тафаккур** ба протсессҳои олии маърифат таалуқ дорад. Одам бо ёрии тафаккур ҳақиқати иҳотакардаро дониста мегирад, то ки онро фаъолона, мақсаднок дигаргун созад ва ба мақсадҳои муайяни шахсӣ ё аҳамияти ҷамъиятӣ дошта ноил шавад.

Эҳсос, идрок ва тасаввурот бо одам дар бораи ҷиҳатҳои зоҳирии предмет ва ҳодисаҳои табиат маълумот медиҳад. Ин шакли инъикоси психикии ҳақиқати объективиро маърифати ҳисси меноманд. Ангезаҳои берунӣ дар дараҷаи маърифати ҳисси таъсир бахшида, дар шуури мо образҳои мувофиқро ба вуҷуд меоварад. Протсесси тафаккур нисбатан мураккабтар сурат мегирад.

**Тафаккур** ин протсеси инъикоси бевосита ва ҷамъбасткунандаи хусусиятҳои предмету ҳодисаҳо, алоқа ва мауносибатҳои байни онҳо мебошад. Протсесси тафаккури дар мафҳумҳо амали мегардад ва он ҳамеша аз савол сар мешаванд. Протсесси тафаккури бемақсад вуҷуд надорад. Ҳалли масъалаи муайяне, ки дар ҷараёни фаъолияти одам ба амал меояд, натиҷаи тафаккур мебошад. Имконияти ҳалли масъала ба маҷмӯи дониш ва тасаввуротҳои дар хотира буда вобаста аст.

**Тафаккур** характери проблемавӣ ва ҷамъбасткунандаро дошта, инъикоси бевосита мебошад. Инҳо хусусият ва тавсифдиҳандаҳои асосии протсесси тафаккур ба шумор меравад.

Протсесси тафаккур аз талаби пайдо шудаистодаи ба ин ё он савол ҷавоб додан сар мешавад. Ҷустуҷӯи ҷавоб аз ёфтани роҳи ҳалли масъала ва кофтукови донишҳои барои он зарур аст. Савол ҳар қатар ки аниқтар гузошта шавад, масъала ҳам ҳамон қатар аниқтар мегардад ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли он ҳам мақсадноку дақиқтар мегардад.

Шахс, одами ба камол расида, олим бо вохурдани чизҳои нав ба он бо тааҷуб менигарад. Тааҷуб ин рефлексии тахмини – тадқиқотӣ мебошад. И.П.Павлов инро рефлекси « ин чист?» номидааст. Рефлекси тахминкуни – шарти минбаъд ба тафаккури одам имконияти амалкардан медиҳад. Инсон тамоми имкониятҳои ақли худро ба ҳалли масъалаи гузоштащуда равона мекунад. Яъне, дар шахс барои ҳалли масъала равияи муайяни конкретие ташаккул меёбад, ки характери ҷустуҷӯиро дорад.

Ҳамин тариқ, тафаккур ҳангоми мавҷуд будани проблема пайдо мешавад ва он амали шахсро ба дониста гирифтани чизи номаълум ифода мекунад. Бинобар ин тафаккур характери проблемавиро дорад ва он хусусияти аслию муҳими он мебошад.

Яке аз натиҷаҳои протсесси тафаккур фаҳмидан аст. Фаҳмидан ҳамеша ба системаи муайян донишҳо- тасаввурот ва мафҳумҳо такя мекунад. Ки одам дар асоси онҳо ягон ҳодисаи навро фаҳмида ва шарҳ дода метавонад. Чизи тамоман номаълум ҳамеша нофаҳмо мебошад. Пас, фаҳмидан протсесси дар чизи нав шинохтани кӯҳнаву маълумро дар бар мегирад.

Тафаккури инсон бо калима, ки ҳамчун сигнали сигналҳо характери ҷамъбасткунандаро дорад, дар алоқаи канданашавандаи диалектикӣ мебошад. Пас, алакай дар тартибдарории калимагии масъала алоқаҳое ҷамъбаст мешавад, ки одам кӯшиши кушодани онҳоро мекунад. Ҷамъбасткунандагии тафаккур ба одам имконият медиҳад, ки предметҳои иҳотакардаро гуногуншакл инъикос кунад, хусуси муҳими гуногунро дар онҳо ҷудо намояд ва онҳоро ба гурӯҳу категорияҳои гуногун нисбат диҳад.

Хусусияти ҷамъбасткунанда ба инъикоси бавоситаи тафаккур натанҳо дар табиати забонии тафаккур зоҳир мешавад, инчунин дар он ки ин протсесси олии маърифат на танҳо донишҳои ҳиссии дар натиҷаи таъсири бевоситаи предметҳо ба узвҳои ҳисси ҳосил шударо, натанҳо образҳои аёниро, балки мафҳумҳо, категорияҳоеро истифода

мебарад, ки дар онҳо чизи ҷамъбасткардашуда, хусусиятҳои муҳими предмету ҳодисаҳо ва алоқаи байни онҳо таҷассум ёфтааст. Ҷамъбасткунандагии тафаккур имконият медиҳад, ки одам натанҳо масъалаҳои конкретии ҳозираро ҳал кунад, балки рафти ҳодисаҳо ва натиҷаи амалҳоро низ пешбини намояд. Масалан. Диагнози гузоштаи духтур, прогнози ӯ алакай пешбинии оянда аст.

Фаъолияти фикрии одам якчанд зинаҳоро дорад. Протсесси тафаккур аз талаботи чизеро фаҳмидан ё донистан сар мешавад. Одатан зинаи авали фаъолияти фикриро талаботҳои инсон (молли ё маънавӣ) муайян намекунад. Дар инсон талаботи фаҳмидан чизи номаълум худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Ӯ саъю кӯшиши донистани чизи наверо мекунад, ки онро барои беҳтар фаҳмидан ва дигваргун соҳтани муҳити гирду атроф истифода барад.

Ҳамин тариқ зинаи якуми протсесси тафаккурро фаҳмидан ва ба тарьтибдарории масъала ташкил медиҳад.

Зинаи марказии протсесси тафаккурро ҳангоми ҳалли масъала ҷудо кардани (анализ) предмет ё ҳодиса ба қисмҳои ташкилкунанда ва ба шакли яклухту том якҷоя карда (синтез) муайян кардани алоқаи пештар номаълум дар бар мегирад.

Одам кадом масъалаи фикриеро ҳал накунад, ӯ ҳамеша амалҳои анализ ва синтезро истифода мебарад. Анализ ва синтезро ҳамчун ҳодисаҳои аз ҳамдигар ҷудо ҳисобидан хатост. Онҳо дутараф фаъолияти ягонаи фикри буда, асоси онро ташкил медиҳанд.

Чунин хусусиятҳои алоқамандии анализ ва синтез мавҷуд аст:

1)Анализи чизи кулл ҳамеша ба муайян намудани алоқаҳои байни қисму ҷузҳои он вобаста аст ва он ҳама вақт синтез мебошад, яъне он зинаи аввалини дониста гирифтани предмет ва ҳодисаҳои табиат ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ анализ ва синтез асоси ҳар як фаъолияти фикрӣ мебошад. Қувва ва дараҷаи инкишофи тафаккури шахс дар ҳар ҳолати конкретӣ ва пай дар пай ва ба ҳам пайвасткунии дуруст истифода бурда тавонистан аз анализ ва синтез вобаста аст.

Анализ ва синтез ҳамчун асосҳои пртсесси тафаккури барои ҷоришавии амалҳои гуногуни дигари фикрӣ имконият медиҳад. Ба амалҳои фики муқоиса, ҷамъбаст, систематизатсия, классификатсия, абстраксиякунонӣ, конкретонидан таалуқ доранд.

Амалияҳои фикрӣ яке аз омилҳои сода, вале муҳими фикри муқоиса ба шумор меравад, ки бо воситаи он фикран монандӣ ва фарқияти байни як ё якчанд предмету ҳодисаҳо муқарар карда мешавад. Муқоиса ба воситаи анализ ва синтез амали мегардад ва барои ҳарчи зудтар муқарар намудани хусусиятҳои умуми ва фарққунандаи ҳодисаю предметҳои омухташаванда имконият медиҳад.

Муқоиса инчунин барои муайян кардани дигаргуниҳои дар ҳамон як ҳодисаи дар лаҳзаҳои гуногуни вақт руйдода истифода мешавад.

Амали дигари нисбатан мураккаби фикри, ки ба туфайли муқоиса ҳосил мегардад, тасниф мебошад. Ба воситаи тасниф монандии хусусияту аломатҳои муҳими предмет муайян карда мешавад ва дар ҳамин асос ба синф, гурӯҳ, ҷинс ва намудҳо муттаҳиднамоӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми ба гурӯҳҳо ҷудо кардани предметҳо донистани истиллоҳи муайян зарур аст, ки онҳо гурӯҳҳи ҳодисаҳои мувофиқро истифода кунанд.

Дар мавриди чи муқоиса ва тасниф кардан пеш аз ҳама бояд асос ва аломати муҳими ба ин гурӯҳи ҳодисаҳо хос буда ҷудо карда шавад ва сипас ба он пайваста такя намуда, маърифати ҳодисаҳоро ҷори намудан зарур аст. Предмет ва ҳодисаҳои олами беруна дорои аҳамияти гуногуни муҳим мебошад. Аз ин вобаста ба асоси барои амали муқоиса ва тасниф интихобшуда, натиҷаҳои гуногунро ба даст овардан мумкин аст.

Низомсозӣ ин дар асоси аломатҳои хурд ва ҷузъи, ки онҳоро на ҳамаи намояндагони ин ё он синф соҳибанд, балки бо гуруҳҳо ва синфҳо ҷудо намудани предметҳо ё ҳодисаҳо мебошанд.

Ҷамбаст ва абстраксия амалҳои махсуси фикрӣ ба шумор мераванд. Ҷамъбаст якчанд дараҷаро дорад. Дар дараҷаи нисбатан пасти ҷамъбасткунӣ амали умумикунонӣ ҷой дорад, ки бо воситаи он предметҳо дар асоси аломатҳои тасодуфӣ, камаҳмияти,

асосан зоҳири муттаҳид кардани онҳо мумкин аст. Умумикунонӣ дар асоси таҳлили нокифоя амиқи предмет ё ҳодиса ба амал меояд.

Шахс ба мурури ба дараҷаи баланди ҷамъбасткунӣ гузаштан, предметҳои омӯхташавандаро боз ҳам амиқтар таҳлил мекунад. Ин таҳлил ба амалӣ абстраксия алоқаманд аст. Абстраксия ин протсесси аз аломатҳои кам аҳамият ва дуюмдараҷа дур шудан ва ҷудо намудани аломатҳои барои гурӯҳҳи муайяни предметҳо муҳим ва умумӣ мебошад. Ҳар гунна қоидаҳо ва қонуне, ки дар асоси ҳалли дурусти масъалаҳои фикри ҳосил шудааст мисоли ҷамъбасткунӣ шуда метавонад. Мафҳумҳо низ характери ҷамъбасткуниро доранд чунки дар онҳо таҷрибаи анбухтаи инсоният таҷассум ёфтааст. Мушаххасгардонӣ протсесси мутақобили абстраксия мебошад. Мушаххасгардонӣ чунин амали фикрие мебошад, ки дар протсесси он мо ба ягон фикри абстрактию ҷамъбасткардашуда, мафҳум, қоида, қонун характери предметию айёнӣ медиҳем. Ҳамаи амалҳои байни фикри худ алоқаманд ва онҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои таркибан мураккаб дар ба ҳам пайвасткуниҳои гуногун зоҳир мешаванд.

Шаклҳои тафаккур дар фаъолияти фикрии одам дар ду шакли асоси мегузарад: муҳокима ва хулосабарорӣ. Муҳокима шакли мантиқии тафаккур аст, ки дар худ тасдиқ ё инкори ягон ҳодисаро дар бар мегирад. Муҳокима мазмуни мафҳумро ошкор мекунад. Ҳақиқати донишҳои инсониро ба воситаи хулосабарориҳо фаҳмидан мумкин аст.

Хулосабарорӣ чунин фаъолияти мураккаби фикрӣ мебошад, ки шахс дар рафти он муҳокимаҳои гуногунро муқоиса ва таҳлил намуда, ба хулосаҳои нави умумӣ ё хусусии мантиқӣ меояд.

Ду намуди хулосабарориҳофарқ мекунанд: индуктивӣ ва дедуктивӣ. Чунин тарзи хулосабарорӣ, ки он аз муҳокимаҳои хусусӣ ба хулосаҳои умумӣ мебарад индуксия ном дорад. Ба воситаи индуксия дар асоси омӯзиши ҳодисаҳои алоҳида қонун ва қоидаҳои умумӣ муқаррар карда мешавад.

Дедуксия чунин тарзи муҳокимаронӣ аст, ки аз муҳокимаи умумӣ ба хусусӣ мебарад.

Хусусияти индивидуалии фаъолияти фикрии одам протсесси тафаккури шахсро дар бар гирифта ба қонуниятҳои мантиқии зерин итоат мекунад. Аммо дар протсесси тафаккур фаъолиятҳои муҳими индивидуалӣ низ мавҷуданд, ки онҳо ба типии системаи асаби одами конкретӣ, таҷрибаи шахс, протсессҳои шартӣ – рефлекторӣ дар майнаи сар вобастаанд.

Дар корҳои тадқиқотии Рубинштейн С. Л. ва дигар психологҳо қайд гардидааст, ки ҳангоми ҳалли дилхоҳ масъала ба даст овардани худи ҷавоб муҳим набуда, механизми роҳи ҳалли он муҳим мебошад [10, с. 78]. Яъне дар мавриди масъалаҳалкунӣ объект қувваи тафаккуриеро ба даст меоварад, ки фикри сифатии нав буда, анализ ба воситаи синтез ном дорад.

Самарин Ю. А. ба саволи «Худи анализ ва синтез, ки шакли мураккаби тафаккур дар ҳалли масъалаҳо мебошанд чӣ тавр муайян карда мешаванд?» ҷавоб гардонида мегӯяд: «Анализ ва синтез дар кӯдакони хурд ва дар олими машҳур ҷой дошта метавонанд. Зеро дар ин ва он ба қисмҳо ҷудокунӣ ва якҷоякунӣ мавҷуд аст. Аммо вақто, ки анализ ва синтез нақши муҳим дорад гуфта мешавад, ин ягон чизро намефаҳмонад. Зеро фаъолияти аналитикӣ – синтетикии субъект аз баамалоии самт ва суръати он вобастагӣ дорад» [11, с. 65].

Ҳамин тариқ худи анализ ва синтез аз системаи дониш ва фаҳмише, ки шахс дар таҷрибаи ҳаёти худ омӯхтааст таркиб меёбад.

Эсаулов А. Ф. дар «Психология решения задач» [16, с. 184] овардааст, ки дар протсесси ҳалли масъала дидани натанҳо монандии байни мафҳумҳои гуногун муҳим мебошад. Балки дуруст элементҳои моддӣ ва ғайримоддии номувофиқро барои масъалаҳалкунӣ ошкор намудан муҳим аст. Муайян кардани монандии байни маълум ва номаълуми масъала ҳамчун синтези аввалиндараҷа ё ин, ки гипотазаи аслие, ки ҳалли он номумкин аст дида баромада мешавад.

Дар «Асосҳои фалсафа» бошад, Спиркин А. [12, с. 266] мегӯяд, ки тафаккур маълумоти идроки ҳиссиро танзим мекунад, вале ҳаргиз фақат аз ҳамин амал иборат

набуда, балки як чизи нав, омиле меофарад, ки ба воситаи эҳсос муяссар нахоҳад шуд. Он дар дутарафшавии объект, яъне ба зоҳирӣ ва ботинӣ, ба моҳият ва зуҳуроти он, ба хос ва кулл тақсимшавии он асоси объективӣ дорад. Ҷиҳати зоҳирии чизу ҳодисаҳо, қабл аз ҳама, бо ёрии муроқибаи бевосита инъикос ёфта, моҳият, умумияти онҳо бо ёрии тафаккур дарк мешавад. Дар рафти ин гузариш амале суръат мегирад, ки фаҳмиш ном дорад. Фаҳмиш ин ошкор кардани ҷиҳати муҳими предмет аст. Тафаккур маълумоти узвҳои ҳисро бо тамоми дониши фард, зиёда аз ин, бо маҷмӯи таҷрибаю дониши инсоният ба қадри дастраси ҳамин субъект буданаш қиёс мекунад. Вале аз маърифаьти ҳиссӣ ба маърифати ақлӣ гузаштан маънои аз воқеият ба зулмоти холии фавқулҳиссӣ гузаштанро надорад. Тафаккур ба материали ҳиссии нутқ, қабл аз ҳама, ба нутқи ботинӣ, ба тимсолҳои аёнии бо рамз саршор такя мекеунад.

**Тафаккур** навъи олии фаъолият маърифати ақлӣ мебошад. Тафаккур протсесси фаъоли инъикоси мунтазами вобастаю муҷаррад ва ҷамъбасткунандаи хосияту муносибатҳои муҳимтарини шайъу ҳодисаҳост, ки дар мафҳуму мулоҳиза, назарияҳо ва ғайра сурат мегирад, ҳамчунин протсесси эҷодкорона офаридани идеҳои нав аст. Мунтазамии тафаккур дар саъю кӯшишаш ба ҳосил кардани ҳақиқат ба воситаи пеш гузоштан ва ҳал кардани ягон масъалаи амалӣ ё назариявӣ зоҳир мешавад.

**Шакли тафаккур** типии муайяни таклифи фикр, характери робитаи унсурони мазмуну мундариҷаи он аст. Мафҳум, ҳукм ва хулоса шаклҳои асосие мебошанд, ки тафаккур дар дар онҳо пайдо шуда, инкишоф меёбад ва татбиқ мешавад. Ин шаклҳои тафаккур дар натиҷаи фаъолияти ҳазорсолаи амалию дигаргунсозии одамон чун ҷавҳар ташаккул ёфта, шаклҳои фаъолияти амалиро дар соҳаи маънавӣ собит кардаанд.

**Мафҳум** чунон шакли тафаккур аст, ки дар он хосият, робита ва муносибатҳои муҳимтарини предмету ҳодисаҳо бо зиддияту инкишофашон инъикос меёбанд; фикр – мафҳум предметҳои синфи маълумро аз рӯи аломатҳои муайяни навъу хели барояшон хос ҷамъбаст ва таъкид менамояд. Мафҳумҳо аз рӯи мазмун объективианд ва аз рӯи шакли мантиқиашон универсалианд, зеро онҳо на ба фанд, балки ба куул мансубанд: масалан , мафҳумҳои «одам», «арзиш», «ҷавҳар» ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Мафҳумҳо ҳам ҷамъбаст ва ҳам воситаи фаъолияти фикрӣ мебошанд.

Вале фикр кардан ин барои чизе мулоҳиза рондан, робитаю муносибатҳои муайяни байни ҷиҳатҳои мухталифи предметҳо ё байни предметҳоро муайян кардан аст. Бинобар ин мафҳум фақат дар ҳукм маънои мантиқӣ пайдо мекунад.

Ҳукм чунон шакли фикр аст, ки дар он ба воситаи робитаи мафҳумҳо чизе собит ё инкор карда мешавад. Шахс ин ё он муҳокимаро бо роҳи мушоҳидаи бевоситаи ягон факт ё бо роҳи бавосита – бо ёрии хулоса ҳосил карданаш мумкин аст.

Хулоса ҳукмест, ки дар рафти он аз як ё чандин ҳукм, ки қазия ном дорад, ҳукми нав (хулоса ё натиҷа) баробарварда мешавад, ки аз қазия мантиқан бевосита ҳосил мешавад.

Ҳукм ва хулоса чунон амали афкоранд, ки инсон бо онҳо доимо машғул аст. Ду шакли асосии фаъолияти хулоса – индуксия ва дедуксияро аз мадди назар мегузаронем. Ҷун амалиёти тафаккур индуксия протсесси аз чандин даъвои ҷузъи, аз фактҳои ҷудогона баровардани нуқтаи кули буда, дедуксия баръакс, протсесси муҳокимаест, ки аз умумӣ ба ҷузъи ё камтар куллӣ меравад.

Фикрро мантиқӣ меноманд, агар он ба таркиби тафаккури мо сару кор дошта, шаклашон муҷаради мазмуни мушаххаси тафаккур бошад.

Л.М. Фридман дар китоби «Логико - психологический анализ школьных учебных задач»[13, с. 82] қайд мекунад, ки **«Тафаккур** раванди рӯҳӣ аст, ки тавассути он шахс хосиятҳои дохилии ашёҳоро, ҳамчунин алоқамандӣ ва муносибати объектҳоро муқарар мекунад, ки бо ёрии дарк ошкор карда намешаванд.

**Тафаккури самаранок -** якумин тафаккурест, ки дар кӯдакон айёми хурдсоли ба амал меояд. Бо ёрии ингуна тафаккур кӯдак ин ё он масъалаи ба миён омадаро бо роҳи ҳаракатҳои ҷисмони амали менамояд.

Дар синну соли то мактабӣ дар кӯдакон оҳиста – оҳиста тафаккури дуюм – **тафаккурӣ айёнӣ** инкишоф меёбад.

Танҳо ҳангоми таълим дар мактаб дар кӯдакон **тафаккури мантиқӣ ва асоснок** инкишоф ёфтанро оғоз мекунад.

Ин се намуди тафаккур дар ин ё он сатҳ дар ҳар як кӯдак бояд, ки инкишоф дода шавад. Зеро таълими пурраи математика истифодаи ҳамаи ин намудҳои тафаккурро талаб менамояд, аз ҷумла дар бисёр ҳолатҳо намуди сеюми онро мебояд, ки дар кӯдакон то дараҷаи максималӣ инкишоф дод. Тафаккури амалӣ – ин муайян кардан ва омӯхтани хосиятҳо, қонунҳо ва қонуниятҳо дар объектҳои шинохташаванда мебошад.

Брадис В.М. дар ктоби барои донишгоҳҳои омӯзгори навиштааш «Методика преподавания математики в средней школе» [3, с. 29-31] овардааст, ки дар сатҳи аввал барои инкишофи математикии ҳар як шахс манбаи ягонаи донишҳои математикӣ мушоҳида ва таҷрибаҳо мебошанд. Ин манбаҳои асосии тафаккур дар якҷоягӣ мафҳуми индуксияро (калимаи лот.- роҳнамоӣ) ба вуҷуд меоранд, ки он дар шахс ба воситаи мушоҳида ба амал меояд.

Зарур аст, ки индуксияи пурраро аз индуксияи нопурра фарқ кард. Индуксияро пурра меноманд, агар хулоса дар асосӣ таҳлил намудани ҳамаи ҳодисаҳо аз ҷумла ҳодисаҳои хусуси баровард мешавад, ки оиди дурустии он дигар шубҳа ҷой надошта бошад. Аммо индуксияро нопурра меноманд агар дар он пуррагӣ ҷой надошта бошад. Яъне вақто, ки ҳақиқати ҳодиса дар зери савол мемонад индуксияро нопурра меноманд.

Дар баробари ин методи индуксия аввалиндараҷа ва мафҳуми дастрас барои навкороне, ки математикаро меомӯзанд мебошад. Бо ин метод ба ҳамаи таклифҳои математикаи мактаби миёна ҳамчун эҳтимолияти тахминҳо, гипотезаҳо, ҳақиқатҳо, умумикунонӣе, ки зери суол меистад метавон муносибат кард.

Қайд мекунем, ки дар баробари индуксия бо ҳамин тарз манбаи нав «дедуксия» (аз калимаи лот. - зотпарварӣ) барои донишҳои математикиро аз худ кардан ба вуҷуд меояд. Асосноккунии ягон пешниҳод ҳангоми қаноат кардани шарти ҳақиқии дигар пешниҳодҳо истифода карда мешавад, дар математика исботи дедуктиви ном гирифтааст. Исботи дедуктиви душвориҳои зиёдро барои фаҳмишҳо меоварад, нисбат ба санҷиши ботаҷриба. Аммо ду фазилати калони бо он муқоисакунанда дорад, ки мафҳумҳои асосии ҳар як фанни математикӣ ба он таалуқ дошта метавонад.

Оганесян В.А. ва дигарон дар методикаи умумии худ «Методика преподавания математики» қайд доранд, ки методҳои илмии тадқиқот – анализ ва синтез дар математика нақши муҳим ва асосӣ доранд. Нақши онҳо аз ҷумла дар методҳои ҳалли масъала, исботи теоремаҳо, омӯзиши хосиятҳои математикӣ ва ғайра назаррас мебошад [9, с. 35-50].

Анализ ва синтез дар амалия аз якдигар ҷудонашаванда буда, якдигарро пурра гардонида методи аналитики – синтезикиро ба вуҷуд меоранд. Масалан дар математика масъалаи мураккабро бо ёрии анализ ба қисмҳои сода ҷудо намуда, ба воситаи синтез ҳалли онҳоро алоқаманд гардонида якҷоя мекунанд.

Хулоса аз гуфтаҳои Оганесян В.А. анализ ҳамчун методи тадқиқоти фаҳмида мешавад, ки асоси онро шумораи хосиятҳои объектҳои омӯхташудае ки ба мафҳумҳои адад ва ҳудуд такя мекунанд ташкил медиҳад. Синтез - ҳамчун методи татқиқотие мебошад, ки асоси онро хусусияти сифатии объекти омӯхташаванда ташкил медиҳад.

Дар баробари ин Рубинштейн С.Л. овардааст, ки методҳои анализ ва синтез ҳамчун шакли муҳими протсесси тафаккур ба ҳисоб рафта, чун характери психологии тафаккур ифода мегардад [10, с. 79]. Аз нуқтаи назари психологӣ протсесси тафаккур – ин пеш аз ҳама анализкунӣ ва синтезгардонии таҳлил буда, баъди он абстраксиякунонӣ ва умумигардони аз онҳо ба вуҷуд меоянд.

Тадқиқотҳои зиёд нишон медиҳанд, ки анализ дар навбати худ ба шаклҳои зерин ҷудо мешавад:

а) анализ ҳачун «филтр»;

б) анализ ба воситаи синтез.

Дар ҳолати анализ ҳамчун «филтр» шахси масъалаҳалкунанда бе ягонгуна система амал намуда, он танҳо ба воситаи тахмин ҳалли масъаларо ҷӯстуҷӯ мекунад.

Акнун шакли дуюм анализ ба воситаи синтезро дида мебароем.

Ин шакли асосии анализ буда, пайванди ҳамаи фаъолияти тафаккур мебошад. Анализ ба воситаи синтез – ин ҷиҳати нави омӯзиши сифат ва моҳияти объекти омӯхташаванда мебошад. Ин шакли метод бо роҳи пайвасткунии объектро ба системаи алоқа ва муносибате, ки хусусиятҳои навро ба амал меоваранд амали мегардонад.

Барыбин К.С. дар «Методика преподавания алгебры» [2, с. 5-10] мегӯяд, ки индуксия, дедуксия, анализ ва синтез – ин асосӣ мантиқии таълими хусуси мебошад.

Хулосаи индуксияи баръакс бо ёрии дедуксияи қатъи асоснок карда мешавад. Аммо қайд гардидааст, ки аз меъёр зиёд мустаҳкамкунии дедуксия дар зинаҳои аввали таълим зиёновар аст. Дар ин бора Чебышев П.Л. гуфтааст: «Асосноккунии мантиқии қатъи ва истифодаи он бо миқдори зиёд ба «мушкилии тафаккур» оварда мерасонад».

Дар ҳолатҳои умуми дар таълими алгебраи мактабҳои ҳаштсола ҳардуи ин методҳо мувофиқ меоянд. Дар курси алгебраҳои мактабӣ аналогияе, ки бо воситаи он хулосаи монандӣ бароварда мешавад истифода мегардад. Бо аналогия на ҳамаи сабабҳои ҳолат дида баромада мешаванд, балки қисми онҳо, зеро аналогия моҳияти исботкунӣ надорад.

Ҳангоми баёнкунии алгебра дар синфҳои VII – VIII аналогия бештар истифода мегардад. Аз ҷумла дар зинаҳои аввал хулосаҳои алгебравӣ бо хулосаҳои арифметикӣ бо аналогия бароварда мешавад. Бо ёрии аналогия хонандагон баъзе мафҳумҳои математикиро осонтар аз худ мекунанд. Аналогия имкон медиҳад, ки хонандагон дар шакли нав масъала ҳал кунанд. Дар баробари ин ҳангоми ҳалкардани масъалаҳои математикӣ методҳои аналитикӣ ва синтезӣ истифода мегарданд. Бо методи аналитикӣ ҳал кардани масъала маънои аз номаълум ба маълум омадан мебошад. Дар методи синтезӣ бошад, ҳалкардани масъала аз маълум ба номаълум омадан аст.

Дар методикаи умумии Черкасов Р.С. ва Столяр А.А. [14, с. 82-85] оварда шудааст, ки методҳои таълими математика барои ташкил намудани таълими самарабахш дар хонандагон зарур аст.

Ҳамчун фанни таълими «математика» ҷамбаҳои муҳими ба худ хосро дорад. Дар асоси онҳо методҳои назариявӣ ба монанди мушоҳида, муқоиса ва аналогия, хулосабарориҳои индуктивӣ ва дудуктивӣ, анализ ва синтез мебошанд.

Черкасов ва дигарон қайд доранд, ки мушкилии методҳои таълим бо саволи чӣ тавр омӯзонд? ба шакл даровaрда мешавад. Ва ба ин савол чунин ҷавоб гардонидаанд: дар матни аввал бояд маълум кард, ки ин омӯзиш барои чӣ аст, кадом донишҳо, моҳият ва моҳоратҳоро дар натиҷа хонандагон аз худ мекунанд ва дар навбати дуввум чунин анализи мантиқии – дидактикӣ барои чизи омӯхташаванда гузаронидан зарур аст. Дар навбати сеюм бошад, объекти таълим, сатҳи фаъолияти фикрии хонандагон, дониш маҳорат ва малакаи онҳоро муайян карда, ба онҳо такя менамоянд.

Умумикунонӣ ва абстраксиягардонӣ – ду қабулкунандагони мантиқӣ буда, қариб ки ҳамавақт дар протсесси таълим якҷоя истифода мегарданд.

**Умумикунонӣ** – ин тақсимоти фикрӣ, таснифи хосияти умумии ягон синфи предметҳо ё ин, ки муносибатҳо мебошад. **Абстаксиягардонӣ** – ин парешонӣ, ҷудокунии умумӣ, хосиятҳои умумикунониии фикрӣ барои предмет ё муносибатҳои беасос ва ғайриумумии мебошад.

Вақто, ки мо «хосияти беасос» мегӯем, беасос аз нуқтаи назари математикӣ гуфта мешавад. Ҳамон як чиз метавонад ҳам дар физика ва ҳам дар математика омӯхта шавад. Дар физика баъзеи хосиятҳои он асоснок буда, дар математика ин хосиятҳо беасосанд ва танҳо шакл, андоза ва мавқеъи онҳо омӯхта мешавад.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки абстраксия бе умумикунонӣ, бе ҷудокунии абстрактивӣ мавҷуд буда наметавонад.

Умумикунонӣ ва абстраксиягардонӣ дар протсесси гузариши мафҳумҳо ба намояндагии консепсияҳо ва индуксияи методи эвристикӣ бетағийр истифода мегардад.

Дар зери мафҳуми умумикунонӣ гузариш аз воҳидӣ ба умумӣ ва аз умумии кам ба умумии зиёд фаҳмида мешавад.

Мушаххасгардонӣ – ин гузариши баръакс буда, аз умумии зиёд ба умумии кам ва аз умумӣ ба воҳиди гузаштанро ифода мекунад.

Агар умумикунонӣ ҳангоми ба шакл даровардани фикр истифода гардад, мушаххасгардонӣ бошад, дар тасвири ҳолатҳои мушаххас бо ёрии мафҳумҳои пештара истифода мегардад.

Дар математика умумикунонӣ ва абстраксиягардонӣ дар бисёр мавридҳо бо ивази тағийрёбандаҳои доими алоқаманд мебошад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи умумикунонӣ ва абстраксиягардонӣ ба қонуни коммутативии ҷамъ меоварад. Дар ҳолати гузаштан аз ададҳои мушаххас ба тағийрёбандаҳои ададӣ умумикунонӣ ва абстраксиягардонӣ амалӣ мегардад.

Умумикунонӣ, абстраксиягардонӣ ва мушаххаскунӣ дар методҳои асосии таълими математика истифодаи васеъи худро доранд.

Агар ҳолатҳои ҳақиқӣ ё масъалаҳои бо он алоқаманд ба модели математики наомӯхташаванда оваранд, онгоҳ зарур аст, ки модели навро тадбиқ кард.

Барои амалӣ намудани гузариш аз модели мушаххас ба синфӣ ҳамин гуна моделҳо умумикунонӣ ва абстраксиягардонӣистифода мешаванд. Натиҷаи тадқиқотҳои модели мушаххас истифодаи мушаххасгардониро талаб мекунанд.

Протсесси абстрактгардонӣ дар математика аз протсесси аналогия фарқи зиёд дорад ва асоси мушаххасоти абсираксия муносибати эквивалентӣ мебошад. Ҳангоми муносибати эквивалентиро дар маҷмӯи объектҳои эквивалентӣ муайян кардан аз рӯи хосияти абстрактивӣ мушаххасгардонида мешавад.

Ҳамин тавр муносибати маҷмӯи номутобиқро маҷмӯҳои охирнок, ки дар байни онҳо эквивалентиро барқарор кардан мумкин аст, алоқаманд месозад. Аз ҳамон як синфи эквивалентӣ хосияти умумии ҳамон синф мушаххас мегардад.

Абстраксия дар математика ҳамчун протсесси бисёрзинае мебошад, ки абстраксияҳо аз абстрактсиякунонӣ вуҷуд меоянд.

Дар қатори мушаххасгардонии абстраксия ҳангоми қатор намудани моделҳои таълими математика абстраксияи мушаххас ба мисли **идеализатсия** истифода карда мешавад.

Идеализатсия гуфта, натанҳо хосиятҳои протатипҳои ташаккули консепсия дар назар дошта мешавад, балки хосиятҳои тассавурие, ки дар объектҳо нестанд фаҳмидан мумкин аст. Ин амалҳо барои осон намудани образҳои идеализатсиягӣ дар омӯзиши пробразҳои асосӣ иҷро мегарданд.

Ин протсесс дар таълим бо мисолҳои мушаххас моҳияти муҳими тарбиявӣ дошта, алоқаи мафҳумҳои абстрактивию идеализативиро бо дунёи реалӣ шарҳ медиҳад. Он ҳамчунин барои фаҳмидани роҳи математизатсия ва сохтани моделҳои реалии ҳодисаҳо хизмат мекунад.

Ислом Ғуломов дар роҳнамоӣ методии худ [4, с. 64-66] овардааст, ки Мушоҳида таҷриба (эксперимент), ченкунӣ – методҳои эмперикӣ мебошанд ва онҳо дар илмҳои табиатшиносӣ истифода бурда мешаванд. Математика илми экспериментали нест ва аз ин рӯ, тасдиқотҳои таҷрибавӣ асоси бовариноки дурустии ҷумлаҳои он ҳисоб намешаванд. Аммо мушоҳида ва таҷриба манбаи асосии донишҳосилкунии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Интуитсияи математикӣ, фарз кардан оид ба ягон қонунияти математикӣ беш аз беш дар таҷриба, дониши мукамал гирифтан инкишоф меёбад. Мушоҳида, таҷриба ва ченкунӣ имконият медҳад, ки хонандагон тахмини худро баён кунанд, фарзияҳо ба вуҷуд оранд, онҳо баъзан дуруст ва дар баъзе ҳолатҳо нодурустанд. Муаллим ба хонандагон бояд фаҳмонад, ки танҳо хулосабарории мантиқӣ ба натиҷаҳои дуруст оварда мерасонад. Мушоҳида, таҷриба, ченкунӣ ба методӣ эвристикӣ дохил мешаванд.

**Муқоиса ва аналогия** – усулҳои мантиқии тафаккур буда, ҳам дар тадқиқотҳои илмӣ ва ҳам таълим истифода бурда мешаванд. Бо ёрии муқоиса монандӣ ва фарқияти предметҳои муқоисашаванда, яъне хосиятҳои умумӣ доштан ва ё надоштани онҳо муайян карда мешавад. Оид ба роли муқоиса дар дониста гирифтани дониш, ҳикмати халқи таъкид намудааст: «Ҳама чиз дар муқоиса фаҳмида мешавад». Масалан, муқоисаи параллелограмм ва трапетсия имконият медиҳад, ки хосиятҳои умумӣ ва фарқияти онҳо муқаррар карда шавд.

Муқоиса ба хулосаи дуруст оварда мерасонад, агар шартҳои зерин иҷро шаванд: 1) мафҳумҳои муқоисашаванда якҷинса бошанд. 2) муқоисакунӣ аз рӯи ҳамингуна нишонаҳои объект ба вуҷуд оварда шавад, ки онҳо моҳияти муҳим бошанд. Чунончӣ, муқоисаи бисёркунҷаҳо аз рӯи масоҳат, периметр ва ҳоказо, муқоиса аз рӯи ҳамон як хосият бояд пурра бошад.

Хулосабарорӣ аз рӯи аналогия низ хулосабарорӣ аз рӯи муқоиса аст. Схемаи ин муҳокимаронӣ чуни наст:

А - дорои хосиятҳои a, b, c, d аст.

В – дорои хосиятҳои a, b, c аст.

Эҳтимол дорад, ки В- дорои хосияти d аст. Аз ин ҷо мебарояд, ки аналогия хулосабарории эътимоднок набуда, балки хулосабарории эҳтимолиятнок аст

Дар ин сурат, ягон объект (предмет) тадқиқ карда шуда, хулосаи он ба дигар предмет гузаронида мешавад. Предмети якум модел, дуюм – аслӣ (образ, прототип) ном дорад. Аз ин рӯ аналогияро ҳамчун муносибат байни ҳамагуна модел ва асл (оригинал) – и он таъриф додан мумкин аст.

Аналогия оид ба дурустии фарзия худ аз худ ҷавоб дода наметавонад. Вале он моро ба тахминкунӣ, ба фарзкунӣ одат мекунонад. Ин бе шубҳа барои илм ва таълими математика муҳим аст.

Аммо дар таълими математика аналогия кифоя истифода бурда намешавад. Изҳори акида мекунанд, ки гӯё бо ёрии аналогия ба хулосаи нодуруст омадан мумкин аст. Мумкин ҳамин тавр бошад, вале ҳаминро пеши назар меорем, ки аналогия хулосабарории эҳтимолиятнок аст, бинобар ин хулосаи ба амал омадаро исбот (ё ин ки рад) кардан лозим аст. Аз ин рӯ, аз хулосабарорие, ки ҳангоми аналогия ба амал меоянд, ҳаросидан лозим нест. Қобилияти эҷодӣ низ ҳаминро талаб мекунад. Ба хонандагони ҳаминро ёд додан лозим аст. Агар хонандагон маводро рӯякӣ аз худ карда бошанд, онгоҳ онҳо аналогияро нодуруст истифода карда хатогиҳо содир мекунанд.

**Умумикунонӣ ва абстраксия** – усулҳо (тарзҳо) – и мантиқӣ буда, дар раванди дониш якҷоя истифода бурда мешаванд

Умумикунонӣ – ин фикран ҷудо намудан, сабт кардани ягон хосиятҳои умумӣ мебошанд, ки танҳо ба гурӯҳи объектҳо ё ин ки муносибатҳои дода шуда таалуқ дорад.

**Абстраксиякунонӣ** – ин фикран ҷудо намудани хосиятҳои муҳими моҳиятнок мебошад, ки дар натиҷаи умумикунонӣ ба амал омадаанд. Умумикунонӣ ва абстраксиягардонӣ бе якдигар вуҷуд дошта надоранд. Ин ду мафҳум бештар дар раванди ташаккулдиҳии мафҳумҳо истифода бурда мешаванд.

Масалан, ташаккулёбии мафҳум «квадрат» дар сини хурди мактабӣ бо нишон додани маҷмӯи предметҳо аз рӯи шакл, андоза, ранг ва мавод сар мешавад. Бачаҳо ҳанӯз хосияти квадратро намедонанд, вале аз рӯи шакл шинохта метавонанд. Баъдтар дар натиҷаи таҳлили шакл хонандагон бро ёрии мушоҳида муқаррар мекунанд, ки ҳамаи квадратҳо 4- қулла ва 4- тараф доранд. Вале баъзе фигураҳое, ки ба квадрат дохил нестанд 4 тараф ва 4 қулла доранд. Маълум карда мешавад, ки дар квадрат ҳамаи кунҷҳо рост ва ҳамаи тарафҳо баробаранд. Ҳамаи фигураҳое, ки дорои ҳамин хосиятанд ба як класс – **класси квадратҳо** дохил карда мешаванд. Дар таълими минбаъда хонандагон фаҳмида мегиранд, ки класси квадратҳо ба класси росткунҷаҳо дохиланд.

Чи тавре, ки мебинем абстраксиякунонӣ ва умумикунонӣ дар таълим васеъ истифода бурда щуда, яке аз методҳои муҳими илмӣ ва дар айни замон методҳои таълими математика ба ҳисоб меравад. Барои он, ки хонандагон ин методҳоро аз худ намоянд, доимо истифодабарии онҳоро дар раванди таълим таъкид кардан лозим аст.

Абстраксия дараҷа ба дараҷа инкишоф меёбад. Намудҳои абстраксия гуногунанд: абстраксияи айниятдор, идеализатсия ва ғайра

Ба раванди умумикунонӣ ва абстраксиякунонӣ – раванди тахасускунонӣ (специализация) ва мушаххаскунонӣ муқобил аст.

Гузаштан аз ҳолати хусусӣ ба умумӣ, аз фактҳои алоҳида, ки бо ёрии мушоҳида ва таҷриба ба амал меоянд, ба умумикунонӣ қонунияти дониш аст. Қисми таркибии шакли мантиқии чунин гузариш индуксия аст. Индуксия (аз калимаи лотинӣ – ба пе рафтан ) –

методи муҳокимаронӣ аз ҳолати хусусӣ ба умумӣ мебошад. Истифодаи он дар раванди таълим номи методи индуктивии таълимро гирифтааст.

Хулосабарорӣ аз рӯи индуксия се хел мешаванд: индуксияи нопурра, пурра ва методи индуксияи математикӣ, мо онҳоро дар боло шарҳ додем.

Методи индуксияи математикӣ борҳо ба барномаи мактабӣ дохил карда шуда, борҳо аз он хориҷ карда шудааст. Агар методӣ индуксияи нопурра ба хулосабарории эҳтимолӣ дохил шавад, бо индуксияи пурра хулосаи эътимоднок ҳосил кардан мумкин аст. Ба индуксияи нопурра фарзияи илмӣ ҳамеша ҳамроҳ аст.

Истиллоҳи «индуксия» ғайр аз маънои «хулосабарории индуктивӣ боз ду маънои дигарро соҳиб аст» - қайд мекунад Н.В. Метельский [8, с. 134]

1. Индуксия ҳамчун методи тадқиқот.
2. Индуксия ҳамчун шакли баёни информатсияи илмӣ дар китобҳо, машғулиятҳо дар ҷараёни таълим.

**Дедуксия** (лот deduction) шакли тафаккурро ифода намуда, маънои онро дорвад, ки ҷумлаи нав (фикри дар он таҷассумгашта) аз рӯи ҷумлаҳои маълум, бо тарзи мантиқӣ ҳосил карда мешавад. Назарияи дедуксия (хулосабарории мантиқӣ) Аристотел кор карда шуда буд. Дар мантиқи математика дедуксия номи назарияи исботро гирифтааст. Муҳокимаронии дедуктивӣ, нисбат ба муҳокимаронии индуктивӣ ва аналогӣ бо эътиборнокии худ фарқ мекунанд. Аз ин рӯ дедуксия дар математика васеъ истифода бурда мешавад. Зеро назарияҳои матеиматикӣ дар асоси методи аксиоматӣ (дедуктивӣ) сохта мешаванд. Аз ҳамин ҷиҳат математикаро илми дедуктивӣ меноманд. Дедуксия ҳамчун методи таълими метематика, пеш аз ҳама, таълими дедуктивии исботро дар назар дорад.

Ҳамаи ин гуфтаҳои болоро дар намунаи ҳалли якчанд масъалаҳои инкишофдиҳанда нишон медиҳем:

1. Дар ифодаҳои адади номаълумро ёбед:

А+А+А=3

А•А•А=1 бошад, А+2•А=? ба чанд баробар мешавад?

Ҳал: Мувофиқи ҷойгиршавии ҳарфи «А» дар алфавити забони тоҷикӣ А=1аст. Бинобар ин мувофиқи мушоҳида, мӯқоиса ва анализкунӣ маълум мегардад, ки 1+1+1=3, 1•1•1=1 буда, бо истифодаи аналогия 1+2•1=3 ҳосил мешавад.

**2. Номаълумро ёбед.**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **1.** | $(x-1)(x+1) = 2x(x+2)$ | $\frac{В}{Г}$ | $\frac{4}{3}$ |
| **2.** | $x^2 + (x-1)(x-2) = x$ | $\frac{В}{Е}$ | ? |

Об ба кадом синфи моддаҳо мансуб аст?

Кадом моддаҳоро оксидҳо меноманд?

**Ҷавобҳои хонандагон.**

**Кори мустақилона.**

Роҳи ғолиб дар ҳарду ҳолат формулаҳои оксид мебошанд. (Баъд аз ичрои кор — тафтиши дахонии чавобхо). Кортҳои дорои вазифаҳо метавонанд ба ҳар як хонанда тақсим карда шаванд, бо истифода аз слайдҳо шумо метавонед ҷавобҳоро тафтиш кунед.

Корти №1

| | | |
|---|---|---|
| $HNO_3$ | $CO_2$ | $O_2$ |
| $SO_2$ | $CuO$ | $NaOH$ |
| $SO_2$ | $MgO$ | $ZnSO_4$ |

Корти № 2

| | | |
|---|---|---|
| $KClO_3$ | $NaOH$ | $Cu(OH)_2$ |
| $ZnO$ | $SO_2$ | $N_2\,O_3$ |
| $Na_2\,O$ | $H_2\,SO_4$ | $CO_2$ |

**Такрори асосҳо.**

Агар шумо дар формула мушоҳида кунед;

1. Агар дар пеш металл бошад;
2. Ва бо ОН – тавaққуф кунад;

**Ҷавоб**: «Ман медонам, ин гидроксид аст ». Аммо гидроксид ибтидои ном дорад ваба синфи моддаҳо асосӣ дохил мешаванд.

Хулоса дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои адабиёт оид ба мавзӯи тадқиқот ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

Маводи дидактикӣ як намуди махсуси воситаҳои махсуси таълимӣ мебошад, ки баъзе мавзӯъҳои ҷараёни таълимро пурра мекунад. Маводи дидактикӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки қобилиятҳои маърифатиро инкишоф дода, супоришро мустақилона иҷро намоянд.

Дар байни навъҳои маводи дидактикӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: презентатсия, бозиҳои таълимӣ, расмҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, карточкаҳо, графикҳо, диаграммаҳо, харитаҳои контурӣ ва ғайра.

Дар маводи дидактикӣ вазифаҳои гуногун мавҷуданд, ки барои ташкил ва гузаронидани дарсҳои ҷолибу ҷолиби химия ва корҳои беруназсинфӣ кӯмак мекунанд.

Дар доираи ин кор харитаи технологии дарси химия барои бахши «Омехтаҳои элементҳои химиявӣ» бо истифода аз маводи дидактикӣ ва барои синфи 8 харитаи технологӣ тартиб дода шуд.

***Адабиёт***

1. *Бабков, А.В. Общая, неорганическая и органическая химия: Учебное пособие / А.В. Бабков. - Ереван: МИА, 2015. - 568 с.*
2. *Балашова, О.М. Общая химия: Учебное пособие / О.М. Балашова, В.Г. Лобанова. - М.: МИСиС, 2013. - 73 с.*
3. *Барагузина, В.В. Общая и неорганическая химия: Учебное пособие / В.В. Барагузина, И.В. Богомолова, Е.В. Федоренко. - М.: ИЦ РИОР, 2013. - 272 с.*
4. *Габриелян, О.С. Настольная книга учителя. Химия. 8 к л.: Методическое пособие / О.С. Габриелян, Н.П.Воскобойникова, А.В.Яшукова. - М.: Дрофа, 2013.*
5. *Габриелян, О.С. Рабочая тетрадь. 8 кл. К учебнику О.С. Габриеляна "Химия. 8". / О.С. Габриелян, А.В.Яшукова – М.: Дрофа, 2014.*
6. *Гаршин, А. Общая и неорганическая химия в схемах, рисунках, таблицах, химических реакциях: Учебное пособие / А. Гаршин. - СПб.: Питер, 2013. - 288 с.*
7. *Ершов, Ю.А. Общая химия. биофизическая химия. химия биогенных элементов: Учебник для вузов / Ю.А. Ершов, В.А. Попков, А.С. Берлянд. - Люберцы: Юрайт, 2016. - 562 с.*
8. *Жукова Н.И. Решаем экспериментальные задачи по химии. // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук / Н.И. Жукова, А.С Арсентьева. – 2014. – № 9. – С. 286 – 292.*
9. *Ильичева, О.А. Использование химического эксперимента при формировании учебно-познавательной компетенции обучающихся на уроках химии в соответствии с требованиями ФГОС [Текст] / О.А. Ильичева. – Кораблино, Мультиурок. – 2015.*
10. *Касаткина, И.В. Физическая химия: Учебное пособие / И.В. Касаткина, Е.В. Федоренко, Т.М. Прохорова. - М.: Риор, 2018. - 727 с.*
11. *Карапетьянц М.Х. Общая и неорганическая химия: Учебник / М.Х. Карапетьянц, С.И. Дракин. - М.: КД Либроком, 2015. - 592 с.*
12. *Пак, М. С. Теория и методика обучения химии [Текст]: учебник для вузов /М. С. Пак. — СПб: Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, 2015. – 306 с.*
13. *Пак, М. С. Дидактический материал в обучении химии [Текст]: Научно-методическое пособие /М. С. Пак, Д. К. Бондаренко — СПб.: «Издательство Осипова», 2013. – 45 с.*
14. *Росин, И.В. Общая и неорганическая химия в 3 т. т.1. общая химия: Учебник для академического бакалавриата / И.В. Росин, Л.Д. Томина. - Люберцы: Юрайт, 2016. - 426 с.*
15. *Суворов, А.В. Общая и неорганическая химия в 2 т. том 1: Учебник для академического бакалавриата / А.В. Суворов, А.Б. Никольский. - Люберцы: Юрайт, 2016. - 292 с.*
16. *Свиридов, В.В. Физическая химия: Учебное пособие / В.В. Свиридов, А.В. Свиридов. - СПб.: Лань, 2016. - 600 с.*
17. *Удалова, Т. А. Работа с детьми разных образовательных потребностей // Дополнительное образование и воспитание. - 2014. - № 8. - С. 19-21.*
18. *Хрущева, И.В. Общая и неорганическая химия: Учебник / И.В. Хрущева, В.И. Щербаков, Д.С. Леванова. - СПб.: Лань П, 2016. - 496 с.*
19. *Шишкин, Е. А. Учение с увлечением или использование занимательности при обучении химии в современной школе [Текст]: учеб метод. пособие для методистов сред. и высш. учеб. заведений, учителей химии и студентов химических специальностей пед. вузов /Е. А. Шишкин, Е. В. Береснева. — Киров: ООО «Старая Вятка», 2012. – 136 с.*

## МАВОДИ ДИДАКТИКӢ - МАФҲУМ, ТАСНИФ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҲРЕЗӢ

Маводи дидактикӣ як намуди махсуси воситаҳои махсуси таълимӣ мебошад, ки баъзе мавзӯъҳои ҷараёни таълимро пурра мекунад. Маводи дидактикӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки қобилиятҳои маърифатиро инкишоф дода, супоришро мустақилона иҷро намоянд. Дар байни навъҳои маводи дидактикӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: презентатсия, бозиҳои таълимӣ, расмҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, карточкаҳо, графикҳо, диаграммаҳо, харитаҳои контурӣ ва ғайра. Дар маводи дидактикӣ вазифаҳои гуногун мавҷуданд, ки барои ташкил ва гузаронидани дарсҳои ҷолибу ҷолиби химия ва корҳои беруназсинфӣ кӯмак мекунанд.

**Калидвожа:** маводҳои дидактикӣ, диограмма, омӯзиш, фаъолияти маърифатӣ, хонандагон, самаранокӣ, ҷараёни таълим, моделсозӣ, презентатсияҳо, бозиҳои таълимӣ, ҳама намуди кортҳо, расмҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, графика, харитаҳои тенологӣ.

## ДИДАКТИЧЕСКИЙ МАТЕРИАЛ – ОПРЕДЕЛЕНИЕ, КЛАССИФИКАЦИЯ И ОСОБЕННОСТИ КОНСТРУКЦИИ

Дидактический материал представляет собой особый тип учебных специальных пособий, дополняющих некоторые темы в учебном процессе. Дидактический материал позволяет учащимся развивать познавательные способности, самостоятельно выполнить задание. Среди разновидностей дидактического материала можно выделить следующие: презентации, обучающие игры, рисунки, схемы, таблицы, карточки, графики, диаграммы, контурные карты и т.д. Дидактический материал содержит разнообразные задания, который поможет в организации и проведении интересных, увлекательных уроков химии и внеклассных мероприятий.

**Ключевые слова:** дидактические материалы, схемы, обучение, познавательная деятельность, обучающиеся, эффективность, учебный процесс, моделирование, презентации, развивающие игры, все виды карточек, картинки, схемы, таблицы, графики, тенологические карты.

## DIDACTIC MATERIAL – DEFINITION, CLASSIFICATION AND DESIGN FEATURES

Didactic material is a special type of educational special aids that complement some topics in the educational process. Didactic material allows students to develop cognitive abilities and complete the task independently. Among the varieties of didactic material, the following can be distinguished: presentations, educational games, drawings, diagrams, tables, cards, graphs, diagrams, contour maps, etc. The didactic material contains a variety of tasks that will help in organizing and conducting interesting, exciting chemistry lessons and extracurricular activities.

**Keywords:** didactic materials, diagrams, training, cognitive activity, students, efficiency, educational process, modeling, presentations, educational games, all types of cards, pictures, diagrams, tables, graphs, tenological cards.

***Дар бораи муаллиф***
*Назаров Абдузоир Ҷуманазарович*
*Унвонҷӯи кафедраи методикаи*
*таълими фанҳои табиатшиносӣ*
*Донишгоҳи давлатии Бохтар*
*ба номи Носири Хусрав*
*735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67*
*Тел.: (+992) 004 88 28 17*

***Об авторе***
*Назаров Абдузоир Джуманазарович*
*Соискатель кафедры методики*
*преподавания естественных наук*
*Бохтарский государственный университет*
*имени Носир Хусрава*
*735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар,*
*ул. Айни, 67*
*Тел.: (+992) 004 88 28 17*

***About the author***
*Nazarov Abduzoir Jumanazarovich*
*Applicant for the*
*Department of methods of teaching*
*natural sciences*
*Bokhtar State University named*
*after Nosiri Khusrav*
*735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar,*
*Ayni st., 67*
*Phone: (+992) 004 88 28 17*

УДК 371.015
ББК – 74.00
Б – 72

# ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ ИНФИРОДӢ - ПСИХОЛОГИИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ШАХС

***Бобоева С.Б., Собирова А.А.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Муаммои эҷодиёт дар психологияи муосир яке аз проблемаҳои калидӣ маҳсуб меёбад ва дар он аксарияти масъалаҳои асосии соҳаҳои психология – психологияи шахсият, психологияи фаъолият, психологияи педагогӣ ва монанди инҳо инъикос гаштааст. Дар ҷараёни эҷодиёт равандҳои маърифатӣ: эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, нутқ, диққат, тасаввурот, хаёл ки шарти муҳимтарини ташаккули зеҳнии шахс дониста шудаанд, ба таври махсус татбиқ мегарданд. Маҳз дар эҷодиёт ҷойгоҳи ин равандҳо бо тарҳи мухталиф ва махсус мушоҳида карда мешавад. Барои ҳамин, проблемаҳои раванди эҷодиёт ва вижагиҳои он, тавсифу таснифоти қобилиятҳои эҷодӣ, асосҳои психофизиологии онҳо, зоҳиршавии онҳо дар роҳандозии фаъолияти бисёрҷанбаи инсон, дар меҳвари таҳқиқотҳои муосир ҷойгиранд ва диққати олимону мутафаккиронро ҳамеша ба худ ҷалб мекунанд.

Ин ҷо бояд мазмуну моҳияти мафҳуми эҷодиётро таҳлил намоем. Вожаи “эҷод”, “эҷодиёт” дар фарҳанги забони тоҷикӣ чунин шарҳ дода шудааст:”ба вуҷуд овардан”, “пайдо кардан”, “офаридан” [11, с. 623], яъне ҳама гуна эҷодиёт – офариниш аст ва офариниш дар тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти шахс мавҷуд аст. Эҷод, ҷараёни эҷодиёт, ҳал намудани масъалаҳои эҷодиро дар назар дорад. Масъалаи эҷодӣ, чунин муаммое мебошад, ки дар тамоми намудҳои фаъолияти гуногунҷанбаи инсон мушоҳида карда мешавад. Ҳамзамон, раванди ҳалли масъалаи эҷодӣ барои шахс дарки муаммоҳои мухталифро вобаста бо ин вазъият дар назар дорад. Пас аз дарк намудани он, одам ба ҷустуҷӯи роҳҳову воситаҳову усулҳои ҳал мепардозад ва маҳз дар ҳамин раванд тарзу тариқаи нав, бемисл, ғайриодӣ, нотакрор ва монанди инҳо тавлид мегарданд, ки шарти калидиву моҳияти асосии эҷодиётро муайян мекунанд. Ин қисматҳо натиҷа ва маҳсули ҳалли масъалаи эҷодиро муайян намуда, дар навбати худ аз неруи эҷодии инсон вобастагӣ доранд. Гуфтан мумкин аст, ки ҷоришавии раванди эҷодиёт, шиддатнокии он, зуҳурот ва махсусиятҳои инфиродии он бо неруи эҷодӣ робитаи дутарафа дорад ва маҳсулнокиву самараи онро муайян мекунад.

Зери мафҳуми “неруи эҷодӣ” ташкилаи мураккаби психологиро мефаҳманд, ки бо зерқисматҳову унсурҳои сохтори инфиродӣ-психологии шахс алоқаманд аст ва дар ҷараёни азхудкунии донишҳо, маҳорат, малакаҳо ифода меёбад. Унсурҳои неруи эҷодиро мо дар расми зер ба таври зайл тасвир кардаем.



**Расми 1. Унсурҳои неруи эҷодӣ**

Тафсири расм нишон медиҳад, ки неруи эҷодӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолият дар шакли қобилиятҳои эҷодӣ, ки ба таркиби онҳо қобилиятҳои зеҳнӣ, тафаккури дивергентӣ ва тасаввурот дохил мешавад, ифода меёбад ва бо ин васила вижагиҳои зоҳиршавии қобилиятҳои махсуси ӯро муайян мекунад, дар баробари ин хусусияти инфиродӣ-психологии шахс ба шумор меравад.

Худи истилоҳи "неруи эҷодӣ" дар аксари маврид метавонад ҳамчун муродифи "шахси эҷодкор", "шахси соҳибистеъдод" истифода шавад. Арзиши эҷод ва функсияҳои он на танҳо дар ҷанбаи натиҷабахшӣ, балки дар худи ҷараёни эҷод нуҳуфтааст.

Эҷодиёт раванд, ҷараён аст ва дар муҳити муайян роҳандозӣ карда мешавад аз ҷониби шахсияти эҷодкор, ки дар ҳар сурат маҳсулеро меофарад. Эҷодиёт раванди офаридани чизи нав, ки ҳам шуур, ҳам рафтор, ҳам маҳсули офаридаи шахсро дигаргун месозад, яъне натиҷаи эҷодиёт, ин ҳамеша навгонӣ, роҳи ҳалли ғайриодӣ ва бемисл мебошад. Дар навбати худ эҷодиёт бо хусусиятҳои инфироди-психологии шахс алоқамандии бисёрҷанба дорад. Барандаи эҷодиёт фарди алоҳида бо хусусиятҳои танҳо ба худаш хос аст ва аз ин хусусиятҳо ҳам ҷараёни эҷодиёт, ҳам дараҷаи зоҳиршавии он, ҳам маҳсули он вобастагии калон дорад. Яъне дар маркази раванди эҷодиёт шахси эҷодкор меистад ва ҳамаи ҷанбаҳо, омилҳо, дараҷаҳо, натиҷаҳо, маҳз ба ӯ алоқаманданд.

Проблемаҳо оид ба сохтори тафаккури эҷодӣ мавриди таҳқиқотҳои як зумра олимон қарор доранд. Дар пажӯҳишҳои назариявӣ ва эмпирикӣ қисматҳои зерини тафаккури эҷодӣ баррасӣ гардидаанд: фаросатӣ ва мантиқӣ (Я.А.Пономарев), бошуур ва бешуурона, вербалӣ ва ғайривербалӣ (Л.Л.Гурова, Д.Н.Завалишина, О.К.Тихомиров ва дигарон), аёнӣ-образӣ ва калимагӣ-мантиқӣ (Р.Мейли, Л.Л.Гурова), равандҳои маърифатии ташаккулёфта (А.М.Матюшкин), механизмҳои эмотсионалӣ-танзимӣ ва маромноккунӣ (И.А.Василев, О.К.Тихомиров, Е.Л.Яковлева ва дигарон). Як зумра олимон дар асарҳои худ қайд кардаанд, ки қобилиятҳои маърифатӣ дар раванди эҷодиёт мавқеи муҳим доранд ва ҳамчун қисматҳои тафаккури эҷодӣ баромад мекунанд (Л.С.Виготский, А.Г.Азарян, О.М.Дяченко, В.П.Зинченко, В.В.Знаков, А.М.Матюшкин, А.В.Петровский, В.Д. Шадриков ва дигарон). Аммо то ҳол дар миқдори зиёди таҳқиқотҳо тамоюли новобаста аз якдигар, ба таври алоҳида омӯхтани равандҳои маърифатӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ дида мешавад. Ба мисол, аксар вақт чунин протсесҳои маърифатӣ ба монанди идрок, хотир, тасаввурот ба ҳайси унсурҳои когнитивии тафаккури эҷодӣ баррасӣ намегарданд, ҳол он ки равандҳои маърифатӣ заминаи эҷодиётро ташкил медиҳанд. Ҳама гуна эҷодиёт аз донишандӯзӣ оғоз мегардад, ба даст овардани донишҳо танҳо тавассути равандҳои маърифатӣ имконпазир аст. Самаранокӣ ва маҳсули раванди эҷодиёт бошад, бо хусусиятҳои инфиродӣ-психологӣ вобастагӣ дорад. Сохтори фардии қобилиятҳои эҷодӣ ғайр аз протсесҳои когнитивӣ боз аз як қатор ташкилаҳои алоҳидаи психикӣ, ки ба таркибашон маромҳо, эмотсияҳо, сифатҳои маънавӣ, махсусиятҳои рафтор ва муошират дохил мешаванд, иборат аст. Яъне тафаккури эҷодӣ, низоми алоқаманди қисматҳои когнитивию инфиродӣ, эмотсионалию иродавиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, таҳқиқи қобилиятҳои эҷодӣ бояд бо дарназардошти ин робита, муайян намудани механизмҳои психологии алоқамандии сохторҳои когнитивӣ ва шахсӣ роҳандозӣ гардад.

Шарҳи муосири илмии шуур ва фаъолият, имконияти ҳалли масъалаи инкишоф додани шахс ва қобилиятҳои вайро ба воситаи намудҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла фаъолияти эҷодӣ пайдо намуд. Падидаи эҷодиёт, тафаккури эҷодӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ аз ҷониби равоншиносони мактабҳои гуногуни психологӣ аз нуқтаи назари гуногун омӯхта мешуданд. Коркардҳои аввалини олимони шӯравӣ – Я.А.Пономарев, А.В.Брушлинский, И.Б.Калошина, О.К.Тихомиров, М.Г.Ярошевский, Б.М.Кедров, А.М.Матюшкин оид ба ин муаммо ба солҳои 60-уми асри XX тааллуқ доранд. Чунончи, Я.А. Пономарёв табиати ҳартарафагии эҷодиётро кушода (аз нуқтаи назари фалсафаи диалектикӣ) онро чун хосияти материя маънидод кардааст [8, с. 381].

Муаммои эҷодиёт аз ҷониби равоншиносон ба таври мушаххас омӯхта шудааст (Б.М.Кедров, А.М.Матюшкин, Я.А.Пономарёв, М.Г.Ярошевский ва дигарон). Дар тадқиқотҳои равандҳои тафаккури самаранок (А.В.Брушлинский, И.П.Калошина, О.К.Тихомиров) масъалаи эҷодиёт ба воситаи: субъект-ашё (ҷараёни эҷодӣ) дида баромада шудааст. Ин равия эҷодиётро тавассути фаъолияти инсон-бунёдкор, ки арзишҳои нави

бемислро дар соҳаҳои гуногуни илм, санъат ва монанди инҳо ба вуҷуд меоварад, муайян мекунад [3, с. 267].

Дар қисмати афзалиятнокии фаъолияти предметӣ дар раванди эҷодиёт, мо А.В.Брушлинскийро пайгирӣ намуда илова менамоем, ки мавқеи хусусиятҳои психологии шахс, махсусан, сифатҳои тафаккури вай дар зоҳир гардидани қобилиятҳои эҷодӣ нақши калонро мебозанд.

Дар тадқиқи масъалаи психологияи тафаккур якчанд ҷанбаро ҷудо мекунанд ва мо онҳоро чунин маънидод менамоем:

- хусусиятҳои тафаккур, ки бо фарқиятҳои инфиродӣ-типикӣ муайян карда мешаванд, *яъне сифатҳои тафаккур ҳамчун хусусиятҳои инфиродии шахс, ки дар фаъолияти фикрӣ мавқеи асосӣ доранд;*
- тафаккури эҷодӣ ҳамчун қобилият, *яъне эҷодкорӣ ҳам қобилияти фикрӣ ва ҳам қобилияти инфиродии шахс буда метавонад;*
- фаъолии эҷодӣ, мақсаднокӣ ва муташаккилии шахс, *яъне чун қобилият онро ташаккул додан мумкин аст;*
- омилҳои бо соҳаи ҳиссиёт, ирода ва ваҷҳиёти шахс алоқаманд, *яъне шароитҳои мусоид ва номусоидро барои ташаккули ин қобилият ба ҳисоб гирифтан лозим аст.*

Дар исботи ин фикр, эҷодиёт махсусан ҳамчун сарчашмаи инкишоф, ҳаракат, таъсири мутақобила ки ба ташаккул, инкишофи таъсири мутақобила мебарад, фаҳмида мешавад. Аз ҷониби Я.А.Пономарёв раҳёфти таҳлилӣ-абстрактӣ оид ба табиати эҷодиёт коркард шудааст. Моҳияти креативнокӣ (эҷодиёт) ба ҳайси хусуситяи психологӣ, ҳамчун фаъолии зеҳнӣ ва ҳассосӣ (сензетивнокӣ) ба маҳсули иловагии фаъолияти худ маънидод мегардад. Инсони эҷодкор натиҷаи иловагии фаъолиятро, ки офариниши чизи нав мебошад, мебинад, инсони қобилияти эҷодӣ надошта, танҳо натиҷаҳоро баъди ба мақсад расидан (мақсаднок) мебинаду аз паҳлӯи навӣ гузашта меравад. Хулосаи муҳим ва ҷолиби Я.А.Пономарёв, тасаввурот дар бораи "тазоди" раванди эҷодиёт мебошад [9, с. 387].

Механизми психологии эҷодиёт аз қисматҳои "дуршуда", баъзан муқобили якдигар, қутбӣ иборат аст:

- фаросатӣ + мантиқӣ;
- асил + амсила;
- ихтиёрӣ + беихтиёр;
- маромноккунӣ + ҳавасмандкунӣ;
- ногаҳон /импулсивӣ/ + иродавӣ;
- шуурнок + бешуур;
- модарзодӣ + ҳосилшуда ва ғ.

Дар заминаи назарияи механизми психологии эҷодиёт Я.А.Пономарев марҳилаҳои онтогенези раванди ҳалли масъалаҳои эҷодиро муайян намудааст, ки чунинанд:

**1.** Инсон амалиётро дар вазъияти одии ашёӣ дуруст сохта наметавонад, агар масъала ба ӯ дар шакли нутқӣ, мухтасар ифода карда шавад.

**2.** Барпо намудан /бунёд кардан, сохтан/ бо роҳи амал намудан /манипулятсия/ бо чизҳои воқеӣ, ашёҳои аслӣ мумкин аст (на амсилаҳо).

**3.** Барпо намудан /бунёд кардан, сохтан/ бо роҳи ба амал баровардани тасаввуротҳо (дар фикр) эҳтимол аст.

**4.** Барпо намудан /бунёд кардан, сохтан/ бо роҳи амал намудан /манипулятсия/ бо амсилаҳо дар натиҷаи озмоиш ва хатогиҳо мумкин аст.

**5.** Инсон сохтори масъаларо таҳлил менамояд, нақша мекашад ва амалҳои худро ба нақша тобеъ мекунад.

Дар заминаи муқоисаи онтогенези рафтори кӯдакон дар вазъиятҳои муаммовӣ ва тарзи ҳалли масъалаҳои эҷодӣ аз ҷониби калонсолон Я.А. Пономарёв ба хулоса омад, ки марҳилаҳои функсионалии ҳалли масъалаҳои эҷодии калонсолон ба онтогенези кӯдак шабоҳат дорад.

Нуқтаи назари Я.А.Пономарёв ба ҷомеаи башардӯстона мувофиқат мекунад, зеро дар маркази тасвири илмии олам – инсон, бунёдкор, ки бо ҳақиқати объективӣ алоқамандии диалектикӣ дорад, гузошта мешавад [9, с. 109].

Дар ҳақиқат, ҷомеае, ки дар он инсон мавқеъ ва манзалати хоса дорад, бо фаъолияти худ, аз ҷумла, фаъолияти эҷодии худ ин ҷомеаро ба пеш бурда метавонад, самараи эҷодиёти

ӯ низ пурарзиш аст, яъне заминаи эҷодкорӣ, бунёдкорӣ, созандагӣ дар ин ҷомеа мавҷуд аст. Мо бо ҳисси қаноатмандӣ қайд карда метавонем, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол эҷоду эҷодкорӣ қадр карда мешаванд. Махсусан, дастгирии бевоситаи ҷавонони эҷодкору навовар аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, ки ҳамасола дар рафти барпо гардидани олимпиадаю озмунҳои гуногун чи дар миқёси Ҷумҳурӣ ва чи берун аз он мушоҳида мешавад.

Бори аввал ба таври мухтасар ифода намудани моҳияти психологии эҷодиёт аз ҷониби равоншиноси амрикоӣ Ҷ.П.Гилфорд ба амал оварда шудааст. Вай чунин мешуморид, ки қобилият ба тафаккури дивергентӣ барои эҷодиёт мавқеи муҳим дорад. Ҷ.П.Гилфорд бо роҳи таҷрибавӣ номгӯи хусусиятҳои тафаккури эҷодиро асоснок карда, чунин ақида дошт, ки ҳамгироии тафаккури конвергентӣ (мантиқӣ, муттасил, мураттаб) ва дивергентӣ (яклухт, фаросатӣ, нисбӣ) барои пайдоиши фикру ғояҳои нав ва ҳалли креативии онҳо замина шуда метавонад. Ӯ чунин меҳисобид, ки афзалияти чор хусусияти тафаккур – бо “эҷодноки”-и он алоқаманд аст:

**1.**Ғайриодӣ будани ғояҳои пешниҳодшаванда (кӯшиш ба навгонии интеллектуалӣ);

**2.**Чандирии маъногӣ, (қобилияти диди нави объект);

**3.**Чандирии нақшии мутобиқшаванда (қобилияти дигар кардани дарки объект);

**4.**Чандирии маъногии беихтиёрона (қобилияти ба вуҷуд овардани ғояҳои гуногун) [4, с.62].

Ба ақидаи мо дар тадқиқи қобилиятҳои эҷодӣ ҳам хусусиятҳои инфиродии фаъолияти фикрӣ ва ҳам қобилиятҳои психологии фардӣ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро ҷараёни эҷодиёт, навсозӣ, бунёдкорӣ – ин омезиши фаъолияти шуурнок ва унсурҳои бешуурӣ мебошад.

Яке аз андешаҳои ҷолиб оид ба муаммои эҷодиёт ва қобилиятҳои эҷодӣ аз ҷониби равоншиноси амрикоӣ Э.де Боно иброз гардидааст. Ӯ бори аввал мафҳуми “тафаккури латералӣ”-ро пешниҳод намуд. Ин тахмин дар натиҷаи тадқиқи кори мағзи сар тавлид гаштааст. Де Боно дарёфт намуд, ки майнаи одам ...”муҳити махсусе аст, ки имконият медиҳад, ахборот мустақилона ба қолаб табдил ёбад.., ақли инсон ҳамеша қолабҳои навро меҷӯяд” [2, с.87].

Олим кӯшиш намудааст тарзҳои воридшавии ғояҳои навро ба хиради одам бо василаи илҳоми ногаҳонӣ (худ ба худ) пайдо кунад. Вай исбот мекунад, ки дар бораи мавҷудияти тафаккури латералӣ донистан нокифоя аст, онро машқ кунонидан, инкишоф додан лозим аст. Э.де Боно қайд мекунад “Нишонаи асосии тавсифдиҳандаи илҳоми дохилӣ ва ғояҳои нав ин аст, ки баъди пайдо гаштанашон онҳо бояд ошкору равшан тасаввур карда шаванд” [2, с. 88].

Мо илова карданием, ки истифодаи тафаккури латералӣ яке аз роҳҳои инкишофи қобилияти эҷодӣ маҳсуб меёбад, зеро маҳз маҳорати фикррониии бемислу ғайриқолабӣ дар пайдо шудани ғояҳои инноватсионӣ нақши калидиро мебозад. Ҳамчунин, илова менамоем, ки арзиши ғояҳои нав пеш аз ҳама дар татбиқшавандагии онҳо зоҳир мегардад, андешаву фикрҳое, ки ба созандагиву бунёдкорӣ нигаронида шудаанд, қимати хоса доранд. Аз ин лиҳоз, ба ташаккули қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён – мутахассисони оянда, ки пешравию ободии ҷомеа дар дасти онҳост, диққати махсус додан лозим аст, зеро пайдо намудани роҳу усулҳои инкишофи ин қобилият яке аз муаммоҳои мубрами равоншиносӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ҷониби Р.Муни чор нуқтаи назари асосӣ ба эҷодиёт, вобаста ба он, ки кадом ҷанбаи муаммо дар мадди аввал меистад, ҷудо карда шудааст:

- муҳите, ки дар он эҷодиёт роҳандозӣ мегардад;
- раванди эҷодиёт;
- маҳсули эҷодиёт;
- шахсияти эҷодкор [12].

Нисбати ин андеша илова намуданием, ки бо вуҷуди ба таври алоҳида муайян намудани ҷанбаҳои омӯзиши эҷодиёт, алоқамандии паҳлӯҳои мухталифи онро инкор намекунад ва ба ақидаи мо таҳқиқи эҷодиётро бо як маҷрои алоҳида пеш бурдан начандон самаранок аст. Дар ҷараёни пажӯҳиш, ҷиҳатҳои гуногуни эҷодиёт ба якдигар то андозае пайванд мегарданд ва дар робитаи ногусастанӣ зоҳир мешаванд, ки таснифоти ҷанбаҳои ин падидаи ниҳоят мураккаб, хеле нисбӣ аст. Шояд аз ҳамин сабаб, бо вуҷуди мавҷуд будани таҳқиқотҳои сершумор, муаммои эҷодиёт дар психология то ҳол ба таври муайян ва саҳеҳ муқаррароти худро пайдо накардааст. Муаммои эҷодиёт барои тадқиқоти илмӣ хеле пурпечутоб, аммо ниҳоят мубрам аст ва аз ин лиҳоз омӯзиши ҷанбаҳо, нуқтаи назар,

фарзияҳои гуногун оид ба ин масъала дар психологияи муосир басо аҳамиятнок маҳсуб меёбад.


***АДАБИЁТ***

1. *Атохонов Р, Луғати мухтасари истилоҳоти психология ва тавсифи баъзе мафҳумҳо. / Р. Атохонов. Душанбе: ДДОТ. 2017. – 260 с.*
2. *Батлер–Боудон, Т. 50 великих книг по психологии / Батлер–Боудон; пер. с англ.: В. Д. Соколова. – М.: Эксмо, 2012. – 608 с.*
3. *Брушлинский, А.В. Субъект: мышление, учение, воображение / А.В. Брушлинский. - М.; Воронеж: МОДЭК, 1996. - 387 с.*
4. *Гилфорд, Дж. Три стороны интеллекта // Психология мышления. / Под.ред. А.М. Матюшкина. / Дж. Гилфорд. - Москва. Прогресс. 1965. - 75с.*
5. *Дружинин, В.Н. Психология общих способностей / В.Н. Дружинин. - СПб: Питер, 2000. - 368 с.*
6. *Ермолаева-Томина, Л.Б. Психология художественного творчества / Л.Б. Ермолаева-Томина – М.: Академический Проект, 2003. - 304 с.*
7. *Пономарев, Я. А. Психология творения / Я. А Пономарев. М.: Моск. психол.-соц. ин-т, 1999.-480 с.*
8. *Пономарев, Я.А. Исследование проблем психологии творчества. // Отв. ред. Я.А. Пономарев. - М.: Наука, 1983. - 336 с.*
9. *Пономарёв, Я.А. Психология творчества. / Я.А. Пономарёв. - М., 1976. - 383с.*
10. *Психологический энциклопедический словарь.: справочное издание / М.И. Еникеев. – М.: Проспект, 2012. – 560 с.*
11. *Портал психологических изданий [Электронный ресурс]. Режимдоступа:http://psyjournals.ru/psyedu_ru/2012/n2/53615_full.shtml*
12. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд.Нашриёти “Советская энциклопедия”М., 1969.*
13. *[Электронный ресурс]. Режим доступа: http: //ipk.68edu.ru/component/content/article/40-2010-05-31-12-33-20/1019- 26-12-11. html Исследование творческой одаренности.*


## ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ ИНФИРОДӢ-ПСИХОЛОГИИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ШАХС

Дар илми психологияи муосир муаммои инкишофи эҷодии шахсият ба таври хеле мушаххас омӯхта мешавад. Ҳал карда тавонистани муаммоҳои глобалие, ки дар назди насли оянда меистад, диди инноватсионӣ, ғайриоддӣ ва бемислро талаб мекунад ва маҳз эҷодиёт ва эҷодкорӣ чунин қобилиятҳоро дар бар мегирад. Барои муайян намудани моҳияти эҷодиёт, сохтори он, тарз ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои нав, ғайриоддӣ ва бемисл кӯшиши зиёде сарф шуда буд ва дар натиҷа далелҳое ба даст оварда шуданд,ки ба шакли пурра набошад ҳам, раванди ҳалли ин зумра масъалаҳоро маънидод карда тавонанд. Омилҳои ташаккули эҷодиёт, роҳҳои инкишоф додани он, маромҳои водоркунандаи фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла неруи эҷодӣ таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, проблемаи табиати психологии эҷодиёт, хусусиятҳои он, пайдоиши шаклҳои алоҳидаи зоҳиршавии фаъолияти эҷодӣ то ҳол ҳалли худро пайдо накардаанд. Мувофиқи ақидаи олимони равоншинос, яке аз унсурҳои муҳимми эҷодиёт - соҳаи ваҷҳиёти шахс ба шумор меравад, яъне то чӣ андоза баланд будани дараҷаи ваҷҳнокиии шахс, муваффақияти вайро дар ҳалли масъалаҳои эҷодӣ таъмин менамояд. Баъзе аз таърифҳои эҷодиёт – дар мафҳумҳои маҳсул, натиҷаи фаъолият; дигарашон – дар мафҳумҳои протсес, хусусиятҳои шахсӣ ё шароитҳои зарурии берунӣ ифода гардидаанд. Бархе аз муаллифон таъкид менамоянд, ки мафҳуми “эҷодкорӣ” танҳо ба шаклҳои қобилиятҳои аҳён аҳён вохӯрандаи махсус мансуб аст, ҳамзамон, дигарашон чунин мешуморанд, ки ин мафҳум қобилияти умумии эҷодиро дар назар дорад, ки то андозае ба ҳама гуна фарди солим хос буда, онро дар аксарияти одамон мушоҳида кардан мумкин аст ва гузашта аз ин, чи хеле ки дар мақола қайд шудааст, онро ташаккул додан, тарбия кардан имкон дорад. Дар асл, эҷодиёт моҳиятан маънои фикр карда баромадани тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо мебошад, ки ҳар як усули интихобшуда то ҳадди имкон ба ноил гаштан ба натиҷа мебарад. Ба ақидаи муаллиф дар тадқиқи қобилиятҳои эҷодӣ ҳам хусусиятҳои инфиродии фаъолияти фикрӣ ва ҳам қобилиятҳои психологии фардии бо он алоқаманд бояд ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро ҷараёни эҷодиёт, навсозӣ, бунёдкорӣ ин омезиши фаъолияти шуурнок ва унсурҳои бешуурӣ мебошад.


**Калидвожаҳо:** эҷодиёт, зеҳн, қобилият, психика, равандҳои психикӣ, хусусиятҳои инфиродӣ - психикӣ, тафаккур, навгонӣ, чандирии маънogӣ, неруи эҷодӣ, шахси эҷодкор, тафаккури инноватсионӣ, офариниш, тафаккури дивергентӣ, фаъолии эҷодӣ, қобилиятҳои эҷодӣ, тафаккури латералӣ, фикрронии мантиқӣ, субъект, маромнокӣ, ваҷҳиёти фард.

## ИЗУЧЕНИЕ ИНДИВИДУАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ТВОРЧЕСКОЙ СПОСОБНОСТИ ЛИЧНОСТИ

Изучение нового типа мышления, творческого подхода в решении различных задач, является злободневной проблемой современной психологии. На сегодняшний день науке известны некоторые механизмы творческого процесса, но эти данные весьма ограничены. Тем не менее, до сих пор окончательного ответа на вопрос о психологической природе творчества, о специфике его происхождения не дано. Наряду с изучением интеллекта и творчества, в психологии выделилось и приобрело большую популярность направление, исследующее взаимосвязь творческих способностей с индивидуально-психологическими свойствами личности. Под творчеством понимается способность человека, которая зависит от того насколько необычно он может использовать информацию для решения самых различных задач, то есть человек обладающий творческими качествами использует полученную информацию по-своему, оригинально, инновационное. Попытка сформулировать психологическое содержание творчества впервые была предпринята Дж. Гилфордом, согласно которому, для творческого процесса наиболее существенным является дивергентный тип мышления, важной характеристикой которого считаются - беглость и гибкость мысли, оригинальность, любознательность, способность к разработке гипотезы, и релевантность, фантастичность и др. Концепции относительно проблемы человеческого творчества развивались и изменялись вместе с развитием и становлением самой психологической науки. Феномен творчества, творческого мышления и творческих способностей изучались различными психологическими школами с разных позиций. По данной проблеме существует множество концепций, взглядов, рассмотрение некоторых из них приведены в статье.

**Ключевые слова:** интеллект, психические процессы, творчество, универсальный разум, мышление, познавательная деятельность, структура личности, творческая активность, и релевантность, фантастичность, логическое мышление, творческий процесс, эффективное мышление, творческая личность, формирование, латеральное мышление, развитие.

## STUDY OF INDIVIDUAL PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF A PERSON'S CREATIVE ABILITY

The study of a new type of thinking, a creative approach to solving various problems, is a pressing problem of modern psychology. Today, science knows some mechanisms of the creative process, but this data is very limited. However, a definitive answer to the question about the psychological nature of creativity and the specifics of its origin has not yet been given. Along with the study of intelligence and creativity, a direction has emerged in psychology that studies the relationship between creative abilities and individual psychological properties of a person. Creativity refers to a person's ability, which depends on how unusually he can use information to solve a wide variety of problems, that is, a person with creative qualities uses the information received in his own, original, innovative way. An attempt to formulate the psychological content of creativity was first made by J. Guilford, according to whom, the most essential for the creative process is the divergent type of thinking, the important characteristics of which are considered to be fluency and flexibility of thought, originality, curiosity, the ability to develop a hypothesis, irrelevance, fantasticness, etc. Concepts regarding the problem of human creativity developed and changed along with the development and formation of psychological science itself. The phenomenon of creativity, creative thinking and creative abilities have been studied by various psychological schools from different positions. There are many concepts and views on this issue, some of which are discussed in the article.

**Keywords:** intelligence, mental processes, creativity, universal mind, thinking, cognitive activity, personality structure, creative activity, irrelevance, fantastic, logical thinking, creative process, effective thinking, creative personality, formation, lateral thinking, development.

***Дар бораи муаллифон***

*Бобоева Сайёра Бобораҷабовна*
*Доктори илмҳои психологӣ, дотсент*
*кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ*
*МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*
*735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1*
*Тел: (+992) 888870797*
*E-mail: kpntolerans@mail.ru*

*Собирова Азизахон Акрамҷоновна*
*Докторант (PhD) – и курси дуюми*
*ихтисоси педагогика*
*ва методикаи таълими*
*МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*
*735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1*
*Тел: (+992) 92776 07 97*

***Об авторах***

*Бабаева Саёра Боборaджабовна*
*Доктор психологических наук, доцент*
*Кафедра социальной и профессиональной психологии*
*МДТ Худжандского государственного университета*
*имени академика Бабаджона Гафурова*
*735700 Республика Таджикистан ш. Худжанд, переезд Мавлонбекова 1*
*Тел: (+992) 888870797*
*Электронная почта: kpntolerans@mail.ru.*

*Собирова Азизахан Акрамжоновна*
*Докторант (PhD)*
*второго курса педагогики*
*и методы обучения*
*Худжандского государственного*
*университета»*
*имени академика Бабаджона Гафурова*
*735700 Республика Таджикистан*
*ш. Худжанд, переезд Мавлонбекова 1*
*Тел: (+992) 92776 07 97*

***About the authors***

*Boboeva Sayora Boboradjabovna*
*Doctor of Psychological Sciences,*
*dotsent of the Department of*
*Social and Professional Psichologi of the*
*Hujand State University*
*named after academician*
*Bobojon Gafurov*
*Phone: (+992) 92 776 07 97*
*E - mail: kpntolerans@mail.ru*

*Sobirova Azizakhan Akramjonovna*
*Doctoral student (PhD)*
*of the second course of pedagogy*
*and teaching methods*
*Khujand State University*
*name of Academician Babajon Gafurov*
*735700 Republic of Tajikistan*
*sh. Khujand, Mavlonbekov crossing 1*
*Phone: (+992) 92776 07 97*

ТДУ 371.4+371.398

# ТАШАККУЛИ ОИЛА ВА ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ОН

***Назарова З.Э.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
***Камишова А.***
*Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон*
*ба номи Мирзо Турсунзода*

Пайдоиш ва рушди оила - ҳамчун ячейкаи ибтидоии ҷомеа таърихи дуру дарозро дар бар мегирад, ки он дар тарбия ва инкишофи шахсияти инсон ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ нақши муҳим дорад. Пеш аз ҳама, оила ин худ аввалин намуди муносибат байни одамон ба ҳисоб меравад. Дар як вақт оила ҳамчун сохти иҷтимоӣ хусусияти дастгоҳи иҷтимоӣ ва гурӯҳи хурди иҷтимоиро дорад.

Оила, ки ҳамсарон ва фарзандони онҳоро муттаҳид менамояд, яке аз шаклҳои аввалини умумияти иҷтимоии одамон, гурӯҳи хурдтарини он аст, ки дар ин ҷо вазифаҳои барои ҷамъият муҳимтарин, қабл аз ҳама, вазифаи давом додани насли инсон иникос менамояд.

Никоҳҳои гурӯҳии давраи ибтидоӣ, оилаҳои давраҳои модаршоҳию падаршоҳӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки оила дар тӯли асрҳо инкишоф ёфта, ба низоми муайяне қарор гирифтааст.

Илми имрӯза алоқаи байниҳамдигарии мавқеъ ва вазифаи иҷтимоикунонии шахсияти кӯдакро муайян кардааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки зери мавқеи иҷтимоӣ нишондиҳандаи ҳамгирои мавқеи гурӯҳи иҷтимоӣ ва намояндаҳои он дар ҷамъият, дар системаи робитаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳо фаҳмида мешавад. Статуси оила ҳамчун дастгоҳи иҷтимоии ҷамъият аз рӯи муносибати аъзоёни калонсоли он ба ин ё он синф муайян карда мешавад.

Оиларо ҳамчун объекти таъсиррасони кори иҷтимои ва системаи мураккаби иҷтимоӣ қабул карда, бояд чунин қисмҳои таркибии оиларо ба ҳисоб гирифт: таркиб, муҳити оила, ҳаракат кардан ва таърихи инкишоф.

<u>Ба таркиби оила,</u> системаи муносибатҳои хешутаборӣ, ҷамъи муносибатҳои маънавӣ - ахлоқӣ, психологӣ, муқаррароти дохили оилавӣ ва муносибатҳои салоҳишавию нуфуз, инчунин шумораи аъзоёни оила, хислатиҳои муносибатҳои байниҳамдигарӣ, муносибатҳои байни аъзоёни оила, муносибати оила бо дигарон ва ғ дохил мешавад.

<u>Муҳити оила:</u> вазъияти зист, статуси иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муносибати оила бо ҳамсояҳо ва умуман дар муҳити иҷтимоӣ, таъсири кӯҳансолон (бобо, бибӣ) ба оила тарафҳои мусбӣ ва манфии ин таъсиррасонӣ ба оимла ба ҳисоб меравад.

<u>Ҳаракат намудан</u> қисмати сеюми таркибии оила мебошад. Ба он нақши фаъолияти аъзоёни он-маҷмӯи нишондодаҳо, меъёрҳо ва намунаи ахлоқ, ки як қисми аъзоёни оиларо дар муносибаташон бо дигар аъзоёни оила тавсиф менамояд, дохил мешавад.

<u>Таърихи инкишоф.</u> Ба ин қисм решаи генеалогии оила (аз кадом авлод) таъсири он ба ҳолати имрӯзаи оила, анъана, урфу одати оила ва давраҳои инкишофи ҳаёти оилавӣ дохил карда шудаанд.

Педагогикаи оила ва муносибатҳои оилавӣ илмест, хеле мураккаб ва донишҳои ҳаматарафаи амикро тақозо мекунад. Дар бораи оилаву оиладорӣ китобҳои зиёде навишта шудаанд, аммо зиндагӣ гоҳҳо муаммоҳоеро пеш меорад, ки ҷавоби ҳалли он дар ягон китоб пайдо намегардад. Ин илм тамоми умр омӯхта мешавад ва муаллими он худи ҳаёт буда, бузургони ҷаҳондида, баду неки ҷаҳон ва муҳит мебошад.

Кӯдак сирру асрори пинҳонии дили хешро пеш аз ҳама ба волидон ва махсусан, ба модар ошкор мекунад. Муносибатҳои оилавӣ хеле мураккабу нозуканд, зеро онҳо дар ҷамъияти одамони сурат мегиранд, ки бо ҳамдигар бо риштаҳои хешу таборӣ баста шудаанд. Мустаҳкам шудани ин гиреҳ ё гусастани он ба волидон вобаста аст. Падару модар ба дӯши хеш вазифаи хеле душвор — тарбияи фарзандро доранд. Фарзанд бояд чунин тарбия гирад, ки бо амалу рафтори хеш ба падару модар хурсандиву хушбахтӣ орад, сазовори номи инсони ҳақиқӣ гардида ба миллату ватани худ содиқ будан, бахри осоишу ободии он зиндагӣ кунад. Ин ақидаро дар ҳар давру замон олимону донишмандони ҷаҳон тағриб мекарданд. Чунончи,

донишманди барҷастаи форсу тоҷик Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар "Анвори суҳайлӣ" фармудааст:

Ҳарчанд фикр мекунам аз ҳар чӣ дар ҷаҳон,
Номи нахуст ҳосили айёми одамӣ.

Педагог — олими номӣ В.А. Сухомлинский оид ба душвориҳои тарбия сухан ронда, ба волидон муроҷиат мекунад: Хусусиятҳои оила ва тарбияи оилавӣ ҳамеша дар маркази диққати донишмандон ва педагогикаи мардумӣ буда ва ба ин масъалаи муҳими ҳаётӣ дар эҷодиёти олимон адибон ва эҷодиёти мардумӣ таҷассум ёфтааст. Мардум ҳамеша дар орзуи ҳаёти оилавии осудаю хушбахт буд, чунин оила калиди бахти ҳар як узви оила мебошад. Аммо бахту саодати тайёрро ҳеҷ кас ба одам пешкаш намекунад. Барои бахту саодати оилавӣ меҳнат сарф кардан ва мубориза бурдан лозим меояд. Силоҳи ин мубориза махсус аст. Касе тавонад тамкин, ғамхорӣ, меҳру сидқу вафо ва андешаро хуб истифода барад, ғалаба ба даст меорад ва ба мақсад мерасад. Барои расидан ба мақсади дар пеш истода ва хушбахт будани оила якдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, иззату эҳтироми ҳамдигар ва қадрдонии тамоми аҳли оила зарурат дорад. Ба ҳамин тариқ, шарти асосии хушбахтии оила тифоқии аъзоёни он мебошад. Асоси тифоқии ҳар оилаи хушбахтро танҳо падару модар гузошта метавонад. Барои тифоқию якдилию падару модар бошад, муҳаббати тарафайни онҳо шарти асосӣ аст. Таҷрибаи чандинасраи ҳаёт шаҳодат медиҳад, ки бунёди оила дар асоси ишқу муҳаббати тарафайни марду зан сохта шуда бошад, он оила хушбахт аст. Чунин оила ба душвориҳои рӯзғору зиндагӣ тоқат намуда, барои бахту саодати худ мекӯшад ва ҳеҷ гоҳ фикри ҷудоиро намеоранд.

Оила бо иродаи ду шахс бунёд ёфта асоси давлатро ташкил медиҳад, аз ин ҷиҳат оила дар ҳимояи давлат мебошад.

Давлат барои мустаҳкамии оила ва тарбияи фарзандони солим, доимо ғамхорӣ зоҳир мекард. Қарорҳои давлат дар бораи расонидани ёрии моддӣ ба оилаҳои серфарзанд, дароз намудани рухсатии таваллуди фарзанд ва табияи кӯдак то сесолагӣ, табобати ройгон ва таъмин бо адвия нишонаҳои ин ғамхорӣ мебошанд.

Муваффақияти тарбия дар сурате муяссар мешавад, ки он ба таҳкурсии мустаҳками сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ такя кунад. Зеро маълум аст, ки таъминоти моддӣ рӯҳияи солими маънавӣ дараҷаи баланди маърифати одамон ба мустаҳкам гардидани оила ҳамчун чашмаи хушкнашавандаи ҳаёт, ки одам дар он ба дунё омада, рушду камол меёбад шахсияту ҷаҳонбиниаш мувофиқи муҳити маънавию психологии он муайян мешавад, ба пойдор гардидани оила ҳамчун зинаи аввалини ҷамъият мусоидат мекунад, роли тарбиявии оиларо беш аз беш баланд мебардорад.

Муҳим будани масъалаи рушди оила ва тарбияи фарзанд дар моддаи 34 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистом чунин инъикос ёфтааст: "Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат аст. Волидон барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғи қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини волидон масъуланд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ мекунад".

Ҳамин тариқ, давлат дар масъалаи бунёди оила, пойдеворин он, тарбияи фарзандони солиму соҳибмаърифат доимо ғамхорӣ зоҳир намуда, ҳуқуқҳои онҳоро муҳофизат менамояд.

Оила ҳам, чун ҷузъи хурдтарини давлат, бо мазмуни вазифаҳои хеш дар тамоми корҳои ҷамъиятӣ ширкат меварзад ва дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятии хеш дар назди ҷомеа ва давлат масъул аст. Вазъияти оила, шароити моддӣ ва маънавии он ба хаёти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва сиёсии давлат таъсири бевосита мерасонад. Таъсири оила ба ҳаёти ҷамъиятии давлат ба воситаи чи тавр иҷро намудани вазифаҳояш сурат мегирад. Масалан, барои нигоҳ доштани сатҳи мӯътадили аҳолӣ ба бештари давлатҳои аврупоӣ зарур аст, ки ҳар як оила ду-се фарзандро тарбия намуда ба воя расонанд, аммо аз сабабҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва моддӣ бештари оилаҳо танҳо 1 ё 2 фарзанд доранду халос. Дар Чин бошад, вазъият акси ҳол аст. Дар он ҷо аз сабаби босуръат зиёд гаштани аҳолӣ (зиёда аз 1,2 миллиард) ҳукумат қарор додаст, ки оила танҳо як кӯдак дошта бошад. Барои фарзандони изофӣ бошад, андози муайян ситонида мешавад. Аммо гоҳҳо бо қарори ҳукумат эътибор надода оилахои ҷудогона 2-3 нафар ва гоҳо аз он бештар фарзанд доранд. Чунин зиддиятҳои оила ва ҷамъият ба сиёсат, сохтори иҷтимоӣ ва иқтисодиёти давлат таъсир расонида метавонанд.

Ҳангоми ташкили кор бо оила принсипи зерин хело муҳим аст: ҳар як оила доимо барои худмуҳофизаткунии ҳаракат мекунад. Ин бошад барои расонидани таъсири беруна ба

оила, ки мехоҳад дар масъалаҳои муҳим ёрӣ расонад, корро мушкил мегардонад. Аз ин рӯ дар муносибат бо оила бисёр эҳтиёткорон муносибат кардан лозим аст. Агар ҳамаи ин тарафҳоро ба ҳисоб нагирем, пас оила бо муаллим, роҳбари синф ё худ мутахасситс ё ба робита намебарояд, ё худ умуман шахси бегонаро аз доираи фаъолияташ берун мекунад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки тамоили тарбиявӣ аз қисматҳои биологӣ, психологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ иборат аст. Дар ин қисматҳо пас илмӣ, намудҳои оила, вазифа, намуди муносибатҳои байниҳамдигарӣ, қобилияти педагогӣ, муҳит дар оила, дараҷаи даромадҳо, манзил, неъматҳои моддӣ, тамоилҳои тарбиявӣ, статуси иҷтимоӣ, дараҷаи маълумотнокии волидон, фарҳанг ва ғайра дохил мешаванд.

***Адабиёт***


1. *Арипов, М.А.(Орифи). История педагогической мысли таджикского народа (текст) / М.А. Арипов. – Душанбе, 1962. –Ҷ.1.-2. – 162 с.*
2. *Бадя, Л.В. Прогрессивные идеи педагогики и социальной работы в России. История и современность / Л.В. Бадя. - М., 1995 – 100с.*
3. *Бариз, Д.Г. Социальная работа с семьями в Англии / Д.Г. Бариз. – М., 1993. – 170с.*
4. *Басов, А.В. К вопросу о предмете социальной педагогики. / А.В. Басов. – Москва - Тула, 1993. – 278 с.*
5. *Бестужев-Лада И.В. Социальное прогнозирование: особенности и проблемы / И.В. Бестужев. - Лада - М., 1997.*
6. *Джалилова, М.Н. Теоретические вопросы использования семейных обычаев и традиций в условиях Республики Таджикистан / М.Н. Джалилова. - Курган-Тюбе, 2008. – 48 с.*
7. *Идиев, Х.У. Трансформирующееся таджикское общество / Х.У. Идиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 200с.*
8. *Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Сарпараст, 2003. - 286 с.*
9. *Эмомалӣ Раҳмон. Пояи мустаҳкам барои илмҳои бунёдӣ. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимон-омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Омӯзгор. – 2010. – 3 сентябр.*


## ТАШАККУЛИ ОИЛА ВА ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ОН

Ҳангоми кор бурдан дар оила муаллим бояд пеш аз ҳама ба тарзи муносибат, умумияти оила, ба ҳам пайванд будани тамоми аъзоёни оила диққати асосӣ диҳад. Оила дар як вақт ҳам объекти иҷтимоии таъсиррасонӣ ва ҳам субъекти иҷтимоикунонии шахсияти кӯдак шуда метавонад. Дар ин ҳолат самаранокии таъсиррасонии оила ба шахс аз рӯи иқтидори тарбиявиаш муайян мегардад. Ҳамаи ин муҳокимарониҳоро ба эътибор гирифта, тахмин намудем, ки омӯзиш ва ҷанбаҳои психологии дараҷаи омодагии психологии издивоҷкунандагони эҳтимолӣ бо гуфтори наву тоза ва судманд, назария ва амалияи психологияи муосирро ғанитару рангинтар гардонида, дараҷаи устуворию пойдории оилаҳои ҷавонро ба зинаҳои боз ҳам баландтар мебардорад. Кӯдак ба субъекти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол табдил ёфта истода давра ба давра амалӣ гаштани ин ҷараёнро амалӣ мекунад. Ҷараёни иҷтимоикунонии кӯдак дар тамоми давраҳои синну солии вай томактабӣ, мактабӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ давом мекунад, ки дар ин давр барои инихоби дурусти касб замина мегузорад. Ҳангоми ташкили кор бо оила принсипи зерин хело муҳим аст: ҳар як оила доимо барои худмуҳофизаткунии ҳаракат мекунад. Ин бошад барои расонидани таъсири беруна ба оила, ки мехоҳад дар масъалаҳои муҳим ёрӣ расонад, корро мушкил мегардонад. Аз ин рӯ дар муносибат бо оила бисёр эҳтиёткорон муносибат кардан лозим аст. Муҳимияти худмуҳофизаткунии фарҳанги оила ва ташаккули ташкили субективии оиларо муайян намудан.

**Калидвожаҳо:** офаридаи беҳамтои инсоният, объекти таъсиррасони кори иҷтимои, системаи муносибатҳои хешутаборӣ, дараҷаи устуворию пойдории оилаҳои ҷавон.

## ОРГАНИЗАЦИЯ СЕМЬИ И ЕЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

Во время работы с семьей учителю следует прежде всего обратить особое внимание на взаимоотношения в семье, целостность и привязанности всех членов семьи. Семья одновренно может быть и социальным влиятельным объектом, и субъектом социализации личности ребенка. В этом случаи выявляется результат влияния семьи на человека в силу его воспитания. Приняв во внимания все вышеуказанные данные, предпологаем что изучение психологиячеких аспектов готовности вероятных новобрачных способствует разнообразию теории и практики современной психологии , а также, поднимает на высокий уровень стабильность молодых семей. Процесс социализации ребенка продолжается во все периоды его возраста: дошкольный, школьный, подростковый и юношеский, что

в этот период закладывает основу для правильного выбора профессии. при организации работы с семьей очень важен следующий принцип: каждая семья всегда старается защитить себя. Это затруднит для семьи внешнее влияние на важные вопросы страны. поэтому необходимо быть очень осторожным в отношениях с семьей. Определить важность самозащиты семейной культуры и субъектной организации семьи. Семья, как наименьшая часть государства, участвует в делах общества содержанием своих обязанностей и несет ответственность за выполнение своих общественных обязанностей и перед государством.

**Ключевые слова.** Уникальное творение человечества, объект влияющий на социальную деятельность, система родственных отношений, уровень стабильности и стойкости молодых семей.

## FAMILY ORGANIZATION AND ITS PEDAGOGICAL ASPECTS

When working with a family, the teacher should first of all pay special attention to the relationships in the family, the integrity and affection of all family members. The family can simultaneously be both a socially influential object and a subject of socialization of the child's personality. In this case, the result of the family's influence on a person due to his upbringing is revealed. Taking into account all the above data, we assume that the study of the psychological aspects of the readiness of potential newlyweds contributes to the diversity of the theory and practice of modern psychology, and also raises the stability of young families to a high level. The process of socialization of the child continues in all periods of his age: preschool, school, adolescence and youth, which during this period lays the foundation for the right choice of profession. When organizing work with families, the following principle is very important: every family always tries to protect itself. This will make it difficult for the family to influence externally the important issues of the country. therefore, it is necessary to be very careful in dealing with the family. Determine the importance of self-protection of family culture and the subjective organization of the family

**Keywords.** The impact of raising underage girls or uneducated boys, acquaintance with women, spiritual and intellectual maturity, the formation of responsibility, implementation

***Дар бораи муаллифон***
*Назарова Зебуниссо Эшонқулловна*
*Номзади илмҳои педагогӣ,*
*омӯзгори кафедраи психологияи иҷтимоӣ*
*ва муносибатҳои оилавӣ*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории*
*Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,*
*734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121,*
*Тел: (+992) 918385328*
*Камишова Алёна*
*Омӯзгори кафедраи фарҳангшиносӣ*
*Донишкадаи давлатии фарҳанг*
*ва санъати Тоҷикистон*
*ба номи Мирзо Турсунзода*
*ш. Душанбе кучаи Борбад 73*
*Тел: (+992) 918385328*

***Об авторах***
*Назарова Зебуниссо Эшонкуловна*
*Кандидат педагогический наук,*
*преподователь кафедры*
*социальная психология*
*и семейные отношения*
*Таджикский государственный*
*педагогический университет*
*имени Садриддин Айни,*
*734003 г. Душанбе праспект Рудаки 121*
*Тел (+992) 902448478*
***Камишова Алёна***
*Преподователь*
*кафедры искусствоведения*
*Таджикский государственный*
*институт искуство и культура*
*имени Мирзо Турсунзода*
*г. Душанбе улица Борбад 73*
*Тел: (+992) 918385328*

***About the authors***
*Nazarova Zebunisso Eshonkulovna*
*Candidate Pedagogical Sciences,*
*Senior Lecturer*
*at the Department of Social*
*Psychology and Family Relations*
*of the Tajik State Pedagogical University*
*named after Sadriddin Aini*
*Phone: (+992) 902448478*
*Kamishova Alena*
*Lecturer*
*at the Department of Art History*
*Tajik State Institute of Art and Culture*
*named after Mirzo Tursunzoda*
*Phone: (+992) 918385328*

ТДУ 159.9

# ФИКР ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ МУБОҲИСАИ СИСТЕМАҲО

***Холиқов Ғ.А., Ҳотамова М.Ғ.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Дар таърих барои он, ки донишҳои хомӯш гашта бедор шаванд, қонунҳои таҳаввулоти ин донишҳоро донистан ва муносибати шуурро ба ҳастӣ таҳқиқ намудан лозим аст. Чунин қонунҳоро танҳо таърихи илм меомӯзад. Аз ин лиҳоз нуқтаи назари психологи рус Б.М.Тепловро мо ба маврид меҳисобем, ки қайд кардааст: “Бидуни омӯзиши рафти инкишофи илмҳо, системаи ин илмҳоро аз нав барпо кардан ғайри имкон аст [12, с. 482].

Ҳанӯз Арасту навиштааст, “фикр”- дар тасаввуротҳо оид ба аслӣ одам мақоми марказиро ишғол мекунад”. Арасту ҳамаи хушиофариҳои қалбро “ба ахлоқ, ба фикрҳо”, мансуб донистааст. Дар тӯлӣ ду ҳазор сол, беҳтарин зеҳнҳои инсоният ҳамеша ба масъалаҳои фикр ва моҳияти он, муроҷиат менамуданд.

Ҳоло дар асри XX-ум психологи машҳури олмон Эббингауз дар яке аз китобҳояш, ки “Афоризмҳо” ном дорад, навишта буд [12, с. 9]. “Психология гузаштаи дурудароз ва таърихи кӯтоҳ дорад” ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таърихи психология ҳамчун илм , яке аз самтҳои тадқиқоти бояд пайгирӣ карда шаванд.

Тадқиқоти серҷабҳаи масъалаҳои муносибати байни феноменҳои объективӣ ва субъективӣ дар илми психологияи рус дар асарҳои муаллифони зиёд (Р.Арнхейм., Р.Л.Аткинсон, Г.Г.Гадамер, В.П.Зинченко., С.Л.Рубинштейн., Г.Роршах, М.Г.Ярошевский, В.Д. Шадриков инчунин олимони ватанӣ Мустафоқулов Р. Атахонов., Кодиров Б., Расулов Мансурова А.Ҳ. ва дигарон ) назаррас арзёбӣ карда мешаванд.

Дар нутқрониҳои ҳамарӯзаи худ мо доимо калимаи “фикр”, “тафаккур”, “шуурро” истифода мебарем. Тасодуфи нест, ки барои ошкор кардани моҳияти мафҳумҳои номбурда дар давоми ду ҳазор сол, зеҳнҳои беҳтарини башарият ба ин мафҳумҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Масъалаи мазкур дар “психологияи фикркунӣ” масъалаи марказӣ ба ҳисоб мерафтанд

Дар якҷоягӣ бо психологияи шуур, ки он фаромӯш шудааст, “фикр” аз нав, яке аз предметҳои муҳими таҳқиқот, бо усулҳои нав, бо ҷалб намудани маълумотҳои навини илмҳои мухталиф, ки онҳо ба назарияи принсип ва қонунҳо тобеъ ҳастанд, монанди: (психофизиология, нейропсихология, физика, биология, химия, геология ва ғ). бо бардоштҳои мухталифи илми баррассӣ шуда истодааст.

“Психологияи когнитивӣ” дар мавқеи ташкил карда шуда “саҳм”-и муайянро гузошт, ки он ба “метафораи компютерӣ” асос ёфтааст.

Психологияи когнитивӣ одамро ҳамчун идроккунандаи система дида мебарояд ва дар ин система равиши равандҳоро ҳамчун коркарди зина ба зинаи иттиллоотҳо дар рафторҳои субъект бо аналогҳо, бо коркарди иттиллоотҳо дар (ЭВМ) машинаи электронии ҳисоббарорӣ, эзоҳ медиҳад.

Дар адабиёт ин гуна аналог, махсус “метафораи компюютерӣ” ном гирифтааст.

Метафораи компютерӣ назарияи психологиро иваз намекунад, вай танҳо дар мафҳумҳои конструктивӣ, ёрии ба шаклдароварии назарияро бар ӯҳда дорад.

Қобилиятҳои когнитивиро дар организми одам, равандҳои психикӣ меноманд, кадоме ба коркарди иттилоотҳо, ба ҳаллӣ вазифа ва ба пайдошавии ғояҳои нав равона карда шудаанд. Малакаҳои когнитивӣ ё қобилияти когнитивӣ – ин, дар кадом дараҷаи ҳолати идроки дониш ва иттиллоот, одам имконияти коркард карда тавонистани онҳоро дорад, ба ҳисоб меравад.

Гузориши масъалаҳо бисёр ҷабҳа буда бо якчанд вазъиятҳо роҳандозӣ карда мешаванд, монандӣ:

Якум, бо вазъияти талаботҳои касбӣ; Яъне талаботҳои касбӣ вуҷуд доранд, ки аз мафҳумҳои психологии як қадар моҳият дошта, “фикр чист?” - ро, барои худ ва барои ҳамкасбонӣ худ, барои кушода додан ва ба шакл даровардан, масъалагузорӣ карда метавонанд.

Дуввум, зарур шуморида мешавад, ки муносибати худро ба фаҳмиши “метафораи компютерӣ” гуфта бошем ва дар якҷоягӣ бо фаҳмиши номбар шуда, ба намояндагони “навинӣ”

психология, кадоме бидуни дурӯғ, ҷиддӣ тасдиқ мекунанд, ки “бо вуҷуди ҳиссагузорикуниҳои басо калон дар рушди психология, асосгузорони он, корҳои онҳо, дар дараҷаҳои таърихӣ, бештар завқ доранд, онҳоро муаррифӣ мекунанд. албатта ба онҳо беэътиноӣ зоҳир намекунем [10, с. 8].

Севвум, Кӯшиши аз мавқеи маълумотҳои навин, ки дар илмҳои физика, биология, психология ва нейрофизиология, нейропсихология ҷамъ шудааст, мафҳумҳои классикии бо равандҳои когнитивӣ алоқаманд бударо дида баромадан, санҷидан, бояд зарур ҳисобида шавад.

Нисбатан таҳлили пурра оид ба ин масъала дар кори В.П. Зинченко, «Опыт думания о думании» дида мешавад [4, с. 207].

Аммо дар психология, чунин масъалагузорикунӣ оҳиста- оҳиста аз байн рафт. Ва ҳатто тафаккур дар даври муосир дар раванди омӯзиш бидуни сохтори фикр, ҳаллу фасл карда шудаанд. Дар мавриде, ки пешкашкунандаи ин ақида В.Д. Шадриков, қайд намудааст “Фикр равиши тарзи тафаккур аст”.

Аз ин лиҳоз, раванди корҳои тадқиқотии мо, ки ба “фикр” тааллуқ дорад, онро, бо назардошти чунин принсипҳо пайгирӣ намудем:

**1. Принсипи ягонагии психофизикӣ.**

Дар фаҳмишҳои Рубинштейн С.Л., ду ҷиҳати принсипи ягонагии психофизикӣ фарқ карда шудааст: якум, алоқаи психикӣ ва зерсохторҳои он, ҳамчун муносибати сохт ва функсияҳо, кушода дода мешавад; дуввум, алоқаи шуур ҳамчун инъикос, ҳамчун дониш бо объектҳое, ки дар шуур инъикос меёбанд [8].

**2. Принсипи ягонагии фаъолиятҳо ва шуур аст,** ки мувофиқи кадоме, фикр ҳамеша гирифта гаштани хислати функсионалӣ, инъикос кардани мотиватсияи фаъолиятҳои субъектро дорад.

**3.Принсипи ягонагии дониш ва азоби ботин**, ба кадоме тадқиқоти мо такя мекунад. Ин принсип имконияти кушода додани алоқаи дониш бо азобҳои ботинро медиҳад.

Тӯли чандин сол аст, ки мо бо мақсади муайян кардани образ, ҳамчун бунёди психологии фикр, мунтаззам ба визуализатсиякунии образӣ некбин ва образӣ бадбин, шурӯъ намудем дар натиҷа, паи ҳам нақлҳо бо идомаи якдигар, хаёлан ҳамчун маводи хондании бо ном , “Ақли оҷиз“ эҷод шуданд.

Аслан, визуализатсиякунӣ хоси организми зинда аст.

Психолог Роршах Г. чунин қайд мекунад, ки дар таҷрибагирии тиббии худ, ки “аутопси” ном дорад, бараъло мебинад, ки чи тавр мағзи сари ӯро қисм-қисм бо корд, якто-якто, паси ҳам бурида мепартоянд. Таассуроти Роршах Г. хеле равшану дақиқ ва зинда на танҳо дар канали биноӣ буданд, балки таассурот бо эҳсоси ламс ва ҳаракати низ, алоқаи зич доштанд. Аз бардошти таассуротҳояш Роршах Г. ба чунин фикри асосҳои илмӣ дошта меояд: “ дар орзу ва хаёлотҳои мо , дар қатори образои биноӣ, хотир низ иштирок мекунад ва он, образҳои ҳиссӣ-ҳаракатиро бедор мекунад [9].

Дар ниҳояти гуфтаҳои худ, Роршах Г. тести доғи рангаро, ки ба образи системаи биноӣ асос ёфтааст, пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр дар асоси чунин таассуроти аз сар гузаронида шуда дар Герман Роршах, тест бо номи “доғи ранга” ба майдони илм расид, ки ин тест, ҳанӯз ҳам арзиши худро гум накардааст.

Визуализатсиякунӣ яке аз масъалаҳои гносологии ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Дар фаҳмиши визуализатсиякунӣ феноменҳои субъективӣ ва объективии ҷараёнгирии фикр ба мақсад равона карда шуда дар назар дошта мешавад. Дар психологияи амалӣ визуализатсиякунӣ –ин бо мақсади муайян, худро дар ин ё он образ, ё сенарияи мавзӯи дилхоҳ тасаввур кардан пайгирӣ карда мешавад.

Визуализатсиякунӣ – ин тасаввуроте мебошад, ки нафаре бо хоҳиши худ, дар хаёл бо худ тасаввуроти хешро, ҳамешагӣ нигоҳ дошта метавонад, мушкилоти таҳқиқот низ, дар ҳамин аст, чунки тасаввурот тағирёбанда, ивазшаванда буда якхела нигоҳ доштани он кори саҳл нест, инро “кор бо фикр” низ меноманд.

Дар натиҷаи мушаххас намудани образҳои некбин ва образҳои бадбин, дар тасаввуротамон хотираи фаъол ҳамчун, падидаҳои муҳими зершуур зуҳурот пайдо намуд, мавзӯъ «Ақли оҷиз » ном гирифт ва мо “фикр”-ро, ҳамчун объекти мубоҳисаи системаҳо пайгирӣ намудем.

Инак, муссалам аст, ки психолог дар ҷараёни омӯзиши фикр аз мафҳумҳои анъанавии “образ”, “тасаввурот”, “хаёл”, “тафаккур”, ҳаргиз фирор карда наметавонад.

Психологияи шуур - илм дар бораи хосиятҳои шуур, унсурҳои он, алоқаманди байни онҳо ва қонунҳое, ки ба онҳо итоат мекунанд мебошад. Бо ҷамъоварии таҷрибаи мушоҳидаи далелҳои ҳаёти рӯҳӣ ва ишора кардани падидаҳои алоҳида, тасаввуроти мураккаб дар бораи рӯҳ ба вуҷуд омадааст, ки он баъдтар бо истилоҳи "психика" тасдиқ гардид.

Ба ақидаи Шадриков В.Д. ба таври умумӣ эътироф шудааст, ки психика барои таъмини зинда мондани организмҳои зинда ба вуҷуд омадааст ва рушди он бо мураккабшавии муҳити зист алоқаманд аст. Таъмини зинда мондан маънои онро дорад, ки аз таҳдид ба ҳаёт канораҷӯи намудан ва он чизеро, ки барои ғизо додани организм ва идомаи насл ё намуд зарур аст, барои худ дастрас намудан баррасӣ карда мешавад [9].

Чӣ бояд кард? Зарур аст, ки психика дар бораи атроф, ки бо зинда мондан алоқаманд аст, маълумот диҳад ва рафторро дар асоси маълумот дар бораи вазъи кунунии муҳити атроф ва таҷрибаи одамро ташкил диҳад. Ҳамин тавр, психика ҳамеша хислати функсионалӣ дорад.

Бояд зикр кард, вазифаи иҷрокунии психика, иборат аз он аст, ки ба одам оид ба муҳити зист ва ташаккули рафтори мутобиқшавӣ маълумот пешкаш мекунад. Азбаски хислати функсионалӣ доштани психика, дар масъалаи мутобиқсозӣ ба шуур вогузор гардид, минбаъд мулоҳизаҳоямонро бо вазифаиҷрокуниҳои маърифати маҳдуд менамоем.

Мафҳуми мутобиқсозӣ ҳамаи падидаҳои ҳаёти ботинӣ, маънавӣ, рӯҳиро дарбар мегирад, худро дар шуур ё рафтори одам муайян мекунад. Ин худи шуур ва ҳам бешуурист, ки дар образҳо ва унсурҳои рафтори ғайриихтиёрӣ; дар образҳои рӯҳӣ, талаботҳо, маромҳо, ирода, эмотсияҳо ва худи шахсияти одам, зоҳир мешавад [11, с. 13].

Психологи олмон Келер В., мундариҷаи шуури хешро тасаввур намуд, ки ба он, образҳои олами бевоситаи атроф, образҳои хотираҳо, эҳсосоти қувва ва хушҳолии хеш ва таҷрибаи шадиди манфии эҳсосот дохил мешуданд. Ҳар як шуури шахсӣ пайдарпайии доимии эҳсосотро ифода мекунад.

Таҳти предмети будани фикр, фаҳмиши асосноке ҳаст, ки алоқаи предмет ва аломатҳои он, аз ҷониби субъект муқаррар карда мешавад. Одами фикркунанда фикр меофарад, бинобар ин, фикр ҳамеша хислати субъективӣ дорад. Раванди субективизатсияшавии фикрҳо бо се самт мегузарад;

бо “предметишавии” талаботҳои субъекти фикркунанда;

бо “печ дар печшавӣ” ахлоқи ҳамидаи субъект;

бо субъективизатсиякунии иҷтимоӣ-маданӣ ва вазъиятӣ;

Дар чунин интихобкунӣ – иштироки раванди диққат, нақши ҳалкунанда дорад.

Фикр функсияи асосии психикиро амали намуда – фаъолиятҳо ва рафторро таъмин менамояд ва фикр ҳамеша хислати функсионалӣ дорад.

якӯм, таъмини ҷудокунии предметҳои алоҳида аз муҳити иҳота карда;

дуюм, таъмини ҷудо кардани аломатҳои алоҳидаи ин предметҳо;

севвӯм, таъмини муқаррар намудани моҳияти функсионалии ин предметҳо; зарур мебошад.

Дар апарати категориалии психологӣ ҷудо кардани предметҳо ва аломатҳои онҳо, дар раванди эҳсос ва идрок амалӣ мегарданд.

Образҳо ва аломатҳои предметҳо чун натиҷа баромад мекунанд.

Ин лаҳзаи калидӣ аст.

Бидуни аломатҳо, образ ба фантом табдил меёбад.

Ягонагии образ ва аломати он, дар фикрҳо ифода меёбад.

Фикр дар худ алоқаи образ ва аломати онро пайгирӣ мекунад.

Муаррифии функсияҳои психики ва системаҳои ҳаракаткунанда дар мисоламон ба таври зерин баррасӣ шудаанд.

“Ҳикоят”

//Буд набуд// гӯем, чаро он гуна буд? (системаи гузашта)

// Шуд нашуд// гӯем, чаро ин гуна шуд? (системаи ҳозира)

// Мӯшикофона // ҳикоят мекунам, (системаи ҳозира)

// Аз нигоҳӣ бад // шикоят мекунам. (системаи ҳозира)

// Ин ду чашми сар // барои дидан аст, (маънидодкунӣ)

// Аз садаф // маънии асле, чидан аст (маънидодкунӣ)

// Аз бузургдошт// қиссаҳо то мо расид (маънидодкунӣ)
// Чашми сар // бо ақли оҷизаш чӣ дид ? (маънидодкунӣ)
// Чашми ақл // чун пистаи хандон пазад (маънидодкунӣ)
// Хавфе нест, // ки теғи дандон чӣ газад (маънидодкунӣ)
// Чашми ақлро // неъмати олӣ шумор (маънидодкунӣ)
// Лаҳзае нест, // ки наояд ақл ба кор (маънидодкунӣ)
// Буд набуд // гӯем чаро ин гуна буд (системаи гузашта)
// Бишнавед нақл,// боз чиҳо буд, баъд чӣ шуд?

Инак ;1. **Амалиёти якум;** - ҷудо кардани предметҳои алоҳида аз, "Ҳикоят" Дар ин ҷо, калима ва ибораҳои; *буд набуд, шуд нашуд, мӯшикофона, аз нигоҳӣ бад, ин ду чашми сар, аз садаф, аз бузургдошт, чашми сар, чашми ақл, хавфе нест, чашми ақлро, лаҳзае нест, буд набуд, бишнавед ишқ,* ҳамчун предметҳои алоҳидаи "Ҳикоят" ҷудо карда шудаанд. Ва дар системаи интроспексия ҳамчун функсияи якуми психики-маърифатӣ дар синергетика (худташкилдиҳиҳо) ифода ёфтаанд.

**2.Амалиёти дуввум**; -ҷудо кардани аломатҳои алоҳида аз предметҳо; Дар ин ҷо, калима ва ибораҳои: *чаро он гуна буд, чаро ин гуна шуд, ҳикоят, шикоят, барои дидан,* маънии асле, *қиссаҳо, ақли оҷизаш, пистаи хандон, теғӣ дандон, неъмати олӣ, то наояд ақл ба кор, чаро он гуна буд, боз чиҳо буд,* ҳамчун аломатҳои алоҳидаи предметҳо ҷудо карда шудаанд. Ва, дар системаи интроспексия ҳамчун функсияи дуввуми психикӣ-маърифатӣ, дар синергетика (худташкилдиҳиҳо) ифода ёфтаанд.

**3.Амалиёти севвум;** *пайдошавии образҳои предметҳо ва аломатҳо, дар раванди эҳсоскунӣ ва идроккунӣ ба амал меоянд. Дар аппарати муайянкунандаи психологӣ (майнаи сар) ҷудокунии предметҳо ва аломатҳои онҳо яъне, равандҳои эҳсоскуни ва идроккуни, амалӣ мегарданд, ки ҳамчун натиҷа, бо образҳои предметҳо ва аломатҳои онҳо баромад мекунанд*, ва ин функсияи севвуми психикӣ-маърифатии муаллиф нақл аст, ки дар синергетика (худташкилдиҳиҳо) ифода ёфтаанд, маҳз дар ҳамин гуна ҷамъбаст "фикр" ҳамчун дониши зинда дар сохтор бо "мазмун", "талабот-матив", "азоби ботин" ошкор мешавад.

Чунин меҳисобем, ки фаҳмонидани сохтори фикр, бо системаи дар мазмун васеӣ интроспексия, бо образҳои худҷустуҷӯкунӣ, худмуносибатгузори, худомодагӣ, интуитсия, худфикргузорикунӣ, худтасдиққкунӣ, худрешагирии нуқтаи назар, худмуттамарказонӣ, худбаҳодиҳӣ ба нуқтаи назар ва ғ алоқаманданд, ки бо системаҳои гузашта, ҳозира, оянда, ҷараён мегиранд ва дар системаи синергетики амали мешаванд.

Мувофиқи принсипи якӯми Колесников, интихоби дараҷаи озодиҳо дар фикр, барои ноил шудан ба мақсадҳо ва радкунии дараҷаи зиёдатии озодиҳо, муҳим мебошад, ки ба тартибдароварии шакли ба ҳамтаъсиррасонии ҷузъҳои фикрро, дар раванди синергетики ташкил медиҳад ва мутобиқ месозанд, ва он флуктуатсияи ҳаёти ном гирифтааст. Дар мисоли мо; **Буд набуд гӯем, чаро ин гуна буд?** Дар ин сатр , фикр ҳамчун системаи гузашта ифода ёфтааст инро, синергетикаи бомувозинат соҳаи қатории флуктуатсияҳои ҳаётӣ меноманд. Дар сатри охирин бошад; // **Бишнавед нақл**,// ҳамчун системаи ҳозира (образ); **боз чиҳо буд**, ҳамчун системаи гузашта (тасаввурот) **баъд чӣ шуд?** ҳамчун системаи оянда (хаёл, хаёлот) ифода меёбад, онро нуқтаи бифуркатсия меноманд. Системаи **нобаробарвазн**, **ё ғайри қаторӣ,** ки робита дар ҳар се система, бо функсияҳои дарунӣ ва қувваи берунии мураккаб ба вуҷуд меоянд эҳсос мешавад.

Оғози гузариши системаи қаторӣ, ба системаи ғайрӣ қаторӣ дар он ифода меёбад, ки дар натиҷаи идомаёбиҳои системаҳои (гузашта, ҳозира, оянда) васеъшавӣ ва фишурдашавӣ дар "Фикр" ба вуҷуд меояд.

Синергетика-ин самти илмии байнӣ фаннӣ аст, ки ҳосилшавӣ ва худташкилдиҳиҳоро алоқамандиҳо байнӣ параметрӣ алоҳидаи системаҳо, ки озодиҳоро маҳдуд менамоянд, гоҳо синергияҳои қатъӣ, гоҳо чандириро, ҳосил мекунонанд, ки шароити мувозинати қонунӣ нигаҳдорӣ (**гомеостаз)-ро** барои объектҳои зинда таъмин менамоянд мебошад. Синекӯргетика ин, худташкилдиҳиҳо мебошад.

Системаи синергетикӣ дар раванди худташкилдиҳиҳо бо чунин мафҳумҳо;

- бо мафҳуми "ноустуворӣ",
- бо мафҳуми " ифода нашавандагӣ",
- бо мафҳуми " ҳозира чӣ аз гузашта ва ҳам чӣ аз оянда ташаккул меёбад",
- бо мафҳуми "оянда дар нуқтаи бифуркатсияҳо воқеӣ мешавад,"

- бо мафҳуми “функсияи амбивалентии хаос”;
- бо назардошти “Қонунҳо ва принсипҳои худташкилдиҳиҳо”;
- бо назардошти “Равандҳо ва принсипҳои худташкилдиҳиҳо”;
- бо назардошти “Консепсияи худташкилдиҳиҳо”;
- бо назардошти ”Принсипи худташкилдиҳиҳо”; ифода меёбад.

Мо, бо фикру андешаҳои дар боло дарҷ гардида хосиятҳои фикрро чунин таҳлил намудем**.**

Дар илм ҳаракатҳо таснифот карда шудаанд: инҳо, ҳаракати заррачаҳои элементарӣ, ҳаракати физикавӣ, ҳаракати химиявӣ, ҳаракати ҳаёти органикӣ, ҳаракати шуур, ва ҳаракати ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравaнд, ки дар ҳамаи ҳаракатҳо тибқи маълумотҳои муосcир ҳаракати синергетики олитарин ба ҳисоб мераванд.

Чунин қонуниятҳои баҳамалоқаманди шакли мухталифи ҳаракат вуҷуд доранд.

1. Ҳар як шакли ҳаракати олӣ, ба шакли нисбатан содда асос меёбад, ки бидунӣ кадоме вай пайдо шуда наметавонист. Ҳамин тавр, ҳамаи ҳодисаҳои ҷомеа вуҷуд доштани одамонро пешбинӣ мекунад, ки шуур доранд; ва ҳамаи раванди психикӣ ташкилёбиҳои равандҳои асабӣ ва сохторҳои физиологии онҳоро ба тариқи махсус талаб мекунад.

2. Ҳар як ҳаракати шакли олӣ, хусусиятҳо, сифатҳо, ва қонуниятҳои худро доранд, ки онҳоро аз сифатҳои худ ва қонуниятҳои шакли поёни наметавон ҷудо кард. Ҳамин тавр, ҳодисаи ҳаёти ҷамъиятро бо фаҳмонидадиҳиҳои танҳо ба худи ҳамин қонуниятҳо хос буда, метавон фаҳмонид ва аз фикрҳо , хоҳишҳо ва дигар тавсифи психологии одамони дар ин ҳаёти ҷамъиятӣ иштироккунанда, ҷудо карда баровардан номумкин аст.

3. Ҳар як шакли олии ҳаракат дар худ ягонагии мураккабро дорад, ки дар кадоме ҳамаи шаклҳои содда иштирок мекунанд.

Ин ҷо, “ Шарҳи хосиятҳои майдони торсионии хосиятҳои фикрҳо” - ро, ки ба принсипи ягонагии психофизикӣ мувофиқ аст ёдовар мешавем, ки оварда шудааст; Зарядҳои торсионҳои як аломат (**самти гардиши як аломат аломатҳои фикр дар назар дошта шудааст**) якдигарро ҷалб мекунанд, ки ба сабти пурраи гузашта, ҳозира, оянда, яъне голография дар майнаи сарро ифода мекунанд, ки ин аз нерӯъ будани “фикр” ва субстансияҳои он, шаҳодат медиҳанд.

Ин хосиятҳо чунин шарҳ дода шудаанд;

1-ӯм; хосияти фикрҳо, табиати голографӣ доранд.

2-ӯм; хосияти фикрҳо, иттиллоот пешкаш мекунанд.

3-ӯм; хосияти фикрҳо, суръатнокии баланди паҳншавии мавҷи торсионҳоро доранд, ки онҳо; =1000000000хС аст , ин ҷо С-суръатнокии рӯшноӣ. С=300 000 км\с.

4-ӯм; хосияти фикрҳо, қобилияти баланди воридшавӣ доранд.

5-ӯм; хосияти фикрҳо, дороӣ хотир ҳастанд.

6-ӯм; хосияти фикрҳо, маҳдудият дар самти вақтҳоро надоранд.

7-ӯм; хосияти фикрҳо, шиддатнокии майдонҳои торсионҳо аз масофа вобаста нестанд.

8-ӯм; хосияти фикрҳо зарядҳои торсионҳои як аломат ( самти гардиш) якдигарро ҷалб мекунанд.

В.И.Вернадский навиштааст, моддаи зиндаи **“фикр”** тағийр меёбад, ба муҳитҳои тағийр ёфта мутобиқ мешавад, вале тахмин меравад, ки он, раванди таҳаввулотии худро дар тӯлӣ вақти геологӣ, ки новобаста аз тағийрёбии муҳитҳо ошкор мешавад ҳамчунин дар худ дорад [11, с.44].

Ҳамин тавр, нақши худидоракунӣ ва худташкилдиҳӣ дар ҳаёт ва фаъолияти ҳамаи системаҳои мавҷудоти зинда назаррас арзёбӣ карда мешавад.

Дар натиҷаи худҳаракаткунии “ фикр” чанд маротиба идомаёбии он, гузариши аз кӯҳна ба нав бо ном худидоракунӣ ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи худидоракунии “фикр” ва п-маротиба идомаёбӣ худташкилдиҳиҳо дар фикр ба вуҷуд меояд.

**Хулоса**. Ҳамин тавр, “фикр ” таърихи қадима дорад ва аз майдони таҳқиқи илмӣ дур шудани он, сабабҳои объективӣ ва субъективии зарурияти замон ба ҳисоб меравад. Имрӯз таҳлили фикр бо истифодаи таҷҳизотҳои замони муосир, бо фарзияҳои мухталифи илмҳои дақиқ, бо назардошти таҳаввуллоти бевоситаи ҳамаи соҳаҳои илм дида баромада шуда истодааст ва дур нест, ки таркиби фикр, хосиятҳо, аломатҳо дар умум кулли субстансияҳои

фикр ҳамчунун падидаҳои ҳаракаткунанда, амалкунанда, хислати функсионалишон эътироф гарданд ва чун, яке аз соҳаҳои дақиқи илми психология шинохта шаванд.

***Адабиёт***

1. *Арнхейм, Р. Визуальное мышление // Зрительные образы: Феноменология и эксперимент: сб. переводов. III. / Р.Арнхейм. - Душанбе, 1973. – 264 с.*
2. *Аткинсон, Р.Л. Введение в психологию. СПб.: / Р.Л. Аткинсон. // Прайм-Еврознак;, М.: Алма-Пресс, 2003. – 672 с.*
3. *Гадамер, Г.Г. Истина и метод. Основы философской герменевтики. / Г.Г.Гадамер. - М.: Прогресс, 1988. – 704 с.*
4. *Зинченко, В.П. Живое знание. / В.П. Зинченко. - Самара, 1998. – 216 с.*
5. *Зинченко, В.П. Личность, бессознательное, творчество // Методология психологии: проблемы и перспективы. СПб.: Центр гуманитарных инициатив / / В.П. Зинченко. - М.: 2010. - 182 с.*
6. *Карпов, А.В. Психология сознания. Мета системный подход. / А.В.Карпов. - М.: Изд. дом РАО, 2011. – 1020 с.*
7. *Прибрам, К. Языки мозга. Прогресс, М.: 1975. – 464 с.*
8. *Рубинштейн, С. Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. СПб., 2000. – 230 с.*
9. *Роршах, Г Психодиагностика (Классики психологии)., Издательство: Когито- Центр., 2019. – 334 с.*
10. *Шадриков, В.Д. Мысль как предмет психологического исследования / В.Д. Шадриков. - Психологический журнал, 2014. Том 35, № 1, С. 130-137*
11. *Шадриков, В.Д. Образ и психологическая функция. Мир психологии. / В.Д. Шадриков. - Научно-методический журнал. 2013. № 3. - С. 139-149.*
12. *Ярошевский, М.Г. История психологии. Издательство: / М.Г. Ярошевский. - Москва “Мысль”, 1985. – 540 с.*

## ФИКР ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ МУБОҲИСАИ СИСТЕМАҲО

“Фикр” бо назардошти таърихи илм, дар мақола ҳамчун объекти мубоҳисаи системаҳо баррасӣ шудааст. Гузориши масъала бо назардошти се вазиятҳо пайгирӣ карда шудааст. Мавқеи психологияи когнитивӣ назаррас ҳисобида шудааст. Оҳиста аз байн рафтани ин масъала ва андешаи олим В.Д.Шадриков дарҷ гардидааст. Дар мақола чунин принсипҳо ба роҳ монда шудааст:

1.Принсипи ягонагии психофизикӣ.

2. Принсипи ягонагии фаълиятҳо ва шуур.

3.Принсипи ягонагии дониш ва азоби ботин.

Усулҳои субъективии Г. Роршах муфассал оварда шудааст. Визуализатсиякуни ҳамчун сарчашмаҳои образофари қайд гардидааст. Таҷрибаи психологӣ олмон В.Келер ҳамчун намуна оварда шудааст. Раванди субективизатсияшавии фикрҳоро муаллиф низ дар худ санҷидааст. Сохтори интроспексия тахмин шудааст. Синергетика эзоҳ шудааст. Намудҳои ҳаракат ҳамчун манбаъ шинохта шудааст. Фикр, функсияҳои асосии психикиро, чи гуна амали менамояд таҳлил шудааст. Сохтори фикр дода шудааст.

***Калидвожаҳо*: Шуур, бешуурӣ, фокси шуур, периферияи шуур, фикр, психика, интроспексия, психологияи когнитивӣ, гомеостаз.

## МЫСЛЬ КАК ОБЪЕКТ СИСТЕМНОГО ОБСУЖДЕНИЯ

В статье «мысль» рассматривается как объект обсуждения систем с учетом истории науки. Отчет о проблеме был рассмотрен с учетом трех сценариев. Позиция когнитивной психологии считается значимой. Зафиксировано постепенное исчезновение этого вопроса и мнение ученого В. Д. Шадрикова. В статье представлены следующие принципы:

1. Принцип психофизического единства.

2. Принцип единства деятельности и сознания.

3. Принцип единства познания и внутреннего сострадания. Субъективные методы Г.Роршах подробно описан. Визуализаторы помечены как источники изображений. В качестве примера приведен психологический эксперимент немца В. Келера. Автор также проверил процесс субъективизации мыслей. Предполагается структура интроспекции. Объяснение синергии. Модели движения идентифицированы как источники. Анализируются мышление, основные психические функции и как оно работает. Дана структура мысли.

**Ключевые слова:** Сознание, бессознательное, фокс сознания, периферия сознания, мысль , интроспекция, когнитивная психология, гомеостаз.

## THOUGHT AS AN OBJECT OF SYSTEMIC DISCUSSION

The article considers “thought” as an object of discussion of systems, taking into account the history of science. The problem report was reviewed using three scenarios. The position of cognitive psychology is considered significant. The gradual disappearance of this issue and the opinion of the scientist V.D. Shadrikov have been recorded. The article presents the following principles:

1. The principle of psychophysical unity.
2. The principle of the unity of activity and consciousness.
3. The principle of the unity of knowledge and inner compassion.

Subjective methods of G. Rorschach are described in detail. Visualizers are marked as image sources. As an example, a psychological experiment by the German W. Köhler is given. The author also tested the process of subjectivization of thoughts. The structure of introspection is assumed. Synergy explained. Movement patterns are identified as sources. Thinking, basic mental functions and how it works are analyzed. The structure of thought is given.

***Keywords:*** Consciousness, unconsciousness, fox of consciousness, periphery of consciousness, thought, introspection, cognitive psychology, homeostasis

***Дар бораи муаллифон***
*Холиқов Ғафур Абосавич*
*Сармуаллими*
*кафедраи психологияи ичтимои ва касбӣ*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бободҷон Гафуров",*
*734700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,*
*хиёбони Мавлонбеков 1.*
*Тел: (+992) 92 010 48 45.*

***Ҳотамова Муҳайё Ғафуровна***
*Номзади илмҳои фалсафа*
*сармуаллимаи кафедраи*
*умумидонишгохии фалсафа*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бободҷон Гафуров*
*734700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,*
*хиёбони Мавлонбеков 1.*
*Тел: (+992) 927 00 89 05.*

***Об авторах***
*Холиков Гафур Абасович*
*Старший преподаватель кафедры*
*социальной и*
*профессиональной психологии*
*Худжандский государственный*
*Университет*
*имени академика Бободжона Гафурова*
*734700, Республика Таджикистан,*
*г.Худжанд, проспект Мавлонбекова 1.*
*Тел: (+992) 92 010 48 45.*

*Хотамова Мухайё Гафуровна*
*Кандидат философских наук*
*старший преподаватель*
*общеуниверситетской*
*кафедры философии*
*Худжандского государственного*
*университета*
*имени академика Бободжона Гафурова»*
*734700, Республика Таджикистан,*
*г. Худжанд, проспект Мавлонбекова 1.*
*Тел: (+992) 92700 89 05.*

***About the authors***
*Holikov Gafur Abasovich*
*Senior Lecturer at the Department of Social and*
*Professional Psychology, Faculty of Psychology*
*Khujand State University*
*named after academician Bobojon Gafurov.*
*734700, Republic of Tajikistan,*
*Khujand city, Mavlonbekov Avenue 1.*
*Phone: (+992) 92 010 48 45.*

*Khotamova Mukhayo Gafurovna*
*Candidate of Philosophy*
*senior lecturer at the university*
*department of philosophy*
*Khujand State University*
*named after academician Bobojon Gafurov"*
*734700, Republic of Tajikistan,*
*Khujand, Mavlonbekov Avenue 1.*
*Phone: (+992) 927 00 89 05.*

ТДУ 159.9

# ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ФАЪОЛИЯТИ НАВРАСОН ДАР ИЛМИ ПСИХОЛОГИЯ

***Маннонова Р.Д., Бобоҷонова Н.Д.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Инкишофи эҷодиёти наврас, қобилиятҳои эҷодӣ ҳамеша дар мадди назари муҳаққиқон қарор дорад. Дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ ба ҷустуҷӯи усулҳои методии таълим, ки ба рушди бомуваффақияти қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд, фаъолшавии фаъолияти фикрӣ ва амалии наврасонро таъмин мекунанд, беш аз пеш таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Фаъолияти эҷодиро дар одамон аз кӯдакӣ, то мактабӣ инкишоф додан лозим аст. Дар ин масъала, санъати тасвирӣ, наққошӣ ва технология ёрии калон мерасонанд. Қобилиятҳо дар маҷмӯъ хусусиятҳои фардии психологии шахс мебошанд, ки дар фаъолият зоҳир мешаванд ва шарти муваффақияти татбиқи он мебошанд [3, с. 83]. Дар ин ҳолат, қобилиятҳои эҷодӣ ҳамчун қобилияте дарк карда мешаванд, ки раванди эҷоди ашёи фарҳанги маънавӣ ва моддӣ, тавлиди ғояҳо, кашфиётҳо ва ихтирооти навро муайян мекунанд (Теплов Б.М., Немов Р.С., Рубинштейн С.Л., Лук А.Н., Пономарев Я.А.). Ба ибораи дигар, рушди қобилиятҳо як раванди мураккаб аст. Ҳар як қобилияти махсус дар вақти худ зоҳир мешавад. Пас, пеш аз ҳама, қобилиятҳои мусиқӣ дида мешаванд, қобилиятҳои бадеӣ дертар зоҳир мешавад ва дар синни 13-14 солагӣ бештар қобилиятҳои адабӣ, математикӣ ва ғайра низ дар наврас зоҳир мешаванд.

Наврасӣ давраи ҳассоси рушди эҷодкорист. Наврасон барои такмили худ, мустақилият, рад кардани стереотипҳо мекӯшанд, аммо таҷрибаи кофии зиндагӣ, тасмимҳои нокифоя дар бораи ҳодисаҳо наврасро ба таъсири тасодуфӣ дучор мекунанд[2, с. 57]. Омӯзиши ҷанбаҳои асосии рушди қобилият ду шарти асосии инкишофи қобилияти эҷодии наврасонро ошкор мекунад:

1. Таъсири шахсияти эҷодӣ ба наврас;
2. Ташкили фаъолияти эҷодии наврас.

Шарти аввал дар вобастагӣ зоҳир мешавад, ки онро Лук А.Н. таҳия кардааст: «агар муаллим қобилияти олии эҷодӣ дошта бошад, пас шогирдони лаёқатманд ба муваффақиятҳои олиҷаноб ноил мешавад» [1, с. 68]. Ва баръакс, агар омӯзгор қобилияти эҷодкорӣ надошта бошад, пас ӯ танҳо аз шогирдонаш дониши сатҳи репродуктивиро талаб мекунад. Бо омӯзгори қобилиятнадошта ҳатто кӯдакони лаёқатманд қобилиятҳои худро пурра дарк карда наметавонанд, зиёда аз ин, хонандагони сустқобилият аксар вақт бо системаи баҳодиҳии ӯ ба муваффақиятҳои баландтар ноил мегарданд. Мураббие, ки аз эҷодиёт дур аст, наметавонад потенсиали эҷодиро дар наврас бинад, асолати тафаккурро ба надонистани роҳи оқилонаи ҳалли мушкилоти таълимӣ хато карда, саъйи нокифояро дар иҷрои вазифаҳои маъмулӣ ҳамчун танбалӣ ва итоаткорӣ сабт мекунад. Дар ин ҷо ба хотир овардани ҳикояҳои классикии одамоне, ки қобилиятҳои барҷастаи онҳо ба ҷои монеъ шудан ба дастовардҳои таҳсилотии онҳо халал мерасонанд, бамаврид аст. Педагоги бузург Песталоцци И.Г. (физики бузург Эйнштейн А.) дар кӯдакӣ яке аз хонандагони заифи синф ба ҳисоб мерафт ва ягон аз муаллимонаш баҳои мусбӣ надодаанд. Эйнштейн баъдтар бузург шуд ва дар фаъолияти таълимӣ қобилиятҳои эҷодии ӯ амалӣ карда нашуд. Таълим тамоман дигар буд, масалан, дар А.С.Пушкин, ки истеъдоди шоирии ӯро муаллимон барвақт пай бурда, дастгирӣ мекарданд. Шарти дуввум, ба гуфтаи Левин В.А., ин аст, ки барои ташаккул додани қобилияти эҷодӣ, бояд фаъолияти эҷодӣ инкишоф дода шавад ва омӯзишро танҳо азхудкунии дониш, малака ва маҳорат кам накунад. Дар акси ҳол, бисёр сифатҳои шахсияти эҷодӣ (завқи бадеӣ, саъй кардан ба чизҳои нав, ҳисси зебоӣ ва ғ.) беному нишон боқӣ мемонанд ва ташаккул намеёбанд. Аҳамияти рушди фаъолияти эҷодӣ дар наврасӣ аз он низ вобаста аст, ки наврас барои ҳалли мушкилтарин масъалаҳо барои худ кӯшиш намояд. Бояд дар хотир дошт, ки дар наврасӣ коммуникативӣ ба фаъолияти пешбаранда табдил меёбад ва дар ин робита, фаъолияти эҷодӣ, ки дар ҷараёни муошират амалӣ мешавад, махсусан самарабахш аст. Ғояҳои муосир дар бораи ташкил ва рушди фаъолияти эҷодии наврасон ба истифодаи супоришҳои ғайристандартӣ дар раванди таълим асос ёфта, ҳолатҳои душвор эҷод мекунанд, ки онро танҳо бо роҳи ҷустуҷӯи ҳалли нав бартараф кардан мумкин аст. Иҷрои супоришҳои ғайриоддӣ ва ғайричашмдоштро метавонанд мунтазам дар дарсҳои санъати тасвирӣ татбиқ кунанд. Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои ғайримуқаррарии

тасвир метавонад супоришро ғайриоддӣ кунад, масалан: бо ангушт, чӯб, хасу қалам, қалам кашидан; бо истифода аз монотип, кашидан дар коғази ғиладор, дар коғази хом; омезиши маводи гуногуни бадеӣ, чоп кардани тасвирҳо бо маводҳои гуногун ва ғайра. Ин вазифаҳо нисбатан соддаанд, аммо дар ташаккули тахайюлоти эҷодӣ ивазнашавандаанд, зеро онҳо ба наврасон имкон медиҳанд, ки механизми эҷоди тасвири бадеиро фаҳманд.

Истифодаи ҳолатҳои мушкилӣ (ҳолатҳои душворӣ) дар раванди таълим шомил шудани наврасонро ба фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои махсуси муаллим равона шудаанд, таъмин менамояд. Аммо, на ҳар як вазъияти мушкил вазифаи эҷодӣ дорад. Масалан, вазъи интихоби ду ва ё зиёда роҳҳои ҳалли масъала барои наврас мушкилот дорад, гарчанде ки он ҳалли масъалаҳои эҷодиро дар бар намегирад. Вазифаи эҷодӣ танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки вай роҳи нав ёбад, дониши навро ба кор барад, чизи қаблан дар шароити принсипан нав маълумро ба кор барад. Пас, роҳҳои зерини ташаккули қобилиятҳои эҷодии наврасонро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ҳавасмандгардонии эҷодиёти наврасон бо истифодаи системаи арзёбӣ, ки хусусиятҳои фаъолияти эҷодиро ба назар мегирад;

2. Истифодаи вазифаҳои таълимии эҷодӣ дар раванди таълим;

3. эҷоди ҳолатҳои мушкилоти дорои хусусияти эҷодӣ дошта;

4. Ташкили фаъолияти эҷодӣ аз ҷониби муаллим, ки дар он худи ӯ ҳамчун эҷодкор амал намуда, бо наврасон ҳамкорӣ мекунад ва ба фаъолияти эҷодии онҳо роҳбарӣ мекунад;

5. Ташкили кори мустақилонаи эҷодии хонандагони наврас.

Эҷодкорӣ дар ҳаёти ҳар як инсон нақши хеле муҳим дорад. Хаёл ба одамон ҳам дар муносибатҳо ва ҳам дар кор кӯмак мекунад, аммо муҳимтар аз ҳама, одамони эҷодкор чӣ гуна ифода кардани фардияти худро медонанд, ки ин барои ба даст овардани муваффақият дар ҳама гуна холат мусоидат мекунад. Фаъолияти эҷодӣ яке аз самараноктарин дар давраи кӯдакӣ мебошад. Дар кӯдакӣ, ҳамаи мо расм мекашидем, пайкара месохтем, суруд мехондем ва ракс мекардем. Ин амалҳо ҳаётан муҳим мебошанд, инсон ҳамеша эҷод мекунад, танҳо бо гузашти синну сол ниёз ба аксари одамон ба ин пажмурда мешавад. Бояд қайд кард, ки то синну соли муайян амалан тамоми фаъолияти кӯдакро метавон эҷодӣ, созанда номид. Дар ҳаёти ҳаррӯза, рушди асосии қобилиятҳои эҷодӣ тавассути бозӣ ба амал меояд.

Дар бозӣ, кӯдакон бештар аз ҳама майлҳои худро нишон медиҳанд, мувофиқи бозиҳои дӯстдоштаашон метавон муайян кард, ки кадом соҳаи фаъолият барои кӯдак ҷолиб аст. Ба як маъно, бозӣ ҳалли кор барои зуҳури эҷодиёти кӯдакон аст. Дар бозиҳои стихиявии кӯдакон, ки бо қоидаҳои дақиқ шарт нашудаанд, хаёлоти кӯдакон комилан зоҳир мешавад. Бозиҳои кӯдакон аслан рудиментҳои санъат ва намудҳои гуногуни фаъолияти инсон мебошанд. Рудиментҳои театр, рақобат, артишҳо, судҳо - тавассути бозӣ ба кӯдак дунёро меомӯзонад ва қобилияти эҷодии онҳоро нишон медиҳад. Консепсияи дигаре, ки эҷодкории кӯдаконро муайян мекунад, ин хаёлот аст. Ин падида дар асарҳои худ аз ҷониби равоншиноси барҷастаи Шӯравӣ Выготский Л. оварда шудааст. Вай ба тахайюлоти кӯдак диққати махсус медод, байни хаёлоти калонсолон ва тахайюлоти кӯдакон як марзи муайяне мегузошт. Выготский изҳор дошт, ки ин хусусияти рӯҳӣ дар калонсолон комилан зоҳир мешавад, аз ин рӯ, кӯдакон бояд тамоми шароити рушди хаёлотро фароҳам оваранд - танҳо бо ин роҳ инсон метавонад ба таври муътадил рушд кунад. Барои рушди фаъолияти эҷодии кӯдак, ӯ бояд таҷрибаи бештар, таассуроти ҳамаҷониба гирад.

Усулҳои визуалӣ дидани ҳама гуна расмҳои кашида ё воқеиро дар бар мегирад. Масалан, бо нигоҳ кардани абрҳо муайян кунед, ки онҳо ба чӣ монананд. Усулҳои шифоҳӣ шаклҳои гуногуни муошират, ҳикояҳо, сӯҳбатҳоро дар бар мегиранд. Масалан, композитсияи муштараки афсонаҳо, вақте ки дар навбати худ ҳама барои сюжет идея пешниҳод мекунанд. Усулҳои амалӣ аз бозиҳо, эҷод ва истифодаи моделҳои гуногун ва иҷрои машқҳои рушд иборатанд. Бо истифодаи ин гуна усулҳо, ба рушди ҳаматарафаи кӯдак ноил шудан мумкин аст, ки ин ба қобилиятҳои зеҳнии ӯ таъсири мусбат мерасонад. Эҷодиёти кӯдакон гуногунҷабҳа ва гуногунранг аст. Эҷодиёти бадеӣ доираи васеи намудҳои гуногуни фаъолияти кӯдакро дар бар мегирад.

Тағир додани таваҷҷӯҳ ба санъат, ракс, мусиқӣ, адабиёт, драма як амри маъмулист, ки наврас меҷӯяд. Навъи васеътари эҷодиёт санъати тасвирӣ мебошад. Ҳама кӯдакон наққоширо дӯст медоранд, дар синни 4-5-солагӣ ӯ аллакай ашёи шиносро мекашад ва дар синни 9-10-солагӣ нақшкашӣ бо сюжети бозӣ достони пурмазмун мегардад. Арасту инчунин қайд кард, ки расмкашӣ ба рушди шахсият таъсири мусбат мерасонад. Инро равоншиносони муосир тасдиқ мекунанд. Майлҳои аввалини эҷодиёти адабиро метавон аввалин кӯшиши кӯдак дар давоми 1-3 сол барои идоракунии садоҳо ва бо ҳам омехтани калимаҳои гуногун шумурд. Дар айни замон, онро аз дигар намудҳои фаъолият ҷудо кардан мумкин нест: кӯдак

дар рӯи коғаз нақш кашида, ҳамзамон тамоми ҳикояро месарояд ва сурудро ҳамовоз мекунад. Аллакай дар мактаб кӯдакон ба дарки арзиши асари адабӣ шурӯъ мекунанд, навиштани эссе ва ҳикояро меомӯзанд. На ҳама чиз ба осонӣ пеш меравад, баъзан нақшҳо нофаҳмоанд ва дар эссеҳо мо ба ибораҳое дучор меоем, ки онҳоро ҳазлу шӯхии кӯдакон меноманд. Муҳим он аст, ки кӯдак худро дар чизе, ки қаблан барояш номаълум буд, бисанҷад. Эҷодиёти техникӣ барои муайян кардани касб кӯмак мекунад, таваҷҷӯҳ ба технология ва таҳқиқоти хурди илмиро ташаккул медиҳад, қобилияти ихтироъкорӣ дар кӯдаконро ошкор месозад. Дар дарсҳои меҳнат, дар маҳфилҳо, марказҳои эҷодиёти кӯдакон, кӯдакон бо хурсандӣ дастгоҳҳо, механизмҳо, моделҳо ва дигар ашёи техникиро месозанд.

Калонсолон аксар вақт эҷодиёти мусиқиро қадр намекунанд, аммо ин барои худи кӯдак муҳим аст. Тавассути навохтани асбобҳои мусиқӣ, ритм, сурудхонии онҳо ба рушди ҳамоҳангии визуалӣ-фазоӣ, гӯшҳои мусиқӣ ва моторикунӣ мусоидат мекунад. Синну соли кӯдак, шахсияти ӯ, хислат, тарбия ва баҳо додан ба фаъолияти ӯ аз ҷониби атрофиён ба равандҳои эҷодӣ таъсири калон мерасонад. Натиҷаи эҷодиёти кӯдакон аксар вақт аҳамияти кам дорад, хусусан вақте ки онҳо бо чашми калонсол, зирак ва ботаҷриба дида мешаванд. Агар калонсолон кӯдак ва кори ӯро ситоиш кунанд, ӯ хурсанд мешавад ва барои муваффақиятҳои нави эҷодӣ омода мешавад. Дар замони мо, проблемаи тарбияи ҳамаҷонибаи инсон аллакай дар оғози роҳи ӯ, дар кӯдакӣ, тарбияи инсон, ки дар он принсипҳои эмотсионалӣ ва оқилона ба таври ҳамоҳанг инкишоф меёбанд, хеле актуалӣ мебошанд. Эҷодкорӣ роҳест, ки ин ҳадафро самаранок амалӣ карда метавонад.

Таъсире, ки санъат ба инсон мерасонад, аз ҷониби психологҳо дар се мафҳуми назариявӣ баррасӣ карда мешавад: дарки санъат, ҳиссиёт, хаёлот ё тахайюлот. Ҳар гуна санъат, ба гуфтаи Л.С.Выготский, ба ягонагии ҳиссиёт ва хаёлот асос ёфтааст. Ҳангоми дарки асарҳои бадеӣ, вокуниши эстетикӣ ба амал меояд, ки номи шартии "катарсис" - тозакунии рӯҳонӣ ва истироҳатро гирифтааст, ки дар раванди ҳамдардӣ ба амал меояд. Ҳангоми дарк кардан, асарҳои бадеӣ шахсӣ мешаванд, аммо маънои иҷтимоии худро гум намекунанд. Асарҳои бадеӣ, ки маҳсули рӯҳонӣ мебошанд, ба маънавиёти инсон таъсир мерасонанд, соҳаи эмотсионалӣ-иродавӣ (ҳиссиёт, ирода) ва равандҳои маърифатӣ (диққат, ҳиссиёт, идрок, хотира, тафаккур, тасаввур) -ро инкишоф медиҳанд. Санъат, ба гуфтаи бисёре аз муҳаққиқон, ба фаъолияти инсон, дар ҳар самте, ки рушд кунад, таъсир мерасонад. Ин муқаррарот дар ташаккули мутахассиси соҳаи санъат аҳамияти калон доранд. Таъкид менамоем, ки бинобар мушаххасии худ, дарсҳо дар яке аз намудҳои санъат, аз ҷумла санъати тасвирӣ, муносибати махсус ва ташкили махсусро талаб мекунанд, инчунин дар робита бо принсипи диалектикӣ, пайдарҳамӣ ва муттасилӣ. Табиист, ки онҳо бидуни такя ба хусусиятҳои равонии фард баррасӣ намешаванд.

Мураккабӣ ва мушкилоти омӯзиши рушд ва ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ дар наврасӣ аз шумораи зиёди омилҳои гуногун вобаста аст, ки табиат ва зуҳури қобилиятҳои эҷодиро муайян мекунанд. Муҳаққиқони се гурӯҳи асосии мушкилиро муайян мекунанд, ки чунин омилҳоро дар бар мегиранд. Гурӯҳи аввал майлҳои табиӣ ва хусусиятҳои инфиродиро дар бар мегиранд, ки ташаккули шахсияти эҷодиро муайян мекунад. Дуюм дар худ ҳамаи шаклҳои таъсири муҳити иҷтимоиро ба рушд ва зуҳури қобилиятҳои эҷодӣ муттаҳид мекунад. Гурӯҳи сеюм вобастагии рушди қобилиятҳои эҷодӣ аз табиат ва сохтори фаъолият мебинанд. Ҳалли ин мушкилот нисбат ба синну соли мактабӣ аҳамияти махсус дорад. Зеро маҳз ин синну сол барои ташаккули эҷодкорӣ ҳамчун хусусияти устувори шахсият давраи мусоид мебошад.

Як қатор таҳқиқоти таҷрибавӣ исбот карданд, ки «болоравии» зуҳури қобилиятҳои эҷодиро маҳз дар синни калони мактабӣ ошкор карданд (Д.Б. Богоявленская, В.Н. Дружинин, В. С. Юркевич [1, с. 28, 2, с. 53, 3, с. 46]. Маҳз дар синфҳои болоӣ проблемаи ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ шадидтар аст, зеро худи эҷодиёт қобилияти тағирёбии худ, ифодаи худ ва ҳаракатҳои равшани эмотсионалиро дар бар мегирад. Бо шахсияти наврас бо бисёр ҳолатҳои душворӣ баъзан зиддиятноки зиндагӣ дучор омада, наврасии барвақт зуҳури қобилиятҳои эҷодиро ҳавасманд ва фаъол мекунад. Хусусияти асосии ин аз огоҳӣ аз фардияти худ, нобаробарӣ, беҳамтоии он аст. Барои хонандагони синфҳои болоӣ сифатҳои шахсӣ арзиши махсус мегардад.

Ҳолатҳое, ки стресс ва хавф доранд, низ муҳиманд. Хусусиятҳои иродаи қавӣ ва мустаҳкам кардани фарқияти инфиродӣ байни наврасон мавкеи назаррасро мегиранд. Агар ба як қисми назарраси наврасон таваҷҷӯҳи кофӣ ба фаъолияти маърифатӣ хос набошад, пас қисми дигари наврасон ба эҷодкорӣ ва таҳсил таваҷҷӯҳи самимӣ зоҳир мекунанд. Хонандаи мактаби миёна метавонад бошуурона дар назди худ вазифаи эҷодӣ ё таълимӣ гузорад, онро иҷро кунад. Дар инкишофи эҷодиёти бадеӣ наврас бо мушкилоти муайян рӯ ба

рӯ мешавад. Фаъолияти визуалӣ набояд оммавӣ ва умумиҷаҳонӣ бошад, аммо он ҳанӯз ҳам дорои аҳамияти бузурги тарбиявӣ мебошад, уфуқро васеъ мекунад, эҳсосоти наврасро амиқтар мекунад. Ҳангоми омӯзиши масъалаи ташаккул ва рушди қобилияти эҷодӣ дар наврaси муосир, муҳити иҷтимоие, ки наврас дар он ҷойгир аст, нақши калон дорад. Ва гарчанде ки муҳити зист "намеофарад", аммо истеъдодро нишон медиҳад, ба ӯ 95% таъсир дар ташаккули вариантҳои гуногуни эҷодиёт ва танҳо 5% ба детерминантҳои ирсӣ таъин карда шудааст. Талаботи муҳити иҷтимоӣ, муҳити наздиктарин, анъана ва муносибат дар таълим метавонад қобилияти эҷодии кӯдаконеро, ки потенсиали баланди эҷодӣ надоранд, ҳавасманд кунад ё баръакс, пахш кунад. Равандҳои муҳими психологии навбатӣ, ки фаъолияти эҷодиро танзим мекунанд, ба ақидаи муҳаққиқон, тафаккур ва идрок мебошанд.

Дар охири синну соли наврасӣ у аллакай метавонад консепсияро аз воқеият абстракт кунад, амалиётҳои мантиқиро аз он ашёе, ки дар болои онҳо иҷро мешаванд, ҷудо кунад ва изҳоротро, новобаста аз мундариҷа, мувофиқи навъи мантиқӣ тасниф кунад. Пиаже ба тамоюли қавии услуби тафаккури ҷавонӣ ба назарияи абстрактӣ, эҷоди назарияҳои абстрактӣ, мафтунӣ ба сохти фалсафӣ ва ғайра ишора мекунад. Миқдори диққат, қобилияти дар тӯли муддати дароз нигоҳ доштани шиддатнокии худ ва аз як объект ба ашёи дигар гузаштан бо гузашти сол афзоиш меёбад. Дар айни замон, диққат вобаста ба самти манфиатҳо интихобӣ мегардад. Наврасон ва ҷавонон аксар вақт аз нотавонии худ дар як чиз, парешоншавӣ ва дилгиршавии музмин шикоят мекунанд. "Одоби бади" таваҷҷӯҳ, нотавонии мутамарказонидан, иваз ва парешон кардани баъзе асабонҳо - яке аз сабабҳои асосии бади дарсҳо, - қайд мекунанд равоншиносон (Кон И.С.). Процесси дигари психологие, ки бо раванди эҷодӣ зич алоқаманд аст, раванди хаёлот мебошад. Хаёл ба ҳар як инсон хос аст, аммо одамон бо самт, қувват ва тобиши худ аз ҳам фарқ мекунанд. Ин раванд махсусан дар кӯдакӣ ва наврасии барвақт шадид аст; он тадриҷан дурахшон ва қуввати худро гум мекунад. Ба ақидаи як қатор муаллифон, ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки дар давраи таълим ин функсия аҳамияти худро гум мекунад ва инкишоф намеёбад, то ки ягон қоида ё маълумоти муайянеро ба ёд оред, тасаввурот ва хаёлот лозим нестанд. Наврасро дар олами воқеият, ки бо фаъолияти таълимии ӯ алоқаманд аст, ҷойгир мекунанд ва дар айни замон чизе, ки ба фаъолияти кӯдак иртибот надорад, ба олами хаёлот ворид мешавад.

Аз ин рӯ, нуқтаи ибтидоии рушди хаёлот метавонад ба фаъолият равона карда шавад, яъне дохил кардани тасаввуроти наврас дар ҳалли ягон масъала ё вазифа. Дар санъати тасвирӣ, акнун барои як наврас доштани як фаъолияти тахайюлоти эҷодӣ кифоя нест, вай бо расме, ки ба гунае кашида шудааст, қаноат намекунад, барои инъикоси тахайюлоти эҷодии худ, ӯ бояд малака ва малакаҳои махсуси касбӣ, бадеӣ пайдо кунад. Ғайр аз он, тавре ки Выготский қайд кард, фаъолияти эҷодии хаёлот бевосита аз бойӣ ва гуногунии таҷрибаи қаблии инсон вобаста аст: таҷриба бойтар бошад, хаёлоти ӯ дар ихтиёри ӯ ҳамон қадар бештар мавод дорад [5, с. 48]. Хулосаи педагогие, ки баровардан мумкин аст, зарурати тавсеаи таҷрибаи наврас мебошад, агар мо барои фаъолияти эҷодии ӯ заминаи кофии мустаҳкам фароҳам оварем. Рушди тахайюл на танҳо зеҳнӣ, тамаркузи диққатро ба таври назаррас меафзояд - ин дар наврасӣ барои ҳалли муваффақонаи муноқишаҳои ҳаётӣ ниҳоят муҳим аст. Нақши назаррас дар рушди қобилияти бадеии наврасон ба равандҳои танзим, ки ҳиссиёт ва эҳсосот, соҳаи худтанзимкунӣ ва худтанзимкуниро дар бар мегиранд, гузошта шудааст. Ангезаҳо ва ниёз ба эҷодкорӣ, ба гуфтаи як қатор муаллифон, дар зери таъсири эҳсосоти ҳукмрон ташаккул меёбанд. Дар байни эҳсосот, ки аксар вақт дар шахсони эҷодӣ бартарӣ доранд, шодмонӣ ва таҷовуз мебошанд. Ҳамин тариқ, Ҷ.Гетзелс ва Ф. Ҷексон, ҳангоми омӯзиши кӯдакони ба дараҷаи баланд эҷодкор, миқдори зиёди унсурҳои хашмгинро дар маҳсулоти эҷодкорӣ қайд мекунанд. Дар рӯйхати сифатҳо сифатҳои асосӣ дутоанд: оптимизм ва хоҳиши бартарӣ доштан. Шарти зарурии психологӣ барои рушди қобилияти бадеӣ фароҳам овардани фазои мусоид барои зуҳури ғояҳо ва андешаҳои нав, ташаккули ҳисси амнияти психологӣ ва худшиносии консепсияи мусбӣ мебошад. Наврасони дорои эътибори паст аксар вақт қобилиятҳои худро дарк карда наметавонанд, аз ин рӯ, муаллимон бояд ба наврас тавассути рушди бодиққат ва дӯстона нисбати онҳо дар инкишофи симои мусбии худ мусоидат намуда, фаъолияташонро ҳавасманд кунанд. Илова бар ин, дар ин синну сол равандҳои эҳсосӣ мӯътадил мешаванд, шиддати ҳолатҳои эмотсионалӣ коҳиш меёбад, ки ин имкон медиҳад, ки рангҳои олам мусбаттар дарк карда шаванд. Дар рушди қобилиятҳои бадеӣ, мо ба рушди шахсияти наврас даст мезанем. Аз ин рӯ, зарур аст, ки хусусиятҳои ҳар як наврас, тафаккури хаёлӣ, дарки бадеӣ, ҷозиба ба сӯи намудҳои алоҳидаи фаъолияти визуалӣ ба таври возеҳ сабт карда шаванд.

*Литература*

1. *Абрамова, Г.С. Формирование интереса к учению у школьников. - М.: Наука, 1986. – 192 с.*
2. *Альбуханова-Славская К.А. Стратегия жизни / К.А. Альбуханова-Славская. - М.: Мысль, 1991. - 299 с.*
3. *Альтшуллер, Г.С. Творчество как точная наука / Г.С. Альтшуллер. - М.: Педагогика, 1979. – 184 с.*
4. *Ананьев, Б.Г. Человек как предмет познания / Б.Г. Ананьев.-Л.: Изд-во Ленинградского ун-та, 1977.-339с.*
5. *Базурхайр, М.С. Соотношение интеллектуального потенциала и мотивационно волевой сферы подростков. // Дисс. на соис. .канд. псих, наук / М.С. Базурхайр. - Спб, 1995. - 135с.*
6. *Брушлинский, А.В. Психология мышления и проблемное обучение / А.В. Брушлинский. - М.: «Человек и мир», 1983. – 96 с.*
7. *Волович, М.Б. Формирование общих приемов работы с понятиями: / М.Б. Волович // Автореф. дис... канд.психол. наук. М., 1967. – 17 с.*
8. *Выготский, Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте: Психологический очерк. / Л.С.Выготский. - М.: Просвещение, 1991. Вып. - 93с.*
9. *Выготский, J1.С. Мышление и речь / Л.Выготский -М.: Просвещение, 1996. – 352 с.*
10. *Выготский, JТ.С. Проблемы развития психики / JТ.С. Выготский. - Москва.: Просвещение, Собр. Соч. в 6 томах. Т.3, Т.4., М., 1983. – 368 с.*
11. *Гагай, В.В. когнитивно-личностные факторы развития творческого мышления младших школьников / В.В. Гагай - Шадринск.: Изд-во Шадринского пед. Ин-та, 1999. - 145 с.*
12. *Гальперин П.Я. Данилова В.JТ. Воспитание систем мышления в процессе решения малых творческих задач. // Вопросы психологии, 1980, №1. С. 31-38.*


## ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ ЭҶОДИИ ФАЪОЛИЯТИ НАВРАСОН ДАР ИЛМИ ПСИХОЛОГИЯ


Психологияи муосир тақозо менамояд, ки фаъолияти эҷодии наврасон дар рушди инкишофи на танҳо наврас балки, ба рушди ҷомеа бетаъсир нест. Дар ин замина зикр мегардад, ки ин хусусият бояд аз кӯдакӣ, аз мактаб бояд инкишоф карда шавад. Дар ин масъала фанхое, ки ба эҷодкорӣ таааллуқ доранд барои рушди қобилиятҳои эҷодии шахсияти кӯдак, фардияти эҷодии ӯ имкониятҳои калонро фароҳам меоваранд. Қобилиятҳо дар маҷмӯъ хусусиятҳои фардии психологии шахс мебошанд, ки дар фаъолият зоҳир мешаванд ва шарти муваффақияти татбиқи он мебошанд. Дар ин ҳолат, қобилиятҳои эҷодӣ ҳамчун қобилияте дарк карда мешаванд, ки раванди эҷоди ашёи фарҳанги маънавӣ ва моддӣ, тавлиди ғояҳо, кашфиётҳо ва ихтирооти навро муайян мекунанд. Аз ин хотир омӯзиши ин масъала дар раванди ҷаҳонишавӣ мубрамиятро касб мекунад. Зеро наврасон дар замони муосир аз технологияҳои муосир аз он ҷумла аз бозиҳои компютерӣ ва ба он наздик эмин нестанд. Омӯзши масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки хусусиятҳои эҷодии фаъолияти наврасон баррасӣ гардида, роҳи дурусти инкишофи ин хусусият пайдо гардад.



**Калидвожаҳо:** наврас, эҷодиёти наврас, шахсияти кӯдак, рушди қобилият, психологияи наврас.


## ИЗУЧЕНИЕ ТВОРЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЕЙ ПОДРОСТКОВ В ПСИХОЛОГИ


Современная психология требует, чтобы творческая деятельность подростков в развитии не только подростка, но и не влияла на развитие общества. В этом контексте отмечается, что данная характеристика должна развиваться с детства, со школы. В этом вопросе дисциплины, относящиеся к творчеству, открывают большие возможности для развития творческих способностей личности ребенка, его творческой индивидуальности. Способности в целом-это индивидуальные психологические характеристики человека, которые проявляются в деятельности и являются предпосылкой успеха ее реализации. В этом случае творческие способности воспринимаются как способности, определяющие процесс создания объектов духовной и материальной культуры, генерации новых идей, открытий и изобретений. Таким образом, изучение этого вопроса приобретает актуальность в процессе глобализации. Потому что подростки в наше время не застрахованы от современных технологий, в том числе от компьютерных игр и им подобных. Данная проблема позволяет рассмотреть творческие особенности подростковой деятельности.



**Ключевые слова:** подросток, подростковое творчество, личность ребенка, развитие способностей, психология подростка.


## THE STUDY OF THE CREATIVE CHARACTERISTICS OF ADOLESCENT PERSONALITIES IN PSYCHOLOGY


Modern psychology requires that the creative activity of adolescents in the development of not only a teenager, but also does not affect the development of society. In this context, it is noted that this characteristic should develop from childhood, from school. In this matter, disciplines related to creativity open up great opportunities for the development of the creative abilities of the child's personality, his creative

individuality. Abilities in general are individual psychological characteristics of a person that manifest themselves in activities and are a prerequisite for the success of its implementation. In this case, creative abilities are perceived as abilities that determine the process of creating objects of spiritual and material culture, generating new ideas, discoveries and inventions. Thus, the study of this issue becomes relevant in the process of globalization. Because teenagers nowadays are not immune from modern technologies, including computer games and the like. This problem allows us to consider the creative features of adolescent activity.

**Keywords:** teenager, adolescent creativity, child's personality, development of abilities, adolescent psychology.

### *Дар бораи муаллиф*

*Манонова Равшаной Дадоевна*
*Омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумии*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бободҷон Гафуров,*
*734700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1.*
*Тел: (+992) 92632 03 00.*

*Бобоҷонова Назира Дадоевна*
*Омӯзгори кафедраи*
*умумидонишгоҳии психологияи умумӣ*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бободҷон Ғафуров",*
*734700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Хуҷанд,*
*хиёбони Мавлонбеков 1.*
*Тел: (+992) 92 7773469.*

### *Об авторах*

*Манонова Равшаной Дадоевна*
*Преподаватель общеуниверситетской кафедры общей психологии.*
*Худжандский государственный университет*
*имени академика Бободжона Гафурова,*
*734700, Республика Таджикистан,*
*город Худжанд,*
*проспект Мавлонбекова 1.*
*Тел: (+992) 92632 03 00.*

*Бободжонова Назира Дадоевна*
*Преподаватель общеуниверситетской кафедры общей психологии*
*Худжандский государственный университет*
*имени академика Бободжона Гафурова,*
*734700, Республика Таджикистан,*
*город Худжанд,*
*проспект Мавлонбекова 1.*
*Тел: (+992) 927773469.*

### *About the authors*

*Manonova Ravshanoy Dadoevna*
*Teacher of the*
*Department of Psychology*
*Khujand State University*
*named after academician Bobodzhon Gafurov",*
*734700, Republic of Tajikistan, Khujand city,*
*Mavlonbekov Avenue 1.*
*Phone: (+992) 92632 03 00.*

*Bobodjonova Nazira Dadoevna*
*Teacher of the*
*Department of Psychology*
*Khujand State University*
*named after academician Bobojon Gafurov,*
*734700, Republic of Tajikistan, Khujand city,*
*Mavlonbekov Avenue 1.*
*Phone: (+992) 92 7773469.*

ТДУ 371.4+371.388

# НАҚШИ ОИЛА ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОИВУ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ КӮДАКОН

***Раҳимӣ К.М.***
*Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Оила асоси ҷомеаро ташкил дода, дар муҳити он меҳру муҳаббат, дастгирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳувайдо гардида, арзишҳои асосии инсонӣ аз қабили муоширату ҳамгироӣ бо муҳити атроф ташаккул меёбанд. Анъанаҳо, урфу одат ва оинҳои хонаводагӣ ба сифати сарчашмаҳои асосии ташаккули шахсияти инсон дар оила бaромад намуда, рушду инкишофи минбаъдаи кӯдакон низ аз онҳо вобастагии куллӣ дорад.

Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд» [6].

Гузаштагони мо, ба монанди устод Рӯдакӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Низомӣ, Саъдӣ, Имоми Аъзам, Унсурулмаолии Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон оид ба тарбияи фарзанд ва нақши оила рисолаву осори зиёде таълиф намудаанд, ки дар онҳо доир ба мақоми падару модар, интихоби ҳамсар, одобу маърифати зан ва монанди инҳо дастуру насиҳатҳои бисёр арзишманд мавҷуданд.

Унсуралмаолии Кайковус дар асари арзишмади худ “Қобуснома” ба тарбияи насли наврас пеш аз ҳама падару модарон, омӯзгоронро масъул дониста, аз ҷумла яке аз вазифаҳои асосии падарро таълиму омӯзонидани илму дониш, ҳунару пешаҳои зарурӣ ба фарзанд мешуморад ва ӯро ба иҷрои ин вазифа даъват менамояд: «Пас бояд, ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу хунар фарзандро биёмӯзкӣ, то ҳасси падариву шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ... Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан...» [8, 9].

Вобаста ба ин дар ҷомеаҳои анъанавӣ оила маркази ҳаёт дониста шуда, дар он кӯдакон вобаста ба фарҳанг, дин, анъана ва ахлоқ аз волидон ва дигар аъзоёни солманди хонавода сабақ гирифта, тавассути арзишҳои оилавӣ бо аз бар кардани ҳунару маҳорати хонаводагӣ ба ҷомеа ворид мегардиданд.

Аз ин ҷо бар меояд, ки оила инчунин барои иҷтимоикунонии кӯдакон, яъне ба онҳо таълим додани меъерҳои иҷтимоӣ, қоидаҳои рафтор ва муносибат ба атрофиён низ масъул буда, тавассути тарбияи фарзанд ба интиқоли мероси фарҳангӣ низ замина мегузошт.

Имрӯзҳо низ оила дар тарбияи фарзанд нақши муҳим дошта, бо гузашти вақт ва ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ саҳми он дар таълим ва тарбияи фарзанд дар якҷоягӣ бо дигар институтҳои ҷомеаи навин ба монанди мактаб, падидаҳои фарҳанги оммавӣ ва технологияи муосир калидӣ буда, фазои он бо дарназдошти арзишҳои иҷтимоӣ макони асосии рушди кӯдакон боқӣ мондааст. Дар оила инчунин асосҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ, ҳиссиёти меҳру муҳаббат ва дарки хубию бадӣ ташаккул меёбанд.

Дар оила тухми некӣ ва муҳаббат нисба ба одамон гузошта шуда, маҳз дар он кӯдак дарсҳои аввалини муҳаббат ба наздикон, арҷгузорӣ ба қонуну тартиботи давлативу ҷамъиятӣ ва асосҳои тарбияи шаҳрвандиро мегирад. Бидуни он тарбияи насли солими аз ҷиҳати ҷисмониву равонӣ солим ғайриимкон аст. Аз ин ҷост, ки ҷомеаи муосир ба нигоҳдорӣ ва таҳкими оила ниёзманд аст [1, с. 7].

Зеро кӯдак маҳз дар оила малакаҳои асосии таълимиро аз қабили аз худ кардани ҳарфҳо, хониши ҳиҷоӣ, навиштани сатрҳо, аломатҳои арифметикӣ ва дигар донишҳое, ки барои мутобиқ гардонидани ӯ ба шароити муҳити атроф ва ҷомеа заруранд аз бар менамояд. Оила инчунин дар ташаккули шахсияти кӯдак, эътибод ба худ, эҳтироми калонсолон, худбаҳодиҳӣ ва амсоли инҳо таъсиргузор аст.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло раванди тарбия ва ташаккули шахсияти кӯдаконро дар оила метавон падидаи асосии иҷтимоӣ – педагогӣ маънидод намуд, ки он дар илми муосири педагогика ҳамчун тарбияи оилавӣ маъмул аст.

Бояд қайд намуд, ки тарбияи оилавӣ солҳои тӯлонӣ аз ҷониби баъзе олимони соҳа ҳамчун бахши педагогика эътироф нагардида, баръакси ин ақида ба андешаи муҳаққиқони маъруфи соҳаи педагогика Дима ва Наташа Зицер бинобар асосҳои зерин он бахши умдаи соҳаи педагогика мебошад:

Якум, мавҷудияти манфиати шахсии ҳамаи иштирокчиен – аъзои оила дар он.

Дуюм, ҳамкории амалан доимии субъектҳо ва таъсири онҳо ба якдигар.

Сеюм, раванди ташаккули шахсии ҳамаи аъзои оила дар он [2, с. 279].

Бо дарназардошти ин нукта, ки қобили қабул аст, метавон хулоса кард, ки тарбияи оилавӣ ҳамчун соҳаи педагогика раванди ташаккул ва рушди шахсияти кӯдакро бо аз худ кардани меъерҳо, арзишҳо, анъанаҳо, муоширати ва ҳамкорӣ бо аъзои оила дар назар дошта, ба ташаккули хислат, ҷаҳонбинӣ ва рафтори кӯдак ҳамчун омилҳои асосии иҷтимоикунонии он таъсири назаррас мерасонад.

Вобаста ба ин оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву педагогӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак ба хусус рушди салоҳиятҳои эҷодкории ӯ нақши муҳим ва аввалиндараҷа дорад.

Ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дар оилае, ки муносибати ҳамсарон мусолиҳатомез ва ботаҳаммул аст, фарзандон тарбияи хуб мегиранд.

Бузургон оиларо оинаи кӯдак ном бурдаанд. Ӯ дар ин «оина» ояндаи худро мебинад, барои муносибатҳои шахсии худ дар оянда тарҳе месозад. Дар тарҳи сохтаи кӯдак тамоми хислатҳо, гуфтору рафтори манфию мусбати волидайн инъикоси худро меёбад» [7].

Дар ин асно волидайн метавонанд кӯдаконро ба фаъолияти эҷодӣ ҳавасманд кунанд, дастрасиро ба намудҳои гуногуни санъат, асбобҳои мусиқӣ, китобҳо ва ҳар гуна бозиҳо фароҳам оранд, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо мусоидат мекунанд.

Ғайр аз ин, муошират дар оила метавонад кӯдаконро ба баёни ақидаҳо, хаёлоти худ ҳавасманд гардонад ва қобилияти онҳоро дар ёфтани роҳҳои ҳалли ғайристандартӣ инкишоф диҳад. Инчунин, волидайн метавонанд барои фаъолияти фардии эҷодии кӯдак шароит фароҳам оранд, шавқу рағбатҳои ӯро ба соҳаҳои гуногуни санъат ва илм дастгирӣ намуда, ба таҷриба ва эҷодиёти мустақил мусоидат намоянд.

Оила метавонад дар кӯдакон ҳисси эътимод ба худро ташаккул диҳад, ки барои эҷодкорӣ муҳим аст. Дастгирии волидайн ва аъзоёни наздики оила метавонад кӯдаконро ба таҷрибаҳои эҷодкорона илҳом бахшад ва ба онҳо дар бартараф кардани монеаҳои эҷодӣ кӯмак расонад.

Оила барои ташкили ҷараёни оқилонаи ҳаёти кӯдак дар асоси таҷрибаи мусбати рӯзгор ва собиқаи наслҳои калонсоли хонавода масъул буда, вазифадор аст дар ин асно барои ӯ таҷрибаи пурарзиши инфиродии фаъолиятро дар асоси одат ва анъанаҳо таъмин намояд [3].

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки расму оин ва анъанаҳои оилавӣ метавонанд ба инкишофи қобилияти эҷодии кӯдакон мусоидат намоянд, зеро дар онҳо унсурҳои эҷодкорӣ, ҳунармандӣ, мусиқӣ ва дигар намудҳои санъат вуҷуд доранд. Ҳамаи ин якҷоя ба инкишофи тафаккури эҷодӣ, тасаввурот ва қобилияти баёни фикру афкори кӯдакон мусоидат мекунад.

Муҳити оилавӣ метавонад маконе бошад, ки кӯдакон аз волидон ва бародарону хоҳарони калонсол мушоҳидакорӣ ва ибрат гиранд, ки ба рушди салоҳиятҳои эҷодии онҳо низ таъсир мерасонад. Масалан, шуғлу майлҳои волидайн ва ҷалби онҳо дар лоиҳаҳои эҷодӣ метавонад кӯдаконро ба талошҳои эҷодии худ илҳом бахшад.

Арзишҳои дар оила ташаккулёбанда заминавӣ буда, онҳо дар ҳаёти шахс барои амалӣ кардани устувории минбаъда дастурҳои асосӣ медиҳад. Бисёре аз онҳо метавонанд дар раванди на танҳо мутобиқшавӣ, балки ташаккулёбии шахс дар ҷомеаи тағиребанда таъсиргузор бошанд [5, с. 39].

Масалан, агар волидайн дар оила ба мусиқӣ дилбастагӣ дошта бошанд, онҳо метавонанд асбобҳои мусиқиро навозанд ё суруд хонанд, фарзандони онҳо метавонанд инро як шуғли муқаррарӣ ва лаззатбахш медонанд. Волидон метавонанд фарзандони худро ба омӯхтани асбобҳои мусиқӣ, сурудхонӣ ва ҳатто эҷод кардани мусиқии худ ташвиқ кунанд.

Ҳамин тариқ, кӯдакон метавонанд дар зери таъсири муҳити оилавӣ қобилияти мусиқӣ ва эҷодиёти худро инкишоф диҳанд.

Мисоли дигар ин аст, ки агар дар оила ҳунарҳои дастӣ қадр карда шаванд, волидайн метавонанд вақти худро ба расмкашӣ, дӯзандагӣ, ҳайкалтарошӣ ё дигар намудҳои ҳунарҳои мардумӣ сарф кунанд. Кӯдакон инро дида, метавонанд бо роҳнамоии волидон ба ин гуна фаъолиятҳо шавқу рағбат зоҳир намуда, қобилияти эҷодии худро инкишоф диҳанд.

Ё худ агар дар оила китобдорӣ қадр дошта бошад, волидон метавонанд кӯдаконро ба мутолиаи китоб ташвиқ кунанд, ба онҳо қиссаҳои ҷолиб бигӯянд ва ҳамчунин хониши оилавӣ ташкил кунанд. Он метавонад тавассути эҷодиёти адабӣ ё таҳлили асарҳо шавқу рағбати кӯдаконро ба адабиёт бедор созад, тасаввуроти онҳоро инкишоф диҳад ва ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат кунад.

Тавассути муҳокимаи китобҳои хондаашон кӯдакон метавонанд тасаввурот, малакаҳои таҳлилӣ ва тафаккури эҷодии худро инкишоф диҳанд. Волидон инчунин метавонанд кӯдаконро барои эҷоди ҳикояҳои худ ташвиқ кунанд, ки ин ба рушди малакаҳои адабӣ ва эҷодиёти онҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, мутолиаи оилавӣ метавонад на танҳо як роҳи фароғат, балки як воситаи тавонои ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон бошад, зеро он ба ташаккули тахайюлот, маҳорати адабӣ ва қобилияти баён кардани фикрҳои онҳо мусоидат мекунад.

Ҷанбаи дигари хониши оилавӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон мусоидат мекунад, имкони баҳсу мунозира дар бораи хондаашон мебошад. Волидон метавонанд дар бораи сюжети китоб, персонажҳо, дарсҳои ахлоқӣ ва мавзӯъҳои китоб савол диҳанд, ки ин ба кӯдакон дар рушди малакаҳои таҳлилӣ, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти тафаккури эҷодии онҳо мусоидат мекунад.

Илова бар ин, хониши оилавӣ метавонад кӯдаконро барои эҷод кардани ҳикоя, қисса ё шеърҳои худ илҳом бахшад. Волидон метавонанд кӯдаконро ба навиштан ташвиқ кунанд, ки ин ба рушди малакаҳои адабӣ, тасаввурот ва қобилияти баён кардани фикрҳои онҳо тавассути эҷодкорӣ мусоидат мекунад.

Агар волидайн дар оила ба корҳои техникӣ, аз қабили робототехника, барномасозӣ ё таъмири таҷҳизоти гуногун шавқу ҳавас дошта бошанд, онҳо метавонанд фарзандони худро ба чунин фаъолиятҳо ҷалб кунанд. Масалан, онҳо метавонанд лоиҳаҳои муштарак оид ба сохтани роботҳо, моделҳо гузаронанд ё дарсҳои асосҳои барномасозӣ гузаронанд.

Волидон инчунин метавонанд кӯдаконро ба он ташвиқ кунанд, ки мустақилона бо технология озмоиш кунанд ва ба онҳо дастрасӣ ба маҷмӯаҳои сохтмонӣ, ҷузъҳои электронӣ ё дигар маводро барои эҷоди дастгоҳҳои технологии худ фароҳам оранд. Ин метавонад шавқу рағбати кӯдаконро ба техникаву технология афзоиш диҳад, малакаҳои онҳоро дар муҳандисӣ, барномасозӣ ва электроника инкишоф диҳад.

Вазифаҳои оила дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдак аз фароҳам овардани фазои мусоид барои эҷодкорӣ ва худнамоӣ иборат аст. Волидайн бояд шавқу рағбати кӯдакро ба намудҳои гуногуни санъат, илм ва ҳунарҳои мардумӣ ҳавасманд гардонанд ва барои рушди эҷодӣ дастрасии маводу захираҳои гуногунро фароҳам оранд.

Илова бар ин, оила бояд кӯдакро дар кӯшишҳои эҷодии ӯ дастгирӣ кунад, ӯро ба таҷриба ташвиқ кунад ва ба ӯ барои бартараф кардани монеаҳои эҷодӣ кӯмак расонад. Волидон инчунин метавонанд бо фарзанди худ дар лоиҳаҳои муштараки эҷодӣ ширкат варзанд, ки ба рушди ӯ мусоидат мекунад.

Муҳити оилавӣ инчунин бояд ба муҳокимаи идеяҳо мусоидат кунад, тасаввурот ва тафаккури ғайристандартиро ташвиқ кунад ва барои эҷодиёти мустақил имконият фароҳам оварад. Волидон инчунин метавонанд дастрасӣ ба чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, семинарҳо ва барномаҳои таълимиро фароҳам оранд, ки метавонанд кӯдакро барои рушди қобилиятҳои эҷодии ӯ илҳом бахшанд.

Дар ин баробар, оила бояд кӯдакро бо фаъолияти эҷодӣ мустақилона кашф ва дарк намудани ҷаҳонро ташвиқ кунад. Волидон метавонанд бо фароҳам овардани дастрасӣ ба китобҳо, видеоҳо, семинарҳо ва дигар захираҳои таълимӣ тавассӯҳи фарзанди худро ба омӯзиши соҳаҳои нав дастгирӣ намоянд.

Инчунин муҳим аст, ки дар оила шароит фароҳам оварда шавад, ки хатогиҳо на ҳамчун нокомӣ, балки ҳамчун ҷузъи раванди эҷодӣ дида шаванд. Волидайн метавонанд фарзанди

худро ба таҷриба ташвиқ кунанд, ба онҳо имкон диҳанд, ки аз хатогиҳои худ ибрат гирифта, малакаҳои эҷодии худро инкишоф диҳанд.

Дар моддаи 8 – и Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид гардидааст, ки падару модар бояд барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё карда, ӯро ба зиндагии мустақилона омода сохта, дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ аз шахсӣ тарбия намоянд [4].

Дар ин асно вазифаҳоҳои оила дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон аз инҳо иборат шуда мтавонанд:

-фароҳам овардани шароити мусоид барои эҷодкорӣ ва худмуаррифӣ;

-баланд бардоштани шавқу рағбати кӯдак ба соҳаҳои гуногуни санъат, илм ва ҳунар;

-таъмини дастрасӣ ба мавод ва захираҳои гуногун барои рушди эҷодӣ;

-кӯдакро дар кӯшишҳои эҷодии ӯ дастгирӣ намуда, ӯро ба озмоиш ҳавасманд кардан;

-шштирок дар лоиҳаҳои муштараки эҷодӣ бо кӯдак;

-ҳавасмандгардонии муҳокимаи ғояҳо, ҳавасмандкунии хаёлот ва тафаккури берун аз қуттӣ;

-таъмини дастрасӣ ба чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, дарсҳои маҳорат ва барномаҳои таълимӣ;

-ҳавасманд кардани кӯдак ба мустақилона омӯхтан ва дарки ҷаҳон тавассути фаъолияти эҷодӣ;

-дастгирии таваҷҷӯҳи кӯдак ба омӯзиши соҳаҳои нав тавассути дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ.

Ин масъулиятҳо ба оила дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдак тавассути расонидани дастгирӣ, дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ, ташвиқи омӯзиши мустақилона ва фароҳам овардани шароите, ки эҷодкорӣ ва таҷрибаҳо ташвиқ карда шаванд, кӯмак карда метавонад.

Волидон бояд бо фароҳам овардани дастрасӣ ба мавод ва захираҳои гуногун ҷиҳати таъмини муҳити мусоиди эҷодкорӣ ва худнамоӣ кӯшиш намуда, дар баланд бардоштани шавқу рағбати фарзанд ба соҳаҳои гуногуни санъат, илм ва ҳунар, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии ӯ мусоидат мекунад, талош варзанд.

Илова бар ин бояд кӯшиш кард, ки кӯдак дар ин раванд хатогӣ ва нокомиҳоро ҳамчун як ҷузъи раванди эҷодӣ қабул намояд.

Муҳим аст, ки кӯдак барои мустақилона омӯхтан ва дарк кардани олам тавассути фаъолияти эҷодӣ, инчунин, дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ташвиқ карда шавад.

Аз муҳокима доир ба мавзӯи нақши оила ҳамчун институти иҷтимоию педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

-оила дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон бо фароҳам овардани дастгирӣ, илҳом ва имкониятҳои эҷодкорӣ нақши муҳим мебозад;

-волидайн ва дигар аъзоёни оила метавонанд тавассути муоширот, ташвиқ ва иштирок дар лоиҳаҳои эҷодӣ ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдаконро ҳавасманд кунанд;

-эҷоди муҳити мусоид барои эҷодкорӣ, дастрасӣ ба мавод ва захираҳои гуногун ва ҳавасмандгардонии омӯзиши мустақилона ва таҷрибаҳо ба рушди салоҳиятҳои эҷодӣ дар кӯдакон мусоидат мекунад;

-муҳити оилавӣ метавонад кӯдаконро ба талошҳои эҷодии худ илҳом бахшад ва ба онҳо имконият фароҳам оварад, ки худро баён кунанд ва қобилиятҳои эҷодиашонро инкишоф диҳанд.

Ҳамин тариқ, оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон, таъмини шароит ҷиҳати инкишофи эҷодии онҳо ва фароҳам овардани дастгирӣ ва илҳом барои зуҳури қобилиятҳои ниҳоӣ нақши муҳим дошта, дар ин самт сарчашмаи асосии дарёфт ва рушди истеъдодҳо, ки барои рушди ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ мегардад, ҷойгоҳи махсус дорад.

***Адабиёт***

1. *Азаров, Ю.П. Семейная педагогика. Воспитание ребёнка в любви, свободе и творчестве. / Ю.П.Азаров. - Москва: Эксмо, 2015. - 496 с.*
2. *Дима, З. Современное педагогическое искусство. Азбука НО. – Изд. 4-е. СПб.: / З. Дима З., Наташа. // Издательско-Торговый Дом «Скифия», 2018. - 432 с.*
3. *Дополнительное образование детей. Психолого – педагогическое сопровождение // отв. ред. Л.В. Байбородова. – 2-е изд., испр. и доп. - М. "Юрайт", 2016. – 413 с.*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», № 762, аз 2 августи соли 2011.*
5. *Основы педагогики и психологии: учебник // А.М. Руденко и др. Ростов н/Д: Феникс, 2023. - 335 с.*
6. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар. 06.03.2015, шаҳри Душанбе* http://prezident.tj/node/8349 .
7. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». 08.04.2011, шаҳри Душанбе* http://president.tj/node/400 .
8. *Муллоаҳмад, М. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. // Таҳия, пешгуфтор ва тавзеҳоти М. Мирзо, М. Шарофова. - Душанбе, «Маориф», 2016. - 240 с.*


## НАҚШИ ОИЛА ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОИВУ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ КӮДАКОН

Оила асоси ҷомеаро ташкил дода, дар муҳити он меҳру муҳаббат, дастгирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ хувайдо гардида, арзишҳои асосии инсонӣ аз қабили муоширату ҳамгироӣ бо муҳити атроф ташаккул меёбанд. Анъанаҳо, урфу одат ва оинҳои хонаводагӣ ба сифати сарчашмаҳои асосии ташаккули шахсияти инсон дар оила баромад намуда, рушду инкишофи минбаъдаи кӯдакон низ аз онҳо вобастагии куллӣ дорад.

Вобаста ба ин, тарбияи оилавӣ ҳамчун соҳаи педагогика раванди ташаккул ва рушди шахсияти кӯдакро бо аз худ кардани меъерҳо, арзишҳо, анъанаҳо, муошират ва ҳамкорӣ бо аъзои оила дар назар дошта, ба ташаккули хислат, ҷаҳонбинӣ ва рафтори кӯдак ҳамчун омилҳои асосии иҷтимоикунонии он таъсири назаррас мерасонад.

Арзишҳои дар оила ташаккулёбанда заминавӣ буда, онҳо дар ҳаёти шахс барои амалӣ кардани устувории минбаъда дастурҳои асосӣ медиҳад. Бисёре аз онҳо метавонанд дар раванди на танҳо мутобиқшавӣ, балки ташаккулёбии шахс дар ҷомеаи тағиребанда таъсиргузор бошанд

Оила бояд кӯдакро дар кӯшишҳои эҷодии ӯ дастгирӣ кунад, ӯро ба таҷриба ташвиқ кунад ва ба ӯ барои бартараф кардани монеаҳои эҷодӣ кӯмак расонад.

Вазифаҳои оила дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдак аз фароҳам овардани фазои мусоид барои эҷодкорӣ ва худнамоӣ иборат аст. Волидайн бояд шавқу рағбати кӯдакро ба намудҳои гуногуни санъат, илм ва ҳунарҳои мардумӣ ҳавасманд гардонанд ва барои рушди эҷодӣ дастрасии маводу захираҳои гуногунро фароҳам оранд.

Ҳамин тариқ, оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон, таъмини шароит ҷиҳати инкишофи эҷодии онҳо ва фароҳам овардани дастгирӣ ва илҳом барои зуҳури қобилиятҳои ниҳоӣ нақши муҳим дошта, дар ин самт сарчашмаи асосии дарёфт ва рушди истеъдодҳо, ки барои рушди ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ мегардад, ҷойгоҳи махсус дорад.

***Вожаҳои асосӣ:*** оила, волидайнд, кӯдак, муҳити оилавӣ, оила ҳамчун падидаи иҷтмоиву педагогӣ, ҷамъият, дастгирии иҷтимоӣ, педагогикаи оилавӣ, тарбия, ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ, қобилияти зеҳнӣ, қобилияти эҷодӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, муассисаи таълимӣ.

## РОЛЬ СЕМЬИ КАК СОЦИАЛЬНО - ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА В ФОРМИРОВАНИИ КРЕАТИВНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ ДЕТЕЙ

Семья составляет основу общества, где укрепляются любовь, поддержка и взаимопонимание, формируются основные человеческие ценности, такие как общение и интеграция с окружающей средой. Семейные традиции и обычаи выступают в качестве основных источников формирования личности человека в семье, от чего в полной мере зависит и дальнейшее развитие детей. В связи с этим семейное воспитание как сфера педагогики подразумевает процесс формирования и развития личности ребенка путем усвоения норм, ценностей, традиций, общения и взаимодействия с членами семьи, что оказывает значительное влияние на формирование характера, мировоззрения и поведения ребенка как основных факторов его социализации. Ценности, формирующиеся в семье, являются основополагающими, они дают основные руководящие принципы для осуществления дальнейшей устойчивости в жизни человека. Многие из них могут влиять не только на процесс адаптации, но и формирования человека в бастроменяющемся обществе. Исходя из этого, семья должна поддерживать ребенка в его творческих начинаниях, побуждать его экспериментировать и помогать преодолевать творческие препятствия. Обязанности семьи в формировании креативных компетенций ребенка заключаются в создании благоприятной атмосферы для творчества и

саморазвития. Родители должны стимулировать интерес ребенка к различным видам искусства, науки и народных ремесел и предоставлять доступ к различным материалам и ресурсам для его творческого развития. Таким образом, семья как социально-педагогический институт играет важную роль в формировании креативных компетенций детей, обеспечении условий для их творческого развития, поддержки и вдохновения для проявления конечных способностей, и являясь основным источником выявления и развития одарённости имеет особое место в этом направлении, что безусловно важно для развития современного общества.

***Ключевые слова:*** семья, родители, ребенок, семейная среда, семья как социально-педагогический институт, общство, социальная поддержка, семейная педагогика, воспитание, формирование кративных компетенций, интеллектуальные способности, творческие способности, выявление и развитие одарённости, образовательное учреждение.

**THE ROLE OF THE FAMILY AS A SOCIO-PEDAGOGICAL INSTITUTION IN THE FORMATION OF CHILDREN'S CREATIVE ABILITIES**

The family forms the basis of a society where love, support and mutual understanding are strengthened, and basic human values such as communication and integration with the environment are formed. Family traditions and customs act as the main sources of the formation of a person's personality in the family, on which the further development of children fully depends. In this regard, family education as a field of pedagogy implies the process of formation and development of a child's personality through the assimilation of norms, values, traditions, communication and interaction with family members, which has a significant impact on the formation of a child's character, worldview and behavior as the main factors of his socialization. The values that are formed in the family are fundamental, they provide basic guidelines for the implementation of further sustainability in human life. Many of them can influence not only the process of adaptation, but also the formation of a person in a rapidly changing society. Based on this, the family should support the child in his creative endeavors, encourage him to experiment and help him overcome creative obstacles. The responsibilities of the family in the formation of a child's creative competencies are to create a favorable atmosphere for creativity and self-development. Parents should stimulate the child's interest in various types of art, science and folk crafts and provide access to various materials and resources for his creative development. Thus, the family as a socio-pedagogical institution plays an important role in the formation of children's creative competencies, providing conditions for their creative development, support and inspiration for the manifestation of finite abilities, and being the main source of identification and development of giftedness has a special place in this direction, which is certainly important for the development of modern society.

***Key words:*** family, parents, child, family environment, family as a socio-pedagogical institute, society, social support, family pedagogy, education, formation of productive competencies, intellectual abilities, creative abilities, identification and development of giftedness, educational institution.

***Дар бораи муаллиф***
*Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим*
*Директори Муассисаи давлатии*
*“Маркази кӯдакон ва наврасони*
*шаҳри Душанбе”,*
*Унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф*
*ба номи Абдураҳмони Ҷомии*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, к.Шотемур 54.*

***Об авторе***
*Рахими Комил Махмадрахим*
*Директор Государственного учреждения*
*“Детско-юношеский центр*
*города Душанбе”,*
*Соискатель*
*Института развития образования*
*имени Абдурахмони Джоми*
*Академии образования*
*Республика Таджикистан,*
*город Душанбе,, ул.Шотемур 54.*

***About the autor***
*Rahimi Komil Mahmadrahim*
*Director of the State Institution*
*"Children's and Youth*
*Center of the City of Dushanbe",*
*applicant for the*
*Institute for the Development of Education*
*named after Abdurahmoni Jomi of the*
*Academy of Education Republic of*
*Tajikistan, Dushanbe, Shotemur st. 54.*

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия педагогических и психологических наук**

**2023, № 4-2 (18)**

---

**Издательский центр**
**Таджикского государственного педагогического**
**университета им. С.Айни**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.pedagog.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60х80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.66,25.
Подписано в печать 30.12.2023 г. Заказ № 316
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни